Дар пасманзари ин ҷустуҷӯҳо пажӯҳиши мушкилоти ҳувият асоси асарҳои файласуф ва сотсиологи немис Э. Фроммро ташкил медиҳад, ки дар онҳо хусусиятҳои муосири муносибати инсон ва ҷомеа баррасӣ карда шудаанд. Аслан, маҳз ба шарофати анъанаи иҷтимоию фалсафӣ мушкилоти ҳувият дар муқоиса бо қаринаи ибтидоии психологии он хеле васеътар шудааст. Э. Фромм ба проблемаи ҳувият таваҷҷуҳ зоҳир намуда, робитаи диалектикии таносуби фардӣ ва умумиро дар табиати инсон таҳлил намуд. Ӯ ҳувияти шахсиро ҳамчун натиҷаи фардисозии инсон, оқибати ҷудошавии инсон аз неруҳои табиат ва одамони дигар муайян намуд, ки он бори аввал танҳо дар замони Нав имконпазир мегардад. Ба ақидаи Э. Фромм, яке аз талаботҳои муайянкунанда, ки моҳияти мавҷудияти инсонро ташкил медиҳанд, ин талабот ба зарурати худдорӣ аз танҳоӣ мебошад, ки тавассути худайниятсозӣ бо ғояҳо, арзишҳо, қолабҳои иҷтимоӣ, ё худ тавассути ташаккули ҳувияти иҷтимоӣ ба даст оварда мешавад [2, с. 189]. Имконияти эҳтимолии интихоби иҷтимоӣ, ки бо пайдоиши муносибатҳои сармоядорӣ имконпазир мегардад, ба андешаи Э. Фромм, бо омода

набудани инсон дар қабул карда натавонистани танҳогии худ рӯ ба рӯ мегардад, ки ин боиси ҷустуҷӯи чунин робитаҳо бо олам, ки фардияти ӯро маҳдуд ва асоси ҳаммонандсозии иҷтимоӣ мегарданд, мешавад.

Таҳти партави ин равиши таҳлилӣ аз солҳои 70-80-уми асри XX оғоз карда дар омӯзиши масъалаи ҳувият ва умумигардонии он як таконе ба вуҷуд омад, ки аз ҷониби равоншиноси амрикоӣ Э. Эриксон ба амал бароварда шуд. Вай ҳувиятро ҳамчун падидаи махсуси иҷтимоию фарҳангӣ бо истифодаи аз равишҳои ҳам психоаналитикӣ ва ҳам фалсафӣ-сотсиологӣ таҳқиқ намуда, дар ниҳоят мақоми мафҳуми "ҳувият"-ро ҳамчун категорияи донишҳои байнисоҳавӣ муайян кард.

Муҳаққиқи амрикоӣ ҳувиятро ҳамчун раванди бунёди таҷрибаи ҳаётӣ дар фардияти "Ман" маънидод намуда, пӯёии динамикии инкишофи онро дар тӯли ҳаёти инсон пешбинӣ карда буд. Э. Эриксон ҳувиятро, дар маҷмӯъ, бо таҷрибаи инфиродии худи инсон пайваст намуда, онро ҳамчун баробарии доимии ботинӣ бо худ дар раванди ҳаёти фард муайян кардааст. Ӯ ба аҳамияти бунёдии талабот дар эътироф ва мансубият ба чизеро барои инсон таъкид менамояд. Раванди мустақими ташаккул ва рушди ҳувият, ба ақидаи ӯ, ба инсон имконият медиҳад, ки мавқеи худашро муайян, томият ва фардияташро таъмин ва ниёзҳои шахсиашро - шаклҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ мақбулро амалӣ намояд. Ҳувият ба шумо имкон медиҳад, ки таносуби қобилиятҳои худро бо имкониятҳои иҷтимоие, ки ҷомеа фароҳам меоварад, муайян намояд. Аз ин рӯ, ҳувият ҳамчун сохтори ташкилаи шахс ба вуҷуд омада, ҳамбастагии ботинии инсонро бо идеалҳо ва қолабҳои иҷтимоӣ инъикос менамояд.

Умуман, мутафаккири амрикоӣ ҳувиятро ҳамчун бунёди мураккаби шахсӣ муайян менамояд, ки дорои сохтори бисёрсатҳа мебошад ва бо се дараҷаи асосии моҳияти инсон: фардӣ, шахсӣ ва иҷтимоӣ робита дорад. Э. Эриксон асосан ҳувияти фардиро таҳқиқ намуда, истилоҳи "эго-ҳувият" (ман ҳамон) ва "бухрони ҳувият"-ро ба гардиши илмӣ ворид намуда, се самт ё ҷанбаҳои асосии баррасии мафҳуми ҳувиятро: а) эҳсоси ҳувият; б) раванди ташаккули ҳувият; в) ҳувият ҳамчун тарҳ ва натиҷаи ин равандро муайян намуд. Илова ба ин, аз назари Э. Эриксон, сухан дар бораи ҳувияти шахсӣ ва коллективӣ аз як ҷониб, мусбат ва манфӣ аз ҷониби дигар меравад. Инсон, дар маҷмӯъ, худро ҳамчун томият дарк намуда, аммо тамоми амалҳо ва хулосаҳои худро на тасодуфӣ ва ё аз ҷониби касе таҳмилшуда, балки ҳамчун ботинан асоснокшуда қабул менамояд. Ҳувият дар байни дигар муносибатҳо ва вазифаҳо назаррас эҳсос мешавад ва барои ҳимоя ва инкишофи ҳисси ҳамгироии инсон, ки дар ҳувият ифода ёфтааст, кумак мерасонад[13, с. 54-80].

Дар муқоиса бо нуқтаи назари анъанавӣ доир ба мавҷудияти фарқияти сифатии ҳувияти фардӣ ва дастаҷамъӣ Э. Эриксон таъкид мекунад, ки беназирии фардӣ ва ҷудоии коллективиро ҳамчун як андозаи ба ҳам наздик, ҳатто агар яксон набошад ҳам, ду тарафи як раванд дарк кардан мумкин аст. Дар мавриди ҳувияти фардӣ, хусусиятҳои фарқкунандаи афрод ва дар мавриди коллективӣ - баръакс таъкид карда мешаванд. Аммо ин фарқият нисбӣ мебошад. Як ҳувият бидуни дигаре вуҷуд надорад, ҳарду аз ҷиҳати пайдоишашон дорои сифатҳои иҷтимоӣ мебошанд. Ба ақидаи муҳаққиқ, агар ҳаммонандсозӣ - шарти зарурии ҳаёти иҷтимоӣ бошад, пас баръакси он низ дуруст аст. Устувории ҳаммонандсозӣ қобилияти инсонро барои ба даст овардани мувофиқати байни тасаввуроти худ дар бораи худ ва тасаввуротҳои дигарон, байни «Ман»-и иҷтимоӣ ва инфиродиро таъмин менамояд. Бо вуҷуди ин, мутобиқшавӣ як раванди пӯёии динамикӣ аст, зеро дар раванди рушди одамон ҳувияти онҳо гӯё ки воқеияти

ҷаҳони тағйирёбанда «санҷида» шуда истодааст. Аз ин рӯ, эҳтимоли ҳамон бухроне мебошад, ки Э. Эриксон қайд кардааст.

Бухрони рушди ҳам фард ва ҳам гурӯҳи иҷтимоӣ - ин ноумедӣ, рӯҳафтодагӣ, хашмгинӣ ва низои дохилӣ мебошад. Гузашта аз ин, буҳрон як марҳила дар роҳи худинкишофёбии шахс ва ё ҷомеа ба сӯйи ба даст овардани ҳувияти нави нисбатан баркамол аст. Ҳамин тариқ Э. Эриксон робитаи наздики буҳрони ҳувиятро бо буҳрони рушди иҷтимоӣ таъкид мекунад. Яъне, бухрони ҳувият ҳангоми аз байн рафтани идеалҳо ва арзишҳо, ки онҳо заминаи фарҳанги қаблан бартаридошта буданд, рух медиҳанд [13, с. 8-31]. Ғайриодӣ будани буҳрон дар он аст, ки дар шароитҳои муайян он манбаи дигаргуниҳои мусбӣ шуда метавонад. Дар робита бо ин, Э. Фромм қайд мекунад, ки пароканда гардидани иттиҳодияҳои анъанавӣ ва аз ҳам ҷудошавии ҷомеа шахсро маҷбур мекунад, ки озодии бадастовардаро ба эҳсоси (ҳатто назарфиреб ҳам бошад) амният ва мансубият ба гурӯҳ иваз намояд [11, с. 20]. Тибқи назари Э. Фромм, маҳз талаботҳои куллӣ ба ҳувият асоси тамаркузи одамон барои гирифтани мақоми иҷтимоӣ, яке аз механизмҳои «гурехтан аз озодӣ» мебошад.

Дар доираи интераксионизми намодӣ ва феноменологияи иҷтимоӣ варианти дигари фаҳмиши ҳувият пешниҳод шудааст. Пеш аз ҳама, асарҳои Ҷ. Мид ва К. Кули, ки гарчанде онҳо истилоҳи «ҳувият» -ро истифода набаранд ҳам, дар бораи «Худ» (Self) ҳамчун падидае сухан меронанд, ки аз ҷиҳати мазмун бо ҳувият айният дорад. Онҳо боварӣ доранд, ки ҳувият (“худ” - self) аз рӯйи табиати худ бунёди иҷтимоӣ аст [7, с. 316-330]. Ҳувиятро Ҷ. Мид ҳамчун бунёди ибтидоии иҷтимоӣ баррасӣ менамояд: фард ба туфайли рӯҳ худро ташаккул медиҳад, тавре ки дигарон ӯро мебинанд. Нақши каси дигарро қабул карда, фард ба худ бо чашми инсони дигар менигарад, хислати робитавии ҳувиятро нишон медиҳад: ҳувият ва амали муштарак пайваста ба ҳам мегузаранд. Ҳамзамон, дар бораи интихоби зинаҳои тасаввури ҳувият ва зарурати тасдиқи онҳо аз ҷониби “дигарон”дар раванди амалҳои муштарак сухан меравад.

Андешаҳои интераксионистҳоро асосгузори сотсиологияи тафсирӣ Ирвин Гофман боз ҳам инкишоф дод. Мушкилоти умдаи ин мактаб амали муштараки иҷтимоӣ (мутақобила) ва ҳувияти иҷтимоӣ дар робита бо тафсири субъективӣ буданд, ки онро як намуди хосси барпо кардани воқеияти иҷтимоӣ ҳисоб мекарданд. П. Бергер низ ҳамон мавқеъро тарафдорӣ мекард, ки ба ақидаи ӯ, “ҳувиятро равандҳои иҷтимоӣ ташаккул медиҳанд. Як маротиба устувор гардида, онро муносибатҳои иҷтимоӣ нигоҳ медоранд ё ҳатто аз нав ташаккул медиҳанд” [3, с. 84]. Аммо Р. Мертон бо исрор истодагарӣ менамояд, ки ҳувияти фард дар натиҷаи таносуби ӯ бо коллектив ташаккул меёбад, ки барои ӯ муҳим мебошад [9, с. 428-462]. Умуман, ҳувият дар назарияҳои муосири иҷтимоӣ ҳамчун тавсифи фард аз нуқтаи назари мансубияти ӯ ба ин ё он умумият ва ё гурӯҳи иҷтимоӣ баррасӣ карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҳамаи тавсифҳои шахсӣ, посух ба саволи “Ин кист?”мебошад, ки бевосита бо ҳувият вобастагӣ доранд ва онро равшан менамоянд. Дар ин ҳолат, ҳар як шахс барандаи якчанд ҳувият мегардад. Рушди ин андешаҳо ба хулосае овард, ки фард на як, балки якчанд ҳувият дорад (назарияи нақш).

Дар байни назарияҳои муосири ҳувият дар фалсафа ва фарҳангшиносӣ, пеш аз ҳама, дастовардҳои К. Поппер, Ю. Хабермас, В. Хесле, Э. Гидденс ва М. Серторо зикр кардан бамаврид аст. Файласуфи олмонӣ Ю. Хабермас пешниҳод менамояд, ки истилоҳи “Ман-ҳувият” ҳамчун маҷмӯи ҳувияти шахсӣ ва иҷтимоӣ истифода шавад. Соҳаҳои шахсӣ ва иҷтимоӣ дар раванди амалҳои муштарак ва азми мутақобила қарор

мегиранд. Бо ниҳодҳои давлатӣ ба амалҳои муштараки муколамавӣ ворид шуда, соҳаи хусусӣ (системаи муколамаҳои мантиқӣ) афкори ҷамъиятиро (оммавиро) "баён мекунад". Соҳаи аввал воқеан ҳақиқӣ, дуюмаш дурӯғ, яъне соҳае, ки моҳияти худро пинҳон мекунад, дар бораи худ ғояҳои хаёлӣ ба вуҷуд меорад.

Дар таркиби сохтори ҳувият Ю. Хабермас ҷузъҳои зеринро ҳамчун ҳувияти иҷтимоӣ ва пайвастагии таърихи ҳаётро муайян мекунад. Маҳз дар доираи ин ду андозагирии ба ҳам печида ва ҷудонашаванда «мутавозини Ман- ҳувият» амалӣ мегардад. Мувозинати ченакҳои уфуқӣ ва амудии ҳувият тавассути амалҳои муштарак, ки забон муайянкунандаи он аст, ба вуҷуд меояд. Бо аз худ кардани усулҳои гуногун ва ҳифзи ҳувияти худ, инсон кӯшиш менамояд ба меъёрҳои иҷтимоӣ мувофиқат намояд. "Аз ҷониби инсон дарк намудани худ на танҳо аз он вобаста аст, ки вай худро чӣ гуна тасвир мекунад, балки аз ҳамон тимсолҳое вобаста мебошад, ки ӯ пайравӣ мекунад. Айният ба худ ҳамзамон бо он муайян карда мешавад, ки одамон худро чӣ гуна мебинанд ва чӣ гуна онҳо мехоҳанд худро бубинанд", қайд мекунад асосгузори назария робита ва муошират [12, с. 7].

Назарияи фарогиру пурмазмун доир ба проблемаи ҷойгоҳи ҳувият дар фарҳанги муосир таълимоти сотсиологи англис Э. Гидденс ба шумор меравад. Ӯ ҳувиятро на танҳо ҳамчун мушкилоти равонӣ, балки ҳамчун мушкилоти ҷаҳони муосир ва таърих таҳқиқ мекунад. Дар асари худ "Муосирият ва ҳувият" (1991) ҷомешиноси англис ҳувият ва худшиносиро ҳамчун падидаҳои фарҳанги муосир тавсиф мекунад. Барои Э. Гидденс лаҳзаи назариявии ташаккули падидаи ҳувият гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи пасосаноатӣ мебошад. Ҳар қадар анъана қудрати худро дар ҷомеа гум кунад, ҳамон қадар ҳаёти муқаррарӣ бар зиддиятҳои маҳалливу ҷаҳонӣ парпо карда мешавад ва ҳарчи бештар фард дар ҷодаи зиндагӣ дидгоҳҳои мухталифро интихоб менамояд. Пас, худайниятсозӣ падидаест, ки онро ҷомеаи модерн тавлид кардааст. Ҷомеаи модерн заминае мегардад, ки дар доираи он худамалишавӣ ва худмуҳофизаткунӣ барои худ роҳ мекушояд. Ҳувият, аз назари Э. Гидденс, муттасилии худайниятсозӣ дар макон ва замон буда, онро шахси амалкунанда ба таври рефлексивӣ тафсир мекунад. Ҳам ҳувият ва ҳам худайниятсозӣ додаи раванди фаъолият нестанд, балки дар фаъолияти амалии ҳаёти ҳаррӯза эҷод ва нигоҳ дошта мешаванд [15, с. 53, 55].

Э. Гидденс дар сохтори ҳувият ду қутбро: аз як ҷониб, мутобиқшавии мутлақ (конформизм) ва аз ҷониби дигар, канораҷӯӣ дар худ ҷудо менамояд. Байни ин қутбҳо ҷомеашинос сатҳҳои гуногунро фарқ мекунад. Тибқи андешаи сотсиолог, барои ҳувияти муосир чунин дилеммаҳо ва мувофиқан, шаклҳои патологӣ: муттаҳидшавӣ-парокандагӣ; нотавонӣ - маҳорат; авторитаризм- номуайянӣ; талаботи шахсӣ – бозор шахси воқеӣ хос мебошанд. Дар ҳар кадоме аз ин дараҷаҳо шаклҳои патологии рушд: суннатгароӣ - конформизм; қудратмандӣ - бегонагӣ; догматизм - шубҳаи радикалӣ; худпарастӣ - пурра омехта (аралаш) шудан дар олами ашёҳо хос мебошанд [15, с. 201].

Дар баробари ин, дар адабиёти илмӣ муносибати танқидӣ дар дарки мушкилоти ҳувият ташаккул меёбад. Ҳамин тавр, Т. Хопф назарияҳои мавҷудаи ҳувиятро барои он танқид мекунад, ки онҳо шумораи зиёди тахминҳо ва муҳокимаҳои априорӣ доранд. Шакли характерноки чунин назарияи ғаразнок ғояи материалистӣ мебошад, ки ҳувиятҳо нишонаи ин ё он тақсимоти қувваҳои моддӣ мебошанд. Масалан, дар назарияи умумии фаъолияти иҷтимоии П. Бурде барпо ва аз нав сохтани ҳувиятҳо дар раванди ҳамкориҳои иҷтимоӣ қайд карда шуда, илова бар ин таъкид мешавад, ки ниҳодҳо, ки дар доираи онҳо маҷмӯи ҳувиятҳои ба тартиб дароварда шуда мавҷуданд,

аз тарафи синфҳои сарватманд ба вуҷуд оварда шудаанд ва фаъолияти шахсони алоҳида танҳо муносибатҳоеро такрористеҳсол мекунанд, ки онҳоро дар сохтори иҷтимоӣ ҳокимият муқаррар кардааст. Ба ақидаи Т. Хопф, чунин ҳукм бояд танҳо ҳамчун фарзия, вале на ҳамчун заминаи комил барои сохтани назарияи умумии ҳувият ҳисоб карда шавад, зеро ки тасдиқи амалиро дар назар дорад. Тезиси дувум, ки ба он Т. Хопф шубҳа дорад ва он асоси тамоми дигар назарияҳои ҳувият мебошад, ин идеяи мавҷудияти талаботҳои табиӣ, эҳсоси узви гурӯҳи муайян ва саъю кӯшиш барои ҳаммонандсозии гурӯҳии инсон мебошад. Консепсияҳое, ки ба чунин ҳукм асос ёфтаанд, аз назари Т. Хопф, ба таври худкор талаботҳои куллиро ба чунин зуҳуротҳо, аз қабили миллатгароӣ, мансубияти қавмӣ, диндориро, ки бо иштироки гурӯҳӣ ва дарки худ ҳамчун як ҷузъи том ва ягона алоқамананд, дар назар доранд.

Т. Хопф инчунин тезиси аксари назариётчиёни ҳувиятро дар бораи табиати ихтилофи ногузир доштани муносибати байни ҳувияти “Мо” ва “Дигарон” зери шубҳа гузоштааст, ки моҳияташ дар он аст, ки “Дигарон”-ро ҳамчун як таҳдид ба ҳувияти худ қабул менамоянд, бинобар ин онро чун объекти саркӯбшаванда баррасӣ кардаанд [10, с. 219]. Масалан, бисёре аз назарияҳои иҷтимоӣ вобастагии омиронаи байни дилхох ду фард ва ҳувияти онҳоро ҳатмӣ мешуморанд ва зарурати ногузири инкори “Дигар”-ро бо мақсади худҳаммонандсозӣ дар назар дорад. Ин гуна тезис ба муҳокимаи ногузирии низоъ ва тобеият дар ҳама гуна муносибати байни ҳувиятҳо оварда мерасонад.

Умуман, дар консепсияи худ Т. Хопф таъкид мекунад, ки ҳувият маҳсули талошҳои маърифатист ва бинобар ин он дар заминаи ниёзмандии инсон ба содагардонӣ ва гурӯҳбандии зуҳуротҳои атрофашон ба вуҷуд омадааст. Ҳувияти шахсӣ бидуни мавҷудияти ҳувияти “Дигар” ғайриимкон аст, ки тавассути он ӯ худро амалӣ менамояд ва ҷойгоҳи худро дар саҳнаи рамзии ҷомеа меёбад. Муносибатҳои байни ҳувиятҳо метавонанд гуногуншакл шаванд ва аммо низоъангез будани онҳо ҳатмӣ нест. Вай қайд мекунад, ки дар ҷомеаҳои суннатӣ ҳувияти шахс ба таври ҷиддӣ собит ва устувор буд, зеро он вазифаи нақшҳои пешакӣ муайяншудаи иҷтимоӣ ва мифологӣ ба шумор мерафт, ки самтгириро таъмин мекард ва ба мақоми фард дар олам рухсати динӣ медод, доираи тафаккур ва рафторро ба таври қатъӣ танзим менамуд. Дар ҷомеаҳои пеш аз ташаккули ҷомеаҳои миллӣ ташаккули ҳувият мушкил набуд ва аз ин рӯ он наметавонист мавзӯи баҳс ё мубоҳиса бошад. Фард на ба буҳрони ҳувият ва на ба тағйироти куллии ин ҳувият моил набуд.

Ҳамин тариқ, ҳувият нисбатан маҳдуд, босубот аст, гарчанде ки ҳудуди он доимо васеъ мешавад. Худшиносии шахсияти муосир акнун на он қадар маҳдуд дар доираи анъана аст, балки дар бораи худ ва бо ёрии айниятгирию пайравиҳо аз намунаҳои пешниҳодшаванда бештар аз анъана дур мешавад. Шахсияти устувори эътирофшуда бидуни ҳамкорӣ бо “дигарон” сохта намешавад.

**Рецензент *Махмадизода Н.О.* –доктор философских наук, профессор ТНУ**

**АДАБИЁТ**


1. Абушенко В. Идентичность / Всемирная энциклопедия: Философия // Главн. науч. ред. и сост. А. Грицанов. - М .: ВСТ, Мн.: Харвест, Современный литератор, 2001.
2. Байрачный С. Становление проблематики социальной идентичности в теориях Э. Фромма и Э. Эриксона / С. Байрачный. // Идентичность в современном социуме: материалы Международной научно-теоретической конференции. - Донецк: ООО "Юго-Восток, Лтд", 2006.
3. Бергер П. Социальное конструирование реальности. Трактат по социологии знания. Монография / П. Бергер., Т. Лукман. Перевод с англ. Е. Руткевича. – М.: «Медиум», 1995.
4. Воропай Т. Идентичность в социальной антропологии Д. Кельнера. / Т. Воропай. // Социология: теория, методы, маркетинг. - 2000. - № 2.

5. Галазюк А. Проблема социальной идентичности в философии Платона / А. Галазюк. // Идентичность в современном социуме : матералы Международной научно-теоретической конференции. - Донецк: ООО «Юго-Восток, Лтд», 2006.
6. Гегель В. Г. Система наук. Часть 1. Феноменология духа / В. Г. Гегель. Пер. Г. Шпета. – СПб.: Наука, 1999. – 444 с.
7. Кули Ч. Социальная самость / Ч. Кули. // Американская социологическая мысль. Тексты / Под. ред. В. И. Добренькова. – М. Издание Международного университета Бизнеса и Управления, 1996.
8. Лейбниц Г. В. Сочинения в 4-*х* т. Т. 2 / Г. В. Лейбниц. // Ред. авт. вступ. статьи и примеч. И. С. Нарский. – М.: Мысль, 1983.
9. Мертон Р. Социальная теория и социальная структура. Монография / Р. Мертон. – М.: АСТ, 2006.
10. Прахова Ю. Проблемы формирования и функционирования социальной идентичности – конструктивистский анализ Т. Хопфа /Ю. Прахова // Социально-гуманитарные знания. – № 5. – 2003.
11. Фромм Э. Бегство от свободы. Монография / Э. Фромм. // Пер. с англ. Г. Шийника – М.: Програм, 1990. – 271 с.
12. Хабермас Ю. Демократия. Разум. Нравственность. Монография / – М., КАМИ ACADEMIA, 1995.
13. Эриксон Э. Идентичность: юность и кризис. Монография / Э. Эриксон. пер. с англ.общ. ред. и предисл. А. В. Толстых. – 2-е изд. – М.: Прогресс, 2006.
14. Юлина Н. С. Философия К. Поппера: мир предрасположенностей и активность самости / Н. С. Юлина // Вопросы философии. – 1995. – № 10.
15. Giddens A. Modernity and Self-Identity. Self and Society in the Late Modern Age / Anthony Giddens. Stanfofd Universitety Press, 1991.

## МУШКИЛОТИ ДАРКИ АМАЛИЯИ ҲУВИЯТСОЗӢ ДАР ТАЪРИХИ АФКОРИ ИҶТИМОӢ-ФАЛСАФИИ ҒАРБ

Дар мақолаи мазкур ҷамъбандии таҳлилӣ аз назарияҳои муосири иҷтимоии ғарбӣ оид ба масъалаҳои ташаккули ҳувияти шахс ва табиати он дар муҳити ҷомеаҳои миллӣ сурат гирифтааст. Дар таърихи афкори фалсафӣ дидгоҳҳо оид ба мушкилоти ҳувият бо амалияи ҳувиятҷӯйии иҷтимоӣ муайян карда мешавад, ки дар давраҳои мушаххаси таърихӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, таҳлили таърихӣ-фалсафии ҳувият тақрибан ба омӯзиши дарки моҳияти ин мушкилоти давраи таърихӣ, ки ба он ин ё он андешаи фалсафӣ тааллуқ дорад, яксон аст. Маълум аст, ки ҳувият ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, раванди мутобиқшавии субъекти худогоҳро ба фазои муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ инъикос мекунад. Муаллиф зимни таҳлили ин назарияҳо мулоҳизаҳои худро оид ба решаҳои таърихию иҷтимоии онҳо низ баён намуда, иртиботи зичи онҳоро бо тамоюлоти ҳаёти ҷомеаҳои муосир намудор менамояд. Таҳлили мазкур ба он нигаронида шудааст, ки ҳангоми дар амалияи ҳувиятсозӣ ба онҳо такя намудан, қаринаи таърихию иҷтимоии ташаккули онҳоро бояд мадди назар дошт. Ин амал асосноккунии назариявии қазоватҳои бо роҳи қиёс бадастомадаро марбут ба ҳувиятсозии як ҷомеа дар муқоиса бо ҷомеаи дигар муносибтар ба шароити хосси инкишофашон муяссар месозад. Аз ҷумла барои ҷомеаи мо, ки амалияи ҳувиятсозии он дигар танҳо пойбасти ниҳоду арзишҳои анъанавӣ нест, ин раванд зарурияти ҷустуҷӯи ҳарчи бештари таҷрибаҳои ба шароити имрӯз муносибро мубрам мегардонанд.

**Калидвожаҳо:** ҳувият, ҷомеа, шахс, фард, фардгароӣ, анъана, муосир, арзиш, шароити иҷтимоӣ, таърихият, инкишоф, зиддият, муҳовара, иҷтимоӣ

## ПРОБЛЕМЫ ОСМЫСЛЕНИЯ СТАНОВЛЕНИЕ ИДЕНТИЧНОСТИ В ЗАПАДНОЙ СОЦИАЛЬНО-ФИЛОСОФСКОЙ МЫСЛИ

В данной статье дается аналитическое резюме современных западных социальных теорий о проблемах формирования идентичности личности и ее природе в контексте национальных обществ. В истории философской мысли взгляды на проблемы идентичности определялись практикой поиска социальной самотождественности, которая формировалась в конкретные исторические периоды. Поэтому историко-философский анализ идентичности практически созвучен исследованию понимания сути этой проблемы исторического периода, которому принадлежит та или иная философская идея. Известно, что идентичность как социальный феномен отражает процесс адаптации сознательного субъекта к определенному социокультурному пространству. При анализе этих теорий автор также излагает свои мысли на их исторические и социальные корни и показывает их тесную связь с тенденциями жизни современных обществ. Этот анализ направлен на учет исторического и социального контекста их формирования, на котором нужно опираться на практике осмысления идентичности. Это действие обеспечивает теоретическую основу для сравнительных суждений об идентичности одного общества по сравнению с другими, более благоприятным для конкретных условий их развития. В частности, для нашего общества, где практика идентификации людей больше не основывается исключительно на традиционных институтах и ценностях. Этот процесс подчеркивает необходимость в этом поиске как можно большего обогащения опыта, актуального в современных условиях.

**Ключевые слова:** идентичность, общество, личность, индивид, индивидуализм, традиция, современность, ценность, социальные условия, историчность, развитие, противоречие, диалог, социальный.

**THE PROBLEMS OF UNDERSTANDING THE FORMATION OF IDENTITY IN WESTERN SOCIO-PHILOSOPHICAL THOUGHT**

This article provides an analytical summary of modern Western social theories about the problems of the formation of personality identity and its nature in the context of national societies. In the history of philosophical thought, views on the problems of identity were determined by the practice of searching for social identity, which was formed in specific historical periods. Therefore, the historical and philosophical analysis of identity is almost identical to the study of understanding the essence of this problem of the historical period to which this or that philosophical idea belongs. It is known that identity as a social phenomenon reflects the process of adaptation of a conscious subject to a certain socio-cultural space. During analyzing these theories, the author also expounds his thoughts on their historical and social roots and shows their close connection with the trends in the life of modern societies. This analysis is aimed at taking into account the historical and social context of their formation, on which to rely on the practice of identity. This action provides a theoretical basis for comparative judgments about the identity of one society in comparison with another, more favorable for the specific conditions of their development. In particular, for our society, where the practice of its identification is no longer based solely on traditional institutions and values. This process emphasizes the need to seek out as much experience as possible that is relevant in today's environment.

Key words: identity, society, personality, individual, individualism, tradition, modernity, value, social conditions, historicity, development, contradiction, dialogue, social.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Пиров Аламшо Каримович*** – Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, номзади илмҳои фалсафа. **Суроға:** 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67.Телефон: **904353622** E-mail**:** **pirov.alamsho@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Пиров Аламшо Каримович*** – Бохтарский государственный университет имени Носири Хусрава, кандидат философских наук. **Адрес:** 735140, Республика Таджикистан, город Бохтар, улица Айни, 67. Телефон: **904353622**, E-mail: **pirov.alamsho@mail.ru**

**Information about author:** ***Pirov Alamsho Karimovich*** – Bokhtar State University named after Nosiri Khusrav, Ph.D candidate on philosophy. **Address:** 735140, Republic of Tajikistan, Bokhtar city, Aini street, 67.
Tel: **904353622,** E-mail: **pirov.alamsho@mail.ru**

**УДК:130.1(575.3)**

## ТАҒЙИРПАЗИРИИ АХЛОҚ АЗ НАЗАРИ ИБНИ МИСКАВАЙҲ

***Давлатов П.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Масоили ахлоқӣ дар ҳама давру замонҳо дорои аҳамияти фавқулода буда, дар замони мо низ арзиши хосеро касб кардаанд. Рушди ахлоқии инсон ва имконияти тағйирпазирии он ё қобили тағйир набудани он, яке аз муҳимтарин мавзӯъҳо дар таълимотҳои ахлоқӣ мебошад. Дар ҳаллу фасли ин масъала байни мутафаккирон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Баъзе аз онҳо ахлоқи инсонро тағйирпазиру рушдёбанда, баъзе дигар мутлақу тағйирнопазир эътироф кардаанд.

Аз ҷумлаи мутафаккироне, ки нисбати масъалаи рушди ахлоқӣ ва тағйирпазирии он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намудааст, Ибни Мискавайҳ мебошад. Мутафаккир масъалаи ахлоқ ва табиию иктисобӣ будани он, тағйирнопазирӣ ва ё рушду камолоти ахлоқиро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, ҳатто ҳадафи таълифи барҷастатарин асари ахлоқии худ «Таҳзиб-ул-ахлоқ»-ро «таҳсили фазоили ахлоқӣ ва тахаллуқ ба ахлоқи ҷамила» иброз доштааст [13, с.53-54].

Ибни Мискавайҳ дар осори худ ҳангоми баррасии мавзӯъҳои мухталифи илми ахлоқ ба масоиле чун: имкон, омилҳо, шеваҳо ва марҳилаҳои рушди ахлоқии инсон ишора карда, рушдёбӣ ва тағйирпазирии онро эътироф кардааст. Ӯ дар тавзеҳи мавзӯоти ахлоқӣ ғайр аз мафҳуму ибораҳои «рушд» ё «рушди ахлоқӣ» инчунин мафҳум ва ибораҳои дигареро, аз қабили: «камоли инсон», «таҳсили камол», «маротиби саодат ва хайрот», «таҳсили фазоили ахлоқӣ» ва ғайра истифода бурдааст.

Дар мавриди рушди ахлоқӣ ва таъсири он тавассути соҳибназарони илми ахлоқ ва равоншиносӣ низ, ки ба таҳқиқу омӯзиши рафтору кирдори инсонӣ робита дорад, таърифҳои мухталиф баён шудааст. Ин таърифҳо аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво гуногун мебошанд, чунки ҳар як мутафаккиру соҳибназар аз мавқеи ҷаҳонбинӣ ва пайравию

мансубияти худ ба мактабу равияҳои мухталиф ва бар асоси омӯзиш ва шинохте, ки аз инсон ва рушди ӯ доштааст, онро таърифу тавсиф ва шарҳу тавзеҳ додааст.

Сарфи назар аз назарияҳои мухталиф, дар як таърифи умумӣ, рушди ахлоқӣ ба раванди дарк ва сипас амалисозии меъёрҳои марбут ба неку бади ахлоқӣ истифода мешавад. Ибни Мискавайҳ дар асари худ «Таҳзиб-ул-ахлоқ» ҳадаф аз ахлоқро чунин баён мекунад: «Ғарази мо дар таълифи ин китоб он аст, ки барои нафсҳои худ хӯйе ба даст оварем, ки ба василаи он корҳои зебо аз мо содир шавад ва бо ин ҳама бар мо осон бошад ва дар анҷоми он машаққату душворие набошад» [13, с.53-54] . Аз ин гуфтаҳои Ибни Мискавайҳ бармеояд, ки ӯ ахлоқи инсонро тағйирёбанда ва рушди онро имконпазир медонад. Аз таҳлилу баррасии афкору асори ахлоқии Ибни Мискавайҳ маълум мешавад, ки ӯ қаламрави илми ахлоқро мушаххас карда, онро маҳдуд ба хулқу хӯи инсон медонад. Аз ин ҷиҳат, ин рафтору кирдорҳо ва эҳсосоти инсонӣ дар суннати ахлоқи фалсафӣ дар нуктаи марказии илми ахлоқ қарор намегиранд ва ба таъбире мавзӯи ин илм нестанд. Бинобар ин, агар дар осори ахлоқӣ ба ин мавзӯъҳо пардохта мешавад, ба ҷиҳати робитаву муносибати онҳо бо ахлоқ ва рафтору феъли ахлоқӣ ё зарурати ислоҳи онҳо барои таҳсили фазоили ахлоқӣ мебошад. Рушди ахлоқӣ, аз назари Ибни Мискавайҳ, дар умум, иборат аз тарки разилатҳои ахлоқӣ ва касби фазоили ахлоқӣ аст. Ба ибораи дигар, мутафаккир рушди ахлоқиро марбут ба тарки разоил ва касби фазоил донистааст. Ба андешаи ӯ, инсон ҳар қадаре битавонад разоили ахлоқии бештареро дар нафси худ аз байн бибарад ё фазоилу камолоти ахлоқии бештареро касб кунад, аз рушди ахлоқии болотаре бархӯрдор мешавад. Табиатан ин ду тағйирот, яъне тарки разилатҳо ва касби фазилатҳо, албатта, муқаддимаи рушд аст, аммо қисм ё унсури асосии рушди ахлоқӣ ба ҳисоб намераванд. Масалан, тарки одатҳои нописанд, муқаддимаи тарки разоили ахлоқӣ ва аз лавозими рушди ахлоқӣ мебошад, аммо аз назари Мискавайҳ ин тарк худи ба худ рушд ба шумор намеояд. Яъне, мутафаккир барои рушди ахлоқӣ ҳамзамон бо тарки разоил касби фазоилро низ лозиму зарур донистааст.

Аз таҳлилу баррасии афкори Ибни Мискавайҳ ошкор мегардад, ки ӯ рушди ахлоқиро имконпазир эътироф карда, рушди фазоили ахлоқӣ ва косташавии разоили ахлоқиро ба рушди қувваи оқилаи инсон вобаста медонад, яъне ӯ қувваи оқиларо бар дигар қувваҳо бартарӣ медиҳад. Аз диди ӯ, инсони рушдёфта инсонест, ки қувваи оқилаи ӯ бар дигар қувваҳои нафс ҳоким бошад, яъне қувваҳои шаҳвия ва ғазабия, ки маншаи разилатанд, муътадилу мунтазам ва тобеи қувваи оқила бошанд. Ба ибораи дигар, мутафаккир инсонеро аз ҷиҳати ахлоқӣ комилу рушдёфта меҳисобад, ки тарки разоил ва касби фазоили ахлоқӣ кунад ва дар рафтору амалҳо эътидол ё ҳадди васатро риоя кунад, чунки фазоили ахлоқӣ танҳо дар сурати риоя кардани қоидаҳои эътидол ба даст меоянд [13]. Бо таъсирпазирӣ аз андешаҳои Ибни Мискавайҳ мутафаккирони баъдӣ низ андешаи мазкурро тақвият дода, касби ахлоқи наку ва тағйирпазирии онро эътироф кардаанд, ки Қутбиддини Шерозӣ аз зумраи онҳост. Муҳаққиқи муосири тоҷик Амирхон Ш.Т. андешаҳои ахлоқии Қутбиддини Шерозиро таҳлил намуда, зикр менамояд, ки «мутафаккир бо назардошти муҳити фарҳангӣ ва маънавии ҷомеа кӯшиши ҳамоҳанг намудани таълимоти ахлоқии дин ва ахлоқи ратсионалиро намуда, тағйир додани ахлоқро ба «мақсаду ният» ва «хоҳиш» вобаста медонад. Инсонро зарур аст, ки ҷиҳати касби камол пеши худ мақсад гузорад ва ин мақсад ҳатман дар асоси хоҳиши ӯ бошад» [1,с.110]

Қаблан ишора кардем, ки дар хусуси имконпазирии рушди ахлоқӣ ё тағйирнопазир будани ахлоқи инсонӣ байни мутафаккирон ихтилофи назар вуҷуд дорад. Баъзе аз уламои ахлоқ муътақид буданд, ки нафси одамӣ хулқиёте дорад, ки зотӣ ва сириштии ӯст ва он чи зотӣ бошад, қобили тағйир нест, вале баъзе мутафаккирон, ба монанди Форобӣ, Нароқӣ, Сино, Тӯсӣ, Файзи Кошонӣ ва дигарон, муътақид ба тағйирёбӣ ва рушди ахлоқии инсон буданд. Аз ҷумла, Файзи Кошонӣ дар радди ақидаи касоне, ки тағйирпазирии ахлоқро ғайримумкин медонанд, чунин мегӯяд: «Бидон ки баъзеҳо аз ғалабаи андешаи ботил бар онҳо ва сангин шуморидани муҷоҳидаву риёзат ва машғул шудан ба тазкияи нафс ва таҳзиби ахлоқ ва аз сабаби ислоҳ накардани

камбудиҳову норасоиҳои худ, гумон карданд, ки ахлоқ тағйирнопазир аст ва сиришту табиати инсон тағйир намеёбад... Пас дар посухи онҳо гуфтанием, ки агар ахлоқ қобили тағйир набошад, албатта ки васиятҳо, мавъизаҳо, адабомӯзиҳо ва таълиму тарбияҳо ботил мешаванд» [16,с.61-62]. Аз ин гуфтаҳои Файзи Кошонӣ, ки мусаламман Ибни Мискавайҳ низ чунин ақида дошт, бармеояд, ки ахлоқ иктисобӣ буда, доим яксон нест, он ба мурури замон ва бо таъсири омилҳои муайяну мушаххасе чун панду насиҳат, таълиму тарбия ва ҳамнишинӣ бо аҳли фазлу ҳакимон рушд меёбад ва тағйир мепазирад.

Мискавайҳ дар хусуси имкони тағйири ахлоқи одамӣ муътақид аст, ки хулқиёти инсон ба ду бахш қобили тақсим аст. Қисме аз он табиӣ аст ва аз ибтидои таваллуд дар сиришти ӯст, монанди инсоне, ки зотан тарсу аст ё зуд ба хашм меояд. Аммо қисми дигар иктисобӣ аст, ки ба одат ва адабомӯзию тарбия ба даст меояд. Ин ҳар ду қисми ахлоқ дар нафси одамӣ қобили тағйир ва таҳаввул аст [13,с.85]. Нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ дар ин миён, ишораи Мискавайҳ ба шариат ва вижагиҳои муҳимми он дар тарбияти одамӣ ва тағйири ахлоқ ва рӯҳонияту маънавиёти ӯст. Мискавайҳ дар ин бора менависад: «Ва ин шариат аст, ки ҷавононро устувор месозад ва корҳои писандидаро одати эшон мегардонад ва нуфуси эшонро ба қабули ҳикмат ва талаби фазоил ва расидан ба саодати инсонӣ аз роҳи андеша ва санҷиши саҳеҳ омода месозад» [13, с.16,91]. Ӯ муътақид бар он буд, ки эътиқоду боварӣ ба тағйирнопазирии хулқи инсон сабаби инкори қувваи шинохт ва тааққул дар инсон мешавад ва тарки сиёсат ва тадбири волидайн нисбат ба фарзандони хеш аст [13, с.91]. Аз ин гуфтаҳои Ибни Мискавайҳ чунин бармеояд, ки ӯ ба монанди Файзи Кошонӣ ақидаи онҳоеро, ки ахлоқи инсониро фитриву зотӣ ва тағйирнопазир ҳисобида, имкони рушди ахлоқиро мункир шудаанд, рад карда, онро иктисобӣ, қобили тағйир ва рушди онро имконпазир медонад ва далели ин гуфтаҳои худро таъкиди зиёди китобҳои муқаддаси динӣ ва пайғомбарону мутафаккирони гузашта ба таълиму тарбия ва касби ахлоқи фозилаву ҳасана ва дурӣ аз амалҳои баду разилатҳои ахлоқӣ маънидод мекунад.

Мутафаккир дар мавриди имконпазирии рушди ахлоқии инсон ва қобилияти болоравӣ ё пастшавии мартабаи инсоният, муътақид аст, ки инсон бо фарогирии илми ахлоқ ва талошу тамрин метавонад ба бартарин мартабаҳои инсонӣ ноил шавад, дар ҳадде, ки арзиши ӯ беш аз ҳазор баробар ё ҳазор инсони дигар шавад ва ин вобаста ба иродаи худи ӯст [13, с.93]. Бинобар ин, Мискавайҳ ба имкони тағйирпазирии куллии хулқиёти инсон сарфи назар аз табиӣ ва ғайритабиӣ эътиқоди мусбӣ дорад. Албатта, ин тағйирпазирӣ муҳтоҷи тамрину тарбия буда, ба осонӣ муяссар намешавад. Яъне, рушду такомули инсон, бахусус рушду камолоти ахлоқии ӯ, тадриҷӣ буда, дар натиҷаи таълиму тарбия ва тамрину риёзат ҳосил мешавад. Вале напазируфтан ё эътироф накардани тағйирёбии ахлоқ ва рушдпазирии он қувваи оқилаи инсонро зери шакку шубҳа гузошта, тарбияи кӯдаконро ботил ва нолозим мешуморад.

Илми ахлоқ ҷузъе аз ҳикмати амалӣ буда, ҳадафи он ислоҳи хулқу рафтор ва ба дараҷаи камолоти маънавӣ ва хушбахтиву саодатмандӣ расонидани инсонҳост. Аз ин рӯ, мутафаккирони гузашта дар осори ахлоқии хеш пас аз тарҳи мавзӯъҳо ва баҳсҳои шинохти нафс ва хулқиёти он ба таври муназзам ё пароканда ба омилҳои рушди ахлоқӣ ё шеваҳои ислоҳи нафс ишора кардаанд. Ибни Мискавайҳ низ дар таълимоти ахлоқии худ якчанд усулу шеваҳо ва равишҳоеро барои рушди ахлоқии инсон пешбинӣ карда, онҳоро омили тағйирпазирии ахлоқ ва рушду камолоти он ҳисобидааст. Масалан, ӯ дар китоби машҳури худ «Таҳзиб-ул-ахлоқ» ба равишҳои мухталифи ислоҳи хулқи инсонӣ ишора мекунад, ки метавон оҳоро дар қолаби ду сатҳ -калон ва хурд табақабандӣ кард. Дар сатҳи аввал мутафаккир ба равишҳои куллии ислоҳи ахлоқ ишора мекунад. Ӯ дар ин сатҳ барои ислоҳи ахлоқ даст задан ба домони шариат ё ба таҳсили илми мантиқ, риёзӣ, илоҳӣ ва умуман ҳама роҳу воситаҳое, ки сабаби ислоҳ ва рушди ахлоқӣ мешаванд, тавсия ва таъкид мекунад. Аммо сатҳи дувум, яъне сатҳи хурд, дар ислоҳи разоили ахлоқӣ аст, ки мутафаккир фасли охири китоби «Таҳзиб-ул-ахлоқ»-ро ба ин масъала бахшидааст.

Дар воқеъ, сатҳи хурд ба равишҳое ишора дорад, ки барои дармони як марази хос ба кор бурда мешавад. Барои мисол, Мискавайҳ барои дармони ғам, ҳузн, хавфу тарс, ғазаб ва ҳасад, роҳҳо ва равишҳоеро пешниҳод мекунад.

Мискавайҳ мардумонро дар қабули таҳзиби ахлоқ ва камолоти маънавӣ ба гурӯҳҳо ва дараҷаҳои мухталиф тақсим мекунад ва муътақид буд, ки ҳамаи мардум дар ин амр дар як мартаба нестанд, балки баъзе аз онҳо нармхӯ ва осонгир, баъзе тундхӯ ва сахтгир ва баъзе дигар миёнҳол мебошанд. Мискавайҳ таълиму тарбия ва адабу тамринро барои ҳамагон лозиму зарурӣ дониста, қайд мекунад, ки агар инсонҳо сириштu табиатро ҳамчуноне, ки ҳастанд, раҳо созанд ва ба адаб кардан ризоят надиҳанд, ҳар инсоне бар асоси табиати худ амал мекунад ва ба воя мерасад ва дар натиҷа бар ҳоле, ки дар туфулият дошт ва мувофиқи табъаш буд, боқӣ мемонад [13, с.90]. Яъне, рафтору кирдори ӯ ба одат мубаддал мегардад, ки ислоҳи онҳо корест бас душвор.

Пеш аз нишон додани равишҳои калони рушди ахлоқӣ, лозим аст ба ду нукта ишора карда шавад: нахуст он ки Мискавайҳ қувваҳои вуҷудии инсонро ба ду қувва - олима ва омила тақсим кардааст [13]. Аз ин рӯ, рушди ахлоқии инсон ё ислоҳи разоили нафс марбут бар ислоҳи ин ду қувва мебошад. Дар натиҷа, ҳар як аз равишҳои зайл мутамарказ бар ислоҳи яке аз ду ҷиҳати илмӣ ва амалии инсон аст. Мутафаккир ишора мекунад, ки чун нафси инсон басит аст, ислоҳи ҳар як аз қувваҳои он, бешак, дар дигар қувваҳо ва мартабаҳои нафсӣ ӯ таъсир мерасонад. Нуктаи дигар он ки ин омилҳо ва шеваҳои рушди ахлоқӣ пайдошуда аз якдигар ё дорои тақаддуми замонӣ ба якдигар нестанд, зеро инсонҳо табиатан аз якдигар тафовут доранд, аз ин сабаб равишҳои мухталифе дар ислоҳ ва тарбияти онҳо лозим аст. Бинобар ин, як шеваи рушди ахлоқӣ мумкин аст барои фарде коромад ва барои фарди дигаре нокоромад бошад. Яъне, чун афрод табиатан гуногунанд, аз ин ҷиҳат барои тарбияи ахлоқии онҳо низ бояд роҳҳо ва усулҳои мухталифро ба кор бурд.

Ибни Мискавайҳ дар мавриди тартиби таҳзиби қувваҳои инсон ва ҳамоҳангии онҳо ба нуктаи муҳиме ишора мекунад ва муътақид аст, бо таваҷҷуҳ ба ин нукта, ки аз таҷрибаи рӯзгор ва табиати инсон илҳом гирифтааст, мебоист тартиби хосеро дар ҳамоҳангӣ ва таҳзиби қувваҳо ба кор бурд, ба ин маъно, ки инсон бояд дар таҳзиби нафс, ба тарбияи қувваҳое оғоз кунад, ки зудтар дар ӯ пайдо шудааст, ки он қувваи шаҳвия аст, сипас ба қувваи ғазабия ва дар охир ба қувваи оқила машғул шавад [13]. Натиҷаи ин гуфтаҳо ин мешавад, ки ҳангоме, ки қувваи шаҳвия ва ғазабия муътадил шаванд, монеаҳо аз сари роҳи андешаи саҳеҳ ва рушди ҳикмат бардошта мешавад ва имконияти рушду инкишофи қувваи олима фароҳам меояд.

Аз таҳқиқу таҳлили афкори ахлоқии Ибни Мискавайҳ чунин ҳосил мешавад, ки ӯ ислоҳи қувваи омиларо муқаддам бар қувваи андеша ва олима медонад. Умуман, мутафаккир омӯхтану аз худ кардани илми ахлоқро бар дигар улум муқаддам донистааст, ки ин худ далели гуфтаҳои болост.

Дар мавриди пайравӣ аз шариат низ Мискавайҳ ҳамин ақидаро дорад, яъне ӯ фаро гирифтани таълиму тарбия ва одобу ахлоқи шаръиро бар дигар таълимот муқаддам дониста, дар ибтидо пайравӣ аз шариати илоҳӣ ва пойбандӣ ба таълиму тарбияи ахлоқии онро барои кӯдакону ҷавонон ва умуман насли наврас воҷиб медонад.

Ибни Мискавайҳ дар ҷойи дигар дар ин хусус чунин ишора мекунад: «…одамӣ дар оғози ташаккул ёфтани худ муҳтоҷи сиёсати волидайн аст. Он гоҳ ниёзманди шариати илоҳӣ ва динии устувор аст то ӯро таҳзиб кунад ва қивом бахшад ва он гоҳ ниёзманди ҳикмати болиға аст, ки то поёни умр тадбири ӯро бар уҳда бигирад» [13, с.91].

Умуман, Ибни Мискавайҳ пайравӣ аз шариатро дар ташаккулу такомули ахлоқии шахс муҳим дониста, уҳдадорӣ ба одоби шариатро яке аз роҳҳои рушди ахлоқӣ медонад. Мутафаккир дар зарурати пайравӣ аз шариат барои рушди ахлоқӣ ва муҳимтар аз он омода кардани нафс нисбат ба қабули ҳикмати болиға чунин менигорад: «Ва ин шариат аст, ки ҷавононро устувор месозад ва корҳои писандидаро одати эшон мегардонад ва нуфуси эшонро ба қабули ҳикмат ва талаби фазоил ва

расидан ба саодати инсонӣ аз роҳи андеша ва санҷиши саҳеҳ омода месозад….» [13, с.91].

Дар ҳақиқат, Мискавайҳ бар ин бовар аст, ки пойбандӣ ба аҳкоми шариат ва таваҷҷуҳ ба маорифи он, олудагиҳоро аз қувваи олима ва оқилаи инсон мешӯяд ва нафсро пазирои фазоили ахлоқӣ ва андешаи илоҳӣ мегардонад. Бояд зикр сохт, ки ин нуқтаи назар бо таълимоти Форобӣ дар бораи зарурат ва вуҷуби омӯзиши динӣ ба ҷавонон ва шарту ҳатмӣ будани тарбияти динӣ барои мутолиаи фалсафа ва ҳикмати илоҳӣ шабоҳат дорад [17].

Ибни Мискавайҳ шинохти нафс ва қувваҳои онро дар таҳзибу тарбияи ахлоқӣ муҳим дониста, дар муқаддимаи «Таҳзиб-ул-ахлоқ» қабл аз он ки расман вориди баҳси ахлоқӣ шавад, ба ин нукта ишора мекунад, ки барои вусул ба ғояти ахлоқ ва таҳсили фазоили ахлоқӣ, ниёзманди маърифати нафс мебошем. Бояд инсон бидонад нафси ӯ чист? Барои чи ба ин дунё омадааст ва чи камолотеро бояд таҳсил кунад? [13, с. 54].

Яке аз равишҳои аслӣ, ки Мискавайҳ барои тағйир ё таҳсили одот ва хулқу атвори инсон тавсия мекунад, тафаккур ва тамрину такрор аст. Мутафаккир нақши хираду тафаккур ва таълиму тарбияро дар касби ахлоқи фозила ва дурӣ аз разилатҳои ахлоқӣ ва инчунин рушду такомули ахлоқ ва маънавиёти инсон муҳим дониста, дар «Таҳзиб-ул-ахлоқ» овардааст: «Ва қисмате аз он хулқест, ки ба одат ва омӯзиш ба даст меояд ва эй басо, ки мабдаи он дар нигаристан ва андешидан бошад ва ӯ дар анҷом додани он ҳол пофишорӣ мекунад, то батадриҷ малака ва хулқи ӯ мешавад» [12;13, с.85-86].

Ибни Мискавайҳ таълими илм ва таҳсили онро ғизои рӯҳ ва омили камоли маънавӣ ва рушди ахлоқии инсон ва ғизои моддиро омили тақвияти бадан ва рушди он медонад. Барои исбот ва тақвияти афкору андешаҳои зикршуда аз асари ӯ «Таҳзиб-ул-ахлоқ» иқтибосеро айнан меорем: «…нафс (нотиқа) ғизои худро, ки ба василаи он нуқсони он такмил мешавад, меёбад, ҳамчунин ки нуфуси дигар ба ғизоҳои мулоими худ тағзия мекунанд. Ва ҳамоно ғизои ин нафс илм ва афзунӣ дар маъқулот аст ва риёзат кашидан ба сидқ дар оро ва пазириши раъйи ҳақ ҳарҷо ки бошад ва аз ҳар кӣ бошад» [13, с.107]. Аз мазмуну муҳтавои ин гуфтаҳо чунин маълум мешавад, ки мутафаккир таълими илм ва касби онро ғизои рӯҳи инсон дониста, нақши хирад ва илму андешаро дар касби ахлоқи ҳамида ва расидан ба камолоти маънавӣ ва мартабаи олии инсонӣ муҳимму зарур меҳисобад ва илму хирадро аз хусусиятҳои қувваи нафси нотиқа медонад.

Омили дигари рушди ахлоқиро Ибни Мискавайҳ дӯстӣ ва муошират бо аҳли илму фозилон медонад. Мутафаккир ақида дорад, ки он касе, ки мехоҳад рушди ахлоқӣ дошта бошад ва аз айбҳо ва разилатҳо мубарро-пок шавад, бояд дӯсти фозилеро интихоб кунад, то айбҳои ӯро ба вай ёдоварӣ кунад ва он чи аз разоил дар ӯст ва худ тавони дарки онро надорад, ба ӯ бишиносонад [13, с.232-248]. Ин суханони мутафаккир таъкид бар зарурати таълиму тарбияи ахлоқӣ ва рушду такомули шахсият мебошанд. Яъне, чунонки қаблан зикр кардем, хулқу амалҳои инсон фитриву тағйирнопазир набуда, балки иктисобиву тағйирпазир мебошанд, бинобар ин, инсон барои касби ахлоқи фозила ва рушду камолоти он ба таълиму тарбия, омӯзишу парвариш ва дӯстиву муошират бо фозилону ҳукамо ниёз дорад. Мискавайҳ дар мавриди дӯстӣ, интихоби дӯст ва нақшу таъсири дӯстон дар зиндагии инсон таъкидҳои зиёд кардааст, аз ҷумла ӯ қисми зиёди мақолаи панҷуми «Таҳзиб-ул-ахлоқ»-и худро ба масъалаи дӯстӣ ва садоқат бахшидааст. Чун ин мавзӯъ таҳлилу баррасии зиёдро талаб менамояд ва зикри пурраи он дар ҳаҷми як мақола аз имкон берун аст, танҳо бо овардани ду се ҷумлае иктифо кардем.

Ибни Мискавайҳ зиндагӣ дар фазои дӯстӣ ва дастаҷамъона зиндагӣ кардан, муносибату муошырати дурусти инсонҳо ва кумаку дастгирии мардум аз ҳамдигарро омили рушди ахлоқӣ арзёбӣ мекунад. Вай муътақид аст, ки ҳар кас бо мардум дарнаёмезад ва бо эшон дар шаҳрҳо сукунат нагирад, иффат, наҷдат, сахо ва адолат дар ӯ зоҳир намешавад, балки қувваҳо ва малакаҳое, ки дар ӯ ниҳодаанд, ботил мешаванд, зеро на ба хайр таваҷҷуҳу огоҳӣ меёбад ва на ба шар [13, с.66-82 ва 210-248]. Мутафаккир зиндагии иҷтимоӣ ва муошират бо мардумонро заминаи рушди ахлоқии

инсон, тақвияти фазоил ва мубориза бо разоил медонад, зеро инсони танҳо наметавонад фазлу карам, хайру сахо ё кибру ҳасад ва бухлу бадӣ дошта бошад, чунки инҳо хислатҳо ва сифатҳое мебошанд, ки дар ҷомеа ва зиндагии иҷтимоӣ амалӣ мешаванд.

Аз шиносоӣ бо осору афкори Ибни Мискавайҳ ба назар мерасад, ки ӯ барои рушди ахлоқии инсон илова бар усулу шеваҳо ва унсуру омилҳо, инчунин чандин марҳилаҳоро ёдовар шудааст. Чунонки пештар ишора шуд, дар андешаи Ибни Мискавайҳ рушди ахлоқии инсон иртиботи мустаҳакаму устуворе бо рушди ақлонии ӯ дорад. Ба ин маъно ки, гарчанде қувваи шаҳвия ва ғазабия сарчашмаи разоили ахлоқӣ маҳсуб мешаванд, агар бештар таҳти назорат қарор гиранд ва муътадил шаванд, қувваи оқила озодии амалии бештаре барои андеша ва шинохт пайдо мекунад ва шавқу иродаи зотии ӯ нисбат ба амалҳои хайр бештар ба зуҳур мерасад. Аз сӯйи дигар, бо қудрат гирифтани қувваи оқила низ ҳукумат ва фармонравоии ӯ бар мамлакати вуҷуди инсон густурдатар шуда, тавоноияш барои назорат ва тадбири қувваҳои ҳайвонии нафс афзоиш меёбад. Бинобар ин, рушди ахлоқӣ ва ақлонии инсон комилан ба якдигар вобаставу пайваста буда ва дарвоқеъ, маротиби рушди ахлоқии инсон ба дараҷаи шинохт ва тааққули ӯ вобаста аст ва мутобиқи он рушд ва тараққӣ мекунад.

Ибни Мискавайҳ дар мавриди маротиби рушди ахлоқӣ ба марҳилаҳои рушди ақлонии инсонҳо ишора карда, баён кардааст, ки бо таваҷҷуҳ ба пайвастагии зикршуда ба наҳве метавонад маротиби рушди ахлоқии инсонҳо низ маҳсуб шавад. Ба ибораи дигар, мутафаккир рушди ахлоқии инсонро ба рушди ақлонии ӯ вобаста медонад ва барои ин рушдёбӣ ба чандин мартабаву марҳилаҳо ишора кардааст. Аз ҷумла, аз пасттарин сатҳи мавҷудот аз ҷиҳати арзиш ва ҳаётмандӣ, яъне ҷамодот оғоз мекунад ва онҳоро аз ҷиҳати қабули осори шариф ва суратҳое, ки дар онҳо ҳодис мешаванд, арзишманд медонад. Яъне, мутафаккир арзишмандии ҷамодотро ба манфиатнокӣ ва мавриди истифода қарор гирифтани онҳо вобаста медонад. Сипас ба набототт мепардозад ва арзишмандтарини онҳоро нахл-хурмо медонад, зеро нахл бисёр ба уфуқи ҳайвон наздик аст ва осору афъоле, ки аз худ нишон медиҳад, бисёр шабеҳи ҳайвонот аст. Дар мавриди ҳайвонот низ баландмартабатарини онҳоро асп ё саг медонад, чунки, ба андешаи ӯ, онҳо дар итоат ва адабпазирӣ наздиканд [13, с.126].

Ибни Мискавайҳ пас аз нишон додани маротиби ҷамодот ва набототу ҳайвонот, маротиби инсонҳоро нишон медиҳад. Мутафаккир дар ибтидо маротиби камоли ақлонии инсонҳоро мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор дода, фикру андешаҳои ҷолибе дар ин хусус баён мекунад: «Нахустин маротиб аз уфуқи инсонӣ, ки муттасил ба охири уфуқи ҳайвонӣ аст, маротиби мардумонест, ки дар дуртарин минтақаҳои Шимолу Ҷануб сокин шудаанд…. Он гоҳ қувваи шинохт ва фаҳм дар онҳо афзуда мешавад, то ин ки ба васати иқлимҳо дармеоянд ва дар онҳо ҳушмандӣ, тезфаҳмӣ ва қобилияти пазириши фазоил пойдор мешавад. То ин ҷойгоҳ феъли табиӣ, ки Худо онро ба мавҷудоти махсус муваккал сохта, ба поён меояд. Он гоҳ ба сабаби ҳамин қабул, омодаи иктисоби фазоил ва фаро гирифтани одоб тавассути ирода ва саъю иҷтиҳоди худ мешавад» [13, с. 104 ва 153-158].

Вале, мутаассифона, Мискавайҳ баён накардааст, ки чаро мардумони сокини «дуртарин минтақаҳо»-и Шимолу Ҷануб пасттарин мардум аз ҷиҳати ақлу дарк мебошанд. Аммо ба назар мерасад, ки ҳадафи мутафаккир он аст, ки ин мардумон ба далели дур будан аз шаҳрнишинӣ ва ҷомеаҳои мутамаддини инсонӣ, аз илму фарҳанг ва одоби башарӣ, дур монда, камтар баҳраманд шудаанд, аз ин ҷиҳат дар пасттарин мартаба аз ҷиҳати инсоният, ақлоният ва адабу фарҳанг қарор мегиранд.

Аммо мақсад аз ибораи дигари ӯ – феъли табиӣ, ки Худо онро ба мавҷудоти махсус муваккал сохтааст ин аст, ки то ба ин марҳила, инсон дастгоҳи фикрӣ ва истеъдоди тааққулу андешаро аз Худо дарёфт кардааст. Аммо рушди беш аз ин дар маротиби инсоният вобаста ба тарбия, ирода ва талоши худи ӯст ва ихтилофи инсонҳо дар маротиби ахлоқӣ ва инсонӣ, аз ихтиёр, ирода ва иҷтиҳоди худи инсон сарчашма мегирад.

Дар охир, мутафаккир олитарин мартабаи инсониятро такомули ақлонии инсон ва мақоми ӯро дар радифи малоикаи илоҳӣ медонад. Аз таҳлили андешаҳои баёнкардаи

Мискавайҳ бармеояд, ки ӯ инсонро қодир ба рушди рӯҳонии худ дониста, муътақид аст, ки инсон бо кумаки ақл метавонад бар қаламрави вуҷудаш ҳукумат карда, қувваҳои дигари нафсашро мутеъ ва фармонбардори қувваи нафси оқилааш созад ва бо ин восита ба мақом ва мартабаи малак бирасад. Чуноне ки ӯ ишора кардааст, вақте инсон дар ин марҳила расид илҳомот ва ишроқоти илоҳӣ бар вай сарозер мешавад [13, с.92-95,103-104, 153-154,]. Ба воситаи убур аз ин марҳила, фазоили ахлоқии инсон комил шуда, сайри ӯ дар фазоили илоҳӣ, ки марбут ба қувваи оқила аст, идома меёбад.

Мискавайҳ ба марҳилаҳои камолоти ахлоқии инсон аз назари иҷтимоӣ низ ишораҳое дорад. Ӯ ақида дорад, ки дар маротиби рушди ахлоқӣ пас аз ислоҳи худ бояд ба ислоҳи манзилу хонавода ва сипас мадина ва кишвар пардохт. Яъне, пас аз таҳсили фазоили ахлоқӣ дар ҷиҳати ахлоқи фардӣ ӯ ибтидо нисбат ба худ ба адолат рафтор карда, ҳар як аз неруҳои даруниро дар мавқеъ ва ҷойгоҳи шоистаи худ қарор диҳад. Сипас, нисбат ба хонавода ва хешон ва ҳамшаҳриёни худ адолат ва инсоф варзида ва зулм раво надорад. Баъдан адолати хешро густариш диҳад, то дар уфуқи ҳокимияти мадина ё кишвар адолатгустариро тамом кунад [13, с.192-193]. Бояд қайд кард, ки Ибни Мискавайҳ гарчанде дар таълимоти ахлоқии худ бештар ба таҳзиби ахлоқ ё ахлоқи фардӣ таваҷҷуҳ намуда бошад ҳам, вале баъзан ҳама бахшҳои ҳикмати амалиро низ мураттаб ва ба таври комил баён кардааст, ки андешаҳои дар боло зикр кардаи ӯ далели ин гуфтаҳост.

Ибни Мискавайҳ, чуноне ки қаблан зикр кардем, ба монанди Афлотуну Арасту адолатро маҳсули ҳамаи фазоил ва маҷмӯи онҳо дониста, қайд мекунад, ки густариши адолат ва вусъати қаламрави он аз сарҳади нафс ба хонавода, қабила, шаҳр ва кишвар, нишонаи такомули ахлоқии инсон ва баланд шудани мартабаи ӯ то олами инсони комили ахлоқӣ аст [12;13;15].

Нуктаи дигаре, ки дар «Таҳзиб-ул-ахлоқ» ҷолиби диққат мебошад, ривояти дигари Ибни Мискавайҳ аз марҳилаҳои рушди ахлоқӣ аст. Дар ин ҷо мутафаккир марҳилаҳо ва манзилҳоеро зикр мекунад, ки аз назари адабиёт ва шеваи қарор гирифтани маротиб, шабоҳати зиёде ба манозили ахлоқи ирфонӣ доранд. Дар ин тавсиф, яъне дар ахлоқи ирфонӣ, сухане аз қувваҳои нафс ва ислоҳи онҳо ба миён намеояд ва ба ҷойи он аз мақомот ва манозили соликон сухан меравад. Мискавайҳ низ ба монанди аҳли ирфон мартабаҳо ва марҳилаҳои камолоти инсонро чаҳорто донистааст, ки иборатанд аз: мартабаи муқинон, мартабаи муҳиббон, мартабаи аброр ва мартабаи фоизон. Ӯ муътақид аст, ҳар як аз ин марҳилаҳо, дар навбати худ, дорои манозил ва мароҳили зиёде ҳастанд. Вай мақоми аввалро мутааллиқ ба олимон, мақоми дувумро махсуси омилон, мақоми аброрро мутааллиқ ба ислоҳгарон ва мақоми охирро хосси касоне медонад, ки дар муҳаббати Худо ба ихлос расидаанд [13, с.192-194].

Мутобиқат накардани ин номгузориҳо ё мартабабандиҳо бо мартабаҳои рушди ахлоқӣ дар ахлоқи фалсафӣ шояд маънои онро дошта бошад, ки Ибни Мискавайҳ дар канори ахлоқи фалсафӣ ё дар мартабае болотар аз он, ба ахлоқи ирфонӣ ва манозилу мақомоти он меандешидааст, ҳамчуноне, ки Ибни Сино фасли нуҳуми «Ишорот ва Танбеҳот»-ро бар шеваи орифон таълиф кардааст ё Хоҷа Насириддини Тӯсӣ, ки дар канори «Ахлоқи Носирӣ» ба таълифи «Авсоф-ул-ашроф» иқдом кардааст. Аз сӯйи дигар, дар осори Ибни Мискавайҳ таъсирпазирӣ аз баъзе машоихи сӯфия мушоҳида мешавад. Масалан, ривоятҳои зиёде, ки Ибни Мискавайҳ аз баъзе бузургони ирфону тасаввуф, аз ҷумла Ҳасани Басрӣ ва дигарон дар китоби «Ҷовидон хирад» дорад, гувоҳи ин гуфтаҳост. [5;7].

Аммо Мискавайҳ ба шарҳу баёни ин мақомот чандон диққати ҷиддӣ надодааст. Ӯ қабл ё баъд аз зикри ин мақомот дар мавриди онҳо шарҳу тавзеҳе нанавишта, онҳоро пурра баён накардааст, то асос ва усули андешаҳои ӯ дар хусуси ин манзилҳо барои хонанда равшан шаванд. Ҳамчунин, дар навиштаҳои ӯ нисбати ин марҳилаҳо теъдоди қувваҳо мушаххас нашудааст. Ӯ нишон надодааст, ки бо рӯ ба рӯ шудан ба ҳар як аз ин мақомоти чаҳоргона дар қувваҳои сегонаи инсон чӣ тағйироте рӯй медиҳад ва чӣ гуна иртиботе байни онҳо пайдо мешавад.

Ба назар мерасад, ки мақсади Ибни Мискавайҳ аз ин гуфтаҳо ин аст, ки дар марҳилаи аввал, инсон маорифи ахлоқиро ва он чи барои рушд ба он ниёз дорад, меомӯзад ва олим мешавад. Дар мартабаи дувум, ки марҳилаи пас аз илм аст, фард ба он чи медонад, амал мекунад ва фазилатҳои ахлоқии ёдшударо дар нафси худ амалӣ месозад. То ин ҷо солик ё инсони ахлоқмадор танҳо дар фикри худ буда, ба ислоҳи пиндору рафтори хеш меандешад. Аммо дар марҳилаи савум, ки мартабаи аброр ё муслиҳон аст, солик ба ислоҳи иҷтимоӣ пардохта, ба навъе сиёсати ҷомеа ё мадинаро бар уҳда мегирад. Аз ин ҷо ба назар мерасад, ки Ибни Мискавайҳ муътақид аст инсон дар сайри рушди ахлоқии худ ва иктисоби камолоти ахлоқӣ, пас аз ислоҳи нафси хеш бояд ба тадбири иҷтимоӣ рӯ оварда, мадинаро бо адолати худ назму такомул бахшад, ба сурате, ки бо ҳукумати ҳакимон ҳар гурӯҳ бар ҳасби истеъдоде, ки дорад, дар ҷойгоҳи марбут ба хеш қарор гирад, сулҳ, муҳаббат ва адолат барқарор шавад ва зулму ҳараҷу мараҷ хотима ёбад, то ба ин васила дини илоҳӣ, ки номуси акбар аст, иқома шавад [13, с.193-194]. Ба ин тартиб, ҳам худи ӯ бо сиёсати мадина ба рушду камоли рӯҳӣ мерасад ва ҳам бо ҳифз ва посдошти дини илоҳӣ, заминаи такомули мардумро фароҳам меоварад.

Дар мартабаи охир низ, ки манзалати мухлисон дар муҳаббат аст, фард дар муҳаббати хайри мутлақ, ки ҳамон Зоти Борӣ Таоло аст, фонӣ шуда ва ба ихлос мерасад. Бо андак саҳлгирие метавон гуфт, ки ин «ихлос дар муҳаббат», ки таъбири Мискавайҳ дар тавсифи марҳилаи охири рушди ахлоқии инсон аст, дарвоқеъ таъбири содатаре аз ҳамон мартабаи фано дар ирфон аст, зеро камоли ихлос дар нобудии тамоми онҳо дар вуҷуди инсон аст ва он гоҳ, ки инсон ба ин марҳила расид, майл ва иродаи ӯ дар иродаи ҳақ фонӣ шуда ва ин таҳаққуқи мақоми фаност. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки Мискавайҳ дар ҷои дигар – ба нақл аз Арасту – дар тавзеҳи мартабаи ниҳоӣ аз рушди ахлоқӣ аз адабиёту маонии ирфонӣ низ истифода мекунад [13, с.94].

Дар ҷамъбасти назарияҳои Ибни Мискавайҳ дар мавриди марҳилаҳои рушди ахлоқӣ аз навъи дуюм, бояд гуфт, ки ба назари ӯ, инсони солик, ки ба дунболи рушди ахлоқӣ ва амалисозии фазоил дар нафси хеш аст, дар марҳилаи аввал мебоист, таҳсили маорифи ахлоқӣ ва амалӣ кунад, яъне илми ахлоқро аз худ кунад, то рафтору афъоли неку фозиларо аз афъоли шарру разила бишносад. Баъд аз он ба фазоили инсонӣ мавсуф шавад, ки рушди онҳо дар нафси одамӣ ибтидо дар адолатварзӣ нисбат ба нафси хеш (таҳзиби ахлоқ), баъдан тавсеаи доираи адолат дар муоширати бо мардум ва дар мароҳили баъдӣ дар тадбири хонавода (тадбири манзил) ва шаҳр-ҷомеа (сиёсати мудун) ҳосил мешавад. Ба андешаи мутафаккир, дар идомаи ин масир ва бо ҳосил шудани фазоили илоҳӣ дар нафси ӯ, солик аз олами табиат ва ранҷҳову дардҳои он раҳоӣ ёфта, бо арвоҳи покиза ва фариштагони муқарраб дармеомезад, то ба мартабаи фано ё ихлос дар муҳаббати Худо бирасад. Дар ин марҳила солик ҳеҷ ангеза, андеша ва иродае ҷуз он чи Худои мутаол мехоҳад, надорад [13, с.194-195].

Дар фалсафа ва ахлоқи фалсафӣ камоли ниҳоии инсон бештар ба «саодат» таъбир мешавад. Арасту дар «Ахлоқи Никомах» фасли комилеро ба баёни саодати инсон бахшидааст. Форобӣ низ зимни шарҳи «Ахлоқи Никомах ду китоб -«ат-Таҳсилу саода» ва «ат-Танбиҳу ало сабили саода»-ро ба ин мавзӯъ бахшидааст. Умуман, мутолиаи осори фалсафию ахлоқии мутафаккирони ахлоқшинос нишон медиҳад, ки онҳо дар таълимоти ахлоқии худ ба таҳлилу таҳқиқи масъалаи саодат таваҷҷуҳи зиёд додаанд ва дар мавридҳои гуногуне барои ишора ба нуқтаи камоли ниҳоии инсон, аз ин вожа истифода кардаанд. Вале бо вуҷуди ин, андешаҳои мухталифе дар таърифи он вуҷуд доранд, ки сарчашмаи онҳо тафовут миёни ҷаҳонбинӣ ё асосҳои инсоншиносии мактабу равияҳои гуногуни фалсафӣ мебошад. Гурӯҳе лаззати бениҳоят, баъзе такомули фазоили ахлоқӣ ва гурӯҳе дигар такомули маърифатро нуктаи ниҳоии саодати инсон пиндоштаанд. Аммо ҳадаф аз масаъалагузорӣ дар мақолаи мазкур ин аст, ки оё аз назари Ибни Мискавайҳ, саодати ниҳоии инсон ҳамон камоли ахлоқии ӯст ё ин ду бо якдигар мувофиқу мутобиқ нестанд? Оё инсон дар поёни раванди рушди ахлоқии хеш ба саодати ниҳоӣ ноил шудааст ё ҳанӯз барои таҳсили саодати ниҳоӣ мароҳилеро бояд тай кунад? Барои посух ба ин саволҳо, моро зарур аст ба баҳси сода ё мураккаб будани

саодати инсон дар таълимоти ахлоқии Ибни Мискавайҳ рӯ биёрем ва онро мавриди таҳлилу таҳқиқи васеътар қарор диҳем. Аз баъзе таърифоту тавсифоти Ибни Мискавайҳ дар хусуси саодати комил ва инсони саодатманд чунин бармеояд, ки ӯ камоли ниҳоӣ ва саодати комили инсонро камоли қувваи омила ва олимаи инсон медонад. Аз шарҳу тавзеҳоти Ибни Мискавайҳ дар бораи инсони камолёфта ва саодатманд чунин маълум мешавад, ки ӯ ба қуввати ақли назарии инсон таваҷҷуҳ карда, дарёфти маорифи ҳақиқиро нишонаи бартарият ва фарқкунандаи инсони комил аз дигарон медонад. Мутафаккир доир ба ғояти олӣ будани камоли қувваи олима ва ғояти қариб ё мутавассит будани камоли қувваи омила ибрози ақида намуда, ишора кардааст, ки то замоне ки инсон ахлоқ ва фазоили инсониро ба кор мебарад, ин умур ӯро ба хайри аввал ва саодати илоҳӣ мерасонанд. Яъне, касби саодати илоҳӣ барои инсон ба пуррагӣ он гоҳ ҳосил мешавад, ки инсон касби ахлоқ ва саодати инсонӣ кунад. Ҳар кас ин фазоилро дар нафси худ ҳосил кунад ва пас аз он ба фазилати илоҳӣ машғул шавад, аз ранҷҳои табиат ва дардҳои он ва аз бадиҳои нафс ва қувваҳои он раҳоӣ меёбад [13, с.254].

Ибни Мискавайҳ дар масъалаи камолоти ахлоқии инсон тааққули назарӣ ва амалии онро сарчашмаи асосии хирадмандӣ ва соҳибназарии фард қаламдод менамояд. Ӯ дар «Таҳзиб-ул-ахлоқ» қайд кардааст, ки таҳсили камол дар ақли назарӣ танҳо ба шарти ҳосил кардани ахлоқи фозила ва камоли ақли амалӣ мумкин ва муяссар аст. Зеро, то ҳангоме ки нафс аз шаҳватҳои нафсонӣ ва тамоюлоти қувваи шаҳвия ва ғазабия пок ва тасфия нашавад, инсон ба дараҷаи камолоти маънавӣ ва ахлоқӣ ноил намешавад. Мутафаккир дар мавриди камолоти назарӣ ва амалӣ ақида ронда, камоли амалӣ ва ахлоқиро назар ба камоли назарӣ афзалият ва тарҷеҳ медиҳад.

Дар ду ибораи мазкур, ба хубӣ нигоҳи умумӣ ба камоли ахлоқӣ мушоҳида мешавад. Бинобар ин, метавон чунин қазоват кард, ки дар назари Ибни Мискавайҳ тахаллуқ ба фазоили ахлоқӣ, муқаддимае барои касби маориф ва шуҳуди ҳақоиқ аст. Ба ақидаи ӯ, таҳсили фазоили ахлоқӣ ва такомули қувваи омила саодати ниҳоии инсон нест, балки муқаддима ва марҳилае аз он саодати ниҳоӣ маҳсуб мешавад. Дар камоли олӣ, ки камоли қувваи назарии инсон аст, инсон иштиёқ ба улуми илоҳӣ ва маорифи ҳақиқӣ пайдо мекунад, ки то куҷо раъяш содиқ ва басираташ саҳеҳ ва андешааш мустақим аст. Ӯ дар илм доир ба мавҷудот пеш меравад, то он ҷо, ки ба илми илоҳӣ бирасад ва дилаш ба он ором гирад ва ҳайраташ зоил шавад, то он ҳад, ки бо он муттаҳид шавад [13, с.124]. Дар ин ҳол, ба воситаи ин ки илми ҳамаи мавҷудот дар ҷони ӯ инъикос шудааст, шоистаи унвони олами сағир ва мақоми халифаи илоҳӣ шудааст. Ба ҳамин далел, фазилати ҳикмат бар дигар фазоил чун иффат ва шуҷоат бартарӣ дорад, зеро ин фазилат марбут ба камоли қувваи назарии инсон ва саодати олӣ ва ниҳоии ӯст. Бинобар ин, Мискавайҳ ҳикматро хайри шариф медонад, хайре, ки фазилати он зотӣ аст, инсон бо доштани он ба чизи дигаре эҳтиёҷ надорад ва онро низ барои расидан ба чизи дигаре талаб намекунад [16].

Хулоса, Ибни Мискавайҳ дар таълимоти ахлоқии худ дар пайравӣ ва таъсирпазирӣ аз сарчашмаҳои юнониву исломӣ ба сурати нисбатан ҷомеъ ва мукаммал ба меҳварҳои мухталифи рушди ахлоқӣ, ба мисли омилҳо, марҳилаҳо ва шеваҳои рушду камоли ахлоқии инсон таваҷҷуҳ ва диққати зиёд зоҳир намуда, зинаҳои тадриҷии табиию иктисобии рушду камолоти ахлоқиро барои инсон хеле равшану возеҳ ва ҳаматарафа таҳлилу баррасӣ намудааст. Андешаи Ибни Мискавайҳ ба рушди минбаъдаи ахлоқ таъсири мусбат расонида, мутафаккирони баъдӣ равиши ратсионалии ӯро идома додаанд. Ба ин қатор метавон Насируддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Ҷалоиддини Давонӣ ва дигаронро шомил намуд. Масалан, «Қутбиддини Шерозӣ хоссатан таъкид мекунад, ки агар шахсе, ки дорои хислати нек набошад ва хоҳиши ба даст овардани ахлоқи некро дар сар парварад, метавонад онро бо ду роҳ ба даст биёрад: якум, тавассути тақлиди пайваста аз он амал.... Дувум он аст, ки таъсири феъли касбшуда, ки бо мушкилиҳои зиёде ба даст меояд, вале баъд аз чанд замоне ба ӯ ин кор осон мешавад» [1, с.111].

**Муқарриз:** ***Худойдодзода Ф.Б.*** **– доктори илмҳои фалсафа, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Амирхон Ш.Т. Масъалаи тағйирпазирии ахлоқ дар таълимоти Қутбиддин Шерозӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -Душанбе, 2020. -№6. – С.107-113.
2. Арасту. Ахлоқи Никомах. Тарҷумаи Муҳаммад Ҳасан Латифӣ. –Теҳрон, 1378. -414 с.
3. Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Мискавайҳ. Ҷовидон хирад. Тарҷумаи Тақиуддин Муҳаммади Шуштарӣ. Тасҳеҳи Беҳрӯзи Сарватиён. -Теҳрон: Фарҳангии Ковиш,1378. -436с.
4. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ .-Теҳрон, 1383. -Ҷ.6. -752 с.
5. Ибни Мискавайҳ. Тартиб-ус-саодат. Ҳошияи Макорим-ул-ахлоқи Табрисӣ. –Теҳрон, 1314.
6. Ибни Мискавайҳи Розӣ. Таҳзиб-ул-ахлоқ. Тарҷума ва тавзеҳи Алӣ Асғари Ҳалабӣ. -Теҳрон: Асотир, 1381. -325с.
7. Мир Муҳаммад Шариф. Таърихи фалсафа дар ислом.
8. Мискавайҳи Розӣ Аҳмад ибни Муҳаммад. Алфавз-ул-асғар. –Қум, 1388.
9. Мискавайҳи Розӣ. Тартиб-ус-саодат ва манозил-ул-улум. Тасҳеҳи Абулқосим Имомӣ. –Теҳрон, 1380.
10. Моҷид Фахрӣ. Сайри фалсафа дар ҷаҳони ислом. Тарҷумаи форсӣ зери назари Насруллоҳи Пурҷавводӣ. –Теҳрон, 1389.
11. Муҳаммадраҳим Исоев. Ҳикмати амалии Мискавайҳ. –Душанбе, 2003. 176 с.
12. Милани К. ва Ҷудит С. Рушди ахлоқӣ. Китоби роҳнамо. Тарҷумаи Муҳаммад Ризо Ҷаҳонгирзода ва дигарон. –Қум, 1379.
13. Пироями ҷон. Тарҷумаи «Таҳзиб-ул-ахлоқ ва татҳир-ул-аъроқ»-и Ибни Мискавайҳ. Тарҷума, шарҳ ва тавзеҳоти Ҳусайн Қадимӣ. –Қум, 1398. 328с.
14. Сайид Ҳусайн Наср. Таърихи фалсафаи исломӣ. Ҷилди 1. Фасли 18. Теҳрон: Ҳикмат, 1383ш./1425қ. -491с.
15. Хазоӣ Зуҳро. Ахлоқи фазилат ва ахлоқи динӣ. Пажӯҳишномаи ахлоқ.-№1. –Теҳрон, 1378.
16. Файзи Кошонӣ Мулломуҳсин. Ал-ҳақоиқ фи маҳосинил ахлоқ. -Қум 1421.
17. Фörобӣ Абӯнаср. Алфусул-ул-мунтазиъа. –Бейрут, 1346.



**ТАҒЙИРПАЗИРИИ АХЛОҚ АЗ НАЗАРИ ИБНИ МИСКАВАЙҲ**

Дар мақола афкору андешаҳои Ибни Мискавайҳ доир ба рушди ахлоқ ва тағйирпазирии он дар асоси сарчашмаҳо ва бо истифода аз равиши таҳлилию тавсифӣ ва диалектикию муқоисавӣ мавриди таҳқиқу пажӯҳиш қарор гирифтаанд. Муаллиф таъкид менамояд, ки рушди ахлоқии инсон, тағйирпазирӣ ё қобили тағйир набудани он, яке аз муҳимтарин мавзӯъҳо дар таълимоти ахлоқӣ ба ҳисоб рафта, ин масъала таваҷҷуҳи мутафаккиронро ба худ ҷалб карда, боиси баҳсҳои зиёд гардидааст. Мутафаккирону ахлоқпажӯҳон оид ба ин масъала ихтилофи назар дошта, баъзе онро зотию тағйирнопазир ва баъзе иктисобию тағйирпазир донистаанд, ки ин масъала то андозае дар таҳқиқоти мазкур равшан карда шудааст. Ибни Мискавайҳ аз зумраи мутафаккиронест, ки тағйирпазирии ахлоқ ва иктисобӣ будани онро эътироф намуда, дар таълимоти ахлоқии худ якчанд усулу шеваҳо ва равишҳоеро барои рушди ахлоқии инсон пешбинӣ карда, онҳоро омили тағйирпазирии ахлоқ ва рушду камолоти он ҳисобидааст. Мутафаккир дар асари худ «Таҳзиб-ул-ахлоқ» ин масъаларо ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор дода, ба равишҳои мухталифи ислоҳи хулқи инсонӣ ишора кардаст. Инчунин, дар мақола тарҳи мавзӯъҳои мухталифи илми ахлоқ, ба монанди имкон, омилҳо, шеваҳо ва марҳилаҳои рушди ахлоқии инсон, рушдёбӣ ва тағйирпазирии он аз диди Ибни Мискавайҳ ошкор ва таҳлилу баррасӣ ёфтаанд.Муаллиф дар асоси таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши ҳаматарафаи мавзӯъ чунин натиҷагирӣ ва хулоса менамояд, ки Ибни Мискавайҳ таълими илм ва касби онро ғизои рӯҳи инсон дониста, нақши хирад ва илму андешаро дар касби ахлоқи ҳамида ва расидан ба камолоти маънавӣ ва мартабаи олии инсонӣ муҳимму зарур меҳисобад. Ба андешаи мутафаккир, хулқу амалҳои инсон фитриву тағйирнопазир набуда, балки иктисобиву тағйирпазир мебошанд, бинобар ин, инсон барои касби ахлоқи фозила ва рушду камолоти он ба таълиму тарбия, омӯзишу парвариш ниёз дорад.



**Калидвожаҳо:** ахлоқ, рушдёбии ахлоқӣ, тағйирпазирии ахлоқ, омилҳои рушди ахлоқӣ, фазилат, разилат, инсони саодатманд, камолоти ахлоқӣ, ҳикмат, олами сағир, олами кабир, таҳзиби ахлоқ, ақли назарӣ, ақли амалӣ, ҳикмати амалӣ, ҳикмати назарӣ, мутафаккир, хайр, шарр, хирад.



**ИЗМЕНЧИВОСТЬ МОРАЛИ, С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ ИБН МИСКАВЕЙХА**

В статье, на основе источников и с использованием аналитических, описательных, диалектических и сравнительных методов, исследуются взгляды Ибн Мискавейха на развитие нравственности и ее вариативность. Автор подчеркивает, что развитие человеческой морали, ее гибкость или неизменность – как одна из важнейших тем в нравственном воспитании, всегда привлекало внимание мыслителей и вызвало много споров. В статье отмечается, что среди мыслителей относительно морали существует разногласие: некоторые считают её субстанциональной и неизменной, а некоторые – приобретаемой и изменчивой, что было разъяснено в этом исследовании.Ибн Мискавайх был одним из мыслителей, признавших изменчивость морали и её приобретаемость, он в своих моральных учениях предложил ряд методов и принципов морального развития человека, которые считал фактором изменчивости морали и нравственности. В своем произведении «Тахзиб-уль-Ахлак» мыслитель подробно рассматривает этот вопрос и указывает на различные подходы к реформированию человеческого поведения. В статье также раскрываются и анализируются различные темы этической науки, такие как перспективы, факторы, методы и этапы нравственного развития человека, её развитие и изменчивость, с точки зрения Ибн Мискавейха.Основываясь на всестороннем анализе и изучении

предмета, автор приходит к выводу, что Ибн Мискавейх считал преподавание и приобретение науки питанием человеческой души, а также отмечал важную роль мудрости и науки в обретении нравственности, духовной зрелости и достижении человеческого совершенства. По мнению мыслителя, человеческое поведение не является врожденным и неизменным, а является приобретаемым и изменчивым, поэтому для обретения добродетельной морали, ее развития и совершенствования человеку необходимо образование, обучение и воспитание.

**Ключевые слова**: мораль, нравственное развитие, нравственная изменчивость, факторы нравственного развития, добродетель, мерзость, счастливый человек, нравственная зрелость, мудрость, микрокосмос, макрокосмос, очищение нрава, теоретический разум, практический разум, практическая мудрость, теоретическая мудрость, доброта, зло, рассудок.

**THE VOLATILITY OF MORALITY FROM THE POINT OF VIEW OF IBN MISKAWAYH**

The article, based on sources and using analytical, descriptive, dialectical and comparative approaches, examines the views of Ibn Miskaveykh on the development of morality and its variability. The author emphasizes that the development of human morality, its flexibility or immutability, as one of the most important topics in moral education, has always attracted the attention of thinkers and caused a lot of controversy. The article notes that there is disagreement among thinkers regarding morality: some consider it substantial and unchanging, and some consider it acquired and changeable unchanged, which was somewhat explained in this study. Ibn Miskawayh was one of the thinkers who recognized the variability of morality and its acquisition, in his moral teachings he proposed a number of methods and principles of human moral development, which he considered a factor in the variability of morality and ethics. In his work Tahzib-ul-Ahlak, the thinker examines this issue in detail and points to various approaches to reforming human behavior. The article also reveals and analyzes various topics of ethical science, such as perspectives, factors, methods and stages of human moral development, its development and variability from the point of view of Ibn Miskaveikh. Based on a comprehensive analysis and study of the subject, the author concludes that Ibn Miskawayh considered the teaching and acquisition of science to be the nourishment of the human soul, and also noted the important role of wisdom and science in acquiring morality, spiritual maturity and achieving human perfection. According to the thinker, human behavior is not innate and unchanging, but is probable and changeable, therefore, in order to acquire virtuous morality, its development and improvement, a person needs education, training and upbringing.

**Keywords:** morality, moral development, moral variability, factors of moral development, virtue, abomination, happy person, moral maturity, wisdom, microcosm, macrocosm, purification of disposition, theoretical reason, practical reason, practical wisdom, theoretical wisdom, kindness, evil, reason.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатов Пулодҷон Нуралиевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илми фалсафа, дотсени кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоӣ. **Суроға:** 734052, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **935424291**

**Сведения об авторе:** ***Давлатов Пулодджон Нуралиевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат философских наук, доцент кафедры истории философии и социальной философии. **Адрес:** 734052, РеспубликаТаджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Тел.: 935424291

**Information about the author*: Davlatov Pulodjon Nuralievich*** - Tajik National University, Candidate of Philosophical Sciences, Associate Professor of the Department of History of Philosophy and Social Philosophy. **Address:** 734052, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Tel .: **935424291**

УДК: 297

# МУЛОҲИЗАЕ ДАР БОРАИ ТАСАВВУФ ВА РОҲИ ИРФОНӢ

*Каримов А.А.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Тасаввуф ҳамчун муҳимтарин унсури дини ислом ҳамчун таркиби рӯҳонии фарҳанги исломӣ, ҳамчун як ташкилоти иҷтимоию сиёсӣ, ҳамчун ҳаракати ирфонию зоҳидона, ҳамчун амалияи рӯҳонӣ, ҳамчун ҷаҳонбинии ирфонӣ ва дарки олам, ҳамчун услуби хоссаи рафтор ва худмуаррифӣ ва ғайра омӯхта мешавад. «Тасаввуф танҳо як ҷараён ё мактаби назарияи фалсафӣ нест, балки як ташкилоти ҷамъиятӣ аст. Ин бахши амали тасаввуфро ташкил медиҳад» [11, с.294].

Рушди тасаввуф як навъи ташаккули *ростхата* набуда, ҷараёнҳои мухталиф дар ҳалли масъалаҳои хусусияти мобаъдуттабиӣ ва назарияи дониш (типологияи дониш, манбаъҳо ва ҳудуди маърифат) дар он ҳамҷоя мебошанд.

Дарки моҳият ва табиати тасаввуфи исломӣ (таълимоти ирфонии «Роҳ» (тариқ), ки барои расидан ба ҳастии транссенденталӣ боис мегардад) масъалаи нав ба ҳисоб намеравад. Азбаски он ба мавзӯъҳои пайдоиши тасаввуф ва сарчашмаи ғояҳо, баҳрамандиҳо, консенпсия ва мафҳумҳои калидии он алоқаманд аст, ин ҷанбаи масъала қарнҳо аз ҷониби муҳаққиқони хориҷӣ ва ватанӣ корбаст мегардад.

Барои халли масоили муайян намудани сабабҳои пайдоиши ҷараёни ирфонӣ дар ислом ва табдили он ба тасаввуфи фалсафӣ, ошкор кардани таҳаввули онтологии тасаввуф дар адабиёти давраҳои ибтидоӣ ва ҳам классикии ислом, оид ба масъалаҳои динӣ ва фалсафӣ асарҳои агиографӣ, асарҳои аслии сӯфӣ- мутафаккирон ва асарҳои намояндагони дигар ҷанбаҳои ислом мерос мондааст. Чуноне академик К.Олимов таъкид менамояд: «Фарҳанги исломӣ аз бисёр ҷиҳат ба Искандария, ки дар он ба ҳам пайвастани «маънавиёт, дин ва фалсафаи Шарқу Ғарб» сурат гирифтааст, сипосгузор мебошад. Маҳз аз ин ҷо ба ирфони исломӣ ғояҳои Плотин, Филон, Прокл роҳ ёфта, таълимоти онтологӣ ва гносеологии фалсафаи тасаввуфро ғанӣ карданд» [7, с.43].

Муаллифони зерин дар роҳи инкишофи ирфони назарӣ ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок, таҳқиқоти арзишманде намудаанд, ки бархе аз онҳоро метавон номбар намуд: Муаядуддин Ҷандӣ [ваф. 691/1291 м.] Шарҳи «Фусус-ул- ҳикам»-и Ибни Арабӣ; Саъидуддин Фарғонӣ[ваф. 700/1300 м.] «Шарҳи қасидаи Ибн ал-Фориз ат-Тоия», «Машориқу-д-дарори»; Фахриддини Ироқӣ [ваф. 688/1289 м.] «Ламаъот»; «Аз-Зуҳд ва васф аз-зоҳидин»-и Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Зиёд ибни Бишр, «Аз-Зӯҳд»–и Аҳмад ибни Ҳанбал, «Руъёт Аллоҳ»-и ад-Даракутнӣ, «Расоил -ал-мустаршидин»-и ал-Ҳорис ал-Муҳосибӣ, «Ар-Расоил»-и ал-Ҷунайд, Афифуддин Талмасонӣ [ваф. 690/1290м.] ташреҳи «Манозил-ус-соирин»-и Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ; Мулло Абдурраззоқи Кошонӣ [ваф. 735 / 1334 м.] «Тафсири таъвилот», Шайх Довуди Қайсарӣ [ваф.751/1350 м.] «Шарҳи Фусус-ул-ҳикам»; Абӯҳомид Муҳаммад Тарка Исфаҳонӣ [асри VIII/XIV] «Қавоъид ат-тавҳид»; Сайид Ҳайдар Омилӣ [ваф.783/1381 м.] аз шогирдони Ҳайдари Омулӣ «Ҷомеъ-ул-асрор», «ал-Муҳит ал-аъзам», «Нас-ул-нусус» «Шарҳи китоби Ибни Арабӣ «Фусус-ул- ҳикам»; Соинуддин Алӣ ибни Муҳаммад Тарка Исфаҳонӣ [ваф. 835 / 1431 м.] – «Шарҳи «Фусус-ул-ҳикам» ва «Тамҳид-ул- қавоид»; Муҳаммад ибн Ҳамза Фанорӣ [ваф. 834/1430 м.] – «Мисбоҳ-ул-унс», ки дар шарҳи китоби Садриддини Қунавӣ – «Мифтоҳ-ул-ғайб» навишта шудааст; Абдураҳмони Ҷомӣ [ваф. 898/1492 м.] – «Накд-ун-нусус», «ал-Лавоеҳ», «ал-Лавомеъ», «Ашиъ-ал-лумаъот» ва «Шарҳи «Фусус-ул-

ҳикам»; Мулло Садро [979 ҳ. [1574 м. ваф. 1045 [1635 м. 1050 [1640 м.] – «ал- Ҳикмат ал-мутаъолия фи-л-асфар ал-ақлия ал-арбаъат», «Шавоҳид ар-рубубия», «Машоъир», Аршия», «Қаср-ул- асном ал-ҷоҳилия», «Рисалоти се асл», «Шарҳи «Усули кофӣ» ва «Шарҳи Қуръон»; Ҷалолиддин Румӣ «Маснавии маънавӣ», «Фиҳи мо фиҳи».

Инчунин, осори гаронбаҳое дар таълифоти давраи классикии ислом, аз қабили «Ас-Суфийя ва ал-фуқаро», «Маҷмӯъот ар-расоил ал-кубро», «Талбис Иблис»-и Ибни Таймийӣ, «Муқаддима»-и Ибни Халдун, Садриддин Муҳаммад ибни Қунавӣ «Мифтоҳ-ул-ғайб», «Расоил-ун-нусус», «Мифтоҳ мафотеҳ»; «Фусус-ул-ҳикам»-и Ибни Арабӣ, «Китоб-ул-фукук», «Нафаҳот-ул-илоҳия», «Шарҳ-ул-ҳадис», «Тафсири «Фотиҳа» ва ё «Эъҷоз-ул-баён» мавҷуданд, ки фарогири мубоҳисаи мутафаккирони сӯфӣ мебошанд.

Дар шинохт ва таҳқиқи тасаввуфи Хуросон асарҳои Калободӣ «ат-Таарруф», Мустамлии Бухороӣ «Шарҳи Китоб-ут-таарруф ли мазҳаб-ит –таарруф», Абдурраҳмони Сулламӣ «Табақот-ус-сӯфия» ва «Маломатия», Қушайрӣ «Рисола», Ҷуллобии Ҳуҷвирӣ «Кашф-ул-маҳҷуб», Абӯ Саид Абулхайр «Асрор-ут-тавҳид», Абдуллоҳи Ансорӣ «Табақот-ус-сӯфия», «Манозил-ус-соирин», «Сад майдон», Аббодӣ «Ат-тасфия фӣ аҳвол-ал-мутасаввифа» дорои аҳамияти аввалиндараҷа мебошанд.

Дар бораи тасаввуфи ислом, тӯли садсолаҳо (бахусус, дар ду қарни охир), аз ҷониби олимони файласуф ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ миқдори зиёди корҳои илмӣ навишта шудаанд.

Оид ба таҳқиқи мероси ирфонии халқи мо, бавижа дар таҳқиқи тасаввуф ховаршиносони Аврупо Р.Николсон, А.Арберри, Э.Браун, Ҷ.Гременгем, Х.Этте, Ян Рипка, Серж де Буркуй, Бо Утас, олимони рус Кримский, Жуковский, Бертелс; олимони Эрон, Туркия, Афғонистон Саид Нафисӣ, Абдулҳусайни Зарринкӯб, Забеҳулло Сафо, Шиблии Нуъмонӣ, Қосим Ғанӣ, Фурӯзонфар, Лутфалии Суратгар, Назир Аҳмад, Гулпинорлӣ, Халилуллоҳи Халилӣ, Салоҳуддини Салҷуқӣ, Моили Ҳиравӣ, Табибӣ; олимони Россия Степанянс М.Т., Смирнов А.В., Кирабаев Н.С., Хисматуллин Н.С., муҳаққиқони Озарбойҷон Қулизода З., Рза-кулизода, М.Исмоилов, олимони Ӯзбекистон Хайруллоев М.М., О. Усмонов, Н. Файзуллоев таълифоти арзишманде намудаанд.

Таҳқиқи масоили тасаввуф дар Тоҷикистон аз китоби «Очеркҳо оид ба таърихи фалсафаи тоҷик»-и А.Баҳоваддинов шурӯъ шуд. Сипас, афкори намояндагони бузурги тасаввуфи тоҷик – Ҷалолуддини Румӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Абулмаҷди Саноӣ, Фаридуддини Аттор, Абдулқодири Бедил аз ҷониби файласуфон – Н.Одилов, М.Раҷабов, К.Олимов, А.Муҳаммадхоҷаев, М.Ҳазратқулов, Ё.Одинаев, А.Қурбонмамадов, Б.Исматов, Х.Зиёев, И.Ғ.Зиёзода, Н.Содиқова, М.Муҳаммадҷонова, А.Шамолов, М.Шамсов ва дигарон таҳқиқ шуданд.

Дар ин замина имконияти таҳқиқи мактабҳои тасаввуфи Хуросон, нақшбандия, мавлавия, ишроқ ба вуҷуд омаданд. Рисолаи М.Ҳазратқулов «Тасаввуф», ки соли 1988 ба табъ расида буд, асари дуҷилдаи И. Зиёзода «Тасаввуф», ки соли 2016 ба нашр расид, асари монографии академик К.Олимов «Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-XII» иқдоме дар таҳқиқи ҷамъбастии таълимоти тасаввуф мебошанд.

Дар бораи тасаввуфи ислом, тӯли садсолаҳо (бавижа, дар ду қарни охир), аз ҷониби олимони файласуф ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ миқдори зиёди корҳои илмӣ навишта шудаанд. Ҳатто пажӯҳиши адабиёти зиёд оид ба тасаввуф хеле мураккаб ва падидаи бисёрҷабҳаи фарҳанги исломӣ буда, барои мутахассис ҳам кори саҳл нест. Сарфи назар аз фарқияти аҳдофи мушаххаси тадқиқотӣ, омӯзиши ҷанбаи махсуси тасаввуф – онтологияи он, моҳияти ташаккул ва ҳадафҳои тасаввуф бояд равшан

пешниҳод гардад. Ин чунин маъно дорад, ки муҳаққиқ, бояд, дониши сарчашмаҳои пайдоиши рушди анъанаи тасаввуфро дар ислом дошта бошад. Яъне, аз чаҳорчӯбаи маҳдуди омӯзиши ислом– ба минтақаи шарқии муқоисаи тасаввуф бо зуҳуроти ба ҳам монанди фарҳангҳои дигар берун бояд.

«Ин омӯзиш ногузир аст, – мегӯяд файласуфи англис Мартин Лингс•,– зеро, аз рӯйи анъана, суфизмро ҳамчун як шакли ирфон баррасӣ мекарданд» [5,12-22]. Ба қавли нависандаи шотландӣ Уилям Стоддарт тасаввуф чун падидаи универсалии ҳаёти маънавӣ ё падидае, ки ба таври гуногун дар фарҳангҳо ва динҳо зоҳир мешавад, маънидод мегардад [10, с.45]. Мувофиқи чунин равиши универсалӣ, мазмуни имони мушаххас ё таълимоте, ки сӯфиён онро ба худ қабул кардаанд, баҳрамандии фарҳангҳои мухталиф, дар ин таҷрибаи ирфонӣ мебошад [13,42] ва онҳо як мақсад доранд – ваҳдат бо Мутлақ [12,27], сӯзи ботинии трансперсоналӣ: мулоқоти бевосита, ваҳдат ё ваҳдати Худо, бо Мутлақи ғайришахс ё навъи дигари нахустмабдаи ҳастӣ [1, с.23].

Мавҷудияти заминаи умумии ҳама анъанаҳои ирфонии тасаввуф, дар муносибати ғайриинтиқодии аксари олимон, ҳоло ҳам ҳамчун нуктаи ибтидоӣ хидмат мекунад.

Мунтаҳои асосии ирфони исломиро ирфони назарӣ бозгӯ мекунад, зеро он самараи маърифати шуҳудӣ аст ва он масъалаҳои маърифати Худо, номҳо, афъол ва атрибути Ӯро дар бар мегирад. Дар шинохти ирфони исломӣ муҳаққиқон байни ду шоха – амалӣ (илми тариқат, илми сулук, илми тасаввуф, илми муомилоти қалбӣ, илми охират) ва ирфони назарӣ (илми ҳақиқат, илми ҳақоиқ, илми мукошафа, илми мушоҳада ва ғ.) тафриқа гузоштаанд. Дар тариқи шинохти Ҳақ он душвориҳое, ки солик дар ҳаёти амалии хеш бар дӯш мегирад, ҳамчун маҷмӯи муқаррароти ирфони амалӣ ва он чи дар марҳалаҳои фано ва бақо сабаби дарки асрори ҳастӣ мешавад, натиҷаи мушоҳидаи ирфони назарӣ доништа мешавад.

Ҳадафи сайри солик дар ҳафт зина расидан ба ҳақиқати мутлақ ё худ ба воқеияти низоми ҳастӣ, яъне илми яқин ва ҳаққуляқин мебошад, ки он асоси илмии ирфони назариро ташкил медиҳад.

Ҳарчанд дар асрҳои миёнаи Шарқ ирфон дар шакли тасаввуф зоҳир шуд, аммо дар замони ибтидои ислом ва фалсафаи тасаввуф афкори мухталифе байни ҷараёнҳои ирфонӣ ва зоҳидона (зуҳд) вуҷуд дошт. Ҳаёти зоҳидона, ба таври умум, олами куллро намепарварад ва муносибати бетарафонаро ба ҳаёти ҷамъиятӣ ифода мекунад. Ҳол он ки ҷаҳонбинии ирфонӣ, ки бар каломи Худо асос ёфтааст, зарурати муҳаббат ба олами куллро ҳамчун макони «зуҳури» Худо манзур медорад ва ба туфайли он имконияти баромадан аз интиҳо ба абадият, яъне рахна ба транссендент муяссар мешавад. Ислом ҷонибдори тавҳид буда, транссенденсияи ҳастии илоҳиро таъкид мекунад. Ба назари мо, мавҷуд набудани таҳқиқоти комили асосҳои онтологии тасаввуф дар омӯзиши таърихи тасаввуф ва консепсияҳои тасаввуфӣ, дар аснои ҷустуҷӯи посухҳо ба саволҳои моҳияти тасаввуф ва давраи ташаккулёбии таърихии он, сабаби бартарии редуксионизм [гузариш аз мураккаб ба сода] гардидааст.

---

• Мартин Лингс (24.01.1909 – 12.05. 2005), инчунин бо номи Абӯ Бакр Сироҷ ад-Дин маъруф буда, нависанда, олим ва файласуфи англис буд. Ӯ ҳамчун муаллифи китоби “Муҳаммад:Ҳаёти ӯ бар асоси сарчашмаҳои аввалия” шинохта шудааст. Ин китоб соли 1983 бори аввал нашр ва то ҳол дар чоп аст. Вай ба фарҳанги исломӣ таваҷҷуҳи доимӣ дошта, ба ҳаракати ирфонии тасаввуф шарҳҳои амиқ навишта,ба бисёр паҳлуҳое тасаввуф, ки дар асоси таҷрибаи тӯлониаш ба даст омадаанд, ба суолҳои - Суфизм чист? Суфиён ба чӣ эътиқод доранд? Онҳо чӣ кор мекунанд? ҷавоби равшан медиҳад.

Аммо мурочиат ба омӯзиши таҳаввулоти тасаввуф, дар самти таълимоти динию фалсафӣ, дар иртиботи мустақим бо илоҳиёт, баррасии тасаввуф дар муқоиса бо дигар шаклҳои ирфонӣ, метавонад хатар эҷод кунад. Аз ин рӯ, рушди тасаввуф ҳамчун таълимоти динӣ ва фалсафӣ, дар иртиботи мустақим бо илоҳиёт, тавассути ҷараёни бисёрзинагии иттисоли тадриҷии зоҳид ба асрори воқеияти олиэҳсос, ё Худо, муҳаққиқонро маҷбур месозад, ки дар ин таъсирот ибодат ва таълимоти ирфонии ақлгароро (ратсионалӣ) пеша намоянд. Зеро кӯшиши ба даст овардани ваҳдати Худо (ё Ҳақиқати мутлақ ё олиэҳсос) метавонад ба таблиғгари «худдорӣ аз ҳаёти маишию иҷтимоӣ» ва дигар шаклҳои «ҷудоӣ аз ҳаёти индунёӣ» (зуҳд) асос гардад. Он хосси давраи аввали пайдоиши тасаввуф буда, арзиши он дар анъанаи тасаввуф ҳеҷ гоҳ зери шубҳа гузошта нашудааст – чуноне дар дини масеҳӣ ба умумияти *табиати* илоҳӣ ва инсонӣ такя намуда, ба *ваҳдат* расидан ва ё ба монанди дини ҳиндуҳо ва буддоӣ ба тариқи пурра несту нобуд сохтани шахсият ва бозгашт ба ваҳдати аслии номутаносиб, ё мухолифат бо афкори трансенденсияи мутлақи Худо дар дини ислом, чуноне дар баъзе оятҳои Қуръон оварда шудааст:

«Чизе монанди Ӯ нест» [Қуръон 4, 42: 11] ё «Ва ҳеҷ кас Ӯро ҳамто нест» [Қуръон 4, 112: 4]. Сониян, як қатор оятҳои Қуръони карим, ба монанди: «Худо бар ҳеҷ кас ҷуз ба андозаи тавоноияш воҷиб намекунад [Қуръон 4, 2: 286, К.]. «Вай... бар шумо дар дин ҳеҷ тангӣ насохт» [Қуръон 4, 22:78].

Ба андешаи мо, таълимоти аслии маърифати ирфониро, ҳамчун муколамаи байни Худо ва инсон, ба тарзи дигар, на чун асосҳои онтологии анъанавии фалсафаи мухталиф ба риштаи пажӯҳиш кашидан мантиқӣ хоҳад буд. Тибқи ин равиш, таълимоти ирфонӣ-зоҳидонаи ибтидои ислом (зуҳд) ва таълимоти тасаввуф, ки ҳамчун як тамоюли пешрафтаи мазҳабӣ ва фалсафии ислом қабул шудааст, на танҳо аз ҷиҳати генетикӣ иртибот доранд (ки ба таври умум эътироф шудааст), балки инчунин аз ҷиҳати сохтори умумӣ, дар ҳалли як қатор масъалаҳои умумӣ, дар асоси мантиқ муттаҳид карда шудаанд.

Ин мушкилот ҳангоми худтаҳлилкунии рӯҳӣ (рефлексия) бар таълимоти ислом дар бораи *тавҳид* ба вуҷуд омадааст. Тасдиқи транссенденталӣ ва ваҳдати мутлақи Худо, дар навбати аввал, масъалаи алоқаи Мутлақ бо ҳастӣ, дувум, масъалаи шинохта шудани нахустмабдаи ҳастиро ба миён меорад. Ҳарчанд ҳар як насли нави сӯфиён ғояҳои асосии суфизмро ба таври худ, аз нав дида баромадаанд, ҳамеша бо осору таълимоти пешиниён робита доштанд.

Сӯфиёни ислом Паёмбарро (Муҳаммад с.) намунаи барҷастаи инсоният мешуморанд ва ӯро Инсони комил меноманд, ки ҳама анбиёву авлиё тобеи ӯ мебошанд. Дар китоби «Инсони комил» -и Абд ал-Карим Ҷалилӣ ва монографияи «Инсони Комил»-и Азиз Насафӣ асосҳои эътиқоди сӯфиён ва мақоми инсони комил ба таври муфассал шарҳу эзоҳ дода шудаанд. Инсони комил дар байни сӯфиён то андозае «марди аввал»-и Монӣ ва «Одам-Кадмон»-и яҳудиён ро ба ёд меоварад.

Ҷонсӯзӣ дар сайру сулук сӯфиёнро водор сохт, ки бо асрори рӯҳии инсон ошно шаванд ва дар ин робита фалсафаи тасаввуф ба мушоҳидаҳои муҳимми равонӣ асос ёфтааст. «Зоҳиран тасаввуфро вай (Абӯсаиди Абулхайр-А.К.) зистанӣ медонистааст ва таҷриба карданӣ, на гуфтанӣ ва васф карданӣ» [2, с.59].

Дар таълимоти тасаввуф оид ба мақому ҳол ва фарқиятҳои байни онҳо таҳқиқоти аҷибе анҷом ёфтаанд. Ҳангоми муайян кардани ҳол (ҳолат) онҳо мегӯянд, ки ин *талқини муқаддасест*, ки аз ҷониби Ҳақ ба солик меояд ва он на тӯлонист. Чуноне

файласуф И.Зиёзода зикр менамояд: «Ҳол дар тасаввуф воридест, ки ба дили солик бидуни ихтиёр ва бе касб ба сабаби тоот ва зикри аврод фуруд меояд; аҳволи рӯҳонӣ ва ваҷду шӯри маънавии солики ошиқ аз таҷаллиёти Ҳақ» [3, с.382].

Мақом яке аз дараҷаҳо дар роҳи дарк (сулук) аст, ки тавассути кӯшишу ғайрат ва талоши солик он ба даст оварда мешавад.Чуноне Азизаддин Насафӣ♦ мегӯяд: «Бидон ки сулук иборат аз сайр аст ва сайр ила Аллоҳ (Ба Худо) бошад ва сайр фи Аллоҳ (дар Худо) бошад. Сайри илаллоҳ ниҳоят дорад, аммо сайри фи Аллоҳ ниҳоят надорад ва сайри илаллоҳ иборат аз он аст, ки солик чандон сайр кунад, ки аз ҳастии худ нест шавад ва ба ҳастии Худо ҳаст шавад ва ба Худо зинда ва доно ва бино ва шунаво ва гӯё гардад» [6, с.14].

Албатта, ҳол (ба ақидаи сӯфиён, ба дили солик аз ҷониби Ҳақ (Худо) фиристода шудааст) ба он оварда мерасонад, ки вай тадриҷан таҳти таъсири ҳолатҳои зуд-зуд тағйирёбанда аз мақоми поёнӣ ба мақоми баландтар мегузарад. Аммо чизе ки ба худи солик вогузор шудааст ва аз талошҳо ва дастовардҳои ӯ вобаста аст, роҳи ӯ аз як мақом ба мақоми дигар буда, шумора ва ҷобаҷогузории онҳо аз ҷониби шайхҳои мухталиф гуногун арзёбӣ мегардад. Ин мақомҳо, ки аксар вақт дар адабиёти тасаввуф зикр мешаванд, мақомҳои ҷамъ (васл,иттисол) ва тафриқ мебошанд. Ҷамъ марҳилаи роҳи ирфонист, ки дар он ориф тамоми Офаринишро дар партави Зоти Ҳақ дидааст ва ҳеҷ як мавҷуд ба ҷуз ҳастии Ҳақиқат ба назари ӯ намерасад. Мувофиқи ин ақида, ҳар чи мансуб ба солик бошад, тафриқа ва ҳар чи аз тарафи Худованд бошад, ҷамъ мебошад.

Албатта, чунин тафриқе, ки ба инсони комил дахл дорад, ба ақидаи сӯфиён, аз он тафриқи хосси одамони паси пардаи дониши ирфонӣ монда фарқ мекунад. Тафриқи хоси шайхҳо шарти ҳатмии ҳузури ҳиссиёти ҷисмонӣ аст, ба мисли тавҳид (ҷамъ) ва ҷудошавӣ (тафрик), ки дар он парешон шудани рӯҳ (ҳулул) шарти зарурӣ аст. «Ин ду асл (ҷамъ ва фарқ) аз ҳам мустағнӣ нестанд, чун яке гуфта шуд, дигаре ҳам дар пайи он меояд. Агар касе бигӯяд тафриқа бидуни ҷамъ Худойро инкор кардааст ва агар касе бигӯяд ҷамъ бе тафриқа неруи Худойро нодида гирифтааст ҳар гоҳ бо ҳам он дуро оварад, тавҳидро дарёфтааст» [3, с.386].

Равобити ҷудогона ва истисноӣ ба ҳарду мақом (ҷамъ ва тафриқа), ба ақидаи сӯфиён, ба таври муътадил эътироф карда шудааст ва аксари шайхҳо муттаҳид сохтани ин ду мақомро ҷонибдорӣ кардаанд. Он шайхҳо, ки муттаҳид сохтани ин ду мақомро ҷонибдорӣ мекунанд ва дар ҳолати зарурӣ тибқи шароити ҳар кадоми онҳо амал мекунанд, «соҳибони ду чашм» (зу-л-айнайн) номида мешаванд. Ва аксари пайравони тариқат, ки таълимдиҳанда, пир ва соҳибони хонақоҳҳо буданд, ба ин гурӯҳ мансуб буданд.

Бар иловаи мақоми ҷамъ, боз як мақоми «ҷамъи мураккаб» (ҷамъ ал-ҷамъ) мавҷуд аст ва онҳо мегӯянд, ки ин мақом пурра ҳулул шудан дар мақоми фано (иттиҳод) мебошад. Касе, ки ба ин макон расидааст, *ҷамъ* наметавонад аз офариниш ҷудо созад ва *тафриқа* ҳам наметавонад ӯро аз ҳулул ба Ҳақ боздорад.

«Барои сӯфӣ мусалмон будан шарт нест, мегӯяд Ошо♦,- сӯфӣ дар ҳама ҷо, дар ҳама гуна шароит вуҷуд дошта метавонад, зеро моҳияти аслии ҳама динҳо дар ғайб аст. Он ба Ислом ҳеҷ иртиботе надорад. Суфизм бе ислом вуҷуд дошта метавонад, аммо ислом бе тасаввуф вуҷуд дошта наметавонад. Агар дар олам ягон дин мавҷуд бошад, пас

---

♦ Шайх Абдулазиз ибни Муҳаммад Насафӣ (Нахшабӣ, с.ваф.616 ҳиҷрӣ) аз орифони бузурги қарни VII – уми ҳиҷрӣ, муриди Шайх Саъдаддини Ҳамавӣ

♦ Бхагван Шри Раҷниш (с.т.1931.Ошо; номи аввалааш – Чандра Мохан Ҷеин) –устоди маънавии ҳиндуҳо, нависандаи жанри адабиёти равонӣ ва эзотерика.

танҳо ба шарофати тасаввуф аст. Тасаввуф як саргузашти муҳаббат бо Худост. Сӯфӣ шахсе аст, ки метавонад дар тамомият ҳулул гардад ва куллро ба қалби худ ҷо кунад» [8, с.6]. Ба андешаи Ошо, гӯё тасаввуф ҳеҷ гуна расмиятро намедонад. Он танҳо ба ягон догма, таълимот, эътиқод ё калисо маҳдуд намешавад. Исои Масеҳ ҳамчун Муҳаммад сӯфӣ мебошад. Кришна ҳамчун Буддо сӯфӣ аст. Дар муносибат бо Худо ин ҷо танҳо номҳо гуногунанд. Ин муносибат хатарнок аст. Онҳо хатарноканд, зеро ҳар қадаре ки шумо ба Худо наздик шавед, ҳамон қадар нопадид мешавед. Вақте ки шумо ба ҳақиқат наздик мешавед, шумо тамоман дар он ҷо нестед. Ин хатарнок аст, зеро он худфанокунист... аммо чунин фано зебост. Ҳулул дар Худо роҳи ягонаи воқеии зиндагист [8, с.7].

Бояд таъкид намуд, ки ин андешаҳои Ошо баҳсталабанд, зеро фано дар таълимоти тасаввуф монанди нирванаи дини буддоҳо ва ҳиндуҳо нест. Нирвана, воқеан, марҳилаи ниҳоии ивазкунии шаклҳо аст ва ба андешаи сӯфиёнаи ҳастии Худо ҳеҷ иртиботе надорад. Ҳамчунин, бо вуҷуди он ки шабеҳи афкори нопадид шудан дар Худо [фано] дар байни масеҳиён низ вуҷуд дорад ва бо гумони нопадид шудани иродаи инсон дар иродаи Худо тавсиф мешавад, вале ин гуна тасаввуроти масеҳиён асоси назарияи сӯфиёнаи фанои исломӣ маҳсуб намеёбад.

Мафҳуми фанои сӯфиёнро, албатта, ба зот ва сурат шабеҳ набояд кард. Ин маънои нопадид шудани сифатҳои муайяни инсонро дорад. Фано мартабае аз ҳафт мартабаи ба Ҳақ расидан, ки дар он вуҷуди изофии солик дар вуҷуди мутлақи маъшуқ нест мегардад, чунонки вуҷуди қатрае дар вуҷуди дарё; фано яке аз зинаҳои асосии тариқат ё мақоми пеш аз бақоро гӯянд, ки тағйири рӯҳи солик ва роҳи хомӯш кардани ҳавою ҳавас ва майлу иродаи шахсиро дар роҳи маърифати ирфонӣ ифода мекунад.

Дар фано бехудии зеҳн аз тамоми мавҷудот, мудрикоти ҳиссӣ ба эҳсосу афкор ба вуҷуд омада, солик тамоми қувваи нафсонии хешро ба мушоҳидаи сифатҳои улуҳият сарф месозад. Ӯ ҳар кадар Худоро дарк кунад, ҳамон қадар худро дар объекти маърифат гум мекунад. Зуҳури зоту сифатҳои Худо ба инсон аз таҷассуми моҳият ва сифатҳои Худо дар инсон иборат аст ва албатта, набояд онро бо зуҳуроти рӯҳ омехта намуд. Зеро пайдоиши рӯҳ дар бисёр ҳолатҳо сӯфиро гумроҳ мекунад ва метавонад ҳамчун зуҳури Ҳақиқат худро вонамуд кунад. Ҳол он ки, ба ақидаи сӯфиёни комил, байни зуҳуроти рӯҳонӣ ва илоҳӣ фарқи калон вуҷуд дорад. Якумӣ, асосан қаноатмандӣ, хаёлот ва мағруриро аз нав пайдо мекунад ва дувумӣ, ҳамаи инро инкор карда, соликро ба эҳсоси ғайримавҷудӣ ва нопадид шудан ҳидоят мекунад. Ба ҳамин тариқ, эҳсоси ҳулул ва иттиҳод танҳо дар он вақт имконпазир мегардад, ки солик аз сифатҳои инсонии худ озод шавад.

«Тасаввуфи Хуросон, –мегӯяд академик К.Олимов, – дар инкишофи озодфикрӣ нақши муҳим бозида, ба дини ислом масоили махсуси фалсафиро ворид намуда, бо воситаҳои возеҳи рағбатангез онро ғанӣ гардонид. Зимнан дар тасаввуфи Хуросон ҳам ғояҳои пантеистӣ (Абул Ҳасани Хароқонӣ) ва ҳам монотеистӣ, дар рӯҳияи трансседентии Худо, ки тасаввуф ва шариатро на баҳри ибодати дин, балки баҳри «озодии инсон» аз бадӣ ва таҳқир наздик месозад, рушд ёфтаанд [7, с.125].

Эътирофи ҳулул аз ҷониби баъзе мусулмонони одӣ ва тамоми мутакаллимини ҷараёни Калом инкор карда шуда буд. Ин радкунӣ дар масъалаи ҳамҷинсӣ бо Холиқ ва офариниш, инчунин ба бақо боиси баҳс гардид. Аммо сӯфиён, ки имкони бадал шудани Худоро дар инсон [ҳулул] эътироф мекунанд, мутмаинанд, ки Худо метавонад дар шакли инсон абадӣ ё дар фосилаи муайяни вақт бимонад. Дар чунин ҳолатҳо, ҷисми

инсон маънои инсонии худро гум мекунад ва ба худ маънои илоҳӣ мегирад. Аниқтараш, ба ҷойи бандаи ба «фано» расида Аллоҳ таъоло амал мекунад, «фано» маънои «набудан», «комилан вуҷуд надоштан»-ро надорад ва нуқтаи олии онро «ҷамъ» ташкил медиҳад.

Баёни ин масъала байни баъзе сӯфиён ва тарафдорони назарияи «ваҳдати вуҷуд» низ қобили қабул нагардид. Сабаби қабул надоштани гурӯҳи якум ин буд, ки чунин табъизро ***хилофи шариат маҳсуб медонистанд*** ва гурӯҳи дувум иброз доштанд, ки ***ҳулулу иттиҳод муътакидгари ду шакли ҳастии Илоҳист*** ва ба назари онҳо Мавҷуд ҳақиқати ягона буда, дар он, дуӣ истисно карда мешавад.

Дар таълимоти тасаввуф ба марҳилаи ҳулулу иттиҳод расидан ва аз сифатҳои инсонӣ орӣ гардидану ба «фано» расидан аз иродати Худо вобаста буда, соликро ба ҳадафи баландтар мебарад. Ин «неъмати илоҳӣ», ки як навъи ҳолати рӯҳонӣ [ҷазба] номида мешавад, аз ҷалби ниҳонӣ иборат буда, ба қавли сӯфиён, ба бандаи Худо аз худи Ҳақ нозил шуда, ӯро бе саъю кӯшиши зиёд ва бидуни тай кардани марҳилаҳои гуногуни роҳ ба маърифат ва дидори Ҳақ [мушаҳада] роҳнамоӣ мекунад. Масъалаи муяссар шудан ё нашудан ба «илтифоти Худо» байни бархе аз сӯфиён дудилагиро ба миён овард, ки ин гуна нафаронро сӯфиён иродатмандони муҷозаба [маҷзуб] меноманд.

Солик барои расидан ба ҳақиқат аз зинаҳои гуногуни мубориза ва худхоҳӣ [муҷоҳада] гузашта, бандагии муайянро паси сар мекунад. Роҳи зоҳидонаро сӯфиён «рушд» меноманд, зеро дар ин роҳ онҳо аз зинаҳои поёнӣ ба зинаҳои болоӣ мегузаранд. Ва онҳо роҳи сӯфии «ҷалбшуда»-ро таҷаллӣ меноманд, зеро дар айни замон сӯфӣ зинаҳои поёнро тай накарда, таваккал [умед] ба илтифоти Худованд мекунад ва ба Ҳақиқат наздик мешаванд. Умуман, касоне, ки усули тай кардани роҳро[зинаҳоро] (ба мисли Қушайрӣ, Суламӣ ва Ғазолӣ) бар асос мегиранд, мутмаинанд, ки бидуни кӯшиш дар роҳи ирфон [муҷоҳада] кашф имконнопазир аст. Ҳол он ки ба андешаи Шазилӣ, Атаоллоҳ Искандаранӣ ва баъзе дигар олимони сӯфӣ бе илтифоти Худо кӯшишу талошҳои солик дар ин роҳ бефоида аст.

Шахсе, ки бо кароmоти Худо аз қадами аввал ба ҳадаф мерасад ва пас аз расидан ба Ҳақ, барои донистани роҳ, ба зинанизом бозгашт менамояд, маҷзуби солик номида мешавад. Мувофиқи ақидаи муҳаққиқони тасаввуф, он маҷзуби солик сазовори унвони пир, шайх ва пешво мебошад, зеро ба ӯ кароmоти илоҳӣ дода шудааст ва ӯ инчунин тамоми қоидаҳо ва хусусиятҳои марҳилаҳои роҳро медонад ва ба ин мақомҳо салоҳияти зарурӣ дорад. Ин гуна ҷазба ва муҷоҳада дар роҳи ирфонӣ бо баъзе вижагиҳо ба гурӯҳи зоҳидони насронии давраи нав, ки квиетизм♦ меноманд, қаробат дорад. Ба андешаи ин гурӯҳи мутафаккирон, ба даст овардани наҷот аз ҷониби шахс танҳо дар сурате имконпазир аст, ки агар илтифоти Худо бирасад. Аз ин рӯ, бояд аз ҳама чизҳое, ки бо саъю кӯшишҳо ва хоҳишҳои шахс вобастаанд, даст кашида, илтифоти Худоро интизор шуд ва роҳи наҷотро тавассути ҷалби Худованд ҷуст...*

Дар таълимоти тасаввуфи исломӣ рӯҳи сӯфӣ орзуи талош ба Ҳақиқат мекунад. Ин хоҳиш ва орзуест, ки ҳамчун «ишқ»-и сӯфӣ ба Худо маънидод мешавад ва он сарчашмаи ҳусни таваҷҷуҳи Худованд аст. Ба туфайли чунин ҷазбият дилҳои бонаҷобат сайди муҳаббати Худо мегарданд. Дар ҳар сурат, ба ақидаи аксари сӯфиён, муҳаббат

♦ Таълимоти мазҳабӣ ва ахлоқӣ, муносибати зоҳид- ба ҳаёти ҷамъиятӣ бепарво ва ғайрифаъол буданро таблиғ мекунад.

* оид ба интихоби василаи пайвастан ба Худо – интизори кароmоти Худо будан ё роҳи зинаҳои тасаввуфро тай намудан, байни сӯфиён баҳсҳои доманадоре ба вуҷуд овардааст.

сарчашмаи ҳолатҳои олӣ мебошад ва моҳияти аслии он як неъмати пок аст. Аз ин рӯ, ҳолатҳои мухталиф, аз қабили хавф, ният, қабз, баст шавқ, унс, оромиш [тамаънина] ва яқин, ризо ва таслим шартҳои зарурии муҳаббат мебошанд. Чуноне орифи намоён Асадуллоҳи Эзидгашсб* дар китоби «Асрори ишқ»мегӯяд:

«Аз хештан охир сӯи худ як сафаре кун,
То бингарӣ он салтанату фатҳу зафарро.

Онҷо симурғи ҷонат ошкоро гардад, парчами таҷарруду фардоният ва растагӣ аз алоиқи табъ ва замон ва макон барафрозад чун ба тайёраи талаб нишинӣ ва дар фазои ҳақиқат тайрон намоӣ ва ҷозибаи арзи табиат туро ба худ накашад, ба маркази шамси ишқ расӣ. Чун ба ҳавои оташин, ки лифоф ва муҳит ба офтоби ишқ аст расидӣ, ҳавоҳои ту нобуд гардад. Дур бош ишқ ҳар дам туро ба гӯшае паррон намояд ва ба куштан бо теғи нуронӣ таҳдидат намояд, инҷост, ки якбора даст аз дил, ки дарёи бепоён аст бармедорӣ ва ба қуввати муҳаббат тайёраи талабро ба кӯи ишқ парвоз дода, масти лоуболивор гӯӣ:

Ман бияфкандам ба поят ҷони хеш,
Сар бубар ё зинда кун моро чу меш [14, с.16].

Аз ин рӯ, ба эътиқоди баъзе шайхҳо, ҳеҷ чиз наметавонад дар баробари ишқ ва иродаи нек ба поксозӣ (аз хоҳишҳои нафсонӣ) ва таълими маънавии сӯфӣ мусоидат кунад ва онро ба таъсири ҳолатҳои пурасрор фош кунад. Аз ин лиҳоз, сӯфиён ба ишқ диққати зиёд медиҳанд. Дар ҳар сурат, тасаввуф дар робита ба сатҳҳои мухталифи муҳаббат шуҳрати беназир дошт ва таҳқиқотҳои ҳайратангезро дар бораи ҳолати ошиқон ва дараҷаҳои мухталифи ишқ ба анҷом расонид, ки дар адабиёти сӯфия – шеърҳо, гуфторҳо ва ҳатто тарҷумаҳо инъикос ёфтаанд. Аз ин рӯ, муҳаббат ҳадафи ниҳоии офариниш ва маҳаки мавҷудияти инсон аст. Зеро рӯҳи инсон роҳи бозгашт ва васлро аз сарчашмаи воқеияти худ меҷӯяд. Аз ин рӯ, вай дар ҷустуҷӯи Ҳақиқат бо роҳи муҳаббат меравад.

Инчунин, бояд эътироф кард, ки мушкилоти пояҳои тасаввуф берун аз манфиатҳои илмӣ зуҳур карда истодаанд. Ин маънии онро дорад, ки радикализми муосири исломӣ тақсимоти сунъии ислом ва тасаввуфро амалӣ месозанд, ки он ҳамчун ҳисси ҷангталабонаи зидди исломиро муаррифгар аст. Ин тамоюл ба онҳо имкон медиҳад, ки таълимоти исломро мувофиқи хоҳиши худ муайян кунанд, матни Қуръонро ба манфиати хеш тафсир диҳанд. Ҳадафи ниҳоии онҳо анъанаҳои мазҳабии исломиро инҳисор намуда, нуқтаи назари дигаронро бар ҳақиқати динии «еретикӣ» гароидан аст.

Дар замони мо, баъзан, даъвогарони «Исломи пок» ба «қонуният», ки муқобили ғояҳои ҳама шаклҳои мавҷудияти ислом, аз ҷумла ба суфизм мебошад, бо шӯрангезӣ бар ихтилофоти исломӣ мусоидат менамоянд. Ин амал аксар вақт ба оқибатҳои фоҷиабор оварда, ҳам ба мусулмонон ва ҳам ба ғайримусулмонон зарари бузург мерасонад, зеро ин «иқдом», дар шароити ҷаҳонишавӣ, дар дохили як қишри бузурги мусулмонӣ, таъсири манфии хешро берун аз ҳудуди он низ мерасонад. Ҳақ ба ҷониби исломшиноси россиягӣ С.М.Прозоров, ки мегӯяд: «Яке аз масъалаҳои мубрами таҳқиқоти ватании исломшиносӣ – маълумоти объективӣ дар бораи ислом мебошад, ки ҳамчун қадаме ба пеш, барои аз байн бурдани тасаввуроти стереотипҳои манфии дарки мутақобилаи намояндагони динҳои гуногун, арзёбӣ мегардад» [9, с.6].

Ҳамин тавр, вазифаи омӯзиши бархе аз ҷанбаҳои онтологии роҳи ирфонӣ ва асосҳои фалсафии тасаввуф аҳамияти зиёд дорад, зеро таҳлили таърихию фалсафии

* Ҳакими Самадонӣ ва орифи раббонӣ Асадуллоҳ Эзидгашсб, мутахаллис ба Шамс ва мулаққаб ба "дарвеш Носиралӣ"

марҳилаҳои ташаккул ва рушди суфизм ягона роҳи дастрасӣ ба тасаввуроти объективии тасаввуф аст, ки баъзан нодуруст исломи «расмӣ» ном мебаранд. Дар ислом ягон воситаи қонунигардонии хусусиятҳои догматикии он вуҷуд надорад. Равиши илмӣ ба масъалаи пайдоиши ғояҳои мухталиф дар ислом, дар байни намояндагони мактабҳои гуногуни догматикию ҳуқуқӣ ва ҷараёнҳои исломӣ, барои фароҳам овардани фазои таҳаммул ва заминаи таҳаммулпазирии мусулмонон нисбат ба ғайримусулмонон мусоидат мекунад.

Омӯзиши ақидаҳои онтологӣ, этикӣ, эстетикӣ, иҷтимоию сиёсии мутафаккирони машҳур, инчунин мактабҳои алоҳидаи тасаввуф дар ягонагии аслӣ, тамомият, бо дарназардошти вазъи таърихию идеологӣ ва фарҳангӣ, барои ба вуҷуд овардани тасвири фалсафии тасаввуф чун қисми муҳими сохтори фарҳанги маънавии Шарқи асримиёнагӣ метавонад мусоидат намояд.

**Муқарриз: *Сафарова С.Д.* – номзади илмҳои фалсафа, дотсенти ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. ·Аликберов А. К. Эпоха классического ислама на Кавказе. М.: Вост. лит. РАН, 2003. -С. 665.
2. Зарринкӯб А.Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. -Душанбе: Ирфон, 1992.-396.
3. Зиёзода И.Ғ.Тасаввуфи фалсафӣ: ҳастишиносӣ ва маърифати сӯфиёна.Қ.2. -Душанбе, 2016. -445с.
4. Қуръони карим (асл ва матни тарҷумаи тоҷикӣ). -Душанбе: Ирфон, 2007.-616 с.
5. Lings M. What is Sufism? Berkeley; Los Angeles: Univ. of California press, 1975. -P. 12, 22.
6. Насафӣ Азизаддин. Инсони комил [ба хатти форсӣ] Ҷойи нашр ва соли он нишон дода нашудааст [нусхаи асл дар шакли pdf]. -С. 175.
7. Олимов К. Тасаввуфи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар асрҳои X-X11. -Душанбе: Дониш, 2019. -332с.
8. ОШО. Люди пути. О суфиях. суфизме и суфийских историях Издательство: ИГ Весь, СПб 2018, Hardcover. - 448 с.
9. Прозоров С.М. Ислам как идеологическая система; Ин-т востоковедения, С.-Петербург, фил. — М.: Вост. лит., 2004. — 471 л. [в пер.].
10. Stoddart W. The Mystical Doctrines and Method of Islam. New York: Paragon House Publishers, 1986. -P. 45.
11. Таърихи динҳо. Душанбе: Дониш, 2014. -368с.
12. Торчинов Е. А.. Религии мира: Опыт запредельного. СПб.: Центр «Петербургское востоковедение», 1997. -С. 27.
13. Хисматулин А. А.. Суфизм. -СПб.: Азбука-классика: Петербургское Востоковедение, 2003. -224с.
14. Эзидгашсб Асадуллоҳ. Асрор-ул-ишқ. [Тафсири сураи "Юсуф" ва тафсири оёти мусоҳибаи Хизру Мӯсо, мунтахабе аз маснавиёт ва ғазалиёт ва манзумаи рӯҳулирфон] Теҳрон: Рӯдакӣ.Чопи чаҳорум[ба хатти форсӣ ] 1360 ҳиҷрӣ. -С.169.


### МУЛОҲИЗАЕ ДАР БОРАИ ТАСАВВУФ ВА РОҲИ ИРФОНӢ


Тасаввуф дар фарҳанги ислом ҷойгоҳи муҳим дошта, дар зери таъсири як қатор таълимоти онтологӣ ва гносеологӣ, ки аз Қуръон ва ҳадисҳои Паёмбар (с) сарчашма гирифтаанд ва дар ҷараёни инъикос намудани мафҳумҳои бунёдии догмаи исломӣ (ваҳдат ва ягонагии Худо [тавҳид], муносибати Худо бо олами кулл ва ғайра) ташаккул ва рушд ёфтааст. Муҳаққиқ дар мақола таълифоти арзишманди сӯфиёни давраҳои гуногунро номбар карда, бавижа, ду садсолаи охир зиёд гардидани таваҷҷуҳи олимони файласуф ва адабиётшиносони ватанию хориҷӣ нисбат ба тасаввуфи ислом ва навишта шудани теъдоди зиёди тадқиқоти илмиро зикр менамояд, ки дар ҷодаи рушди ирфони назарию илмӣ онҳо саҳми муайяне доранд. Инчунин, фарқи байни ирфони назарӣ ва амалӣ, сайру сулук, мақому ҳол, инсони комил мухтасар шарҳ дода шудаанд. Дар мақола тафоруқи фалсафаи қариҳавӣ (ҳикмати завқӣ)-и сӯфиёна ва ҳикмати ақлгаро (фалсафаи ратсионалӣ) муайян гардида, нуқтаи назари аҳли тасаввуф оид ба волоияти маърифати ирфонӣ нисбат ба дониши ақлӣ таъкид шудааст. Ҳамин тавр, омили ҳаракатдиҳандаи рушди тасаввуф кӯшиши ҳалли масъалаи асосии вижагиҳои фалсафӣ – муносибати нахустмабдаъ (Худо) бо олам ва шинохти Ӯ мебошад. Ба маънои дигар, фалсафаи тасаввуфро метавон фалсафаи ахлоқӣ номид, зеро тамоми масоили онтологӣ, гносеологӣ ва иҷтимоӣ ба идеали иҷтимоӣ, камолоти шахс вобаста карда шудаанд. Дар фалсафа ва умуман дар тасаввуфи асримиёнагӣ, аз ҷумла дар мактаби хуросонӣ, масъалаи таносуби Худо, олам ва инсон мавқеи ниҳоят муҳимро ишғол менамуд. Аз ин рӯ, дар таҳқиқотҳои ба ин самти фалсафа бахшидашуда, бахусус дар солҳои охир, таваҷҷуҳ бештар шудааст.



**Калидвожаҳо:** онтология, Худо, мутлақ, ҳастӣ, дин, ислом, ирфон, тасаввуф,олам, трансендент,маърифат, ирфон, теология.


### РАЗМЫШЛЕНИЯ О СУФИЗМЕ И МИСТИЧЕСКОМ ПУТИ

Суфизм занимает важное место в исламской культуре и был сформирован и развит под влиянием ряда онтологических и гносологических учений, исходящих из Корана и хадисов, и в процессе отражения основных понятий исламской догмы [единство Бога, отношения между Богом и множественным миром и т. д.]. В статье исследователь указывает на ценные труды суфиев разных периодов, особенно растущий интерес отечественных и зарубежных философов и литературоведов последних двух столетий к мистицизму ислама и сочинение большого количества научных исследований. Также кратко объясняется разница между теоретическим и практическим мистицизмом. В статье определяется разница между интуитивной и рациональной философией и подчеркивается точка зрений сторонников суфизма о превосходстве мистических знаний над интеллектуальным знанием. Таким образом, движущей силой развития суфизма является попытка решить фундаментальную философскую проблему – отношения первоосновы [Бога] со вселенной и ее признание. Другими словами, философию мистицизма можно назвать моральной философией, потому что все онтологические, эпистемологические и социальные вопросы связаны с социальным идеалом, зрелостью личности. В философии и средневековом мистицизме в целом, и в школе Хорасана в частности, вопрос о взаимоотношениях между Богом, вселенной и человеком имел первостепенное значение. Поэтому интерес к исследованиям в этой области философии растет, особенно в последние годы.

**Ключевые слова:** онтология, Бог, абсолют, бытие, ислам, религия, мистицизм, суфизм, мир, трансцендентность, просветление, теология.

**REFLEKTION ON SUFIZM AND THE MISTICAL PATH**

Sufism occupies an important place in Islamic culture and was formed and developed under the influence of a number of ontological and gnosological teachings emanating from the Qur'an and Hadith, and in the process of reflecting the basic concepts of Islamic dogma [the unity of God, the relationship between God and the plural world, etc.]. In the article, the researcher points to the valuable works of Sufis of different periods, especially the growing interest of domestic and foreign philosophers and literary scholars of the last two centuries to the mysticism of Islam and the composition of a large number of scientific studies. The difference between theoretical and practical mysticism is also briefly explained. The article defines the difference between intuitive and rational philosophy and emphasizes the point of view of the supporters of Sufism about the superiority of mystical knowledge over intellectual knowledge. Thus, the driving force behind the development of Sufism is an attempt to solve the fundamental philosophical problem - the relationship of the fundamental principle [God] with the universe and its recognition. In other words, the philosophy of mysticism can be called a moral philosophy, because all ontological, epistemological and social issues are related to the social ideal, the maturity of the individual. In philosophy and medieval mysticism in general, and in the Khorasan school in particular, the question of the relationship between God, the universe and man was of paramount importance. Therefore, interest in research in this area of philosophy is growing, especially in recent years.

**Keywords**: ontology, god, absolute, being, Islam, religion, mysticism, world, transcendence, enlightenment, theology.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Аслам Азамҷонович*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, дотсенти кафедраи фанҳои ҷамъиятӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, мкр.17, бинои 1. E-mail: ***aslam73@list.ru.*** Тел.: **(+992) 770-61-31**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Аслам Азамжанович***, - Таджикский государственнҷй университет права, бизнеса и политики. Доцент кафедры общественной науки **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, 17 мкр. Дом 1. E-mail: **aslam73@list.ru**.Тел.: **(+992) 770-61-31**

**Information about the author:** Karimov Aslam Azamjonovich, - Tajik State University of Law, Business and Politics, associated department of the social science. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, microdistrict 17. Building 1. E-mail: **aslam73@list.ru.** Tel.: **(+992) 770-61-31**

**УДК:130.2=75**

# ҶОЙГОҲИ АҚЛ ВА АҚЛГАРОӢ ДАР ФАЛСАФАИ ЮНОНИ ҚАДИМ

***Самадӣ С.К.***

**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови АМИТ**

Мутолиа ва таҳқиқот нишон медиҳанд, ки таърихи фалсафа аз чанд давра иборат будааст:

- фалсафаи қадим: аз асри шашуми пеш аз милод то асри панҷуми милодӣ;
- фалсафаи асрҳои миёна (қуруни вусто): аз асри панҷум ё шашум то шонздаҳум;
- фалсафаи нав: аз асри ҳабдаҳ то охирҳои асри нуздаҳум;

- фалсафаи муосир: аз асри нуздаҳум ба баъд.

Фалсафаи қадим ё фалсафаи юнонӣ худ чор марҳиларо тай кардааст:

- аз Фалес (547/558 то м) то Суқрот(399 то м), ки аз оғоз то асри панҷуми пеш аз милод давом дошта, хосияти он кайҳоншинохтӣ ва шинохти чигунагии офариниши олам ва унсурҳои он будааст;
- аз Суқрот то Афлотун (347 то м) ва Арасту (322 то м), вижагии ин давра, баҳсҳои табиӣ-равонӣ ва гоҳе масъалаҳои моварои табиӣ, яъне метафизика будааст;
- аз марги Арасту то оғози фалсафаи нави Афлотунӣ (поёни асри чорум ва сеюми пеш аз милод); хосияти ин давра баҳсҳои ахлоқӣ ва адабӣ мебошад;
- давраи нави Афлотунӣ, ки асрҳои сеюм то шашуми милодро дар бар мегирад, дар ин давра баҳсҳои динӣ ва ақидатӣ бар пояҳои тасаввуф ҷараён доштааст [12, с.26].

Аз таърихи тамаддун ва маданияти умумибашарӣ маълум аст, ки ҳанӯз ҳазорсолаҳои пеш аз милод мактабу маҳфил ва равияю ҷараёнҳои динию мазҳабӣ, маърифатию фарҳангӣ ва илмию фалсафӣ арзи вуҷуд карда буданд. Дар даруни фалсафаи қадим ва пеш аз фалсафаи Юнонии Суқрот, Арасту ва Афлотун, ҳакимони пешинро ба панҷ қисм дастабандӣ кардаанд, ки иборатанд аз: иониён, пифагориён, элоиён, суфистоиён ва атомиҳо.

Иониён ба мутафаккирони асри шашуми пеш аз милод татбиқ мешавад, ки падидаҳо, риёзиёт ва ғайраро пайрави низоми собит ва дақиқи қонунӣ медонистанд ва ақлро ҳам қодир ба дарки иллати ин маълулҳо.

То пеш аз онҳо, тақрибан тамоми саволҳое монанди ҳастӣ чист ва чаро инҷоем, бо восита шудан ба қудрати беинтиҳои Худо ё худоён посух дода мешуд. Дар асоси навиштаҳои Арасту (384 то м), Фалеси юнонӣ аввалин файласуфе буд, ки пешниҳод кард, ба ҷойи даст ба доман шудан ба метафизика, метавон бисёре аз падидаҳои ҷаҳонро бо усуле сода шарҳ дод. Аввалин пешбинии башар аз хуршедгирифтагӣ ба Фалес нисбат дода шудааст, ҳарчанд ки ҳеҷ асари навишташудае аз ӯ вуҷуд надорад. Хонаи Фалес, ки маркази андешамандони он замон буд, дар минтақае бо номи ионӣ қарор дошт. Ин минтақа каме баъд мустаъмираи Юнон шуд ва дар натиҷа, тафаккури Фалес, ба фалсафаи Иони табдил гардид ва тарафдорони ин дидгоҳ иониён ном гирифтанду дар минтақаи васее аз Туркия то Италия пароканда шуданд.

Муҳимтарин мавзӯъҳое, ки Фалесро аз назари фалсафӣ дар таърихи андеша фарқ мекунонад, кӯшиши ӯ барои шинохтани ҷаҳон аз роҳи мушоҳида ва тафаккур ва воқеъбинӣ, дур андохтани афсонаҳои динӣ ва тафсирҳои асотирӣ ва талош ҷиҳати фаҳми ҷаҳон бидуни даст ба доман шудан ба худоён ва афсонаҳо ва неруҳои номаҳдуди онон аст [10, с.67].

Дидгоҳи пифагориён дар фалсафаи ададӣ,* ин оғози ақлӣ шудан ва бовармандӣ ба таҷарруд (ғайри модда) бо эътиқод ба ҳақиқати ғайриҷисмонӣ ва ақлӣ, яъне нисбатҳои ададӣ талаққӣ мешавад. Онҳо ба робитаи байни ададҳо ва муносибати байниҳамдигарии онҳо аҳамият медоданд ва ин муносибатро созмондиҳандаи моҳияти асосии табиат маънидод мекарданд. Чунончи, ҳар як чиз ва ҳодисаҳои олам дар мавҷудият, ҳаракат ва тағйирёбиҳову инкишофаш бо ададҳо ифода карда мешаванд. Бинобар ин, пифагориён муносибатҳои ададиро ҳамчун моҳияти асосии олам тафсир мекарданд ва “ҳама чиз адад аст” мегуфтанд [8,с.48].

---

* Фалсафаи ададӣ ба пифагориён нисбат дода шудааст, зеро пояҳои фалсафии онҳо бар розҳои адад (рақам) бунёд шудааст.

Элоиён, ки бо Ксенофан (475 то м), Парменид (470 то м) ва Зенон (425 то м) шинохта мешаванд, муҳимтарин ва шояд аввалин пайрави ақли маҳз ва фикри муҷарраданд, ки фалсафаи худро бар бурҳонҳои ақлӣ бунёд ниҳодаанд [13, с.18].

Парменид, ки муҳимтарин файласуфи ин мактаб ба шумор меравад, асос ва пояи тафаккури элоиёнро таъкид бар дугонагӣ байни ҳақиқат ва зоҳир ва ғайри қобили итминон будани ҳиссҳо (ҳавос) қарор дод. Ӯ тағйирро номумкин мепиндошт ва воқеиятро танҳо дар будан медид.

Ӯ бар ин эътиқод дошт, ки субот ва тағйирнопазирӣ табиати воқеии чизҳост; тағйир ва дигаргунии ваҳмҳо аз қувваҳои ҳискунанда сарчашма мегирад. Манзури ӯ ин буд, ки зери ҳамаи сатҳи тағйирот, ки дар атрофи мо рӯй медиҳад, чизҳоест, ки ба воқеъ дар муддати тӯлонӣ пойдоранд. Бо ҳиссиёти худ наметавонем онҳоро дарк кунем, аммо вуҷуди онҳоро бино бар ақл метавонем бозёбем. Андомҳои ҳиссӣ ҳамеша моро гумроҳ мекунанд ва наметавонанд роҳнамои ростини мо бошанд. Чашм, ки ситораро менигарад, онро кӯчак мебинад, аммо воқеият чизе комилан дигар аст; бинобарин пешниҳод кард, ки воқеияти ҷаҳон ва ҳастиро фақат аз роҳи ақл метавон фаҳмид ва тавзеҳ дод [15, с.99 - 111].

Ба гуфти Парменид, ҳастӣ он аст, ки на бо ёрии узвҳои ҳис, балки маҳз туфайли хирад мавриди маърифат қарор мегирад. Гузашта аз ин, маърифатпазирӣ аз тариқи хирад муҳимтарин таърифи ҳастӣ мебошад.[3, ҷ1. с.69].

Ва аммо суфистоиён, ки бештар бо Протагор (420 то м) шинохта мешаванд, дар баробари воқеият истода, мункири ҳар гуна ҳақиқате пушти андешаи инсонӣ шудаанд.

Гуфта шудааст, ки "ҳар назаре дар мавриди наҳзати суфистоиён дошта бошем, ҳама бояд бипазирем, ки ҳеҷ наҳзати фикрӣ аз назари боқӣ мондани натиҷаҳо бо наҳзати суфистоиён қобили муқоиса нест ва масъалаҳое, ки суфистоиён матраҳ кардаанд, дар таърихи тафаккури Ғарб ҳаргиз арзиши худро аз даст надодаанд" [1, ҷ1. с.19].

Эдуард Селлер (в.1908) - файласуфи олмонӣ менависад: "Дуруст, ҳамон тавре, ки мо олмониҳо бидуни асри равшанандешӣ наметавонистем шахсоне мисли Контро дошта бошем, юнониён ҳам бидуни суфистоиён ва андешаҳое, ки онҳо дар он замон матраҳ карданд, наметавонистанд Суқрот ва фалсафаи суқротӣ дошта бошанд" [1, ҷ1. с.94].

Атомиҳо, дар пайи он буданд, ки байни ҳавос ва назари ақли маҳз, ҷамъ кунанд, Анаксагори атомӣ (428 то м), тадбири ҷаҳонро ба дасти ақл супорид, ки ҷаҳонро бо қонуни мантиқӣ ва дақиқ ҳидоят кунад. Назари ӯ дар бораи азалияти вуҷуд, насабияти маърифат, алоқаи рӯҳ ва табиат, сабабҳои марг ва фано ва таркиби ашё аз тухмҳои гуногун ва бепоён ва тақсими як ҷисм ба ҷузъҳои кӯчаки ҳаммонанд ва таҷзияпазир, бо бовар ба инки хориҷ аз ин кулл, ақл ва рӯҳи азалӣ аст, неруи идроки бепоён дорад ва ба назм даровroutандаи умури олами ақл аст [11, с.28].

Имрӯз назарияи атомизмро ба ҳавзаи илм ихтисос медиҳанд, аммо дар Юнони бостон "чунонки дар ренессонс ва дар ҳақиқат то асри нуздаҳум, дониш ё шинохти бештари қисми ягона талаққӣ мешуд, то маҷмӯае "шинохтҳои" қатъшуда ва бахшбандӣ шуда ва Демокрит аз бозигарони аслӣ дар тамомии шаклҳои шинохт ва тафаккури шинохташудаи он замон ба шумор меомад, ӯ ҳамчунин назарияпардоз бо гароиши амалии чашмгир; бинобар ин ӯ бо милокҳои мо на фақат физикдон, балки ҳамчунин кайҳоншинос, заминшинос, нависандаи корҳои марбут ба пизишкӣ ва

файласуфи ахлоқӣ ва сиёсӣ ва ҳамин ҷо бояд гуфт файласуфе муҳим ва асосӣ низ буд" [5, с.23].

Дар раванди фалсафаи юнонӣ инро бояд қайд кард, ки намоён шудани Суқрот ва истидлолҳои поягузоришуда бар тасаввурҳои куллии ӯ ва баргузидагони ҷавҳари ғайримоддӣ (nous) ба андозаи маркази тафаккур, заминаи таъсиси илоҳиёти Афлотунӣ ва Арастуиро фароҳам овард, ҳамчунин ӯ буд, ки диққати андешамандонро ба худи инсон баргардонд ва андешаи табиатгарои Юнонро ба ҷониби мо баъди табиати фалсафӣ равона кард.

Суқрот пояҳои таълимоти ахлоқиро илмӣ ва ақлӣ кард. Ҳикмат ва адолат, шуҷоат ва худопарастӣ усули аввали ахлоқи суқротианд, ки асоси фалсафаи ақлии ӯ таъриф мешаванд. Ӯ муддаии ҳикмат набуд, балки танҳо мегуфт, ки бо шӯр ва шавқ ба дунболи он меравад. Оғози фалсафаи ӯ ҳамоно эътироф ба ҷаҳли хештан буд, ончунон ки мегуфт: "донам, ки надонам" [4, с.8-15].

Мактаби Суқротро шогирдаш Афлотун дунбол кард, зимни ин ки Афлотун байни тафаккур ва истидлол, бо тасаввур ва завқ ҷамъ намуд, ӯ маҳсусотро зоҳир ва дур аз ақл медонист ва дар назари ӯ он чи маълум воқеъ мешавад, олами маъқулҳо аст, яъне умури моддӣ ва муҷаррад, ҳақиқат ва асле доранд, ки маҳз бо ақл дарк мешаванд. Ба андешаи ӯ, агар ҳаёти инсон таҳти фармони ақл тибқи як намунаи идеал идора ва роҳбарӣ шавад, дар ҷаҳон ҳамчун як кулл, бояд амали воқеии ақлро тасдиқ кунем. Сарпечӣ ва инкор кардани Худованд, ба таври комил, рад шудааст ва назми мавҷуд дар ҷаҳон, ба ақли илоҳӣ нисбат дода шудааст, ки ҷаҳонро мутобиқи тарҳ ва нақшаи идеал танзим ва идора мекунад. Ба ин тартиб, он чи дар ҷаҳони бузург, масалан дар ҳаракатҳои ҷирмҳои (ҷисмҳои) осмонӣ исбот шудааст, дар мавриди инсон, яъне ҷаҳони кӯчак низ бояд воқеъ ёбад; агар инсон аз ақл пайравӣ кунад ва кӯшиш кунад, то идеалро дар зиндагӣ ва рафтори хеш амалӣ бахшад, дар ин зиндагӣ ва зиндагии баъд, ба некбахтӣ ва саодат роҳ меёбад [6, ҷ.1. с.298-299].

Дар идомаи мактаби Суқротӣ, Арасту парвариши ақлро ба сурати такомулёфтатар дунбол кард. Ӯ мантиқро ба шакли василаи илм ба кор бурд ва навовариҳои ӯ дар масъалаҳои фалсафӣ, мантиқӣ, илмуннафс ва мобаъдуттабиа ва ахлоқ ва сиёсат, пур аз ҷанбаи ақлонӣ аст ва ақлгароиро вижагии инсон ва зиндагии инсон медонад. Ба андешаи ӯ, дар мо қуввае ҳаст, ки масъалаҳои аввалияро ба гунаи шуҳудӣ ва кашф кардан дармеёбем. Ин қувва, ба юнонӣ "nous" гуфта мешавад. "Nous" яке аз чанд луғатест, ки дар юнонӣ ба ақл ё нафс далолат мекунад ва маъмулан як навъ биниши рост ва дарки шуҳудиро ба хотир меоварад. Дар муқобили қувваи баҳс ва истидлол Арасту мегӯяд мо масъалаҳои аввалияро ба василаи ин қувваи нафс дармеёбем [7, с.71].

Муаллифи «Асосҳои фалсафа» Ғаффорова М.Қ менависад: «Арасту бидуни шогирди Афлотун буданаш ақидаи Афлотунро дар бораи ҳастии ду олам: олами чизҳои асосӣ ва олами идеяҳо зери танқид мегирад; ба ақидаи ӯ, идея чун моҳияти чизҳо аз худи чизҳо ҷудо шуда наметавонад. Арасту дар пойдоршавии услуби илмии тафаккур, мантиқи зоҳирӣ ва се қонуни асосии он- айният, зиддият ва истисноъ сеюм саҳмгузор буд» [2, с.18].

Баҳси ақл, фалсафа ва илм ҳамчун зодагони ақл аз Юнони он рӯз, ба сабаби иттифоқҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ғолиб шудани Искандари Мақдунӣ (323 то м) бар Машриқзамин ва дарҳам шикастани ҳаёти фикрӣ, истиқлол ва ваҳдати сиёсии Юнон рахт барбаста ва бо пешомади вазъи нисбатан муносиб дар Миср соҳибони илм ва

ҳунар ба Искандария* кӯчиданд. Ва ин шаҳр то асри чоруми милодӣ, маркази илм ва фалсафа шинохта мешуд. Дар ин давра, ки марҳилаи рушди фалсафаи Юнонӣ ба асрҳои мунҷамиди миёна аст ва ҳалқаи пайванд байни ду давра фароз то фуруди ақлгароӣ ба шумор меояд, се маслаки фалсафии эпикурӣ*(270 то м), стоисизмӣ (равоқӣ)* ва афлотунӣ падид омаданд. Эпикуриён муътақид ба асолати модда ва ба назарияи атомӣ ва шинохти ҳиссӣ буданд ва шинохти ақлиро қабул намекарданд [11, с.59].

Стоисизмиён (равоқиҳо)-и ахлоқӣ, илоҳиёти материалистӣ ва нигоҳи сӯфиёнаи фалсафиро паҳн менамуданд, афлотуниёни нав ва гностисизмҳо* дар идомаи мазҳабҳои фикрӣ, ки камтар ақлгаро ё асосан зидди ақлгароӣ буданд, ҳамчун суфистоиён пеш аз фалсафи Афина ва скептисизмҳо*, ки бо роҳбарии Пиррон* дар мобаъди фалсафаи Афина ба сидқи додаҳои ҳавос шакку шубҳа доштанд ва ҳамчунин фалсафаи асрҳои миёна, ки ақлгароӣ ба шумор меоянд, бо шиддат ё заъф бо ақлгароӣ муқобила мекарданд. Дар ин давра мактаби равоқиҳо аз байни фалсафаи Юнон ва асрҳои миёна бо ҳиммати хос ба ахлоқ, маҳз бо мавзӯъҳое, ки ҷанбаи ахлоқӣ доштанд ва ба ахлоқ дахл доштанд, диққат мекарданд ва байни гумон ва маърифат фарқе қоил набуданд ва шинохти куллиётро ба ақл муяссар намедонистанд ва маърифатро фақат бо ҳиссиёти дастёфтанӣ мепиндоштанд. Ақл дар назари равоқиҳо, оташе латиф ва нозук аст, ки ҳам назмдиҳанда ва ҳам нобудкунандаи ҷаҳон аст. Худованд, олам ва табиат ҳама як чизанд ва бо ин идея илоҳиёти моддии онҳо пайрезӣ шуд ва қоидаи ахлоқӣ дар мактаби равоқӣ итоат аз табиат буда, камтаваҷҷуҳӣ дар назди онҳо аввалин фазилат ва бартарӣ ба ҳисоб меомад.

Афлотуниёни нав ё ахир, ки ҳудуди асри сеюми милодӣ ба раёсати Флутин (Плотин)* (270 милодӣ) падид омаданд, нашркунандагони фалсафаи сӯфиёна ва бахши сӯфиёнаи фалсафаи Афлотун буданд, Флутин иддао мекард, ки бо хирадмандии худ

---

* Искандария шаҳре муҳим ва дуюмин шаҳри бузурги Миср аст. Номи шаҳр аз номи “Искандари Мақдунӣ” гирифта шудааст, ки баъд аз пирӯзиҳояш дастури сохти ин шаҳрро дода буд. Дар замони Батламиюсҳо пойтахт буд ва бузургтарин шаҳри юнонӣ шинохта мешуд.

* Эпикур-файласуф ва ҳакими Юнони бостон.

* Стоисизм (равоқиҳо) – мактабест фалсафӣ, ки сесад сол пеш аз милод дар Афинаи Юнон тавассути шахсе ба номи Зенон Китийский поярезӣ шуд.

* Гностисизм- (аз юн.-қад. γνωστικός — «дарккунанда», «ориф»; γνῶσις — «маърифат», «дониш») — ҷараёни мазҳабӣ ва фалсафию ирфонист, ки аз омезиши асотири юнонию румӣ, афкори эронию бобилӣ ва ривоятҳои мазҳабии масеҳию яҳудӣ иборат буда, дар садаи I дар Шарқи Наздик пайдо шуд ва дар садаи II дар қисмати ғарбии Эрон нуфуз дошт. Гностисизм шомили фақат оинҳои розвариест, ки то пайдоиши навафлотуния дар сарзамини Шарқ арзи вуҷуд намуда буданд ва ирфон, ба маънои пурраи он, дар Ғарб бештар бо номи «миститсизм» машҳур аст.

Баргирифта аз: (Гноститсизм / М. Ҳазратқулов // Вичлас — Гӯянда. — Д. : СИЭМТ, 2015. — (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик : [тахм. 25 ҷ.] / сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ ; 2011—2017, ҷ. 4). — ISBN 978-99947-33-77-4.)

* Скептисизм (аз Юнонии қадимӣ σκεπτικός - баррасӣ, таҳқиқ) як ҷараёни фалсафиест, ки шакку шубҳаро ҳамчун принсипи тафаккур, махсусан шак дар бораи эътимоднокии ҳақиқат ба миён меорад.

* Пиррон -файласуфи шакгарои Юнони қадим, ки унвони аввалин шакгарои фалсафӣ ба ӯ дода шудааст. Вай илҳомбахши мактаби пирронӣ мебошад, ки дар асри якуми пеш аз милод аз ҷониби файласуфи софист Энисидмус таъсис ёфтааст.

* Плотин тавре, ки навиштаанд, охирин файласуфи таҳти таъсир қарор гирифта аз тамаддуни Юнон аст, ки соли 204 ё 205-и милодӣ ба дунё омада, соли 270 даргузаштааст. Дар мавриди зодгоҳаш имрӯза бештар ӯро аз Миср медонанд, ки дар мактаби «Искандария» бо фалсафа ошно гардида буд.

метавон тамоми коинотро фаҳм намуд, ақл падари рӯҳ ва бар фарози он ва ҳама чиз аст ва қадим ва абадӣ мебошад ва маншаи вуҷуди ҳастӣ ақл аст [9, с.666].

Дар назари Флутин аз нек ё хайр ё Аҳад, ки он тарафи ақл ва ҳастӣ аст, ақл падид омада, аз ақл рӯҳ ба вуҷуд омада ва рӯҳ суратҳои маъқулро аз ақл касб мекунад ва ақл офаринандаи ҷаҳон аст. Бинобар ин, ақл ба ҳастӣ дар мақоми хиради худ меандешад, на берун аз худ ё маҳалле ҷудо барои ҳастӣ. Бо ин тартиб, байни ҳастӣ ва ақл робитаи айният ва ғайрият барқарор аст; зеро ҳастӣ чизе ғайр аз хиради ақл ва андешидани ӯ нест ва ақл ҳам вуҷуд ва андешиданашро аз ҳастӣ гирифтааст; яъне ҳастӣ дар айни ин ки нафси хирадмандии ақл аст, аз тарафе ҳам ҳастӣ бо худи ақл аз ҳамин ҳастӣ нашъат гирифтааст, ки бо андешидани худаш ба вуҷуд омада буд, вале ғайр аз ҳаманд.

Ақл аз назари Флутин атокунандаи суратҳо аст, ки қудрати бахшиш ва ато кардани суратҳоро ба нафс медиҳад, то нафс ин суратҳоро ба чор унсури асосии олам бибахшад. Ин ақл, қудрати кашфи ҳудуди санҷиши коинот ва нисбатҳои риёзиро низ дорад.

Аз нигоҳи Флутин, зиндагии ахлоқӣ сабаби васли одамӣ ба ҳақиқат мешавад, аз ин рӯ, арзишҳои ахлоқӣ ва ақлӣ дар назари ӯ муттаҳиданд ва барои расидан ба он Аҳад, ки бартар аз вуҷуд ва маншаи вуҷуд аст, бояд аз ҳисс ва ақл таҷовуз кард, ба ҳамин хотир ӯ сайри маънавӣ, кашф ва шуҳудро роҳи расидан ба он хайри бартар медонад, ки ақл барои расидан ба ӯ кофӣ нест. Аз ин рӯ, низоми фалсафии Флутин, бештар ҷанбаи ахлоқӣ ва шуҳудӣ, яъне кашфӣ дорад, на ақлӣ. Дар фалсафаи Флутин, воҳидият, ақл ва нафс, се рукн дар тӯли мартабаи файзанд. Ақл воситаи аҳадият ва нафс аст, воситаи муҷаррадот ва маҳсусот ҳам нафс аст ва дар қавси нузул* ҷараёни вуҷуд, аввал ақл ва сипас нафс аст ва дар қавси сууд* нафсҳо бо пок шудан аз олудагиҳои моддӣ ва бо сайри се марҳилаи ҳунар, ишқ ва ҳикмат, метавонанд ба мабдаъ ва оғози ҳар чиз бозгарданд.

**Хулоса:** Аз он чи ки дар ин баҳс гузашт, дармеёбем, ки дар фалсафаи Юнони қадим, баҳси ақл ва таҷриба, инчунин муҷаррад ва модда матраҳ будааст. Элоиён беш аз ҳама ба шинохти ақлии маҳз ва маърифати асосёфта ба бурҳонҳои ақлӣ бовар доштаанд. Ба ақидаи Флутин (Плотин), байни ҳастӣ ва ақл, робитаи айният ва ғайрият барқарор аст; зеро ҳастӣ чизе ғайр аз хиради ақл ва андешидани ӯ нест. Ҳамчунин, назари Анаксагор дар бораи вуҷуди ақл дар мақоми назмдиҳанда ва мадраки олам ва тафаккурҳои интиқодӣ, ки дар тӯли марҳилаҳои фалсафаи қадим то марҳилаи авҷгирии фалсафа дар Афина ошкор ёфта, аз вижагиҳои даврони пурбори ақлгароӣ аст, зеро Суқрот, Арасту ва Афлотун боварҳои мухталифи ақлиро парварида ва интишор намудаанд. Пас аз Афлотун ва Арасту ин баҳс ба беравнақӣ ниҳода шуд ва се масъалаи мантиқ, табиат ва ахлоқ масъалаҳои асосии фалсафа шуданд.

Суқрот пояҳои таълимоти ахлоқиро илмӣ ва ақлӣ кард. Ҳикмат ва адолат, шуҷоат ва худопарастӣ усули якуми ахлоқи суқротианд, ки асоси фалсафаи ақлии ӯ таъриф мешаванд. Ба андешаи Афлотун, агар ҳаёти инсон тахти тасаллут ва фармони ақл тибқи

* Қавси нузул, сайри таназзул ва фурудоии инсон аз олами исмҳо ва сифатҳои илоҳӣ ба олами табиат аст. Оламҳои сегона иборатанд аз: олами ақл, олами мисол ва олами табиат ё модда. Поёни қавси нузул инсон аст.

* Қавси сууд, яъне поёни қавси нузул (олами табиат) инсон дар олами табиат ё модда зиндагӣ мекунад ва бо тазкияи нафс метавонад вориди олами мисол шавад ва дар сурати идомаи тазкияи нафс, метавонад вориди олами ақл ва болотар шавад. Поёни қавси сууд Худованд аст.

як намунаи идеал идора ва раҳбарӣ шавад, дар ҷаҳон ҳамчун як асл, бояд амали воқеии ақлро тасдиқ кунем.

Арасту парвариши ақлро ба сурати мукаммалтар дунбол карда, мантиқро ба шакли василаи илм ба кор бурд. Навгониҳои ӯ дар масъалаҳои фалсафӣ, мантиқӣ, илмуннафс ва мобаъдуттабиа, ахлоқ ва сиёсат, пур аз ҷанбаи ақлонӣ мебошанд ва ӯ ақлгароиро аз хислатҳои инсон ва зиндагии инсон медонад.

**Муқарриз: *Маҳмадҷонова М.Т..* – доктори илмҳои фалсафаи АМИТ**


**АДАБИЁТ**

1. Гатри У. К. Таърихи фалсафаи Юнон. Тарҷумаи Ҳ. Фатҳӣ.-Теҳрон: интишороти "Фикри рӯз", 1377.-18 ҷ.
2. Ғаффорова М.Қ. Асосҳои фалсафа. -Душанбе, 2012. - 184 с.
3. Диноршоев М. Фалсафа. Китоби дарсӣ / М. Диноршоев ва диг. *– Душанбе*: Маориф, 1997. - 2 ҷ.
4. Дюрант У. Таърихи фалсафа. Тарҷумаи А. Зарёб. –Теҳрон: Тобон, 1335. -494 с.
5. Картлеҷ П. Э. Демокрит. Тарҷумаи А. Маъсумбегӣ. — Теҳрон: Огаҳ, 1383. -80 с.
6. Коплстон Ф. Ч. Таърихи фалсафа. Тарҷумаи М. Бузургмеҳр. - Теҳрон: Суруш, 1387. -9 ҷ.
7. Меҷи Б. Файласуфони бузург. Тарҷумаи И. Фулодванд. –Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1377. -521 с.
8. Мирзоев Ғ. Фалсафа дар саволу ҷавоб. –Душанбе: Промекспо, 2013, 256 с.
9. Плотин. Давраи осори Плотин. –Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1377. -1128 с.
10. Рассел Б. Таърихи фалсафаи Ғарб. Тарҷумаи Н. Дарёбандарӣ. Нашри электронӣ, 1388. -622 с.
11. Сонеӣ М. Мабонии андешаҳои фалсафӣ. — Теҳрон: Амири кабир, 1387. - 602 с.
12. Фахурӣ Ҳ. Таърихи фалсафаи арабӣ. Тарҷумаи А. Оятӣ. –Теҳрон: Интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1373. -836 с.
13. Фурӯғӣ М. Сайри ҳикмат дар Европа. –Теҳрон: Зуввор, 1344. -849 с.
14. Ҳазратқулов М. Гноститсизм // (Энсиклопедияи Миллии Тоҷик : [тахм. 25 ҷ.] / сармуҳаррир Н. Амиршоҳӣ ; 2011—2017, ҷ. 4). — ISBN 978-99947-33-77-4.)
15. Холлингдейл Р. Таърихи фалсафаи Ғарб. –Теҳрон: Қақнус, 1387. -235 с.


## ҶОЙГОҲИ АҚЛ ВА АҚЛГАРОӢ ДАР ФАЛСАФАИ ЮНОНИ ҚАДИМ


Дар мақола ҷойгоҳи ақл ва раванди ақлгароӣ дар фалсафаи Юнони қадим мавриди баҳс ва баррасӣ қарор дода шудааст. Дар фалсафаи қадим, пеш аз Суқрот, Афлотун ва Арасту, ҳакимони онзамонро ба панҷ қисм тақсим намудаанд, ки иборатанд аз: иониён, пифагориён, элоиён, суфистоиён ва атомиҳо. Иониён ҳодисаҳо, риёзиёт ва ғайраро пайрави низоми собит ва дақиқи қонунӣ медонистанд ва эътиқод доштанд, ки ақл ҳам метавонад сабаби пайомадҳоро дарк намояд.Назари пифагориён дар фалсафаи ададӣ, сароғози ақлӣ шудан ва бовармандӣ ба таҷарруд, яъне ғайри модда аст, ки бо ақида ба ҳақиқати ғайриҷисмонӣ ва ақлӣ, яъне нисбатҳои ададӣ талаққӣ мешавад.Элоиён, муҳимтарин ва шояд аввалин пайрави ақли маҳз ва фикри муҷарраданд, ки фалсафаи худро бар асоси бурҳонҳои ақлӣ бунёд ниҳодаанд.Суфистоиён дар баробари ҳақиқат муқовимат нишон дода, мункири ҳар гуна воқеияте пушти андешаи инсонӣ шудаанд.Атомиҳо дар пайи он буданд, ки байни қувваҳои ҳискунанда ва назари ақли маҳз, ҷамъ кунанд.Суқрот пояҳои таълимоти ахлоқиро илмӣ ва ақлӣ кард.Ба андешаи Афлотун, агар ҳаёти инсон таҳти тасаллут ва фармони ақл тибқи як намунаи идеал идора ва роҳбарӣ шавад, дар ҷаҳон ҳамчун як қоида, бояд амали воқеии ақлро тасдиқ кунем. Арасту парвариши ақлро ба сурати мукаммалтар дунбол кард. Навовариҳои ӯ дар масъалаҳои фалсафӣ, мантиқӣ ва ғайра саршор аз ҷанбаи ақлонӣ буда, ақлгароиро махсуси инсон ва зиндагии ӯ медонад.

**Калидвожаҳо: ақл,** ақлгароӣ, модда, фалсафаи Юнони қадим, иониён, пифагориён, элоиён, суфистоиён, атомиҳо, Суқрот, Арасту, Афлотун.


## МЕСТО РАЗУМА И РАЦИОНАЛИЗМА В ДРЕВНЕГРЕЧЕСКОЙ ФИЛОСОФИИ


В статье обсуждается и рассматривается место разума и рационализма в древнегреческой философии.В античной философии, до греческой философии Сократа, Платона и Аристотеля, мудрецов того времени делили на пять частей: ионийцы, пифагорейцы, эолийцы, суфии и атомисты.Ионийцы считали, что события, математика и т. д. являются следствием прочной и точной закономерной системы и что разум может познать причины последствий.Точка зрения пифагорейцев в числовой философии - это начало разума и вера в возрождение, то есть нематериальное, изменяющееся стало нефизической и ментальной истиной, то есть числовыми отношениями.Элеаты, наиболее важные и, возможно, первые последователи разума и абстрактной

мысли, строили свою философию на аргументах разума.Софисты сопротивлялись истине и отрицали любую реальность, стоящую за человеческой мыслью.Атомисты занимались тем, чтобы соединить силы восприятия с чистым мысленным взором.Сократ сделал основы нравственного учения научными и интеллектуальными.Согласно Платону, если человеческая жизнь подчиняется и направляется в соответствии с идеальным образцом, в мире, как правило, мы должны утверждать реальное действие разума.Аристотель добивался более совершенного развития ума. Его нововведения в философских, логических и других вопросах полны интеллектуального аспекта, и он считает рационализм особенностью человека и его жизни.

**Ключевые слова:** разум, рационализм, вещество, древнегреческая философия, ионийцы, пифагорейцы, элеаты, софисты, атомисты, Сократ, Аристотель, Платон.

**THE PLACE OF INTELLECT AND RATIONALISM IN ANCIENT GREEK PHILOSOPHY**

The article discusses and examines the place of reason and rationalism in ancient Greek philosophy.In ancient philosophy, before the Greek philosophy of Socrates, Plato, and Aristotle, the sages of that time were divided into five parts: Ionians, Pythagoreans, Aeolians, Sophists, and Atomists.The Ionians believed that events, mathematics, etc., are the result of a solid and precise system of laws, and that the mind can know the causes of consequences.The Pythagorean point of view in numerical philosophy is the beginning of mind and the belief in rebirth, that is, the immaterial, changing by non-physical and mental truth, i.e. by numerical relations.The Aeolians, the most important and perhaps the first followers of mind and abstract thought, built their philosophy on the arguments of mind.The Sophists resisted truth and denied any reality behind human thought.The Atomists were busy trying to bridge the gap between the forces of perception and the pure mind's eye.Socrates made the foundations of moral teaching scientific and intellectual.According to Plato, if human life is governed and directed according to an ideal pattern, in the world, as a rule, we must assert the real action of mind.Aristotle sought a more perfect development of the mind. His innovations in philosophical, logical, and other matters are full of an intellectual aspect, and he considers rationalism to be a feature of man and his life.

**Keywords:** intellect, rationalism, matter, ancient Greek philosophy, Ionians, Pythagoreans, Aeolians, Sophists, Atomists, Socrates, Aristotle, Plato.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Самадӣ Самариддин Кароматулло*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, унвонҷӯй. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. E-mail: **samariddin.samadi@mail.ru.** Тел.: **(+992) 985-30-11-12**

**Сведения об авторе:** ***Самади Самариддин Кароматулло*** **-** Институт философии, политологии и права им. А.М. БаховаддиноваНациональной академии наук Таджикистана, соискатель. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 33. E-mail: **samariddin.samadi@mail.ru.** Телефон: **(+992) 985-30-11-12**

**Information about the author:** ***Samadi Samariddin Karomatullo*** - Institute of Philosophy, Political Science and Law. A.M. Bakhovaddinova of the National Academy of Sciences of Tajikistan, applicant. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. E-mail: **samariddin.samadi@mail.ru**. Phone: **(+992) 985-30-11-12**

**УДК:140.8**

# ФАЛСАФАИ ВОҚЕИЯТИ ИМКОНПАЗИР (ВИРТУАЛӢ): ТАҲЛИЛИ ФАЛСАФӢ – ИҶТИМОӢ

***Наҷидуллоев Р.Ҳ.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Воқеияти виртуалӣ яке аз масъалаҳои нисбатан нав ва актуалии фалсафаи муосир ба шумор меравад. Барои ҷомеаи навини тоҷикистонӣ дар марҳилаи кунунии инкишоф аз худ кардан ва самаранок истифода бурдани технологияҳои нави иртиботӣ хеле муҳим мебошад. Технологияҳои нави иртиботӣ, интернет зиндагии ҷомеаи инсониро бисёр сода ва осон гардонидаанд. Дар баробари ин, рушди технологияҳои иртиботӣ ва интернет таъсирпазирии ҷомеаи тоҷикистониро нисбати хатарҳои муосир, аз қабили зуҳуроти ифротгароӣ, тундгароӣ, бунёдгароӣ, терроризм ва кибертерроризм осон кардааст.

Истилоҳи «интернет» дар луғатҳои муосири фалсафӣ то ҳол вуҷуд надорад, аммо мафҳуми «воқеияти имконпазир» дар аксари онҳо мавҷуд аст [1, с. 140]. Ба ҳар ҳол, интернет ченаки муайяни умумӣ-фалсафии худро дорад: фазои маҷозӣ (киберӣ), ки таърифшудаи интернет мебошад, ба унвони навъе аз воқеияти имконпазири муосир амал мекунад. Дувум, интернет ченаки махсуси иҷтимоӣ-фалсафӣ дорад, ки дар он мушкилоти асосӣ пайомадҳои иҷтимоии густариши интернет ва дигар технологияҳои нави иттилоотию иртиботӣ мебошад. Ченаки нахуст бо ченаки дувум сахт алоқаманд аст ва таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ бояд дар асоси аввалӣ (воқеияти имконпазир чист?) сурат бигирад.

Истилоҳи «воқеияти виртуалӣ» дар Донишкадаи технологии Массачусетс дар охири солҳои 1970-ум барои тавсифи самари ҳузури инсон дар фазои маҷозӣ эҷод шудааст. Чунин пиндошта мешавад, ки истилоҳи «фазои маҷозӣ»-ро бори аввал В. Гибсон дар романи фантастикии худ «Иеиготапсег» (1985) ба кор бурда, тавсиф кардааст, ки дар он фазои маҷозӣ ҳамчун таваҳҳуми ягона ва ҳамоҳангшудаи миллиардҳо нафар муаррифӣ шудааст. Имрӯз ин истилоҳ аллакай аз тобиши равонии пешинааш раҳо шудааст, аммо самти мулоҳизаҳо дар маҷмӯъ бетағйир боқӣ мондааст. Масалан, С. Лем дар ин бобат чунин баён кардааст: «Рушди электроника дар оянда як масъалаи нави маърифатшиносиро ба миён мегузорад: Чӣ гуна инсон метавонад дар куҷо будани худро фаҳмад? Воқеан, паҳн шудани фазои маҷозӣ як қатор саволҳои муҳимро ба миён меорад: «Ҳолатҳои субъективӣ-равонӣ, ки табиатан пайдо шудаанд, аз ҳолатҳои ба таври сунъӣ бадастомада чӣ фарқ доранд? Оё технология метавонад чунон ҷаҳонҳои сунъиеро ба вуҷуд оварад, ки аз ҷаҳонҳои табиӣ фарқе надошта бошанд, бо итминони том ва бидуни миёнҷигарии таассурот? Оё вуҷуди чунон навъи ормонҳое имкон дорад, ки воқеияти он аз назари эътимоднокӣ аз дунё воқеӣ афзалият дошта бошад?» [2, с. 223].

Ҳамчун мафҳум, истилоҳи «воқеияти имконпазир» метавонад ба маънои густарда ва маҳдуд истифода шавад. Ба маънои густарда ё васеъ, мафҳуми «воқеияти имконпазир» ба падидаҳои мухталиф ишора мекунад: хоббиниҳо, таваҳҳумот, устураҳо, афсонаҳо, аксбардорӣ, инъикоси оинавӣ, адабиёт, синамо, телевизион, телефон, компютер ва ғайра. Дар айни замон, мабдаи моддии як воқеияти имконпазири хос вижагии онро пешакӣ муайян мекунад. Масалан, иртиботот бо истифода аз телефон шахсро дар воқеияти имконпазири садо ғарқ мекунад, дар ҳоле ки ба акс нигоҳ мекунем, мо худро дар воқеияти имконпазири басарӣ ва ғ. ғарқ мекунем. Бинобар ин, ба «ҷаҳонҳои имконпазир» ба андозаи баробар метавон «олами маънавӣ»-и ҳар як шахс, «олами адабиёти бадеӣ» ва «ҷаҳони Эверетта» (яке аз тафсирҳои механикаи квантӣ бо интихоби ҳолати мушаххаси зарра аз маҷмӯи имконот)-ро мансуб донист.

Мафҳуми «воқеияти имконпазир» ба маънои маҳдуди муосир ифодагари фазои маҷозӣ мебошад. Дар ин ҷо воқеияти имконпазир ҳамчун компютер, тасвири интерактивӣ ва стереоскопӣ амал мекунад. Масалан, дар маҷаллаи «Ҷамъияти иттилоотӣ»-и Пажӯҳишгоҳи рушди ҷомеаи иттилоотӣ дар робита бо воқеияти имконпазир, чунин таърифи куллӣ дода шудааст: «Ба таври хулоса ин як ҷаҳони хаёлист, ки дар тасаввури корбар эҷод шудааст» [3]. Дар ин ҷо задаи мантиқӣ ба вожаи «корбар» меафтад, зеро маҳз дар сари ӯ ин олами хаёлӣ эҷод мегардад. Бояд қайд кард, ки ҳатто дар худи фазои маҷозӣ низ воқеиятҳои имконпазири зиёде мавҷуданд, бинобар ин, мафҳуми «воқеияти имконпазир» танҳо як маҷмӯи томи воқеиятҳои имконпазири гузашта, ҳозира ва оянда мебошад.

Бунёди воқеияти имконпазир ҳамчун як талаботи ҳаётан муҳимми башарӣ амал мекунад ва он ба ин ё он тарз дар тамоми марҳилаҳои таърихи инсоният амалӣ мешавад. Интернет бошад, фақат ҳамчун як намуди муосири воқеияти имконпазир амал мекунад, ки тавассути фановариҳои иттилоотӣ ва иртиботии муосир ироа мешавад.

В. Брикен «қоидаҳо»-и зеринро муқаррар кардааст, ки биниши муосири гуногунии воқеияти имконпазирро дар шакли фазои маҷозӣ муайян мекунанд: «1. Равоншиносӣ - физикаи воқеияти имконпазир мебошад. 2. Ҷисми мо интерфейс (сарҳади байни ду низом; маҷмӯи воситаҳо ва қоидаҳо) аст. 3. Дониш таҷриба аст. 4. Далел – ин муҳит мебошад. 5. Фазо (макон) ва вақт (замон) бояд омӯхта шаванд. 6. Реализм ҳатмӣ нест» [4]. Дар пушти ин шакли тасаввуроти фарзия-рамз воқеияти имконпазир як қабати томи муқаррароти тавсеанаёфта ва дар айни замон, як лоиҳаи муайяни омӯзиши он ниҳон аст, ки илова бар ин, онро дар доираи фанҳои гуногуни илмӣ амалӣ кардан мумкин аст.

Мавриди зикр аст, ки дунёи падидоршиносии воқеияти имконпазир бештар дар чорчӯбаи равоншиносӣ мавриди мутолиа қарор мегирад. Дар мутолеоту таҳқиқоти равоншиносии интернет мушкилоти робитаи «инсон-компютер» ва вижагиҳои иртиботот дар як муҳити имконпазир ба таври барҷастае намоиш дода мешавад. Дарвоқеъ, воқеияти имконпазир аз омезиши графикаи роёна (компютер) бо робитаи мутақобилаи инсону роёна (компютер) сарчашма мегирад. Мудракҳои имконпазир дар шакли графика дода мешаванд, аммо аз сабаби ҳамсонгӯии тасвир ва тасвиршуда онҳо ҳамчун воқеият дарк мешаванд. Илова бар ин, дар ҷаҳони мулоҳизакории электронӣ ашё на танҳо дида ва шунида, балки эҳсос низ мешавад. Дар фазои маҷозӣ, назорати мустақими воқеияти сеандоза имконпазир мегардад.

Дар ин ҷо, шахс на танҳо тасвирҳои графикии бо ёрии фановариҳои муносиб ба сатҳу дараҷаи воқеияти таҷрибашударо назорат мекунад, балки худи ӯ ҳамчун «ҷисми ғайримоддӣ» баромад мекунад, яъне ӯ амсиласозии графикии худашро тартиб медиҳад. Дар ҳоле ки бадани ӯ дар воқеияти «маҳаллӣ» боқӣ мондааст, воқеияти имконпазир аз назари зеҳнӣ ба воқеияти «имконпазир» бадал меёбад ва дар он ҷо «бадани нав» ва таассуроти комилан нав ӯро фарогир мешавад. Ҳамин тариқ, узвҳои ҳис, ки абзоре барои сохтани тасвире аз воқеияти рӯзмарра мебошанд, бо ёрии равишҳои нави фановарии ҳастӣ дар ҷаҳон, намудҳои нави амалияи иҷтимоиро муқаррар мекунанд, «паҳлуҳои нави падидаи инсонро ошкор менамоянд ва роҳе дигар барои кашфи маънои мавҷудияти худ фароҳам меоранд» [5, с.498], яъне онҳо хоҳу нохоҳ ба тағйироти куллии иҷтимоӣ оварда мерасонанд.

Чунин таҳлиле аз воқеияти имконпазирро метавон дар чорчӯбаи дастгоҳи дастабандии илмҳои дигар низ анҷом дод. Ҳамзамон, афкори фалсафӣ дар омӯзиши табиати воқеияти имконпазир дорои неруи бузурги иктишофӣ (эвристикӣ) мебошад, зеро мушкилоти ҳастишиносӣ яке аз масъалаҳои асосии таърихи чандинасраи фалсафа мебошад.

Тавзеҳи муҳтавои табақабандишудаи мафҳуми «воқеияти имконпазир» бояд аз таҳлилу таҷзияи решашиносӣ (этимологӣ) оғоз ёбад. «Виртус» (аз лотинии - «Virtus» имконпазир, билқуввати имкон, қудрат, шуҷоат (шакли муосири англисияш virtuality – хос, қобилият). Муқоисаи истилоҳӣ маъмулан аз таносуби истилоҳи додашуда бо мутазодҳо (антонимҳо) ва муродифҳои он анҷом мепазирад. Дар ин ҳолат, маънои калимаи «виртуалӣ» («имконпазир») қобили муқоиса бо калимаҳоест чун: «воқеӣ»

(инчунин - «аслӣ», «табиӣ», «ҳақиқӣ» ва ғ.) ва «ғайривоқеӣ» (ва ҳамчунин - «ғайриаслӣ», «маснуӣ», «дурӯғ», «хаёлӣ», «таваҳҳум» ва ғ.).

Ҳамин тариқ, дар маънои решаии (этимологии) калимаи *муайяншудаи* истилоҳи додашуда, то ҳудуде моҳияти вуҷуди он воқеият, ки ба унвони «воқеияти имконпазир» таъйин мешавад, танзим мегардад. Дугонагии ибтидоии ин истилоҳ ба мо имкон медиҳад, ки воқеияти имконпазирро ҳамчун намудҳои гуногуни мавҷудот (фаросӯи воқеият) тафсир намоем, зеро он хосияти ирсиеро молик аст, ки воситаҳои мавҷудияти дигар дорад ва дар дигаргуншавиҳои вуҷудии мушаххаси таърихии худ бо он воситае фарқ мекунад, ки дар он воқеиятҳои дигар дода мешаванд.

Густурдани мундариҷаи дастабандишудаи ин мафҳум метавонад аз ҷониби дигар тавассути таҳлили таърихӣ-фалсафии истилоҳи *муайяншуда*и мафҳуми мазкур («воқеият») ба амал ояд. Дар таърихи фалсафа якчанд равишҳои асосии тафсири воқеият инкишоф ёфтаанд (идеализми объективӣ, идеализми субъективӣ, материализм), ки сафбандии ҳастишиносии ҳар кадоми онҳо дар бораи воқеияти имконпазир бисёр чизҳоро гуфта метавонанд.

Дар идеализми объективӣ мавҷудият ба ормонӣ (идеалӣ) ва моддӣ тақсим мешавад. Гузашта аз ин, тимсол (аналогия)-и воқеияти имконпазир дар ин ҷо метавонад ҳам ҳастии ормонӣ («воқеӣ» - мутлақ, ибтидоӣ, воқеӣ) ва ҳам ҳастии моддӣ («ғайривоқеӣ» - нисбӣ, дуюмдараҷа, таваҳҳумӣ) бошад. Ормони ғояҳо дар Афлотун ва Ғояи Мутлақ дар таълимоти Ҳегел ҳамчун сабаб, манбаъ ва ҳадафи мавҷудияти ҳама ашёи моддӣ амал мекунанд. Ба ҳамин маъно, «воқеияти маҷозӣ»-ро метавон ҳамчун тимсол, як сабаби муассир, як манбаи эҳтимолии падидаҳои дигар баррасӣ кард. Воқеияти имконпазир ин иқтидори ба воқеият хосест дар шакли як воқеияти ормонӣ, ки воқеиятҳои моддиро тавлид мекунад [6, с. 16].

Дар фалсафаи асрҳои миёна барои нишон додани неруи фаъоли вақеӣ махсусан мафҳуми «virtus» фаъолона истифода мешуд (ба маънои ормонии афлотунӣ-арастуӣ). Ин истилоҳ умдатан дар ҳалли масъала дар бораи механизми ҳамзистӣ ва фарогирии воқеияти сатҳҳои гуногун истифода мешуд. Масалан, Дун Скотт ин истилоҳро барои фаҳмонидани робитаи байни моҳияти умумӣ ва мутлақ бо фаъолнокии ашёи фардӣ ба кор бурд.

Лозим ба ёдоварист, ки дар ин биниши имконпазир яке аз вазифаҳое нуҳуфтааст барои таҳқиқгари муосир аз воқеияти имконпазир: чи гуна воқеияти имконпазир (ормонӣ) метавонад воқеият (падидаҳои нави иҷтимоӣ)-ро тавлид кунад? Ин ҷиҳати масъала барои дарки нақш ва ҷойгоҳи интернет дар равандҳои муосир бениҳоят пурсамар аст. Дар ояндаи наздик нақши иҷтимоию созандаи интернет ба унвони катализатори таҳаввулоти иҷтимоӣ бояд омӯхта ва тавсиф карда шавад.

Аз тарафи дигар, тафсири виртуалӣ ҳамчун таваҳҳумоти ғайривоқеӣ мантиқан аз тасвири объективии ормонгароии воқеият бармеояд. Масалан, дар фазои маҷозӣ ҳама ашёи воқеӣ бо салоҳдиди барномасоз ё корбар метавонад ба муддати дилхоҳ «шаклбозӣ» кунад. Ва бо чунин биниши виртуалӣ, вазифаи тадқиқот ба таври назаррас тағйир меёбад: Мақоми воқеияти виртуалӣ дар байни дигар намудҳои воқеият чӣ гуна аст? Ин ҳам яке аз муҳимтарин вазифаҳо барои таҳқиқоти муосири воқеияти имконпазир мебошад.

Дар мероси объективӣ-ормонгароӣ ҷанбаҳои муҳимми дигари мавзӯи баррасишаванда низ ҳастанд. Масалан, Афлотун мафҳуми «ноезис»-ро ҷорӣ карда, ба

воситаи он ташхиси тафаккурии моҳият дар шакли қобили дидро дар назар дошт (фарқ кардани ғоя дар шакли ҳиссии он). Маълум аст, ки воқеияти имконпазир ба ҳисси воқеияти имконпазири ашёҳо асос ёфтааст (алалхусус, бо ёрии графикаи компютерӣ, муносибати мантиқонаи ҳиссиро тасаввур кардан мумкин аст). Ҳамин тариқ, бо ёрии ин мафҳуми афлотунӣ воқеияти имконпазир на танҳо бо ҳам дар таносуб аст, балки аз фаҳмиши мовароуттабиии (яхкардашудаи) ормон ҷудо мешавад ва бо рӯҳи диалектикӣ пур мешавад.

Дар низоми Ҳегел, инчунин ҷанбаҳои зиёде барои тавсифи воқеияти виртуалӣ мавҷуданд. Яке аз мувофиқтарин мафҳум дар таълимоти ӯ вожаи «намоёнӣ» мебошад. «Намоёнӣ категорияи фалсафӣ мебошад, ки онро Ҳегел барои ифодаи шаффофсозӣ (ба забони олмонӣ: Schein)-и мутлақият тавассути нисбият, беохирӣ тавассути маҳдудият, моҳият тавассути падида» «бегона» тавассути «худӣ» ва ғ. ба кор бурдааст. Ҳегел дар намоёнӣ инъикоси (нишондиҳӣ, ошкорсозӣ) як ҳастиро дар дигаре, «партавафкании худиро дар бегона» фарз мекард. Дар Илми мантиқ ин мақула ба мафҳуми бозтоби мутақобили аздод («инъикос») наздик аст ва ба яке аз шабеҳаи «бозтоб» табдил меёбад... Нусха (ҳамчун инъикоси нусхаи аслӣ) мантиқан дуюмдараҷа ва каме камқуввat аз нусхаи аслӣ аст... Намоёнӣ, ба гуфтаи Ҳегел, айнӣ буда, муқобили эҳтимолияти зеҳнӣ қарор дорад... Намоёнӣ ҷанбаҳои манфӣ ва мусбат дорад ва ҳардуи ин ҷанбаҳо дар бунёди худ ҳастӣ ва нестӣ доранд... Намоёнӣ ин муайяниест, ки тавассути он дигар муайянӣ ва асл инъикос меёбад» [1, с. 136-137]. Каме пештар рафта, қайд кардан мумкин аст, ки фалсафаи постмодернӣ, ки ҷаҳони муосирро тавассути мафҳуми «симулякр» баррасӣ мекунад, асосан ба тафсири мушобеҳи назарияи иҷтимоӣ-ормонӣ-имконпазир асос ёфтааст.

Дар айни ҳол, ормонгароии айнӣ ҳастии ормонӣ ва моддиро аз ҳад зиёд тақсим мекунад, ки истифодаи мероси онро дар омӯзиши воқеияти имконпазир душвор месозад. Чи тавре ки дар боло қайд кардем, ин тақсимкунӣ (то ҳадди муқобилгузорӣ) аҳамияту моҳияти омӯзишӣ дорад, агар он дар тафсири диалектикӣ дода шавад (дар истифода аз воқеияти имконпазир ҳама чиз ба ин ё он тафсири қоидаҳои дар боло зикршудаи У. Брикен: «далел – ин муҳит аст» вобастагӣ дорад). Ҳамин тавр, барои Ҳегел ҷанбаи аз ҷиҳати методологӣ бисёр муташаннич, ҷанбаи гузариши мутақобили моддӣ ба ормонӣ ва баръакс мебошад. Аз ин хулосаи муҳимми методологӣ бармеояд: табиати маҷозиро бояд «дар марз», яъне, дар механизми намояндагии як намуди ҳастӣ намуди дигари онро ҷустуҷӯ кард.

Дар ормонгароии зеҳнӣ ормонӣ будан (идеалӣ) ба унвони як воқеияти зеҳнӣ (равонӣ) баррасӣ мешавад, ки ягона мебошад ва ҳамеша ҳамчун воқеият «ин ҷо ва ҳозир» дода мешавад. Тезиси машҳури зеҳнӣ-ормонии «вуҷуд доштан, – яъне, дарк шудан» барои тавсифи воқеияти имконпазир бисёр мувофиқ аст. Аз он, масалан, чунин бармеояд, ки барои воқеияти имконпазир «нозир» (дар мавриди мо – корбар) ҳатмист, яъне аз он ҷанбаи зеҳниро наметавон ҳазф кард. Бинобар ин, имконпазир будан, ҳамчун «билқувва», пеш аз ҳама, маънии қаблан дар зеҳн додашудаи ин воқеияти имконпазирро дар назар дорад. Ҳама ҳодисаҳои воқеияти имконпазир воқеаҳое мебошанд, ки ба шуури инсон дода шудаанд, яъне онҳо бо мавҷудияти шуур ҳамвуҷуд ҳастанд. Дар ин ҷо боз ду қоидаи У. Брикен татбиқ карда мешаванд: «Равоншиносӣ – физикаи воқеияти имконпазир» ва «Реализм ҳатмӣ нест».

Н. А. Носов менависад: «Дар тадқиқоти охирини равишшиносӣ хусусиятҳои зерини воқеияти имконпазир номбар мешаванд: он «ин ҷо ва ҳозир» вуҷуд дорад (барои одаме, ки дар он вуҷуд дорад, гузашта ва оянда вуҷуд надорад); ба шахс чунин менамояд, ки вай бевосита дар рӯйдодҳои воқеияти имконпазир иштирок мекунад; дурнамои басари имконпазир ҳамеша ҳамрадифи инсон аст (ӯ ҳама чизро аз нуқтаи назари худ мебинад); дурнамои басари имконпазир офарида шудааст, зеро тавассути фаъолнокии компютер ё инсон тавлид шудааст» [7, с.403-404]. Дар ин ҷо воқеан ҷанбаи эҷодии равонӣ дар робита бо воқеият таъйинкунанда мешавад. Тахайюлот таҳқиқ меёбад, воқеияти равонӣ «ҳастӣ» («онтологӣ») мепазирад. Нозире, ки дар «ҷомеа»-и дастакор (манипулятор)-и имконпазир ҷойгир шудааст, ченакҳои бадан ва рӯҳи ӯро ба таври назаррас тағйир медиҳад [8]. Вай метавонад бо касе дар он тарафи замин дастфишорӣ кунад ва эҳсоси парвозро дар ҳавопаймо ё мушак ҳис кунад.

Ҳамин тариқ, биниши зеҳнӣ-ормонгароии масъала ҳамаҷониба вобастагии мудракро аз мудрик таъкид мекунад ва ин вобастагиро то маҳлулшавии якумӣ дар дувумӣ давом медиҳад: фақат мудрик вуҷудист, зеро ӯ воқеиятро эҷод мекунад; ҷаҳон мудракгардонидашудаи мудрикият мебошад; мудрик (муаллиф, хонанда, ҳамсуҳбатони имконпазир ва ғ.) бо фаъолнокии худ ин ё он ашё (ё мудрак)-ро ба воқеият табдил медиҳад. Сохтаҳои ормонии мо (назарияҳо, амсилаҳо ва ғ.), ки биниши воқеиятро муайян мекунанд, аввалиндараҷа мешаванд.

Қобили тазаккур он далел аст, ки нуқтаи назари зеҳнӣ-ормонгароӣ ҳангоми тавсифи «домҳои» интернет бештар намояндагӣ (ба унвони намунаи барҷаста) мекунад. «Азбаски дар воқеияти маҷозии имконпазир тасвирҳои ҷаҳони ботинӣ аз тасвирҳои ҷаҳони беруна фарқе намекунанд, пас дар сурати набудани аломатҳои махсус, тасвир ба кадом ҷаҳон тааллуқ дорад – ба ҷаҳони беруна ё ботинӣ, инсон раҳгум мезанад – дар куҷо ин ҳодиса рух додааст: дар ҷаҳоне, ки худи шахс эҷод кардааст ё дар беруни новобаста аз ӯ» [9]. Ҳамин тариқ, ба маънои муайян, Шабака воқеан қодир аст ҳамчун «тори тортанак» баромад кунад, ки инсон бо ин ё он сабаб ба он меафтад. Аз ин рӯ, ҳангоми тавсифи хатарҳои иҷтимоӣ ва равонии интернет, мо аз бисёр ҷиҳат маҷбур мешавем, ки эродҳои интиқодиеро, ки дар афкори таърихӣ ва фалсафӣ ба нишонии солипсизм гуфта шуда буданд, такрор кунем.

Дар муқоиса бо ормонгароии айнӣ, дар ормонгароии зеҳнӣ, масъалаи фарқияти воқеияти айнӣ ва зеҳнӣ аз байн бардошта мешавад ва дар айни ҳол, афзалияти (барои мавзӯи муҳокимашаванда) мушкилоти ба ҳамдигар гузаштани онҳо инкор карда мешавад. Ва он, дар навбати худ, потенсиали эвристикии тафсири зеҳнӣ-ормонии масъаларо дар татбиқи таҳлили воқеияти имконпазир коҳиш медиҳад. Тавре М. Хайм мегӯяд, ғайривоқеиятгароӣ «нафаси кӯтоҳ» дорад [10], яъне он имкон намедиҳад, ки имконгузинӣ (алтернатива) дида шавад, дар сурате, ки В. Ҷеймс онро муҳимтарин кори фалсафа дониста буд.

Ҳамин тавр, рӯйкарди зеҳнӣ-ормонгароёна, чунин хусусияти воқеияти имконпазирро, ба монанди мубрамият тезутунд карда, дар айни ҳол чунин хосияти фазои маҷозиро, ба мисли «тавъамшавии тавъамнопазир» таъкид менамояд (дар баъзе ҳолатҳо онро бениҳоят пурсамар мекунад), аммо дар айни замон айниро дар зеҳнӣ ҳулул ва ҳудуди байни гузашта, ҳозира ва оянда, илм ва саргармиро ҳак менамояд ва ғ. Ин равиш ҳамзистии ду ҷаҳони иттилоотии бузург (инсон ва компютер)-ро комилан пурра таъмин мекунад. Аммо ин равиш воқеияти дугонаӣ будани «имконпазир/воқеӣ»-ро пурра бартараф карда, ба маҳлулшавии феноменологии иҷтимоӣ дар воқеияти

имконпазир мунҷар мегардад ва чунин вазифаи муҳимми интернетро, ба монанди миёнаравӣ, рӯйпӯш мекунад.

Аз мероси бузурги моддигароӣ барои таҳлили ин мавзӯъ мувофиқтаринаш назарияи инъикос аст, аммо танҳо дар шарҳи диалектикии он. Дар диалектикаи моддигароӣ «ормонӣ» таъбири равонӣ, маърифатшиносӣ ва иҷтимоии худро (дар ваҳдати худ) мунтазам мегирад ва имкон медиҳад, ки ба андозае тангии тафсирҳои айнӣ-ормонгароӣ, зеҳнӣ-ормонгароӣ ва вулгарӣ-моддигаро бартараф карда шавад. Аз нуқтаи назари диалектикаи моддигаро, воқеияти имконпазирро метавон ҳамчун гуногунрангии ҳастӣ баррасӣ кард, ки дар он ҳамаи воқеиятҳои дар боло зикршуда ба тарзи муайян алоқаманд карда мешаванд. Гузашта аз ин, онҳо дар шакли нави худ дода шудаанд, ки хусусияти дарки воқеиятро муайян мекунанд. Дар тафсири диалектикӣ-моддигароӣ қоидаи «бадани мо интерфейс аст» тавассути мафҳуми «амалия» тафсир карда мешавад: маҳз тавассути бадан параметрҳои воқеияти имконпазир ташаккул меёбанд, яъне, тавассути амалияи ҷисмонӣ, аз як тараф, воқеияти нав муқаррар карда мешавад ва аз тарафи дигар, худи шахс тағйир меёбад. Аз ин ҷо «фазо ва замон мавриди омӯзиш қарор мегиранд».

Воқеияти имконпазирро наметавон ба таври алоҳида баррасӣ кард ва ё алоҳида таърифи ҷавҳарӣ дод. Умуман, воқеияти имконпазир ба унвони як амалкард амал мекунад, агарчи дорои иқтидори муайяни тавлидӣ мебошад. Дар муқоиса бо таърифи ормонии К. Маркс, «воқеияти имконпазир» ҳамчун воқеӣ (ҷисмонӣ, иҷтимоӣ, равонӣ) пайдо мешавад, ки ба воқеияти виртуалӣ кӯчонида шуда, дар он (ба шакли рақамӣ) табдил меёбад.

Калимаҳои калидӣ барои тавсифи вазифаи «имконпазиргардонӣ» (интиқоли ҳама гуна воқеияти дигар ба ҳолати имконпазир) калимаҳои «муттаҳидшавӣ» ва «фурӯпошӣ» (ё «ихтисорсозӣ») мебошанд. Воқеан, бо ёрии интернет, мардум ва миллатҳо бо вуҷуди марзҳои ҷуғрофӣ ва сиёсӣ, бо ҳам муттаҳид ва давраҳо тагурӯ ва омехта мешаванд. Модда, фазо, робитаву муносибот – ҳама чиз ба шакли рақамӣ табдил меёбад (муносибати тасаввуфии файласуфони қадимро ба рақам ба ёд меояд). Аслан, ҳама чизро ихтисору маҳдуд кардан ва дар фазои маҷозӣ ҷойгир кардан мумкин аст. Бояд диққати махсус ба он дода шавад, ки минбаъд на ягон ҷанбаи ҷудогонаи ҳаёти ҷамъиятӣ ва шахсӣ, тавре ки ин дар замонҳои гузашта рух дода буд, балки тамоми фазои зиндагии одами муосир имконпазир карда мешавад.

Аз ин муқаддимаи мухтасари таърихӣ ва фалсафӣ дар робита бо масъалаи муҳокимашаванда бармеояд, ки ҳангоми баррасии воқеияти имконпазир ҳамчун гуногуннавъии ҳастӣ, ба ҷанбаи дигаре, яъне ба ҷанбаи навъи дигари мавҷудият таваҷҷуҳи хосса вуҷуд дорад. Д. В. Пивоваров менависад: «Воқеияти имконпазир ҳамчун воситаи ҳастии ормонӣ (идеал) маънои онро дорад, ки пеш аз ҳама, маҳлул шудан (андозагирӣ)-и худ дар дигаре ва қобили мушоҳида будани худ ба воситаи дигар, чӣ гуна он аз ҳастии воқеии андозашаванда (метрикӣ) фарқ мекунад» [1, с. 140]. Имрӯзҳо дар асоси чунин биниш шаклҳои гуногуни ҳаёти имконпазир (маҷозӣ) аз ҷониби бисёр илмҳо кашф ва тавсиф мешаванд. Масалан, дар физикаи квантӣ истилоҳи «зарраҳои имконпазир» барои муқаррарсозии чунон зарраҳои одӣ, ки бидуни ҳамкорӣ бо дигар ашё вуҷуд надоранд (ба ном шакли ғайриандозашавандаи мавҷудияти айнӣ), истифода мешавад. Дар мантиқи модалӣ истилоҳи «ҷаҳони мумкин» вуҷуд дорад, ки ба истилоҳи «ҷаҳони имконпазир/виртуалӣ» баробар аст. Ҳамин тариқ, мафҳуми

имконпазир/виртуалӣ беш аз пеш ба донишҳои илмӣ ворид шуда, тафсирҳои мухталиф ба худ касб мекунад.

Раванди тараққиёти миллат, ғуншавии иқтидори иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва зеҳнии он омили муҳим гардидаанд, ки ба болоравии фарҳанг ва тамоми талаботи маънавии миллатҳо ва халқиятҳо мусоидат мекунанд. Ба ин васила, фарҳанг на танҳо нақши «сирф» маънавӣ, балки нақши омили моддиро дар ҳифз ва устуворсозии истеҳкоми махсусиятҳои миллӣ, тарзи тафаккур, анъанаҳо ва маросимҳо иҷро менамояд [14].

Дар адабиёти илмӣ яке аз муҳимтарин нишонаҳои миллат фарҳанги миллӣ эътироф гардидааст. Дар ин ҳолат, аввалан, бо дарназардошти талошҳои имрӯзаи ҳар як миллат ва халқият ба роҳи ҳифзи арзишҳои миллии худашон, худогоҳии миллиро бе маънидодкунии усуливу назариявии мушаххаси ҳолати имрӯзаи рушди фарҳанги миллӣ асоснок кардан мумкин нест; сониян, фарҳанги миллӣ «захира»-и маънавии асосии худогоҳии миллӣ ба ҳисоб меравад ва дар ниҳоят, охирӣ сатҳи фарҳанги миллиро муайян мекунад (ва баръакс).

Бояд зикр намуд, ки фарҳанг ҳар хел фаҳмида мешавад, вале бо ин ҳама гуногунмаъноӣ, нуқтаҳои назарро ба ду ҷанбаи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст: аз як тараф, фарҳанг ҳамеша дар шаклҳои самараноки худаш – арзишҳои моддию маънавӣ, забон, анъанаҳо, расму оинҳо, маросимҳо падидор мешавад ва дар ҳамин шакл наслҳои нав онро ба мерос мебаранд. Дар адабиёти мо моҳияти бузурги ин меросро бисёр вақт

кӯшиш кардаанд, ки танҳо ба ҳамин тараф кашонанд. Хориҷ ва фаротар аз ин сарват, бе аз худ кардани он, ташаккул додани наслҳои нав ғайриимкон аст. Вале маҳз худи ҳамин мухолифати асоснокро ба миён овардааст, чунончи худи одамон ва фаъолияти онҳо гӯё ки «берун» аз фарҳанг монда бошанд.

Ҷанбаи дуюм фаъолияти эҷодии инсон мебошад, ки ин сарвати фарҳангиро аз худ намудааст ва танҳо барои ҳамин васила метавонад «фарҳангӣ» бошад ва онро рушд диҳад. Агар дар пешбинии аввал бознигарии шуури одамон ва фаъолияти онҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа беруншуда аз фарҳанг ба назар расад, он гоҳ вай аллакай ҳамин шуур ва худогоҳӣ, махсусан худогоҳии миллирро низ ба худ шомил месозад. Аз ин ҷо чунин бармеояд, ки ҳангоми фаҳмиши фарҳанг ҳамчун ягонагии (ҳамтаъсирӣ)-и фаъолияти эҷодии инсон ва паҳлуҳои самараноки ву заминаҳои он, зарурати истинодҳои алоҳида ба психологияи миллӣ, анъанаҳо, уруфу одатҳо ва ғайра аз байн меравад, чунки фарҳанг аллакай онҳоро дар бар мегирад ва бо як чизи нисбатан умумитар ва муҳимтар хулоса менамояд. Танҳо забон ва худогоҳии миллӣ метавонанд муҳиммияти нисбатан мустақилтар дошта бошанд.

Гарчанде ки миқдори хеле зиёди тадқиқоти илмӣ мавҷуданд ва бисёр рисолаҳои илмӣ доир ба масъалаҳои рушди фарҳанги миллӣ ҳимоя карда шудаанд, аз рӯйи инсоф бояд қайд намуд, ки дар бисёри ин корҳо, ки ба ақидаҳои хусусии муаллифон асос ёфтаанд, то имрӯз фарҳанги миллӣ таърифи мушаххаси худро наёфтааст.

Дар адабиёти фалсафӣ худшиносии инсонро ҳамчун амалиёт, эҳсос, фикр, сабабҳои рафтор, манфиат, мақоми худро дар ҷамъият дарк кардани одам тавсиф менамоянд [4, с.133]. Воқеият чунин аст, ки дар тӯли тамоми зиндагӣ инсон барои шинохти худии худ майл менамояд ва мехоҳад ба саволи “Ман кистам?” ҷавоб гӯяд. Дар ин хусус ҷомеашиноси олмонӣ Э. Фромм чунин менигорад: “Тамоми ҳаёти фард ба ҷуз раванду шинохти худии худ чизе дигаре нест...” [11, с.105].

Худшиносии инсон хислати рефлективӣ дорад, зеро он фақат дарки ҳастии тани худ набуда, балки он дар раванди муносибату муошират, ҳамчунин зери таъсири омилҳои ҳиссию равонӣ, иҷтимоиву фарҳангӣ сурат мегирад. Аз ин лиҳоз, инсон дар худ ҳамаи ин омилҳоро рефлексия намуда, ҷойгоҳ ва рисолати хешро дар зиндагӣ муайян менамояд.

Яке аз шаклҳои муҳимми шинохти инсон худшиносии миллӣ мебошад. Чунин ба назар менамояд, ки мафҳумҳои “худшиносии инсон” ва “худшиносии миллӣ” муродифи якдигар мебошанд. Умумияти ин мафҳумҳо дар он аст, ки онҳо ҷараёни як воқеиятро ифода менамоянд. Аммо таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ имконият медиҳад, ки фарқияти онҳо низ муайян карда шавад.

Худшиносии миллӣ сатҳи мураккабтар, зинаи нисбатан олитари худшиносии инсон аст, чунки дар ин ҷо на фақат оид ба раванди шинохти худии худи инсон, балки муносибати инсон ба арзишҳои миллӣ сухан меравад. Аммо баъзе муаллифон мафҳуми худшиносии миллиро сатҳӣ баррасӣ намуда, маҳз ҳамин ҷиҳати масъаларо ба инобат намегиранд. Дар баъзе мавридҳо онро бо чунин мафҳумҳо, ба мисли истиқлолияти миллӣ, ваҳдати миллӣ, фарҳанги миллӣ омезиш медиҳанд, таносуби онро бо мафҳумҳои ҳамрадиф муайян накарда, унсурҳои ташкилдиҳандаи худшиносии миллиро ба таври возеҳ нишон намедиҳанд [3, с.158,159], ки дар натиҷа мазмуну моҳияти падидаи худшиносии миллӣ коҳиш меёбад.

Профессор Ғаффорова М.К. худшиносии миллиро чунин муайян менамояд: «Худшиносии миллӣ аз ҷониби фард бо шакли миллӣ шинохтани робитаҳои ҷамъиятӣ, шинохтани мансубият ба умумияти муайяни миллӣ – этникӣ, шинохтани ягонагии худ бо ҳамин миллат аст» [15, с.80]. Бояд зикр намуд, ки таърифи мазкур каме маҳдуд мебошад, зеро худшиносии миллиро на фақат мавҷудияти омилҳои дар таърифи зикр гашта муайян менамояд, балки он аз сатҳи арзишфаҳмӣ, муносибати арзишӣ ба муқаддасоти миллӣ, арҷгузорӣ ба марзу буми Ватан низ вобаста мебошад. Аммо ҳамин ҷиҳати масъала, яъне сатҳи арзишфаҳмӣ ва муносибати арзишӣ ба воқеияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ камтар ба инобат гирифта шудааст. Бешубҳа, эҳёи давлатдории тоҷикон, барпо гардидани Тоҷикистони соҳибистиқлол, мақоми давлатӣ гирифтани забони тоҷикӣ, вусъатёбии робитаҳои иқтисодию фарҳаннгӣ бо дигар мамлакатҳои ҷаҳон,

ташаккули ифтихори миллӣ аз таърихи бойи худ, маданият ва расму оинҳо заминаҳои муҳимми раванди ташаккули худшиносии миллӣ мебошанд. Дар баробари ин, зарур аст ба инобат гирем, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ ба фазои арзишҳои умумибашарӣ ворид шудани миллат, муносибати он бо дигар миллатҳо, шиносоӣ ва эҳтироми арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо унсурҳои муҳимми худшиносии миллӣ маҳсуб меёбанд, ки дар таърифоти мавҷуда на ҳама вақт ба инобат гирифта мешавад. Аз ин рӯ, таърифи профессор Ғаффороварo ба инобат гирифта, худшиносии миллиро чунин муайян намудан ҷоиз аст: «Худшиносии миллӣ аз ҷониби фард бо шакли миллӣ шинохтани робитаҳои ҷамъиятӣ, шинохтани мансубият ба умумияти муайяни миллӣ–этникӣ, шинохтани ягонагии худ бо ҳамин миллат, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллӣ ва ҳамзамон эҳтироми арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангии дигар миллатҳо мебошад».

Таърихи инсоният собит менамояд, ки худшиносии миллӣ дар ҳама давру замон дар як сатҳ қарор надоштааст, зеро он зери таъсири омилҳои мушаххаси иҷтимоиву таърихӣ дар раванди ҷомеасозӣ ва давлатсозӣ арзи вуҷуд менамояд. Аз ҷумла, дар раванди бунёди давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ин падида бо тобишҳои нав ба назар мерасад. Амалияи ҷомеасозии кишварҳои дар ҳоли рушд қарордошта, ки Тоҷикистон дар қатори онҳост, собит менамояд, ки масъалаи худшиносии миллӣ бевосита ба муаммоҳои бунёди давлати миллӣ ва таъмини амнияти он вобаста мебошад.

Худогоҳии миллӣ, ки шакли ташкилоти ҷамъиятӣ мебошад, дар ҳаёти одамон ҷойгоҳи муҳимро касб мекунад. Он аз маҷмӯи мураккаби муносибатҳо иборат мебошад, ки тавассути ҷонибҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии ҳаёти иҷтимоӣ муқаррар гардида, дар ҳамин замина натиҷаи алоқаҳои объективии одамон бо умумияти муайян мебошад. Дар баробари онҳо худогоҳии миллӣ дар асоси муносибати субъективии инсон бо ҳамнавъони худ, махсусиятҳои тарзи зисти вай, анъанаҳои фарҳангӣ ва муносибаташ бо худ ҳамчун «қисми хурдакак»-и бо вай шинос инкишоф меёбад.

Худогоҳии миллӣ ифодаи ҷиҳатҳои муттаҳидшудаи миллӣ дар сохтори иҷтимоӣ ва психологии шахс мебошад ва дар шакли ҳиссиёт, ақидаҳо, тасаввурот, самтгириҳои мақсаднок ва монанди инҳо зоҳир мешавад. Ин тамоюлот дар раванди муносибати байнимиллӣ махсусан фарқ карда меистанд. Муқаррарот дар муносибати байнимиллӣ аз бисёр ҷиҳат аз хислати иттилоот дар бораи махсусиятҳои миллии инсон, ки дар шуури вай ҷойгир шудааст, вобаста мебошад. Муҳиммияте, ки инсон ба аниқияти миллии худ бахшидааст, пеш аз ҳама, ба мансубияташ ба миллати мазкур тавассути вазъияти иҷтимоӣ, маърифатнокӣ, фарҳанги ахлоқӣ ва психологии ӯ муайян карда мешавад. Вале ин ҳодисаҳо ҳангоми зоҳиршавиашон дар тамоми соҳаҳои ҳаёт мураккаб ва бисёрҷабҳа мебошанд.

Лозим ба таъкид аст, ки омӯзиши ин масъала аҳамияти муҳимми амалӣ дорад. Ҳоло, дар шароити рушди худогоҳии миллӣ, барқарор намудани эътимоди тарафайн ва амалкарди принсипи интернатсионализм зарур аст. Дар ин маврид истифодаи оқилонаи урфу одатҳои миллӣ ва маросимҳо, ки аз қадимулайём дар мувофиқат бо анъанаҳои умумиинсонӣ барои муттаҳидсозии халқҳо хизмат мекунанд, нақши намоёнро иҷро хоҳад кард. Яъне, тарбияи байналмилалиро бояд тавассути тарбияи миллӣ, аз рӯйи беҳтарин анъанаҳои миллӣ бо назардошти дастовардҳои миллатҳои бисёр ба роҳ мондан зарур аст, ки имкон медиҳад ҳар як миллат на танҳо дараҷаи рушди инфиродии худро таъмин намояд, балки тавонад саҳми сазовори худро дар ҳалли масъалаҳои умумиинсонӣ гузорад. Чи тавре ки С. А. Атамуратов қайд мекунад, тарбияи миллӣ “на танҳо фарҳанги миллии худ, забони худ, расму одат ва анъанаҳои худро аз худ кардани мардум мебошад. Чунин азхудкунӣ ҳатмист, вале ин ҳамагӣ як зарурат аст, гарчанде ки худ ба худ ҳанӯз нишонаи кофии мафҳум нест. Ҳама гуна тарбия раванди фаъолияти оқилонаву ҳадафмандонаи одамон мебошад» [1, с.115]. Бинобар ин, дар муайян кардани ин категория бояд нишон дода шавад, ки тарбия маҳз ба чӣ равона карда шудааст. Мақсади он ташаккул додани инсон ҳамчун субъекти шуур ва худогоҳии миллӣ (ба таври васеътар фарҳанги миллӣ) мебошад. Ин самтгирӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқии инсонро ифода мекунад, ки дар асоси онҳо таъминоти умумиинсонӣ қарор

доранд – ҳамон қонунҳои одии ахлоқӣ ва адолат, ки дар тамоми таърихи инсоният коркард шудаанд. Аз рӯйи қоида, ҳамчунин муҳим аст, ки тарбияи миллӣ миллатгароии тамоми самтҳоро сарфи назар менамояд: одаме, ки дар худ арзишҳои фарҳангии халқи (мисли дилхоҳ халқи дигар) тоҷикро фаро гирифтааст, фарҳанги ҳақиқии халқиро аз худ кардааст, наметавонад инсонҳои дигарро эҳтиром накунад, вай одамонро аз рӯйи бунёди ахлоқии онҳо, аз рӯйи сифатҳои инсонии онҳо баҳо медиҳад. Мо муддати тӯлонӣ моҳияти омилҳои иқтисодиву иҷтимоиро дар наздикшавии миллатҳову халқиятҳо дар асоси фарҳанги умумиву миллӣ ва шуури байналмилалӣ аз ҳад зиёд карда нишон додем. Дар асл ин омилҳо танҳо шартҳое мебошанд, ки ба наздикшавии маънавии одамон ва халқҳо мусоидат мекунанд.

Дар тарбияи миллӣ набояд маҷбурият бошад. Инсон дар доираи умумиятҳои этникии муайян қарор гирифта, наметавонад берун аз сарҳадҳои фарҳанг, анъанаҳо ва ҳаёти он зиндагӣ намояд. Миллат, дар навбати аввал, худро тавассути роҳандозии тамоми анъанаҳо ва урфу одатҳои миллӣ ба вуҷуд меорад; ин хислати устувор дорад. Истифодаи бомуваффақияти он, ба ақидаи мо, нисбат ба интизориҳо аз дигар шаклҳои тарбия самараи зиёдтар медиҳад.

Тарбияи миллӣ на танҳо воситаи «худҳифзкунӣ»-и миллат мебошад, балки неруи «ғоявӣ» дар рушди худогоҳии миллӣ низ ба ҳисоб меравад. Ба назари мо, дар шароити эҳёи худогоҳии миллӣ, истифодаи шаклҳо ва усулҳои тарбияи миллӣ яке аз нуқтаҳои назари нав дар корҳои тарбиявӣ мебошад. Масалан, анъанаҳои миллии халқи тоҷик, монанди эҳтироми волидайн ва калонсолон, ғамхорӣ ба кӯдакон, кумаки моддии байниҳамдигарӣ ба пайвандон ва дӯстон дар тӯйҳо, дар рӯзҳои аз даст додани наздикон ва дигар душвориҳои рӯзгор аз қадимулайём зинда буда, онҳо нисбат ба одамон, новобаста аз мансубияти миллиашон, ҳисси накукориро ташаккул медиҳанд.

Равандҳои ҷаҳонишавии муосир, вусъати муборизаҳои мафкуравӣ ва кӯшиши субъектҳои муносибатҳои сиёсӣ бо ҳар роҳу усул амалӣ намудани манфиатҳои геополитикии хеш тақозо менамояд, ки таҳқиқи худшиносии миллӣ дар масири равандҳои эҳтимолии инкишофи ҷараёнҳои сиёсӣ ва ояндабинии илмӣ сурат гирад. Дар ин ҷо ду мафҳуми калидӣ - “эҳтимолият” ва “ояндабинӣ” машрӯи худро тақозо менамояд.

Мафҳуми “эҳтимолият” аз асри XIX ба илм ворид гашта, аввал бештар дар илми математика истифода мешуд. Баъдтар дар раванди омӯзиши равандҳои иҷтимоӣ, хосса дар илми тиб, мавриди истифода қарор дода шудааст. Кашфи физикаи квантӣ, ки имконияти бештари эҳтимолии дарки сирру асрори дар моҳият нуҳуфтаи ҳастиро ба миён овард ва усули эҳтимолии маърифати тағйирпазирии оламро дар илмҳои ҷомеашиносӣ низ побарҷо гузошт. Ҳатто соҳаи махсуси илми мантиқ – мантиқи эҳтимолият арзи вуҷуд намуд, ки дар ин ҷо мафҳуми эҳтимолият дар радифи таносуби мақулаҳои зарурат ва тасодуф, имконият ва воқеият ба назар мерасад, ки он имконияти тарзи дигари дарки тағйирёбиву инкишофро дар воқеияти сиёсӣ фароҳам овардааст. Нуктаи муҳим дар ин ҷо ин аст, ки “акнун мафҳуми “эҳтимолият” аз мафҳуми сирф марбут ба гносеология ба мафҳуми онтологие табдил ёфт, ки он имконияти ба умқи ҷараёнҳои сиёсӣ ворид шуданро ба миён овард. Масалан, агар тибқи тафаккури пешин маърифати тамоми ҷараёнҳои сиёсӣ аз рӯйи қонуни зарурият яксамта ва дар доираи як мафкура сурат мегирифт, акнун дар шароити ҷаҳонишавӣ омилҳое арзи вуҷуд намуданд, ки зери фишори онҳо ин қонунмандӣ халалдор гашта, инкишофи равандҳои сиёсӣ бисёрсамтаи эҳтимолиро касб менамоянд” [14]. Ин ҷанбаи масъала татбиқи муносибати синергетикиро тақозо менамояд, зеро дар ин ҷо нақши омилҳои тасодуфӣ, беруна ба назар гирифта мешавад. Агар ин ҳолатро дар такя ба комёбиҳои илми механикаи квантӣ тавсиф диҳем, дар сурати маълум будани шартҳои ибтидоӣ, мақсад ва нақши ниҳодҳои иҷтимоӣ дар раванди тағйирёбиҳои иҷтимоӣ, мо амиқан метавонем дар зинаҳои муайяни рушд бурду бохти онро бо натиҷаҳои интизорӣ муқоиса намоем. Аммо воқеияти имрӯза чунин нест, зеро ҷомеаҳои тавсеаёфтаистода дар аксар мавридҳо аз лиҳози техникӣ, технологӣ ва тахассусӣ побанди давлатҳои пешрафта мебошанд. Дар ҳолати мувофиқ наомадани манфиатҳо, абарқудратҳо метавонанд ҳар лаҳза муҷозот

дар шакли санксияи иқтисодӣ, молиявӣ, техникиву технологиро татбиқ намоянд, ки раванди ислоҳотҳо ва ҳар гуна тағйирёбиҳои иҷтимоиро дигаргун созанд.

Омили дигаре, ки иллати арзи вуҷуд намудани равандҳои эҳтимолии рушди вазъи сиёсӣ мегардад, ин даъвои абарқудратҳо баҳри "роҳбарӣ" дар миқёси ҷаҳон ва психологияи "бузургманишӣ" дар минтақаҳои гуногуни олам мебошад. Дар ин замина муборизаи мафкуравӣ авҷ гирифта, фишороварӣ ба фарҳангу арзишҳои миллату халқҳои дар суръати инкишоф ақибмонда торафт амиқтар гашта, фаъолияти таблиғотии баъзе аз созмонҳои хосияти ифротидошта дар минтақаҳои гуногун пурзӯр мегардад, ки он дар байни қишрҳои мухталифи ҷомеаи ҷаҳонӣ бетаъсир нахоҳад монд. Мисоли равшани ин тамоюлро мо дар мисоли чанд давлатҳои арабӣ, Африқову Аврупо дида метавонем, ки онҳо натиҷаи кӯшиши амалигардонии манфиатҳои геополиткию мафкуравии абарқудратҳо мебошанд, бевосита тамоюлҳои эҳтимолии равандҳои сиёсиро куллан тағйир дода истодаанд. Бинобар ин, агар дар раванди ҷаҳонишавии муосир аз як тараф робитаҳои иқтисодии давлатҳо пурзӯр гашта, имкониятҳои бештари рушди ҷомеаҳои дар ҳолати модернизатсия қарор дошта ба миён ояд, аз тарафи дигар, фазои иҷтимоӣ-фарҳангии ин ҷомеаҳо бо арзишҳои барои ҷомеаҳои суннатӣ бегона олуда гашта, пояҳои ахлоқиву маънавии онҳо заиф мегарданд, ки онҳо шуури миллиро коста мегардонанд. Дар ин ҷараён рушду такомули рӯзафзуни худшиносиву худогоҳии миллату халқҳо ва гурӯҳҳои этникӣ, ҷустуҷӯи асли хеш ва аз ҳама муҳим, дарки равандҳои эҳтимолии хатарзои замони имрӯза аз ҷумлаи вазифаҳои мубрами рӯз маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки дар назди шуури миллӣ вазифаи аслӣ рисолати бузурги давлат ва миллатсозӣ меистад. Ба таъбири дигар, масъалаҳои гносеологӣ ва онтологии шуури миллӣ бояд бо онтологияи объективии омили миллӣ пайванди ҳаётӣ дошта бошанд. Дар ин самт мавриди тадқиқоти ҷиддӣ қарор доштани масъалаҳои давлатдории миллӣ, тибқи мантиқи қонуниятҳои ташаккули низоми нави байналмилаӣ, аз масъалаҳои рӯзмарра маҳсуб меёбад.

Дар ҳақиқат дар шароити ташаккул ва рушди эҳтимолияти равандҳои сиёсӣ шуури миллӣ бояд дар ҳамбастагӣ бо ояндабинии илмӣ мавриди омӯзиш қарор ёбад. Аз лиҳози умумифалсафӣ ояндабинӣ мафҳумест, ки дар худ муҳокимарониҳоро дар бораи тағйирёбии ҳастӣ инъикос менамояд. Муҳим будани ташаккули тафаккури ояндабинӣ барои субъектҳои ҷараёнҳои сиёсӣ аз он иборат аст, ки бо назардошти равандҳои эҳтимолӣ имконияти корреллятсияи фаъолияти сиёсии онҳоро медиҳад.

Аҳамияти дигари тафаккури ояндабинӣ аз он иборат аст, ки барои ба мардум фаҳмонида додани моҳияти равандҳои эҳтимолии ҷараёнҳои сиёсӣ, ки ҷомеаро ба сӯйи "ҷароҳатҳои иҷтимоӣ" ва бесарусомониҳо мебарад, имкониятҳои мусоид фароҳам меоварад. Бинобар ин, рисолати асосии тафаккури ояндабинӣ аз он иборат аст, ки дар масири ҷараёнҳои сиёсии муосир бояд модели эҳтимолии рушди ҷомеа ва оқибатҳои фалокатбори онро ба мардум ба таври возеҳ фаҳмонад.

Дар шароити ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян намудани равандҳои эҳтимолии инкишофи ҷараёнҳои сиёсӣ аҳамияти бештар касб менамояд, зеро анқариб сад дар сади аҳолии мо эътиқод ба дини ислом доранд. Аз тарафи дигар, набояд фаромӯш кард, ки давлати давлати ҳаммарзи мо – Афғонистон алангаи оташи ҷанг хомӯш нагаштааст. Зери таъсири қувваҳои сиёсие, ки дар ин кишвар амал менамоянд, оташи аланга марзи моро убур намуда, боиси такрори ҳодисаҳои солҳои 90-ум гардиданаш аз эҳтимол дур нест. Аз ин рӯ, ягон шаҳрванди ватандӯст бояд зиракии сиёсиро аз даст надиҳад, ба суханҳои баландпарвози мубаллиғони гурӯҳҳои иҷтимоӣ фирефта нагардад, ҳар кас бояд ба ҳоли қудрат пояҳои сулҳу ваҳдати миллиро мустаҳкам намояд. Арзи вуҷуд намудани равандҳои наву мухталифи ҷомеа, куллан тағйир ёфтани низоми нави байналмилалӣ аз инсон талаб менамояд, ки ӯ ояндаи хешро ба ин ё он раванди сиёсӣ бошуурона бипайвандад. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки дар шароити гуногунандешӣ на ҳамаи субъектҳои ҷараёнҳои сиёсӣ дар ташаккули шуури миллии ояндасоз манфиатдоранд, онҳо бештар аз лиҳози маҳдуди гурӯҳии хеш ба ҷараёнҳои сиёсӣ баҳо медиҳанд. Маҳз ҳамин тангназарии гурӯҳҳои алоҳида яке аз сабабҳои ҳодисаҳои солҳои 90-уми асри XX гардид. Вазъияти иҷтимоиву сиёсии ҳамон солҳоро тавсиф намуда, муҳаққиқ И.Шарипов чунин таъкид менамояд: "Тангназарии зубдагони

сиёсии ҳамон замон, дарк карда натавонистани пайдарҳамии ҳаводиси сиёсӣ, эҳсос нагаштани муаммоҳои муҳимми ҳаётан зарури ҷомеа ва давлатсозӣ, аз ҳама муҳим - фалаҷ гаштани фаъолияти мақомотҳои асосӣ дар сохтори давлат боиси он гашт, ки аҳолии ҷумҳурии хусусияти умумимиллӣ ва лаҳзаи фараҳмандии неъмати истиқлолиятро дарк карда натавонистанд”[12, с.9]. Ба андешаи муҳаққиқи мазкур, номуайянии низоми сиёсӣ ва мавқеи зубдагони сиёсӣ иллати асосии костагии маданияти сиёсии ҷомеа гашт. Маҳз номуайянии мавқеи роҳбарони сиёсӣ, мақомотҳои давлатӣ сабаби он гашт, ки ҳатто баъд аз ба дастовардани истиқлолияти давлатӣ низ тайи чанд соли охир мардум дар гирдоби психология ва тафаккури сиёсии пешин боқӣ мемонданд. Чунин ҳолат барои давлати соҳиб истиқлол бисёр хавфнок буд, зеро таърихи давлатсозии инсоният собит менамояд, ки истиқлолияти комили сиёсӣ, пеш аз ҳама, истиқлолияти тафаккури миллӣ, худшиносии миллӣ, дарки ҳувияту мансубияти миллӣ, ҳифзи манфиатҳои ҷуғрофию сиёсӣ, арҷгузорӣ ба муқаддасоти миллии хеш мебошад. Ҳар як узви ҷомеа бояд дарк намояд, ки мақсади ниҳоии ҳар муборизаи мафкуравӣ ноил шудан ба даст кашидан аз ҳувияти миллии хеш ва қабули мафкураи дигар мебошад. Ин роҳест, ки инсонро ба парастиши ғояи дигар, таърихи дигар ва фарҳанги дигар равона менамояд. Масалан, барои давлатҳои абарқудрат, ки онҳо дар Тоҷикистон манфиатҳои геополитикии худро доранд муҳим нест, ки дар кишвари мо чӣ гуна низоми иҷтимоиву сиёсӣ ё фарҳангӣ барқарор мешавад, муҳим он аст, ки тоҷикон аз решаҳои таърихии худ дур гашта “худии худ”-ро фаромӯш созанд.

Ҷанбаи муҳимми ташаккули шуури миллӣ алоқамандии он ба ҷараёни ташаккули шуури таърихӣ мебошад. Маълум аст, ки шуури таърихӣ кулли хосиятҳои ин ё он миллатро дар худ инъикос менамояд. Аз ин рӯ, таҳлили амиқи худшиносии миллӣ муроҷиат намудан ба гузашта ва муайян намудани тамоюлҳои муосири рушди ҷомеаро тақозо менамояд, чунки таҳлили фалсафии худшиносии миллӣ муроҷиати тадқиқотчиро ба равандҳои рушди маънавиёт, кӯшишҳо, орзую ормонҳои ҷомеа, ки тӯли ҳазорсолаҳо ташаккул ёфтаанд, талаб менамояд. Чунин зарурият аз он бармеояд, ки маҳз собиқаи ниёгони мо оид ба инкишоф додану ғанӣ гардонидан ва аз ҳама муҳим нигоҳдории он дар хотираи таърихӣ имкон дод, ки дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI тоҷикон бахри бунёди давлати соҳибистиқлол, демократию дунявии худ ҳусни оғоз бахшанд. Гарчанде мо имрӯз дар арафаи 30 - солагии Истиқлолияти давлатӣ қарор дорем, вале набояд муборизаҳои маънавии намояндагони фарзонаи миллатро дар солҳои 1924, 1929 ва дар давраҳои минбаъда аз хотир барорем, аз ҷумла муборизаи шадиди сиёсиву мафкуравии фарзандони фарзонаи миллати мо, ба мисли Садриддин Айнӣ, Нусратулло Махсум, Абдуқодир Муҳиддинов, Абдураҳим Ҳоҷибоев, Шириншо Шотемур, Чинор Имомов ва даҳҳо дигарон. Онҳо, барҳақ, барои бедорӣ ва худогоҳии миллӣ ба тариқи таҳқиқу таблиғи таърихи бисёрҳазорсолаи ниёгон ва мероси оламгиру ҷовидона мубориза бурда, халқи моро ба шоҳроҳи манфиатҳои аслии миллӣ ҳидоят намуданд.

Роҳи иҷтимоӣ-фарҳангие, ки ҳар як миллат дар тӯли таърих тай менамояд, пояи ташаккули худшиносии вай мебошад. Вале бояд дар назар дошт, ки ёддошти таърих набояд ба хотири худситоӣ бошад. Рӯйовариҳои мо ба гузаштаи хеш барои тақвияти рӯҳи созандагӣ, бузургдошти хотираи нахустаҷдодҳоямон дар дарозои таърих ва дар ин замина бунёди давлати соҳибистиқлоли миллӣ мебошад. Чунин масъалагузорӣ маънои амиқ дорад, зеро моҳиятан дар ин ҷо сухан дар бораи падидаҳои маънавӣ, кӯшишу ормонҳо, арзишҳое меравад, ки тӯли ҳазорсолаҳо мардуми тоҷикро аз нестшавӣ эмин дошта, имконияти нигоҳдории хотираи таърихиро додааст. Баъди ҳазорсолаҳо, дар ибтидои қарни XXI эҳёи ғояи миллӣ, оғоз гашт ва тоҷикон соҳиби давлати миллӣ шуданд. Маҳз дарки зарурияти худшиносиву худогоҳӣ имконият дод, ки зиддиятҳои иҷтимову сиёсии ибтидои солҳои 90 - ум паси сар шуда, тоҷикон дар атрофи давлати соҳибистиқлоли миллӣ муттаҳид гарданд.

Эҳтимолияти рушди равандҳои сиёсиро дар ҷомеа таҳлил намуда Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомали Раҳмон борҳо таъкид намудааст, ки “сабақи талхи таърихи кишварамон ба ҳар як шахс ҳушдор медиҳад, ки дигар ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсӣ ва ҳушёрии зеҳниро аз даст надиҳад,

ватандӯсту ватанпарвар бошад, аз гузаштаи пурғановати ниёгон ифтихор кунад ва ба ин роҳ ваҳдати миллӣ, ягонагии кишвар, марзу буми аҷдодиашро эҳтиёт ва ҳифз намояд” [7, с.35].

Фарҳанг барои миллати тоҷик сулҳро асос гузошт ва ин аст, ки фарҳанг барои миллати тоҷик чун ганҷи муқаддас бебаҳост” [10].

Пешвои миллат аз рӯзҳои нахуст ба фарҳанг такя мекард ва имрӯз низ корбаст аз фарҳанг шеваи фаъолияти доманадори ӯст. Таҷлили чорабиниҳои фарҳангӣ, симпозиуму конференсияҳо ва ҳамоишҳои байналмилалӣ бахшида ба таҷлили солгарди фарзандони барӯманди миллат, таҷлили санаҳои бузурги фарҳангӣ, бунёди иншооти замонавӣ, барқарорсозии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, эҳёи суннатҳо ва анъанаҳои миллӣ, қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ, тавассути чорабиниҳои байналмилалӣ тарғиби фарҳанги пурғановати миллӣ дар кишварҳои хориҷӣ, баргузории рӯзҳои фарҳангиву ба роҳ мондани сафарҳои ҳунарӣ ва амсоли он аз аввалин рӯзҳо дар маркази таваҷҷуҳи Роҳбари давлат қарор дошт ва дорад.

Аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ, бахусус Пешвои миллат аҳли ҳунару санъат пайваста қадрдонӣ карда мешаванд. “Бунёди муассисаҳои муҳташами фарҳангӣ, мақоми давлатӣ гирифтани як қатор муассисаҳои фарҳангӣ, аз қабили ансамблҳои «Шашмақом», «Фалак» ва таҷлили ҳамасолаи ҷашнҳои «Наврӯз», «Меҳргон», «Рӯзи Шашмақом»,» Рӯзи Фалак», «Рӯзи Китоб», инчунин дастгирии чорабиниҳои фарҳангии сатҳи ҷумҳириявию байналмилалӣ гувоҳи толошҳову нақшҳои Пешвои миллатанд”[10].

**Муқарриз: *Солиҷонов Р.* – доктори илмҳои фалсафа, ДИС ДДТТ**

## АДАБИЁТ


1. Атамуратов С. Национальное самосознание и интернациональное воспитание. -Ташкент, 1991. -С. 122.
2. Ваҳдат–якдилӣ. -Душанбе, 1997. -С. 28-29.
3. Гухамедов М., Ҳабиб Сулаймонӣ. Эмомалӣ Раҳмон асосгузори давлати навини тоҷикон. –Душанбе: Адиб: 2014. -С. 193-194.
4. Идиев Х.У. Фалсафаи иҷтимоӣ.-Душанбе: Дониш, 2013. -378 с.
5. Идиев Х.У. Тоҷикистон дар масири тағйироти иҷтимоӣ. -Душанбе, 2016.
6. Набиев В. Сулҳ, ризоият, ваҳдат. –Хуҷанд: Хуросон, 2007. –С.. 122-124.
7. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 2017. -54 с.

8. Солиҷонов Р. Муқаддимаи фалсафа. ҶДДМ “МТХ-Даврон”, Хуҷанд, 2019. С. 19-20.
9. Спиркин А. Асосҳои фалсафа. – Душанбе: Маориф, 1991. -544 с.
10. Фарҳанги миллӣ – муҳимтарин омили тарбия. Манбаъ: javonon.tj › news › culture › f.
11. Фромм Э. Бегство от свободы. Перевод А.В. Александрова. –М., 2016. -С. 356.
12. Шарипов И. Ш. Теория и практика укрепления института национальной независимости Республики Таджикистан. В кн.: Проблемы укрепления национальной независимости Республики Таджикистан. –Душанбе, 2006. -255 с.
13. Шарипов М.И. Дилоев Н.Ф ва дигарон. Фарҳангшиносӣ. -Душанбе, 2018. -С.28-29.
14. Ятимов С. Шуури ҷамъиятӣ ва амнияти ҷамъиятӣ. [Манбаи электронӣ]. www.rtsu.tj › news
15. Ғафорова М.Қ. Асосҳои фалсафа. -Душанбе, 2012. -183 с.


## ФАРҲАНГ ВА ТАШАККУЛИ ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ


Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф яке аз масъалаҳои мубрами ҳаёти иҷтимоии муосири тоҷик-нақши фарҳанг дар ташаккул ва такомули худшиносии миллӣ баррасӣ гаштааст. Муаллиф дар мақола таъкид менамояд, ки дар шароити демократикунонии ҷомеа мардум ба дарки хусусиятҳои хосси миллати худ ҳам аз ҷиҳати таърихию фарҳангӣ ва ҳам аз ҷиҳати иҷтимоию сиёсӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намуда истодаанд, яъне раванди навсозии ҷомеа дар аксар маврид хусусияти табиӣ ба худ касб карда истодааст. Унсури муҳимми эҳёи миллӣ дар масъалаи маҳфуз доштан ва рушди хусусиятҳои нотакрори халқҳо, ташаккули худшиносии миллӣ мебошад, ки манфиатҳои миллӣ ва ҳастии ҷомеаро инъикос менамояд. Дар мақола зикр гаштааст, ки раванди рушди миллат, таҳкими иқтидори иқтисодӣ, иҷтимоиву сиёсӣ ва зеҳнии он омили муҳим гардидаанд, ки ба болоравии фарҳанг ва тамоми талаботи маънавии миллатҳо ва халқиятҳо мусоидат мекунанд. Ба ин васила, фарҳанг на танҳо нақши «сирф»

маънавӣ, балки нақши омили моддиро дар ҳифз ва устуворсозии истеҳкоми махсусиятҳои миллӣ, тарзи тафаккур, анъанаҳо ва маросимҳо иҷро менамояд.

**Калидвожаҳо:** фарҳанг, фарҳанги миллӣ, худшиносӣ, худшиносии инсон, худшиносии миллӣ, ҳувияти миллӣ, эҳёи миллӣ, манфиатҳои миллӣ, ҳастии миллӣ.

## КУЛЬТУРА И ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОГО САМОПОЗНАНИЯ

В данной статье рассматривается одна из актуальных проблем общественной жизни современного таджикского общества: влияние культуры на процесс формирования национального сознания. Автор подчеркивает, что в условиях демократизации нашего общества повысился интерес людей к своей национальной самобытности, как в историческом, так и в культурно-языковом, социально-политическом плане, т.е. процессы общественного обновления во многих случаях обрели естественную форму национального возрождения. Важным элементом национального возрождения в плане сохранения и творческого развития национальной самобытности народов выступает и рост национального самосознания, отражающего национальные интересы, национальное бытие общности. В статье подчеркивается, что возрастание экономической мощи, социально-политического опыта и интеллектуального потенциала общества способствует развитию национальной культуры, и тем самым становится важным фактором удовлетворения духовных потребностей наций и народностей. Поэтому культура не только “чисто” духовное явление, но значимый фактор развития материального производства, механизм защиты особенностей нации, её языка, мышления, традиций и обычаев. Культура действительно является тем “хранилищем”, где накапливается человеческий опыт, знания и мудрость народа.

**Ключевые слова:** культура, национальная культура, самопознание, национальное познание, национальный менталитет, национальное возрождение, национальные интересы, национальное бытие.

## ROLE OF THE NATIONAL CULTURE IN SHAPING AND DEVELOPMENT OF THE NATIONAL CONSCIOUSNESS

This article examines one of the urgent problems of public life in modern Tajik society: the influence of culture on the process of forming national consciousness. The author emphasizes that in the conditions of democratization of our society, people's interest in their national identity has increased, both in the historical and cultural-linguistic, socio-political terms, i.e. the processes of social renewal in many cases took on a natural form of national revival. An important element of national revival in terms of the preservation and creative development of the national identity of peoples is the growth of national self-awareness, reflecting the national interests, the national life of the community. The article emphasizes that the growth of economic power, socio-political experience and intellectual potential of society contributes to the development of national culture, and thus becomes an important factor in meeting the spiritual needs of nations and nationalities. Therefore, culture is not only a “purely” spiritual phenomenon, but a significant factor in the development of material production, a mechanism for protecting the characteristics of a nation, its language, thinking, traditions and customs. Culture is indeed the “repository” where human experience, knowledge and wisdom of the people are accumulated.

**Key words:** a national rebirth, national feature, the process of reborn society, a national consciousness, national interest, national identity, national existence, national culture.

**Маълумот дар бораи муаллиф.** ***Мунаварова Дилафрӯз Одиловна*** **-** ассистенти кафедраи фанҳои ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар шаҳри Хуҷанд. **Суроға:** 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 169. E-mail**: mirzo937068000@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Мунаварова Дилафруз Одиловна*** - Институт экономики и торговли Таджикского государственного университета коммерции в г. Худжанде, ассистент кафедры общественных наук. **Адрес:** 734019, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект И. Сомони, 169. E-mail: **mirzo937068000@gmail.com**

**Information about the authors:** ***Munavarova Dilafruz Odilovna*** - Institute of Economics and Trade of the Tajik State University of Commerce in Khujand, assistant of the Department of Social Sciences. **Address:** 734019, Republic of Tajikistan, Khujand, I. Somoni Avenue, 169. E-mail: **mirzo937068000@gmail.com**

УДК:008.4

# ҒОЯИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ИНЪИКОСИ ҶАНБАҲОИ МАЪНАВИИ ҲУВИЯТИ МИЛЛӢ-ФАРҲАНГӢ

*Пиров А. К.*

**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**

Ташаккули ҳувияти миллӣ бидуни ҳузури андешаи самарабахши миллӣ ҳамчун як моҳияти актуалӣ, ки низоми ҷаҳонбинӣ, арзишҳо ва тафаккури иҷтимоии ҳар миллатро муайян месозад, ғайриимкон аст. Барномаю дидҳои муттаҳидсози аз андешаи дилчаспи миллӣ маншаъгиранда мақом, имкониятҳои зарфият ва қобилияти миллатро дар баробари асосҳои таъмини моддии ҳаёти ҷамъиятӣ пайваста меафзоянд. Дар ин қарина, бидуни ягон шакку тардид назарияи андешаи миллӣ барои миллат ва тамоми ҷомеа ниҳоят зарур ва муҳим ба шумор меравад. Зеро,“дар ҷаҳон кишваре ва ё мардуме нест, ки андешаи миллӣ надошта бошад, ки манфиатҳои асосии ин ҷомеаро инъикос намояд” [6, с. 409].

Андешаи миллӣ дар мубоҳисаҳои умумӣ-тамаддунии азхудкунии ҳадафмандонаи мероси гузаштаи ҳар як миллат муҳим арзёбӣ карда мешавад. Асоси андешаи миллиро ҳамчун худшиносии миллии аз ҷиҳати назариявӣ «низоми ақидаҳои фалсафӣ, сотсиологӣ, иҷтимоӣ-равонӣ, ахлоқӣ, динӣ ва ғайра ташкил медиҳанд, ки асосан аз инъикоси тасаввурот дар бораи ояндаи миллат, самтҳои рушд, тақдири минбаъда, муносибат бо миллатҳои дигар иборат мебошад» [8, с.54].

Худшиносии миллӣ масъалаҳои на танҳо марбути қазоватҳои мантиқии ба пояи хирад устувор, балки масоили ба тамоми ҷомеаи инсонӣ тааллуқдоштаро фаро мегирад ва аз ин рӯ, барои мавҷудияти ҷомеаи миллии аз арзишҳои мушаххас пайравикунанда ва аз ҷониби инсон даркшаванда муҳим аст. Дар ин росто воситаи дарки дилхоҳ андешаи миллӣ ҳамеша ба самти амалӣ-сиёсӣ майл дорад. Чунончи, саволи доимии “Ман кистам?” ва ё дар муносибат бо ҷомеа “Мо кистем?” ногузир аз худ масъалаи “Ман бояд чӣ кор кунам?” ва ё “Мо бояд чӣ кор кунем?”-ро, ки маншаи андешавӣ доранд, машрӯъ, ё ин ки мавзӯи мулоҳизоти гуногунҷанба мегардонанд.

Ин нуктаи назарро ҳанӯз яке аз бузургтарин файлсуфони динии асри XX Мартин Бубер комилан равшан карда буд: «Вақте ки мо дар бораи андешаи миллӣ сухан меронем, вақте ки миллат ягонагӣ, пайванди дохилӣ, хусусияти таърихӣ, анъанаҳо, ташаккул ва рушд, тақдир ва таъйиноти худро пай мебарад, онҳоро мавзӯи шуур ангезаи иродаи худ мегардонад» [1, с. 259].

Дар чунин тафсир, ҳувияти миллӣ ҳамчун категория ба як қатор мафҳумҳои мушобеҳ ба худ иртибот гирифта, тавассути ҷанбаҳои гуногун мушкилоти таърихнигории субъективияти инсонро дар таърих тавсиф менамояд ва таҷассуми худро дар категорияҳои «шуури таърихӣ», «хотираи таърихӣ», «фарҳанги сиёсӣ», «менталитет», «тамаддун», «хусусияти равонӣ» ва дар ниҳоят, «андешаи миллӣ» пайдо менамояд. Ин силсила мафҳумҳои зикршуда пурра нест ва онро метавон идома дода, васеътар ҳам намуд.[6, с.408-410].

Андешаи миллӣ ҳамчун яке аз шаклҳои ҳаммонандсозии фардии шахс дар ҷомеа ва ҳам дар заминаи огоҳии дастаҷамъона аз моҳияти ваҳдати қавмӣ, асосҳои маънавӣ (сакралӣ), ҳаққоният, томият, самтнокии рушди таърихӣ, муҳтавои ҳастии миллат ва ҷойгоҳи он дар байни мардумони дигар ба вуҷуд меояд.”Андешаи миллӣ дар тасаввурот ва ҳиссиёти норавшани мардум ҳамчун орзуи пойдор, кӯшиши субъективӣ ва ҳатто вақте ки халқ аз забон, давлат ва қаламрави худ маҳрум аст, вуҷуд дорад. Дар

шароити муайян андешаи миллӣ заминаи эҳёи ҳама чизи аздастрафта дар раванди таърих мегардад. Андешаи миллӣ архетип ва шуури миллатро муттаҳид мекунад» [9, с. 47-58].Андешаи миллӣ тавассути таҳлилу баррасии гузаштаву имрӯзаи миллат, рӯйдодҳои муҳимми ҳаётии он ва вазифаҳои таъхирнопазире, ки дар назди он истодаанд, ташаккул меёбад. Ҳар як насли нав, аз раванди дарки ҳастии миллати худ бархӯрдор гашта, ба талъати (симо) он хусусиятҳои нав ворид мекунад ва ба ин васила ба мавҷудияти ин андеша "ғизо медиҳад" ва онро дастгирӣ менамояд. Гузашта аз ин, ангораҳои андешаи миллӣ метавонанд дар қаринаи тасаввуротҳои асотирӣ, назарияҳои хирадбори иҷтимоӣ-сиёсӣ, эҷодиёти бадеӣ ва монанди инҳо тағйир ёбанд. Андешаи миллӣ як навъ варақаи бoздиди манзараи ҷуғрофиёи беканори таърихию имрӯзаи кишвар аст, зеро маҳз дар доираи принсипҳои он давлатро дигар кишварҳо ва ҷомеаҳо мешиносанд ва дарк мекунанд. Андешаи миллӣ посух ба масъалаи майли ҷомеа ба кадом арзишҳо нигаронида шудааст ва сипас ба дарки роҳҳои муоширати байни ҷомеаҳои гуногун мусоидат менамояд.

Азбаски раванди ҷаҳонишавӣ дигаргуниҳои назаррасро дар дурнамои шахсӣ, аз ҷумла дар низоми тасаввуротҳо, ҳиссиёт, ниятҳои ҳаммонандсозӣ, афзалиятҳои арзишӣ ва муносибатҳои шахсӣ ба вуҷуд меорад, он метавонад дар шакли пешрафта дар ҷаҳонбинӣ ва ҳиссиёти шодкомӣ таҷассум ёфта, дар марҳилаҳои ибтидоӣ инъикоси ташаккули шуури глобалӣ ё антиглобалӣ гардад.

Бо вуҷуди баъзе тафовутҳо, дар асарҳои ба ин масъала бахшидашуда, ба назари мо ду равиш дар мавриди мундариҷаи андешаи миллӣ ба назар мерасад. Равиши аввал функсионалӣ мебошад, ки дар он андешаи миллӣ дар асоси "омили дохилии миллат" ба вуҷуд меояд [7, с.775], "аз ҷиҳати маънавӣ миллӣ" [14, с. 9-21] ва муносибати институтсионалӣ, вақте ки он "бо давлатдории миллӣ алоқаи зич дошта"[5, с. 94-100], дар робитаи ногусастании масъалаҳои миллӣ ва иҷтимоӣ вуҷуд дорад.

Коршиносон дар таҳқиқи андешаи миллӣ се гурӯҳи омилҳоро ҷудо мекунанд, ки ин зарфияти пӯёии ҳамешагӣ, рушди созанда ва модернкунонии онро муайян менамояд. Гурӯҳи якум маҳсули амали омилҳои маърифатии шуури ҷамъиятӣ мебошад, ки дар чархиши мунтазами маъниофаринихо зоҳир мешавад. Рушди ҳамаҷонибаи андешаи миллӣ ҳамчун фазои барқарор намудани имконияти ташаккули таҷриба, дарки воқеият дар стратегияи муайяни муносиби рафтори худ, дар маънӣ ва мафҳумҳо ва дар ниҳоят, дар системаи ангезаҳои иҷтимоӣ имконпазир аст. Андешаи миллии такмилёфта - андешаи нав, нишони нави ҷамъиятии миллати мушаххас аст. Дар он (андеша) манфиатҳои бунёдии ҳастии ҷомеа ҷамъбаст гардида, ҳалли маҷозӣ, мантиқӣ-консептуалӣ ва амали иродавии худро пайдо менамояд. Миллат дар ин ҳолат на чун объект, на предмети тавозӯъ, балки субъекте мебошад, ки дорои вижагиҳои хосси ҳар кас - озодӣ ва созандагиро таҷассум менамояд.

Гурӯҳи дуюми омилҳоро шартан зери унвони генетикаи миллӣ муттаҳид намудан мумкин аст. Табиист, ки инсон мехоҳад худро бо чашми каси дигар бубинад. Ҳувият одатан ҳамчун маҷмӯи ҷанбаҳои асосии худшиносии иҷтимоӣ, на вижагиҳои хислат ва сохти косахонаи сари инсон, баррасӣ мешавад, аммо - як нуктаи бунёдӣ! - танҳо дар сурате ки, агар ин хусусиятҳо барои гурӯҳи одамоне хос бошанд, ки инсон бо онҳо дарвоқеъ ҳаммонанд карда мешавад. Лозим аст, ки гомгузориҳо дар татбиқи ин амал устуворона муқаррар карда шаванд: ҳувият баробар мансуб ба ҷомеа мебошад. Ниҳоят, гурӯҳи сеюми омилҳо ин пӯёии тамаддунӣ мебошад, зеро таҳаввулоти дар пероҳани арзишҳои тамаддунии ҷомеа ба амал меомада ногузир таъсири худро бо рангҳои

гуногун дар дӯхти ин пероҳан мегузоранд. Мо дар замоне зиндагӣ мекунем, ки оммаи азими одамон аз ҳолати оромӣ ба ин самт ба ҳаракат гузаштаанд [13, с. 230-234].

Муносибат ба мафҳуми "андешаи миллӣ" мувофиқи талаботи истилоҳоти анъанавии фалсафӣ-классикӣ, ки ба он маънои воқеан консептуалӣ медиҳад ва аз ҳар гуна замонасозӣ ( конъюнктура) озод аст, ҷолиби диққат мебошад. Мувофиқ ба ин, андешаи миллӣ назари синтетикӣ ба ҷомеаи милли (этникӣ) ба ҳайси ягона дар замони иҷтимоӣ ва фазои "иҷтимоишуда" муттасил ва дар айни замон ҳамчун субъекти раванди таърихии умумиҷаҳонӣ падид меояд [3, с. 42-47]. Ҳамин тариқ, андешаи миллӣ ҳам инъикос ва ҳам объекти инъикосро дар бар мегирад. Гузашта аз ин, вақте ки идеяи миллӣ ҳамчун худогоҳии назариявии ҳаракати миллӣ ба вуҷуд меояд, дар марҳилаи ниҳоии он дубора ба эътидол меояд, ба давлат ворид шуда, бо миллатгароӣ омезиш меёбад [3, с.42-47]. Пас, андешаи миллӣ ҳам фаҳмиши назариявӣ ва ҳам фаъолияти амалиро дар назар дорад.

Гарчанде ки ҷомеаи тоҷикистонӣ эҳтиёҷоти худтанзимкунии миллиро аз сар мегузаронад, мутаассифона, дар тӯли қариб сӣ соли истиқлолтяти давлатӣ мустақил ва мувофиқан, муҳокимаи андешаи миллии тоҷикӣ, коршиносон ва ҷомеаи шаҳрвандӣ - иштирокчиёни муҳокимаҳо – натиҷаи назарраси муайян ба даст наовардаанд ва аз ин рӯ, ин мушкилот беҷавоб мондааст - ҳадди ақал дар шакли возеҳ таҳия нашудааст. Ҳақиқат дар он аст, ки андешаи миллии тоҷикистонӣ аксар вақт ҳамчун ин ё он консепсияи идеологӣ фаҳмида мешавад, яъне он дар рӯҳияи баъзе абстраксияҳои муайян тафсир карда мешавад. Дар ин ҷо тасаввурот дар бораи андешаи миллӣ ҳамчун як назарияи сирф фалсафӣ метавонад пешниҳодҳо ва андешаҳои гуногунро дар худ таҷассум кунад. Дар асл андешаи миллӣ як ҷавҳари фарҳангии таърихи миллат буда, мушкилоти иҷтимоии миллӣ мебошад, ки на танҳо бунёди консептуалӣ, балки амрест, ки бо таҷрибаи таърихӣ муайян карда мешавад. Андешаи миллӣ, пеш аз ҳама, як тарҳи иҷтимоӣ мебошад, ки дар бораи он бо андозаи татбиқ, мувофиқат ба рушди иҷтимоии ин ва ё он этнос, типи муайяни иҷтимоиёт сухан рондан мумкин аст [9, с. 47-58].

Барои дар атрофи андешаи миллӣ (ва умуман дар атрофи дилхоҳ андеша) муттаҳид шудан, одамон бояд ҳастии маҳз ин андешаро эътироф намоянд. Эътирофи "маҷбурӣ"-и андешаи миллӣ ба ин васила ба "ҳақиқати бартаридошта" ва таҳмилшуда табдил меёбад. Дар таърихи инсоният мисолҳои зиёде мавҷуданд, ки андешаи миллӣ ҳам барои демократия ва ҳам барои тоталитаризм, барои рушди миллат ва ё барои несту нобуд кардани он амал намудааст. Мутаносибан, ду варианти тартиботи давлатии механизми "маҷбуркунӣ" ба андешаи миллӣ имконпазир аст: якум, тартиботи демократӣ, вақте ки мундариҷаи ҳақиқат – андеша бо воқеияти зиндагӣ мувофиқат мекунад, ки дар он ҳар як инсон бидуни маҳдудиятҳо имкониятҳои шахсии худро амалӣ менамояд ва омили ягонаи "маҷбуркунӣ" фароҳамории имкониятҳои мавҷудаи (экзистенсияи) интихобкардаи фард мебошад, ки ошкоро ва ё ғайримустақим дар андешаи миллӣ ҳамчун роҳ ё услуби бунёди ҳам ҷомеа ва ҳам олам вуҷуд дошта метавонад; дувум, низоми тоталитарӣ, вақте ки ҳақиқат - андеша дар шакли тақаллуби идеологӣ зуҳур мекунад, ки одамонро маҷбур менамояд барои ҳадафҳои ғалати умумӣ аз мавҷудияти худ даст бикашанд (омилҳои маҷбуркунӣ - ахлоқӣ ва ҷисмонӣ аҳамияти куллӣ пайдо мекунанд ва имкониятҳои хештангароии шахсро пахш намуда, афзалият ба ифодаи давлатӣ - миллӣ нисбат ба фароинсонӣ медиҳад).

Дар мубоҳисаҳои муосири иҷтимоию сиёсии амалкунанда доир ба мафҳуми "андешаи миллӣ", эҳтимолан ва, пеш аз ҳама, дар бораи андешаи давлатдорӣ сухан

меравад. Маълум аст, ки муқобилгузории “давлат- миллат” на танҳо барои таҷрибаи таърихии давлатсозии Тоҷикистон, балки дар фазои кишварҳои Авруосиё низ мутлақ нест, ки дар ин минтақаҳо низ типи таърихии давлат-миллат, ҳарчанд дар давраҳои гуногун ва бо каҷравиҳои муайян ба вуҷуд омадааст. Аммо, дар таърихи Тоҷикистон диалектикаи “давлат- миллат” нисбат ба Авросиё ба таври тамоман дигар зоҳир шудааст. Аз таносуби ин ду андеша - миллат ва давлат, тафсири тақрибан монанди онҳо дар ҷомеаи мо аз он ҷиҳат аҳамияти махсус пайдо кард, ки раванди дигаргуниҳои иҷтимоие, ки дар даҳсолаҳои охири асри XX ва ибтидои асри XXI аз ибтидо ба ташаккули давлатдории навини Тоҷикистон равона шуда буд, иртиботи эътимоду боварҳои мардумро ба ниҳоди давлат истеҳком бахшид.

Яке аз хусусиятҳои муҳимми андешаи миллии Тоҷикистон бояд на танҳо рӯ овардану эҳёи решаҳои гузаштаи таърихӣ, балки инчунин тарҳрезии ҳадафи стратегии рушди миллӣ бошад. Миллатро на он қадар марзҳо (новобаста аз он ки “панҷараи оҳанин” кушода ва ё баста аст), на парчам, на ситоиш ва на шаҳрвандият, балки, пеш аз ҳама, таърих, фарҳанг, анъана ва аз ҳама муҳим, муроҷиат ба ояндаи умумӣ (барои тамоми миллат), ки аслан аз ибтидо танҳо ҳамчун идея вуҷуд дорад, муттаҳид менамояд.

Андешаи миллӣ аз талаботҳои таърихии миллат ба вуҷуд меояд. Он тағйирнаёбанда, дар тӯли даҳҳо ва садҳо сол бетағйир нест, балки ҳадафи олӣ дар ҳар як марҳилаи рушди миллат ва давлат мегардад. Талаботҳои статикии миллат, вазифаҳои тактикӣ, андешаи миллӣ тағйир ва такомул меёбанд. Он бояд мушаххас, барои мардум фаҳмо бошад, то онҳоро муттаҳид карда тавонад. Ҳамин тариқ, «андешаи миллӣ дар кишвар ҳоло тамоюлу хусусияти ифодаи ормонҳои иқтисодиро пайдо мекунад. Бақои кишвар ҳамчун давлати мустақил ва пешрафта аз он вобаста хоҳад буд, ки зиндагӣ дар ин кишвар аз лиҳози беҳбудии ҳаёти иқтисодии ҷомеа чӣ гуна беҳтар мешавад. Ва андешаи миллӣ ҳоло бо ҷустуҷӯи шаклҳои ифодаёбии муассиртару ҷолибтар дар фазои иқтисодӣ ташаккул меёбад, ки пажӯҳиши худро тақозо менамояд [2, с. 76-85].

Аммо, дар хотир бояд дошт, ки ҳеҷ як кишвар танҳо аз ҳисоби омилҳои моддӣ аз ҳолатҳои буҳронӣ берун наомадааст. Дар ин ҷо нақши асосиро эҳтиёҷоти иҷтимоии давлат ва рушди маънавии он бозидаанд. Аз ин рӯ, кӯшиши кам кардани ҳадафи андешаи миллӣ то сатҳи вазъият самаранок ба он хусусияти сирф прагматикӣ - мутобиқ кардани он ба ҳаёти эмпирикии мардум ё ба яке аз ҷанбаҳои ҳаёти иҷтимоӣ, масалан, ба эҳёи иқтисодӣ, самаранок нестанд. Гумон аст, ки тадбирҳои дорои хусусияти сирф иқтисодӣ боиси ҳалли мушкилоти ҷаҳонбинона шаванд.

Андешаи миллиро наметавон ҳамчун маҷмӯи рамзҳои таърихии “қулай”, шиорҳои ҷолиб ва имтиёзҳои иҷтимоӣ бо корбасти чатри мафҳуми миллӣ баррасӣ кард, он бояд ҳадафи муштарак ва стратегияи дарозмуддати рушди ҷомеа гардад. Ҳадаф воқеан як ҳодисаи маъмулӣ шудааст ва омодагӣ барои расидан ба он, сарфи назар аз қурбониҳои эҳтимолии аз насл ба насл гузаранда, якчанд шарти заруриро лозим дорад. Андешаи миллӣ вақте муттаҳидсоз ва эҷодкорона воқеъ хоҳад шуд, ки агар: аввалан, он фаротаърихӣ, фаромарзӣ ва фароиҷтимоӣ, яъне барои аксарияти кулли аҳолии кишвар, новобаста аз миллат, вазъи иҷтимоӣ ва ҷойи истиқомат, ба андозаи баробар ҷолиб бошад; дувум, дар асоси низоми арзишҳо ва афзалиятҳои миллӣ, таҷрибаи таърихии пирӯзиҳо ва дастовардҳо, на шикаст ва таҳқири миллӣ ба вуҷуд ояд. Савум, манфиатҳои маънавӣ ва моддии ҷомеаи муосирро қонеъ карда тавонад [11, с. 238-246].

Он бояд хушбинона, рӯҳбаландкунанда, бо ҷузъҳои гуногуни тамаддун фарқ кунад, дар ҳаёти ҳаррӯза асос ва решаҳои амиқи таърихӣ дошта бошад.

Ҳангоми ҳалли мушкилоти андешаи миллӣ ва кӯшишҳои асоснок намудани он зимни идеологияи мусбат ва пешрафтаи миллӣ-давлатӣ, чун қоида, инҳоро ба назар намегиранд. Пурмазмун гардидани андешаи миллӣ дар шароити муосир, аз як тараф, имконияти барқарорсозӣ ва истифодаи консептуалӣ ва равонии як қатор рамзҳои қадимӣ ва андешаҳои консервативиро қатъиян истисно мекунад (ки ин бесамар хоҳад буд). Аз тарафи дигар, тамоюли яктарафа ба либерализми ғарбӣ ва парастиши арзишҳои фаромиллии "ҷаҳонбинии уфуқӣ"- ро дар назар дорад. Ин мушкилотро танҳо комилан дар самти "роҳи сеюм", ки зимни он ҳам вижагиҳои фарҳангӣ ва ҳам тамоилҳои олами муосир мисли арзишҳои маънавии доимии ҷаҳонбинии анъанавӣ ва арзишҳои нави дар раванди прогресси тамаддун ба вуҷуд омадаанд, бартараф кардан мумкин аст.

Тарҳи умумии андешаи миллии Тоҷикистон дар Конститутсияи Тоҷикистон мафҳумсозӣ карда шудааст, ки он аз ҳадафҳои ҷомеасозии кишварамон маншаъ мегирад. Аммо бидуни ваҳдати миллӣ, худогоҳии шаҳрвандон, самтнокӣ ва татбиқи ташаббуси онҳо дар рушди давлатдории тоҷикон, то ҳадди имкон барои татбиқи андешаи миллӣ мушкилот эҷод мекунад. Моҳияти андешаи миллӣ бояд инъикоси манфиати муштарак, ниёзҳои тамоми миллат бошад ва дар чунин як давлати дорои қавмҳои гуногун, ба монанди Тоҷикистон, мо бояд дар бораи манфиатҳои ҳамаи қавмҳо сухан ронем, ки онҳо озодона рушд намоянд ва худро амалӣ гардонанд. Ҳар як гурӯҳи этникӣ андешаи миллии худро дорад ва бидуни он ки вай онро тарк кунад, имконият дорад, ки бо тамоми гурӯҳҳои этникие, ки дар ҷомеа мавҷуданд, зиндагӣ ва амал намояд [11, с. 238-246 ]. Воқеан, ҳар як этнос маҷбур аст, ки манфиатҳои дигаронро ба эътибор гирад. Дар марҳилаи кунунии душвор ва нисбатан зиддиятнок, андешаи миллӣ дар Тоҷикистон бояд объективона хусусияти давлатӣ дошта бошад, зеро, қабл аз ҳама, давлат бояд манфиатҳои ҳама гурӯҳҳои этникӣ, алалхусус ақаллиятҳои миллиро ҳифз ва амалӣ намояд. Вазифаи он пешгирии низоъ ва тамоюлоти миллатгароӣ аст.

Андешаи миллӣ бояд миллатро муттаҳид, захираҳои инсониро барои сохтан ва эҷод намудан сафарбар намояд ва ҳамчун ченаки (низоми меъёрҳо) баҳодиҳии рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ хидмат намояд. Бинобар ин, дар бораи андешаи миллӣ дар доираи арзишҳои демократии аз ҷониби халқ ва низоми сиёсӣ эътирофшуда сухан рондан лозим аст. Андешаи миллӣ бояд ба арзишҳои баҳснопазири демократӣ, консепсияи бунёди ҷомеаи афроди худкифоя ва худро таъминкунанда асос ёфта бошад, ки метавонанд арзишҳо, ҳадафҳо ва озодиҳои худро ҳимоя намоянд._Чунин андешаи миллӣ минтақаҳои аз ҷиҳати хусусият ва вижагиҳои интеллектуалӣ ва эҳсосоти мухталифро муттаҳид менамояд, зеро ки он ба ниёзҳои дохилии онҳо мухолифат намекунад, баръакс, онҳоро эътироф мекунад. Давлат, дар навбати худ, озодиҳо ва ҳуқуқҳои инсонро ҳимоя намуда, ба масъалаҳои байнимиллӣ, динӣ ва забонӣ дахолат наменамояд. Аз ин рӯ, ба коркарди андешаи миллӣ бояд муносибати стратегӣ намуд. Татбиқи андешаи миллӣ танҳо дар сурате муваффақ хоҳад шуд, ки агар онро аксарияти мутлақи аҳолӣ фаъолона дастгирӣ кунанд ва ҳама гурӯҳҳои асосии миллӣ, табақаҳои иҷтимоӣ ва минтақаҳои кишвар ба он содиқ бошанд.

Андешаи миллӣ бояд ба сармояи миллӣ асос ёбад, чунки зери андешаи миллии тоҷикӣ мебояд зарфиятҳои маънавию моддии ватанӣ гузошта шаванд. Қайд кардан бамаврид аст, ки дар солҳои истиқлолияти кишвар сармояи миллӣ ташаккул ёфт,

ҳарчанд таърихи ташаккули он гуногун аст. Мебояд ин сармояро ҳифз намуд. Сармоядоронро не, балки дороиҳои миллиро, ки ба маънавиёту иқтисодиёт таъсир мерасонанд ва ба садҳо, ҳазор одамон барои фаъолият намудан имкон медиҳанд, бояд ҳифз намуд. Дар ҷаҳон бисёр давлатҳои камбизоати сермиллат мавҷуданд, аммо ҳар як кишвари сарватманд ифтихори миллии худро дорад, ки онро мушоҳида кардан мумкин аст.

Бидуни ваҳдати андешаи миллӣ ва сармояи миллӣ миллати сиёсӣ шакл гирифта наметавонад. Ва танҳо бо ташаккули як миллати бошуури сиёсӣ Тоҷикистонро на ҳамчун қаламрав, балки ҳамчун як давлати пурқудрат мешиносанд. Миллати сиёсӣ қодир аст ҳукумати худро интихоб кунад ва на аз ҷониби ҳукумат интихоб шавад, ин ҳукуматро тағйир диҳад ва барои инсон новобаста аз миллат, забон ва эътиқодаш шароити муносиби ҳаётгузарониро муҳайё созад. Вай бояд ҷаҳонбинии ташаккулёфта дошта бошад, ки манфиатҳои тамоми ҷомеа, на қисми маҳдуди онро инъикос намояд. Миллати сиёсӣ давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки мо онро аз солҳои истиқлолияти давлатӣ инҷониб инкишоф дода истодаем.

**Муқарриз: *Маҳмадизода Н.О.* – доктори илмҳои фалсафа, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бубер М. Народ и его земля // Избр. произвидения. – Киев, 1979.
Пятый этап - работа в команде. Студенты разрабатывают письменный ответ на дидактический случай. Текст построен согласно заданным критериям. Роль первого студента - написать ответ. Роль второго студента - написать отзыв. В случае отрицательного отзыва текст возвращается на исправление.

Шестой этап - перед академической аудиторией два студента представляют ответ с двух разных точек зрения: писатель и рецензент.

Три основные эмпирические модели - эссе, презентация, диалог - строго таксономичны и личностно рефлексивны. Они относятся к различным моделям восприятия, обучения, запоминания, воспроизведения и ценностных рефлексов. Они операционализируют применение целостного подхода - каждый студент обусловлен своей сильной стороной и развивает другие, не очень известные личные качества.

Настоящее дидактическое моделирование обучения является теоретическим и практическим отражением педагогического опыта, развивающегося в академической среде. Здесь была представлена обобщенная теоретическая модель учебного опыта, собранная в размышлениях студентов и преподавателей. В ближайшем будущем эти теоретические рефлексы будут обобщены в новом эмпирическом исследовании с целью поиска сопоставимых критериев качества обучения.

Более того, это моделирование придает специфичность и направленность учебной среде на основе моделирования, описанного в авторской монографии Ю. Дончева. В процессе дидактического моделирования используется имитационный метод. Это дает

возможность моделировать учебную среду, в которой с помощью дидактической матрицы студенты имеют возможность педагогически экспериментировать и развивать навыки преподавания. В этой дидактической модели преподаватели определяют свой способ обучения, принимая во внимание различные способы обучения. Студенты, которые начинают академическое обучение, взаимодействуют с учебной средой. Студенты ставят перед собой цели дисциплины, развивают педагогически-профессиональные навыки для успешного завершения обучения. Но самой важной движущей силой этой дидактической модели является рефлексивно-оценочная рефлексия. Студентам предоставляется возможность взаимодействовать со всеми на территории университета, преодолевать страх вопросов и разных мнений, не сдаваться в безуспешных попытках.

**Рецензент:** ***Юнусова Н.М.*** **- доктор педагогических наук, профессор ТНУ**

**ЛИТЕРАТУРА**


1. Васильева, Э. Система обучения в высшей школе, ред. Посвета, София, 2008, СС. 49
2. Васильева, М., Ежегодник Софийского университета, «Святой Климент Охридский», т. 2, 2009. С. 109
3. Гудьонс, Х. Pädagogisches Grundwissen. Бад-Хайльбрунн, Издательство Клинк, Германия, 2013, С. 372.
4. Дончева Ю. Методология гуманитарного и социального образования. Пособие для семинаров. Издатель: Просвещения; монография, 2013
5. Иванов Г. Основы высшей педагогики. -Санкт Петербург: изд. Альфа, 2018. - С. 58.
6. Кёк, П. Справочник школьной педагогики для учебы - практики - экзамена. Донаувёрт, Ауэр, Германия, 2013 (на немецком языке)
7. Клафки В. Исследования в области педагогической теории и дидактики. Вклады в критико-конструктивную дидактику Studien zur Bildungstheorie und Didaktik. Beiträge zur kritisch-konstruktiven, Австрия, 2017.
8. Мадхаварам, С., Лавери, Д.А., Развитие педагогической компетентности: проблемы и последствия для маркетингового образования, «Журнал маркетингового образования», статья. - Москва, 2016.
9. Неминска Р., Научно-исследовательская подготовка в высшем образовании (научно-теоретическая рефлексия). Педагогическая книга 5; Санкт Петербург, 2012, статья.
10. Сэмпсон, Д., Фитрос, Д., Модели компетенций в технологиях, основанных на компетенциях. Обучение, книга, Издательство: Name Springer, Берлин, Гейдельберг; 2018. -С.20-185.
11. Семенова Е. М. Тренинг эмоциональной устойчивости педагога: Учеб. пособие. - М.: Изд-во Института психотерапии, 2002. - 224 с.
12. Селевко Г. К. Современные образовательные технологии: Учебник. - Москва: Народное образование, 1998.
13. Умаров А.С. Формирование и развитие учебно-познавательной самостоятельности студентов вуза в профессиональной подготовке (на примере дисциплины иностранный язык в вузах Республики Таджикистан): дисс. … канд пед. наук/ А.С. Умаров. – Душанбе, 2017. – 200 с.
14. Шаламова Н.А. Дидактические условия активизации познавательной самостоятельности студентов ИФК (на примере изучения иностранного языка): автореф. дисс. канд. пед. наук/ Н.А. Шаламова. – Челябинск: УралГАФК, 1995. - 24 с.
15. Цируль К.Ю. Характер нового образования в современном обществе.- М.: Высшая школа, 2007.- 243 с.


## ШАРОИТИ ДИДАКТИКИИ ТАШАККУЛИ ҲАССОСИЯТИ УСТУВОРИ ОМӮЗГОР ДАР ФАЪОЛИЯТИ КАСБӢ


Дар мақола ақида оиди он ки таълими мутобиқшавӣ ва рефлексивӣ дар якҷоягӣ бо таълими фардӣ метавонад фардияти донишҷӯйро дар роҳ ба сӯи педагогика метавонад дастгирӣ намояд, иброз гардидааст, ки ба маҳорат, кредитҳои баланди академикӣ ва касбияти ояндаи педагогӣ мебарад. Ин ақоид аз он бармеояд, ки педагогикаи мактаби олӣ қисмати байнифанни илми педагогика мебошад. Ин аввалин сабабе аст, ки чунин мепиндорем, ки омӯзгорони оянда бояд малакаҳои байнифаннии педагогии кор дар муҳити таълимиро рушд диҳанд. Дар иттиҳоди илмӣ хеле хуб маълум аст, ки мақоми илмии педагогикаи олӣ бо мақоми педагогикаи умумӣ алоқаманд аст, лекин рушди он васеъсозӣ ва ғанигардонии донишҳои педагогиро оиди таҳсилот ва тарбияи донишҷӯён муайян менамояд. Педагогикаи мактаби олӣ ҳамчун соҳаи ҷудогонаи педагогика баромад менамояд. Самти илмии он тамоилҳои муосири рушди ҷомеа ва маорифро инъикос менамояд. Ҳамин тариқ, он ба ғанигардонии фишангҳои таҳқиқотӣ ва дидактикӣ бо таҳқиқот ва мукотибот бо масоилҳои назариявии самтҳои гуногуни илмӣ саъю кӯшиш дорад. Муаллиф инчунин ба он ишорат менамояд, ки моделикунонии дидактикӣ дар раванди педагогикаи мактаби олӣ дар тамоми сатҳҳои мавзӯотӣ, назариявӣ ва прагматики таҳсилоти академикӣ ҷой дорад.



**Калидвожаҳо:** омӯзгор, донишҷӯй, педагогика, касбият, тарбия, илм, метод, муносибат, рушд.

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ УСЛОВИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ЭМОЦИОНАЛЬНОЙ УСТОЙЧИВОСТИ ПЕДАГОГА В ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ

В этой статье выражается мнение о том, что адаптивное и рефлексивное обучение в сочетании с индивидуальным обучением может поддержать индивидуальность студента на пути к педагогике, ведущей к мастерству, высоким академическим кредитам и будущему педагогическому профессионализму. Это убеждение проистекает из того факта, что педагогика высшей школы является междисциплинарным разделом педагогической науки. Это первая причина полагать, что будущие учителя должны были развивать междисциплинарные педагогические навыки для работы в учебной среде. В научном сообществе хорошо известно, что научный статус высшей педагогики связан со статусом общей педагогики, но его развитие определяет расширение и обогащение педагогических знаний об образовании, воспитании студентов. Педагогика высшей школы выступает как отдельная отрасль педагогики. Ее научная направленность отражает современные тенденции развития общества и образования. Таким образом, она стремится обогатить свои исследовательские и дидактические инструменты исследованиями и перепиской с научно-теоретическими проблемами различных научных направлений. Автор также указывает на то, что дидактическое моделирование в процессе педагогики высшей школы присутствует на всех тематических, теоретических и прагматических уровнях академического образования.

**Ключевые слова:** преподаватель, студент, педагогика, профессионализм, воспитание, наука, метод, подход, развитие.

## DIDACTICAL CONDITIONS FOR FORMATION OF EMOTIONAL STABILITY OF A TEACHER IN PROFESSIONAL

This article expresses the view that adaptive and reflective learning, combined with one-to-one learning, can support student individuality on the path to pedagogy leading to excellence, high academic credits, and future pedagogical professionalism. This belief stems from the fact that higher education pedagogy is an interdisciplinary branch of pedagogical science. This is the first reason to believe that future teachers should have developed interdisciplinary teaching skills to work in a learning environment. It is well known in the scientific community that the scientific status of higher pedagogy is associated with the status of general pedagogy, but its development determines the expansion and enrichment of pedagogical knowledge about education and upbringing of students. Higher education pedagogy acts as a separate branch of pedagogy. Its scientific focus reflects modern trends in the development of society and education. Thus, he seeks to enrich his research and didactic tools with research and correspondence with scientific and theoretical problems of various scientific directions. The author also points out that didactic modeling in the process of higher education pedagogy is present at all thematic, theoretical and pragmatic levels of academic education.

**Key words:** teacher, student, pedagogy, professionalism, education, science, method, approach, development.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Умаров Абдураҳмон Саидаҳмадович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, мудири кафедраи забонҳои хориҷӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 918-94-16-89.**

**Сведения об авторах:** ***Умаров Абдурахмон Саидахмадович*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, заведущий кафедрой иностранных языков. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 918941689**

**Information about the authors:** ***Umarov Abdurahmon Saidakhmadovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Head of the Department of Foreign Languages. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 918941689**

УДК 372.8:004.9

# ҶАНБАҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАҲИЯ ВА ИСТИФОДАБАРИИ БАРНОМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ “НАМУДҲОИ СЕКУНҶА”

***Нугмонов М., Назаров А.П., Сафаров С.С.***

**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ,**

**Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент**

Бо пайдо шудани технологияҳои нави информатсионӣ, зарурияти мутобиқгардонии онҳо ба самтҳои гуногуни фаъолият ба миён омад. Хусусан дар соҳаи таълим истифодаи барномаҳои компютерӣ барои ҳалли як қатор масъалаҳои самти таълим зарурият дорад [4, 5]. Қайд кардан зарур аст, ки технологияҳои информатсионӣ ҷузъи таркибии раванди таълим ба ҳисоб рафта, дар худ имкониятҳои зиёди дидактикӣ доранд ва ҳоло як қатор ҷанбаҳои кашфношудаи мутобиқгардонии технологияи компютерӣ дар раванди таълим, мавзӯи меҳварии омӯзиши олимони соҳаро ташкил медиҳад. Айни замон таҳқиқи мавзӯи мазкур яке аз паҳлуҳои муҳимтарини дидактикии технологияи компютериро дар бар гирифта, ҳамчун омили самаранокгардонии раванди таълим баромад менамояд. Умуман, таъсири барномаҳои компютерӣ дар таълим потенсиали коэффисиентӣ дорад [1]. Муваффақиятҳое, ки то ин давра ба даст омадаанд, ба пуррагӣ компютеркунонии раванди таълимро қонеъ гардонида наметавонанд, зеро технологияи таҳияи барномаҳои компютерӣ аз нигоҳи дидактикӣ такмилдиҳиро меҳоҳад. Зарурати дар сатҳи баланд таълим додани забонҳои барномасозӣ низ ба миён омадааст. Шавқу рағбати хонандагон ба технологияҳои информатсионӣ ва барномаҳои компютерӣ рӯз то рӯз бештар мегардад. Ин ҳама боиси он гардидааст, ки дар баробари методҳои анъанавии таълим, методҳои барномавӣ ва компютерии таълим дар ҷараёни таълими фанни геометрияро ба роҳ монем. Ин аз омӯзгори фаннӣ маҳорату малакаи истифодабарии технологияи компютериро талаб мекунад [5, с.7].

Дар мақолаи мазкур асосҳои методии таҳия ва истифодаи барномаҳои компютерӣ дар раванди таълим ва хусусан дар таълими мавзӯи “Намудҳои секунҷа”-и фанни геометрия дида баромада шудааст. Бо мақсади тадқиқ намудани ҷанбаҳои дидактикии технологияи информатсионӣ дар раванди таълими мавзӯи “Намудҳои секунҷа” барномаи компютериеро таҳия менамоем, ки он дар тирезаи графикӣ намудҳои гуногуни секунҷаҳоро инъикос кунад. Барномаи сохташаванда бояд имкони динамизатсия ва аниматсияи секунҷаҳоро дошта бошад, то дарси геометрия барои хонандагон шавқмандтар гардад. Дар асри технологияи компютерӣ дар тамоми ҷаҳон ҷустуҷӯи пуршиддати шаклҳои нави таълим дар асоси технологияи компютерӣ ба роҳ монда шудааст. Таҳияи барномаҳои компютерии барои мақсадҳои таълимӣ равона гардида нақши муҳимро мебозанд, ки онҳоро дар таълими фанҳои гуногуни мактабӣ истифода бурдан мумкин аст [8, с.9].

Тасвирҳои компютерӣ дар таълими фанни геометрия нақши бениҳоят калонро мебозанд. Забони барномасозии насли нави PascalABC.Net имкониятҳои васеи коркарди тасвирҳои графикиро дорост. Дар мақолаи мазкур лоиҳаи барномаи компютерии инъикоси секунҷаҳои гуногунранг дар тирезаи графикии экрани компютер коркард шудааст.

**Тасними техникии барнома:** Барнома аз як файли барномавии (exe) ҳаҷман хурд иборат аст. Барномаро ҳамчун файл (масалан, секунҷа.exe) метавон дар дилхоҳ

компютер истифода намуд, чунки ба он ягон талаботи техникӣ пешбинӣ нашудааст. Дар муҳити СО Windows ба монанди дигар файлҳо ду маротиба бо пахши тугмаи чапи муш ба кор омода гардида, равзанаи он намудор мегардад (Расми 1). Сарҳади барнома дар координатаи марказии монитор инъикос мегардад. Дар тирезаи графикии майдони кории барнома намудҳои секунҷа рақамгузорӣ карда шудаанд. Дар таркиби коди барнома навишта шудааст, ки ҳар боре аз барнома баромада ва онро боз ба кор андозем, секунҷаҳо рангҳои худро иваз мекунанд ва рақамҳои секунҷаҳо бетағйир мемонанд. Хонандагон ба тирезаи графикии барнома диққат дода, намудҳои секунҷаро аз рӯйи рақам ва рангҳояшон номбар мекунанд.




Расми 1. **Тирезаи графикии барнома**

**Динамизантсияи фигураҳои геометрӣ дар барнома:** Динамизатсия, пеш аз ҳама, раванди омӯзиши фигураҳои геометрӣ ва сохтори онҳо тавассути тағйир додани унсурҳои асосӣ ё параметрҳое, ки онҳоро муайян мекунанд, ба роҳ мондани муносибатҳои функсионалӣ ва инвариантҳоро дар назар дорад [1, с.4]. Доираи васеи динамизатсияи фигураҳои геометрӣ дар барномаи компютерӣ вуҷуд дорад, бо мақсадаи сохтани фигураҳои геометрӣ ва бо истифода аз ашёҳои геометрӣ (нуқта ва хатти рост) анҷом дода мешавад ва муносибати байни онҳоро ба танзим медарорад. Ранги хатҳои сарҳадии фигура низ нақши муҳимро мебозанд.

Дар инъикоси фигура намудҳои гуногуни рангҳо истифода шудааст, хусусан ранг дар сарҳадҳои фигураҳо ва рақамҳо, ки хусусияти диққатҷалбкуниро дорад. Ин боис мегардад, ки хастагӣ дар ниҳоди хонанда бартараф гардад ва константии идрок дурудароз давом ёбад. Дар баробари ин имконот, хонандаи пешқадам ба хонандагони сустхон номи ҳар як секунҷаро мефаҳмонад. Баъдан барномаро хомӯш карда, аз нав ба кор омода менамояд. Рангҳои секунҷаҳо дигар шудаанд. Хонандаи сустхон бояд номи ҳар як секунҷаро номбар кунад. Бо ин васила мо метавонем баҳри боз ҳам бештар

омӯхтани хонандагони сустхон мусоидат намоем. Шавқашонро ба омӯзиши фанҳои дақиқ бештар гардонем.

Константии идрок дар шароити дигар аз рӯйи ҳаҷм, ранг, намуд як хел идрок кардани предмет мебошад [3, с.42]. Константии идрок бештар ҳангоми идроки биноии ранг, андоза ва шакли ашё рӯй медиҳад. Забони барномасозии PascalABC.Net чунин имкониятҳоеро дорад, ки дорои модули пурқуввати графикаи компютерӣ мебошад. Бо истифода аз графикаи компютерӣ дар барномасозӣ ва ҳалли масъалаҳои геометрӣ омӯзгори фаннӣ нақшаҳои ҷолиброи сохта, пешкаши хонандагон карда метавонад. Ин, аз як тараф, тафаккури хонандагонро инкишоф дода, аз тарафи дигар, шавқу рағбаташонро ба омӯзиши фанҳои дақиқ зиёд мегардонад.

Дар муносибати диалогӣ (муколамавӣ) бо барномаҳои компютерӣ гуфта мешавад, ки инъикоси ранг метавонад, объектро дар шуури хонанда ҷой диҳад, то ки барои аз нав ҳосил намудани он якчанд омилҳо вуҷуд дошта бошанд. Хусусан дар мавзӯи мавриди тадқиқ қарор додашуда омилҳои зерин метавонанд ба дарки мавзӯъ кумак расонанд:

1. аз рӯйи ранги дар хатҳои сарҳадии фигура истифодашуда;
2. аз рӯйи андозаи хатҳои дар сарҳад истифодашуда;
3. аз рӯйи типи хатҳои дар сарҳад истифодашуда (одӣ, нуқта-тире, тире-тире, ...);
4. аз рӯйи рангҳои дохили фигураи геометрӣ рангрезӣ шуда;
5. аз рӯйи динамизатсияи фигураи геометрӣ.

Омилҳои номбаршударо ба инобат гирифта, барномаи таҳияшударо каме тағйир дода, мукаммалтар мекунем. Яке аз мукаммалкуниҳо он мегардад, ки рақамҳои дар дохили секунҷаҳо инъикосёбанда низ тағйир меёбанд. Миқдори секунҷаҳо зиёдтар мегардад. Як намунаи матни ин барномаи компютериро дар забони барномасозии PascalABC.Net меорем, ки як варианти натиҷаи кори он дар Расми 2 оварда шудааст:

```
Program Секунҷаҳои_гуногун;
Uses GraphWPF;
Begin
 Window.Title := 'Муайянкунии намуди секунҷаҳо аз рӯйи ранг ва рақам';
 Window.Maximize; Var r:='285746319'; Var ad := Random(4);
 Font.Size := 30; Pen.Width := 5;
 r:=RightStr(r,ad)+LeftStr(r,r.Length-ad);
 Pen.Color := clRandom; Font.Color := clRandom;
 TextOut(20,27,r[1]); Line(15,15,100,15); Line(15,15,15,100);
 Line(15,100,100,15); Font.Color := clRandom; TextOut(900,320,r[2]);
 Line(1000,302,800,302); Line(1000,302,1000,431);
 Line(800,302,1000,431); Font.Color := clRandom;
 TextOut(188,90,r[3]); Pen.Color := clRandom;
 Line(132,48,230,179); Line(132,48,203,83); Line(230,179,203,83);
 Font.Color := clRandom; TextOut(880,100,r[4]);
 Line(854,102,1032,71); Line(854,102,773,193);
 Line(1032,71,773,193); Font.Color := clRandom;
 TextOut(195,390,r[5]); Pen.Color := clRandom;
 Line(200,300,150,450); Line(200,300,250,450);
 Line(250,450,150,450); Font.Color := clRandom;
 TextOut(490,100,r[6]); Line(350,93,682,93);
 Line(516,188,350,93); Line(516,188,682,93);
 Font.Color := clRandom; TextOut(80,140,r[7]);
 Pen.Color := clRandom; Line(87,102,37,200);
 Line(87,102,137,200); Line(37,200,137,200);
 Font.Color := clRandom; TextOut(500,302,r[8]);
 Line(340,273,700,273); Line(520,513,340,273);
```

```
 Line(520,513,700,273); Font.Color := clRandom;
 TextOut(800,570,r[9]); Pen.Color := clRandom;
 Line(760,490,789,688); Line(999,540,760,490);
 Line(999,540,789,688);
end.
```




**Расми 2.** Намудҳои гуногуни секунҷаҳо

**Асосҳои методии истифодаи барномаи мазкур дар раванди таълим:** Бо мақсади гузаронидани озмоиши педагогӣ ва дарки моҳияти мавзӯъ, аз рӯйи нақша ҳамчун пойгоҳи пилотӣ муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №71 - и шаҳри Панҷакент интихоб шуд. Дар синфи 7 – ум, ки шумораи хонандагон 18 нафар буд, дар се навбат онҳо 6-нафарӣ ҷудо карда шуданд. Дар навбати аввал, ба 6 нафар хонанда рақамҳо аз 1 то 9 ихтиёрӣ тақсим карда шаванд. Шарт нест, ки ҳама рақамҳо тақсим шуда бошанд.

**Раванди таълим:** Мавзӯи "Намудҳои секунҷа" ба таври анъанавӣ бо маълумотҳои умумии назариявӣ ба хонандагон аз тарафи омӯзгор бо ёрии китоби дарсӣ пешкаш мегардид. Дар ин маврид хонандагон бо донишҳои назариявӣ мусаллаҳ гардида, бо мавзӯи мазкур ба пуррагӣ шинос мешаванд.

**Мақсадгузорӣ:** Талаб карда мешавад, ки оиди мавзӯъи "Намудҳои секунҷа" хонандагон бояд:

- намуди секунҷаро муайян карда тавонанд;
- ба намуди секунҷа таърифи мувофиқ диҳанд;
- дар таҷрибаи ҳаётии худ чунин намуди секунҷаро дар куҷо мушоҳида намудаанд, фаҳмонда мешавад.

**Ҷараёни дарс:** Ҳангоми ба кор даровардани барнома дар тирезаи графикӣ (Расми 2) нуҳ намуди секунҷа (секунҷаи росткунҷа, кундкунҷа, баробартараф, баробарпаҳлу ва гуногунтараф), ки дохили ҳар як секунҷа рақамгузорӣ шудааст, инъикос мегардад. Аз хонандагон талаб карда мешавад, ки мувофиқи рақамҳои дар дасташон мавҷудбуда оид ба намуди секунҷаи ба он рақам мувофиқ фикри худро баён намоянд. Ҳамин тавр, дар як вақт шаш нафар хонанда ба кор ҷалб гардида, атрофи супориши додашуда фикру

андешаҳои худро баён менамоянд. Ҷолибияти барномаи компютерии мазкур дар он зоҳир мегардад, ки ҳангоми аз нав ба кор андохтани он рақамҳои гузошташуда ҷойи худро ба дигар секунҷа иваз менамоянд. Рангҳои сарҳадиашон низ тағйир меёбанд.

Дар ин вақт ба рақами дар дасти хонанда буда, дигар намуди секунҷа мувофиқат мекунад. Аллакай хонандагон атрофи супориши пешниҳод гардида кӯшиш мекунанд, ки фикри худро баён намоянд. Ҳамин тавр дар шаш навбат ба ҳар як хонанда шаш навъи секунҷа пурсида мешавад. Яъне хар як хонанда пурра ба умқи мавзӯъ шинос мешаванд. Ҳамин равандро ба гурӯҳҳои шашнафараи дигари хонандагон идома медиҳем. Ин худ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки ба дониши аксар хонандагон дар раванди таълими дарси асосӣ баҳогузорӣ кунад. Меҳнати омӯзгор сабуктар мегардад.

**Натиҷаҳои интизоршаванда:** Гарчанде истифодаи барномаи компютерии мазкур дар назари аввал сода намояд ҳам, вале маҳсулнокии баланди дидактикӣ дорад. Он ҳамчун воситаи барномавӣ барои инъикоси иттилооти таълимӣ истифода мешавад ва ба натиҷаҳои илмии зерин ноил мегардем:

1. Истифодаи барномаи мазкур завқи маърифатии хонандагонро бедор намуда, барои ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ заминаи мусоид ба вуҷуд меорад.
2. Дар ниҳоди хонанда аз нигоҳи психологӣ тавлиди фикр оиди мафҳуми омӯхташудаистода пайдо мегардад, дар натиҷа ба тафаккури илмӣ табдил меёбад.
3. Бо мақсади ҳарчи бештар аз худ намудани дониш, дарки мафҳум ва тавлиди фикр оъекти омӯхташаванда ба модел табдил дода шуда, хусусиятҳои он нишон дода мешаванд.

**Натиҷаҳои бадастомада:** Аз 18 нафар хонандагони иштирокдошта пас аз гузаронидани озмоиш маълум гардид, ки 16 нафари онҳо ба пешниҳодҳо (саволҳо) ҷавоби дақиқ дода, фикру андешаи худро озодона баён намуданд. 2 нафари боқимондаи дар озмоиш иштирокдошта ба саросемагӣ роҳ доданд, гарчанде таърифҳоро донанд ҳам, вале намуди секунҷаро муайян карда натавонистанд. Дигар натиҷаҳои бадастомада ва мақсади лоиҳаи барномаи мазкур аз он иборат аст, ки ақаллан бо истифода аз инъикоси тасвирҳои гуногунранги секунҷаҳо хонандагони сустхонро каме ба ҳаракат дарорем, то намуди секунҷаҳоро донанд. Яъне, кӯшиш намоем, ки ҳама хонандагон дар дарси геометрия фаъол бошанд. Бар замми ин, тасвирҳои геометрии компютерӣ дарси геометрияро шавқовартар мегардонанд, ҳама хонандагон ҳавасманди омӯзиши ин фан мегарданд. Омӯзгори фаннӣ бо истифода аз ин метод ва дигар барномаҳои компютерӣ ба хонандагон дигар тасвирҳои геометриро пешниҳод карда метавонад. Албатта, нақши омӯзгори фаннӣ дар ҳавасманд гардонидани хонандагон ба омӯзиши фигураҳои геометрӣ тавассути тасвирҳои компютерӣ бузург мебошад [11].

Бо истифода аз барномаи компютерии мазкур дар ин самт чунин муваффақиятҳо ба даст омаданд:

1. Дар як вақт ба хонанда намуди секунҷае пешкаш мегардад, ки ӯ интизори онро надошт. Бо ин мақсад хонанда ҳаракат мекунад навъи он секунҷаро муайян намояд ва ба он таърифи мувофиқ диҳад.
2. Ҷиҳатҳои фарогирӣ ҳамаи хонандагони синфро ба фикрронӣ водор менамояд ва дар ибтидо хонандагонро ба ваҷҳ оварда, намегузорад нисбати машғулият бетараф бошанд.

3. Самаранокии вақт таъмин карда мешавад. Яъне, дар як вақти кӯтоҳ ҳамаи хонандагонро ба фикрронӣ атрофи супориши пешниҳодгардида ҷалб карда, фикру андешаи онҳоро арзёбӣ намудан мумкин аст.

4. Ҳамзамон, дастрасӣ ба иттилооти таълимӣ пайдо мешавад.

**Хулоса.** Дар ҷараёни озмоишҳои таълимӣ диққати асосӣ ба ҳолатҳои инъикоси иттилооти таълимӣ дода мешавад. Ҳар қадаре иттилоот возеҳу равшан ва диққатҷалбкунанда инъикос гардад, хонандаро ба ваҷҳ меорад ва намегузорад, ки хонанда дар як ҳолат қарор гирад. Аз таҳқиқоти анҷомдода мушоҳида гардид, ки заминаҳои бунёди дониш дар ниҳоди хонанда аз воситаҳои таълим вобастагии зиёд дорад. Ҳар қадар воситаи таълим ба психологияи хонанда наздик бошад, намегузорад ӯ дар раванди дарс бо дигар фикрҳо банд гардад. Чунин ҳолатҳо дар раванди кор бисёр мушоҳида гардидаанд. Дилхоҳ педагог бояд дар назди худ мақсад гузорад, ки аз воситаҳои ба дарк ва фаҳмиши хонандагон наздик истифода намояд. Муваффақиятҳое, ки то ин давра ба даст омадаанд, ба пуррагӣ раванди таълимро қонеъ гардонида наметавонанд, зеро воситаҳои барномавии компютерӣ боз такмилдиҳиро мехоҳанд. Яке аз заминаҳои фароҳам овардани таъмини сифати таҳсилот ва баланд бардоштани дониши хонандагон, мустаҳкам намудани базаи моддиву техникӣ мебошад, ки ташкили синфхонаҳои компютерӣ дар МТМУ, дар ҳар як синфхонаи таълимӣ гузоштани ақаллан яктогӣ компютери корӣ ва проектор мисоли онҳо шуда метавонанд. Дар шароити мосир, ки замони технологияи информатсионӣ аст, таъмини МТМУ бо компютер ва техникаҳои компютерӣ вусъат ёфта истодааст [3, 6, 12].

Бо истифода аз ин барномаи компютерӣ робитаҳои байнифаннӣ ва дохилифанниро ташкил намудан имкон аст [7]. Аҳамияти дигари истифодаи барномаи компютерӣ дар раванди таълими геометрия боз дар он аст, ки хонандагон донишҳои пештар гирифтаи худро такрор ва мустаҳкам менамоянд. Фаъолгардонии фаъолияти дарккунии хонандагон ба амал меояд [8, 9, 10]. Бо ин мақсад ба хонандагон барои такрор ва мустаҳкамкунии дониши геометрӣ ва математикиашон саволҳои зеринро пешниҳод кардан мумкин аст:

1. Кадоме аз секунҷаҳо танҳо дорои кунҷҳои тез мебошанд? Хонанда бояд ба ёд орад, ки кадом кунҷ кунҷи тез аст. Хонанда аз барномаи компютерӣ, ки тасвираш дар экрани компютер аён аст, рақам ё ранги секунҷаҳоеро, ки ҳама кунҷҳояш тез аст, номбар мекунад.
2. Кадоме аз секунҷаҳо дорои кунҷи кунд мебошанд? Хонанда бояд ба ёд орад, ки кадом кунҷ кунҷи кунд аст. Инчунин, набояд фаромӯш кунад, ки дар секунҷа на зиёда аз як кунҷаш кунҷи кунд буда метавонад, ё бе кунҷи кунд.
3. Дар кадом секунҷаҳо баландӣ гузаронида шудааст? Ин ҷо хонанда бояд зуд пай барад, ки аз секунҷаҳои инъикосшуда танҳо рақамҳои секунҷаҳои росткунҷаро номбар карда метавонад. Зеро дар дигар секунҷаҳо баландӣ гузаронида нашудааст.
4. Секунҷаҳоеро аз тасвири компютерӣ номбар кунед, ки дорои ду кунҷи бо ҳам баробар бошанд.

Доир ба имконоти графикаи компютерии забони барномасозии PascalABC.Net, қайд менамоем, ки он дорои модулҳои зиёди графикӣ буда, имконоти зиёдеро дорост. Яке аз имконоти он, дар барандаи иттилоот сабт ва нигоҳ доштани тасвире мебошад, ки пас аз иҷрои барномаи компютерӣ дар тирезаи графикии он инъикос меёбад. Бо ин мақсад ба матни барнома дар охираш оператори SaveWindow('номи файл.jpg') ё бо методи объектӣ Window.Save ('номи файл.jpg') –ро илова мекунанд. Расмҳои дар

мақолаи мазкур буда бо ҳамин усул тайёр карда шудаанд. Ин усул барои тайёр намудани воситаҳои аёнии ранга ва инъикоси онҳо бо истифода аз компютер ба омӯзгори фаннӣ ёрӣ мерасонад. Инчунин, дар раванди дарси геометрия тасвирҳои гуногуни геометриро тавассути компютер ва барномаҳои компютерӣ истифода бурдан мумкин аст. Ин ҳама ба баланд гардидани сифати таълим мусоидат мекунад. Омӯзгори фаннӣ бошад, барои ҳар чи бештар ҷалб кардани диққати хонандагон ба донишомӯзии геометрӣ, хусусан хонандагони сустхон, бояд аз воситаҳои гуногуни таълим истифода барад, ки яке аз он воситаҳо компютер, техникаҳои компютерӣ ва барномаҳои компютерӣ ҳисобида мешаванд. Ин боиси боз ҳам баланд шудани сатҳу сифати таълими геометрия ва дониши хонандагони МТМУ мегардад.

**Муқарриз: *Шарипов Ф.Ф.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Сафаров С.С. Функсияҳои дидактикии технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ дар таълими геометрия / С.С. Сафаров // Паёми пажӯҳишгоҳи рушди маориф. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. – 2020. - №2(30). – С. 92 – 96.
2. Сафаров С.С. Визуализатсия ва аҳамияти истифодабарии он дар таълими геометрия / С.С. Сафаров // Паёми Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ. Силсилаи илмҳои Педагогика ва психология, назария ва методикаи таълим – 2020. – №3(3). – С. 218 – 223.
3. Нугмонов М. Теоретико-методологические основы методики обучения математике как науки. - Душанбе, 2016. - 290 с.
4. Нугмонов М. Дарси муосири математикаи мактабӣ. Дастури таълимӣ. Душанбе – 2018 с. 222 с.
5. Назаров А.П. Активизации обучения геометрии в 7-9 классах средней школы на основе использования компьютера. Диссертация кандидата пед.наук. –Душанбе, 2012. -124 стр.
6. Назаров А.П. Истифодабарии компютер ва технологияҳои компютерӣ зимни омӯзиш ва таълими фанни геометрия. // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. -2011. -№1-2. -С. 20-22 (А4).
7. Назаров А.П. Алгоритмкунонии ҷараёни таълими ҳандаса. // Маҷаллаи Маърифат. -1995. -№3-4. -С. 16-19 (А4).
8. Раджабов Т.Б. и другие. Активизация творческой деятельности учащихся при решению геометрической задач в средней школе. – Душанбе: Издательство «Сифат», 2013. - 162 с.
9. Раджабов Т.Б. Формирование исследовательских умений и навыков в процессе изучения школьного курса геометрии. – Душанбе: «Сифат» – 2013. -142 с.
10. Раджабов Т.Б. Формирование методологических знаний у учащихся в изучении школьного курса геометрии //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе: «Сино», 2007. - №3. – с. 15-21.
11. Раджабов Т.Б. Использование методов анализ и синтеза при решении текстовых задач в начальных классах (на таджикском языке) //Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2017. - №3. Часть 2. — с. 203-207.
12. Ширикова Т. С. Методика обучения учащихся основной школы доказательству теорем при изучении геометрии с использованием GeoGebra: дис. канд. пед. наук: 13.00.02 / Т. С. Ширикова. - Архангельск, 2014. - 250 с.


## ҶАНБАҲОИ ДИДАКТИКИИ ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ КОМПЮТЕРӢ ДАР ТАЪЛИМИ МАВЗӮИ “НАМУДҲОИ СЕКУНҶА”


Мақола бо мақсади нишон додани имкониятҳои дидактикии технологияи компютерӣ дар гузаронидани озмоишҳои таълимӣ таҳия гардидааст. Муаллифон кӯшиш ба харҷ додаанд, ки бахри ошкорсозии ҷанбаҳои кафшногардидаи дидактикии технологияҳои информатсионӣ дар раванди таълим, ҷиҳатҳои хусусии мавзӯъро барномарезӣ намоянд. Дар мақолаи мазкур ду барномаи компютерӣ таҳия шуда, таснифи техникии барномаҳои таҳияшуда, хусусиятҳои дидактикии он ва марҳилаҳои истифодаи он дар озмоишҳои таълимӣ нишон дода шудаанд. Албатта, ҷараёни таълими ҳар як фанни таълимӣ дар МТМУ пешравиҳо ва мушкилоти худро дорад. Таълими фанни геометрия низ аз мушкилиҳо холӣ нест. Яке аз он мушкилиҳо кам таҳия гардидани барномаҳои компютерӣ мебошад, то дарси геометрия боз ҳам шавқовартар гардад. Таҳқиқи компютерии озмоиши дониши хонандагон нисбати омӯзиши мавзӯи “Намудҳои секунҷа”, бахри ошкорсозии як қатор методҳо кумак намуд. Ҳамин тавр, дар ҷараёни озмоиши мавзӯи матраҳгардида, бори дигар мавқеи муайян доштани технологияҳои компютерӣ ҳамчун воситаи таълим баррасӣ карда шуд. Дар мақола оид ба ду барномаи компютерӣ мавод оварда шудааст.

Як намунаи матни барномаи дуюм оварда шудааст, ки дар он тирезаи гарфикӣ бо андозаи максималӣ Window.Maximize истифода карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки тасвирҳо дар экран пурра ва возеҳ инъикос гарданд. Имкони он ки истифодабаранда андозаҳои ин тирезаро тағйир дода натавонад, дар забони барномасозии PascalABC.Net мавҷуд аст, аммо мо он хосиятҳоро дар ин барномаҳо татбиқ накардем. Пас аз он ки мавзӯи "Намудҳои секунҷа" таълим дода шуд, дар оянда суммаи кунҷҳои дарунии секунҷа, периметр ва масоҳати секунҷа ва дигар элементҳои секунҷа ба хонандагон омӯзонида мешаванд. Бо мақсади фаъолгардонии фаъолияти хонандагон дар ин самт, барномаҳои компютерии монанд ба барномаҳои компютерии дар мақолаи мазкур овардашударо таҳия кардан мумкин аст. Масалан, дар тирезаи графикӣ инъикос намудани якчанд секунҷа, ки дар назди ду кунҷи ҳар як секунҷа бузургиашон бо градус инъикос гарданд. Хонандагон бузургии кунҷи сеюмро ёбанд.

**Калидвожаҳо:** дидактика, тадқиқот, динамизатсия, барномаи компютерӣ, константии идрок, геометрия, намудҳои секунҷа, рақамгузории секунҷаҳо, хатҳои сарҳадии секунҷаҳо.

## ДИДАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗРАБОТКИ КОМПЬЮТЕРНЫХ ПРОГРАММ В ОБУЧЕНИИ «ТИПОВ ТРЕУГОЛЬНИКА»

Статья призвана продемонстрировать дидактический потенциал компьютерных технологий при проведении учебных экспериментов. Авторы попытались запрограммировать отдельные аспекты темы, чтобы раскрыть неизведанные дидактические аспекты информационных технологий в образовательном процессе. В статье описана техническая классификация разработаных программ, их дидактические особенности и этапы использования в учебных экспериментах. Конечно, в процессе преподавания каждого предмета в средних общеобразовательных школах есть свои успехи и проблемы. Обучение геометрии сопряжено со своими проблемами. Одна из проблем - отсутствие компьютерных программ, делающих уроки геометрии еще интереснее. Компьютерный тест знаний учащихся о треугольнике помог выявить ряд методов при изучении темы «Виды треугольников». Таким образом, в ходе апробации темы еще раз была рассмотрена роль компьютерных технологий как обучающего средства. В статье представлен материал о двух компьютерных программах. Приведен пример текста второй программы, в которой использовано графическое окно с максимальным размером Window.Maximize. Это позволяет отображать изображения на полном и четком экране. Возможность того, что пользователь не сможет изменить размер этого окна, доступна в языке программирования PascalABC.Net, но мы не реализовали эти свойства в этих программах. После изучения темы «Виды треугольников» учащимся будут учить сумме внутренних углов треугольника, его периметр и площадь треугольника, а также другие элементы треугольника. Чтобы активизировать деятельность учащихся в этой области, можно разработать компьютерные программы, аналогичные компьютерным программам, описанным в этой статье. Например, в графическом окне отобразить несколько треугольников, два угла каждого из которых указаны в градусах. Учащиеся находят величину третьего угла.

**Ключевые слова:** дидактика, исследования, динамизация, компьютерная программа, константы восприятия, геометрия, виды треугольников, нумерация треугольников, граничные линии треугольников.

## DIDACTIVE ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF COMPUTER PROGRAMS IN TRAINING "TYPES OF TRIANGLE"

The article is intended to demonstrate the didactic potential of computer technologies when conducting educational experiments. The authors tried to program certain aspects of the topic in order to reveal the unexplored didactic aspects of information technology in the educational process. The article describes the technical classification of the developed programs, their didactic features and stages of use in educational experiments. Of course, in the process of teaching each subject in secondary general education schools, there are successes and problems. Teaching geometry comes with its own challenges. One of the problems is the lack of computer programs that make geometry lessons even more interesting. The computer test of students' knowledge of the triangle helped identify a number of methods when studying the topic "Types of Triangles". Thus, in the course of approbation of the topic, the role of computer technologies as a teaching tool was once again considered. The article presents material about two computer programs. An example of the text of the second program, which uses a graphic window with the maximum size Window.Maximize, is given. This allows images to be displayed on a full and clear screen. The possibility that the user cannot resize this window is available in the PascalABC.Net programming language, but we have not implemented these properties in these programs. After studying the topic "Types of Triangles", students will be taught the sum of the interior angles of a triangle, its perimeter and the area of the triangle, as well as other triangle elements. To enhance student activity in this area, you can develop computer programs similar to the computer programs described in this article. For example, in the graphics window, display multiple triangles, each with two angles in degrees. Students find the value of the third angle.

**Key words:** didactics, research, dynamization, computer program, perception constants, geometry, types of triangles, numbering of triangles, boundary lines of triangles.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Нугмонов Мансур*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математик, доктори илмҳои педагогӣ,

профессор, узви вобастаи АТТ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **93-864-7629,** . E-mail: **nugmonov@mail.ru;**

***Сафаров Самандар Сафарбоевич*** – Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент, муаллими калони кафедраи математика - информатика. **Суроға:** 735500, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Панҷакент, хиёбони Рӯдакӣ, 106.Телефон: **(+992) 92-741-08-60** E-mail: **Samandar_ss@mail.ru;**

***Назаров Аҳтам Пулотович*** – Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, дотсенти кафедраи технологияҳои информатсионӣ ва коммуникатсионӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **93-516-6101**, E-mail: **ahtam_69@mail.ru.**

**Сведения об авторах:** ***Нугмонов Мансур*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, доктор педагогических наук, профессор, чл.корр. АОТ, профессор кафедры методики проподавания математики. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **93-864-7629,** . E-mail: **nugmonov@mail.ru;**
***Сафаров Самандар Сафарбоевич*** - Таджикский педагогический институт, г. Пенджикент, старший преподаватель кафедры математики - информатики. **Адрес:** 735500, Республика Таджикистан, Пенджикент, проспект Рудаки 106. Телефон **(+992) 927-41-08-60.** E-mail: **Samandar_ss@mail.ru;**
***Назаров Ахтам Пулатович*** – Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, кандидат педагогических наук, доцент кафедры кафедры информационных и коммуникационных технологий. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **93-516-6101**, E-mail: **ahtam_69@mail.ru.**

**Information about the authors:** ***Nugmonov Mansur*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, doctor of pedagogical sciences, professor, corr. AOT, Professor of the Department of Methods of Teaching Mathematics. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Phone: **93-864-7629**.
E-mail: **nugmonov@mail.ru**
***Safarov Samandar Safarboevich*** - Tajik Pedagogical Institute, Penjikent, senior lecturer of the Department of Mathematics - Informatics. **Address:** 735500, Republic of Tajikistan, Penjikent, Rudaki avenue 106. Phone (+992) **927-41-08-60**. E-mail: **Samandar_ss@mail.ru;**
***Nazarov Akhtam Pulatovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Information and Communication Technologies. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue, 121. Phone: **93-516-6101**, E-mail: **ahtam_69@mail.ru**.

**УДК:372.861**

# ПРИНСИПҲО ВА УСУЛҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАЪЛИМӢ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Азизов А.А., Деҳқонова М.У., Таирова М.М.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров**

Дар айни замон, дар санадҳо ва лоиҳаҳои ЮНЕСКО нақши торафт бештар мураккаби мероси фарҳангии инсоният таъкид карда мешавад, ки ин имкон медиҳад арзишмандтарин намунаҳои фарҳанги ҷаҳонӣ ва фарҳанги ҳар миллат ҳифз карда шаванд. Мероси маънавиро коҳиш додан мумкин нест, балки бояд ҳамеша дар заминаи муосир зинда бошад ва хислати созандаи худро ҳифз кунад. Таҳлили адабиёти муосири илмӣ, омӯзгорӣ ва фанни санъат ва меҳнат ба мо имкон медиҳад қайд намоем, ки дар даҳсолаи охир ин раванд дар сатҳи молиявию иқтисодӣ, моддӣ, сохторӣ ва ташкилӣ баррасӣ карда шудааст.

Дар ду даҳсолаи охир дар мундариҷа ва амалияи ҳам таълими умумӣ ва ҳам иловагии фанни санъат ва меҳнати хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тағйироти куллӣ ба амал омаданд. Дастовардҳои мусбати ин давра дар инҳо ифода меёбанд:

1. Дар ибтидои солҳои 90-уми асри XX тавсеаи барнома ва спектри методӣ ба амал омад, технологияҳои нави педагогӣ ва усулҳои таълим ба вуҷуд омаданд, сатҳи тайёрии касбии устодони фанҳои санъат ва меҳнат воқеан баланд гардид. Моҳиятан, вазъияти куллан нави таълимӣ ба вуҷуд омад. Раванди пуршиддати ташаккули намудҳои гуногуни низомҳои таълимӣ, таъсири мутақобила ва мухолифати онҳо ва дар натиҷа ба вуҷуд омадани фазои низомҳои нави бисёрҷанбаи таълимӣ оғоз ёфт.

2. Дар ибтидои асрҳои XX - XXI шумораи хеле зиёди барномаҳои таълимӣ аз фанни "Санъати тасвирӣ ва меҳнат" барои муассисаҳои таълимии миёнаи умумӣ пайдо шуданд. Дар дастгирии методии онҳо мавқеи фанни санъат ва меҳнат Шӯрои коршиносон нақши назаррас дошт, ки имкон дод, ки якчанд коллективи муаллифон маҷмӯаҳои китобҳои дарсӣ ва нишондодҳои методии худро дар як вақт нашр кунанд. Ҳамин гуна кор дар робита ба мавзӯи фанни "Санъати тасвирӣ ва меҳнат" низ анҷом дода шудааст.

Ба гуфтаи доктори илмҳои педагогӣ Н.С. Макаров, имрӯз тағйири ҷойгоҳи педагогика дар низоми донишҳои илмӣ, тақвияти ҳамгироии фанҳои омӯзгорӣ, донишҳои дохилисоҳавӣ ва байнисоҳавӣ, инкишофи интенсивии методологияи педагогӣ, афзоиши шумораи корҳои илмӣ оид ба масъалаҳои ташкил ва гузаронидани тадқиқоти педагогӣ ба назар мерасад.

Ҳодисаи шабеҳро дар педагогикаи санъат, як илми хеле ҷавон, ки ҳамгиро намудани таҷрибаи донишҳои педагогии ҷамъкардаи инсоният ва таҷрибаи бои таълими намудҳои гуногуни санъатро пешбинӣ мекунад, ки онро дар назария ва методологияи таълими бадеӣ ҳам ба таври уфуқӣ (ғанигардонии тарафайн) ва амудӣ (муттасилии байни сатҳҳои гуногуни зинаҳои таълимӣ) мушоҳида кардан мумкин аст [9, с. 19].

Ба гуфтаи М.С. Коган, дар байни илмҳое, ки инсон, фарҳанг ва ҷомеаро бо ягонагии ҳадаф меомӯзанд, фарқияти сифатии моддӣ мавҷуд аст, дар сурате ки педагогикаи санъат равшанӣ ва ғанигардонии дастгоҳи консептуалӣ ва истилоҳии онро талаб мекунад [7, с. 29].

Мафҳуми «принсипи дидактикӣ» -яке аз категорияҳои асосии омӯзгорӣ, ҳанӯз дар давраи қадим ташаккул ёфта, дар «Дидактикаи бузург» -и Я.М. Коменский ва баъдан дар асарҳои бисёр олимон-омӯзгорони асри XX (Ю.К.Бабанский, П.И. Пидкасистий, М.Н. Скаткин ва ғ.) баррасӣ карда шудааст. Дар айни замон, ин падида дар робита бо педагогикаи умумӣ ҳамаҷониба омӯхта шудааст. Аммо, дар соҳаи таълими фанҳои давраи бадеӣ, мушаххасот ва хусусиятҳои он ба қадри кофӣ омӯхта нашудаанд. Ғайр аз ин, дар барномаҳои муосир дар фанҳои таълими санъат ва меҳнат тафсири онҳо гуногун аст. Вазъ дар тафсири мафҳуми дигари асосии педагогикаи умумӣ - «усули таълим» низ чунин аст [1, 8, 10].

Дар дидактикаи муосир яке аз мафҳумҳои марказӣ мафҳуми «тарбия» мебошад, ки чунин тавзеҳ дода мешавад:

- раванд ва натиҷаи азхудкунии дониш ва рушди қобилиятҳои ақлӣ;
- раванди мақсаднок, ки аз ҷониби баъзе муассисаҳои иҷтимоӣ (мактабҳо, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ғ.) ба шахсияти ташаккулёбанда таъсир мерасонанд;
- маҷмӯи таъсирҳое, ки муҳити атроф дар тӯли ҳаёташ ба инсон расонидааст;
- раванд ва натиҷаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоии шахс, низоми дониш, малака ва маҳоратҳои барои ҳаёт дар ҷомеа зарурӣ.

Таҳсилот, ба гуфтаи олимон, ба ақл равона шудааст ва ба инсон имконият медиҳад, ки низоми донишҳои худро дар бораи ҷаҳон ташаккул диҳад. Ин таълим ва ҳам тарбияро дар бар мегирад, ки дар педагогика онҳо алоҳида ҳисобида мешаванд ва қонунҳо ва принсипҳои худро доранд, ҳарчанд дар асл онҳо бо ҳам алоқаманданд.

Мафҳуми "раванди таълим" низ яке аз мафҳумҳои асосии дидактика мебошад. Аммо, ин як мафҳуми нисбатан тангтарест ва муошироти ҳадафнок ва пешакӣ пешбинишударо дар назар дорад, ки дар раванди таълим, тарбия ва рушди донишҷӯ ба амал бароварда мешавад, паҳлуҳои инфиродии таҷрибаи инсонӣ, таҷрибаи фаъолият ва шинохт аз худ карда мешаванд. Ин раванд бо фаъолияти якҷояи муаллим ва таълимгирандагон ташаккули дониш, қобилият, малакаи онҳо, яъне заминаи умумии индикативии фаъолияти мушаххас тавсиф мешавад.

Дар адабиёти илмӣ ва омӯзгорӣ мафҳуми "раванди таълим" раванди муайяни абстрактиеро дар назар дорад, ки дар он одатан ҳадафҳо, қонунҳо ва қолабҳо, принсипҳо, мундариҷа, усулҳо, васоити таълимӣ ва ғайра муайян карда мешаванд.

Принсипҳои дидактикӣ (ё принсипҳои таълим) яке аз мафҳумҳои асосии дастгоҳи категорияи илми педагогика мебошанд. Онҳо муайян мекунанд, ки чӣ гуна ба ҳадафҳо ва вазифаҳои мактаб ноил шудан мумкин аст, барои ин муаллим бояд кадом муқарраroti меъёриро риоя кунад.

Дар адабиёти илмии муосир, тибқи принсипи дидактикӣ (аз лот. - ибтидо, асос), чунин анъана шудааст:

- нуқтаи ибтидоии ҳама гуна назария, таълим, илм, ҷаҳонбинӣ [6, с. 162];

- муқарраroti асосие, ки мундариҷа, шаклҳо ва усулҳои ташкилии раванди таълимро мувофиқи ҳадафҳо ва қолабҳои умумии он муайян мекунанд [3, с. 66].

- мавқеи ибтидоӣ, ки омӯзгорро дар амалияи худ ҳидоят мекунад [6, с. 161];

- муқарраroti ибтидоии дидактикӣ, ки ҷараёни қонуниятҳо ва қонуниятҳои объективии раванди таълимро инъикос мекунанд, диққати онро ба рушди шахсият равона мекунанд [14, с. 150];

"Принсипҳои таълим дар маркази таълим қарор доранд", П. Пидкасистий, - қонунҳо ва қолабҳои маълум мантиқан ҳосил карда нашудаанд. Қонунҳо ва қолабҳо ҳамчун заминаи назариявии таҳия, принсипҳо ва қоидаҳои фаъолияти амалии омӯзгорӣ хизмат мекунанд. Бисёр қонунҳо ва қолибҳои педагогӣ ба дараҷае гуногунанд, ки аз онҳо на як, балки якчанд принсипҳо гирифта шудаанд. Ба рушди принсипҳо на танҳо таъсироти педагогӣ, балки қолабҳои иҷтимоӣ, фалсафӣ, мантиқӣ, психологӣ ва ғайра низ таъсир мерасонанд. Онҳоро инчунин ҳадафҳои таълим ва тарбия, шароити муҳити зист, сатҳи рушди илм, хусусияти воситаҳо ва усулҳои таълими аз ҷониби ҷомеа азхудкардашуда ва албатта, худи амалия, таҷрибаи дарсдиҳӣ низ шарт мегузоранд» [10, с. 173].

Бо дарназардошти таърихи ташаккули мафҳуми "принсипҳои таълим" П.И. Пидкасистий чунин менависад: «Дар марҳилаҳои аввали рушди худ илми педагогика, алалхусус дидактика, танҳо бо ҷамъбаст кардани таҷрибаи таълим маҳдуд буд. Аз ин рӯ, принсипҳои таълим мустақиман аз таҷрибаи омӯзгор, аз мушоҳидаҳо гирифта мешуданд. Баъдан ин ё он қоидаҳои таълим дар асоси онҳо таҳия карда шуданд. Масалан, "таълим додани визуалӣ", "такрор модари дониш аст" ва ғ. Бисёр қоидаҳо ва дастурҳои монанд барои таҷдиди таҷрибаи мавҷудаи омӯзгорӣ мавҷуд буданд ва онҳо мактабро дар марҳилаи рушди ҷомеа қаноатманд мекарданд, вақте ки ҳам миқдори дониши илмӣ ва ҳам хусусияти фаъолиятҳое, ки шахс иҷро намекунад аз даҳсола то

даҳсола фарқ мекард.Дар мактаб вазъияти тамоман дигар аст, ҳаҷми иттилооти илмӣ, мундариҷаи таҷрибаи иҷтимоӣ аз насл ба насл мегузарад, хусусияти фаъолияте, ки мактаб барои тайёр кардани хатмкунандагони он даъват карда мешуд, ба дараҷае мураккаб гашт, ки таҷдиди одии таҷрибаи мавҷудаи кори мактаб дигар талаботи ҷомеаро қонеъ карда наметавонист. Такмили минбаъда ва баъзан дигаргунсозии куллии амалияи мактаб ба таври таъҷилӣ асосноккунии илмии принсипҳои таълимро, ки аз ҷониби дидактика аз рӯйи нақша амалӣ карда мешаванд, тақозо мекард: вазифаи амалӣ - масъалаи илмӣ - ғояи ҳалли масъала - фарзия, усулҳои санҷиши он - тафсири назариявии натиҷаҳо - принсип» [10, с. 172-173].

М.Н. Скаткин, дар дидактика фаҳмиши принсип ҳамчун тавсия дар бораи роҳҳои расидан ба ҳадафҳои омӯзиш дар асоси қолабҳои омӯхташудаи он муқаррар карда шуд. Ҳамин тавр, ба гуфтаи В.И. Загвязинский, моҳияти принсип "тавсия дар бораи танзими муносибатҳои байни тарафҳои мухолиф, тамоюлҳои раванди таълим, роҳҳои ҳалли зиддиятҳо, ба даст овардани андоза, ҳамоҳангӣ мебошад, ки имкон медиҳад бомуваффақият ба ҳалли масъалаҳои таълимӣ" расанд [12, с. 173].

Н.С. Макарова ба ин нуқтаи назар бовар дошт, ки "робитаи принсипҳо ва қонунҳо бешубҳа инъикос мешаванд, аммо моҳияти на худи принсип ва на хусусияти робитаҳои байни қонунҳо ва принсипҳо ифшо намегарданд" [24, с. 173]. Олим қайд мекунад, ки «зиддият дар мундариҷаи баъзе принсипҳо ба чашм намоён аст. Он аллакай дар номҳои онҳо инъикос ёфтааст: робитаи омӯзиш бо ҳаёт, назария бо амалия, омезиши роҳбарии педагогӣ бо фаъолияти фаъоли хонанда; омезиши кори инфиродӣ ва гурӯҳӣ; робитаи омӯзиш ва худомӯзӣ, назорат ва худдорӣ» [9, с. 173-174].

«Қонун ҳамеша вазифаҳои фаҳмондадиҳӣ ва пешгӯӣ дорад. Инчунин, як ҷузъи сохтори мантиқии илми педагогика мебошад, ки робитаҳои объективӣ, дохилӣ, муҳим ва нисбатан устувори падидаҳои педагогиро инъикос намуда, ба идоракунии илмии фаъолияти таълимӣ, пешгӯии натиҷаҳои ин ё он қарори идоракунӣ, ки ба оптимизатсия кардани мундариҷа, шаклҳо, воситаҳо ва усулҳои таълим мусоидат мекунад»[15, с. 174].

Маҳз дар асарҳои худ оид ба дидактика ва воситаҳои таълимии курси "Педагогика", М.Н. Скаткин миқдори принсипҳо, формулаҳои онҳоро, мавриди баррасӣ қарор дода, қайд менамояд, ки ба таври назаррас "мундариҷа аз ҳад зиёд психологӣ, мантиқӣ ва махсусан идеологӣ шудааст". М.Н. Скаткин бар ин назар аст, ки баъзе муаллимон принсипҳоро аз таҷрибаи омӯзгорӣ ба даст овардаанд ва ин принсипҳо бояд ба қонунҳои психикаи кӯдакон асос ёбанд [11, 245].

Таърихи дидактика бо таърихи инсоният инкишоф ёфтааст. Дар оғози ҷомеаи инсонӣ интиқоли дониш, маҳорат ва малакаҳо аз насл ба насли дигар - талабот барои кафолати бақои зиндагӣ зарур буд. Чунин интиқоли донишҳо дурудуроз ба таври ғайрирасмӣ, бе назария, бе асоси илмӣ, ғайримуташаккил сурат мегирифт.

Дар асри XVII нахустин назарияҳои дидактикӣ ҳамчун илм пайдо шудаанд. Асосгузори дидактика педагоги олмонӣ Wolfgang Ratke (1571-1635) ва рӯҳонии ҷамъиятии бародарони чех Johann Amos Comenius ( чехӣ Komensky, 1592-1670) мебошанд. Ratke барои дидактика вазифаҳои асосиро таҳия карда, савол гузошт: «Чӣ тавр таълим додан лозим аст, ки хонанда зуд, бомуваффақият ва амиқ аз худ кунад?». Ба ҳамин васила Ratke ба пешниҳоди худ дар бораи дидактика равандҳои таълиму омӯзишро мавриди таваҷҷуҳ қарор дод. Ҳамзамон, ӯ ошкор кард, ки омӯзиш аз таълим вобастагӣ дорад.

Comenius бошад, ба ғайр аз ин, боз дар соҳаи тартиб додани барномаҳои дидактикӣ хизмат кардааст. Вай диққати доираи васеи ҷамъиятиро ба тарбия ҳамчун вазифаи муҳимтарин ҷалб намуд. Пешниҳоди вай ба мулоҳизаҳои динӣ асоснок гардида буд.

Дидактикаи хусусӣ, одатан мувофиқи фанҳои таълимии мактабӣ тартиб дода мешавад (масалан, дидактикаи (методикаи таълими) физика, дидактикаи математика). Вале дидактикаҳое ҳам мавҷуданд, ки фанҳои зиёдро дар бар мегиранд («дидактикаи соҳавӣ» ба мисли дидактикаи фанҳои табиатшиносӣ, дидактикаи забонҳои хориҷӣ, дидактикаи синфҳои ибтидоӣ). Боз дидактикаи хусусӣ вуҷуд дорад, ки танҳо ба ҷанбаҳои муайяни як фан машғул аст.

Дар тасаввуроти имрӯза дидактикаҳои тахассусӣ бе ҳосила, тағйирёфта ё фанни амалии илмҳои ихтисоси худ нестанд («дидактикаи инъикос»). Бештар онҳо фанҳои мустақил мебошанд, ки бо фанҳои ба ҳам наздик алоқаи зич доранд (бо илмҳои ихтисос, бо психологияи инкишоф психологияи таълим, назарияи таълим бо таҳқиқотҳо дар бораи иҷтимоикунонӣ ва ғ.).

Дидактикаи умумӣ барои дидактикаи тахассусӣ, пеш аз ҳама, вазифаи бунёди таҳкурсии назариявиро иҷро мекунад. Ин вазифа ба дараҷаи баланд ба дидактикаи диалектикӣ қиёсшаванда аст. Вай ҷанбаҳои асосии назарияҳои умумидидактикӣ ва робитаи мутақобилаи диалектикии байни илм ва омӯзишро муайян мекунад. Ин назарияҳо ва иртиботи мутақобила ба дидактикаҳои тахассусӣ баъзан байни худ алоқаманд набуда, дар доираи консепсияи ягона таҳқиқ мешаванд (таҳқиқот оид ба ташаккули мафҳумҳо, таҳқиқоти фазои иттилоотӣ, коркарди барномаҳои таълимӣ ва ғ.). Дидактикаи диалектикӣ вазифаи шаҳрдиҳиро иҷро мекунад, зеро ба категорияҳои хосси худ имкон медиҳанд, ки предметҳои (мавзӯъҳои) тафаккур ва амалҳои дидактикаи тахассусӣ шаҳр дода шаванд.Дидактикаи тахассусӣ илми мустақил мебошад, ки ҳуқуқи мавҷуд буданро вобаста ба талаботи интиқоли дониш чун соҳаи дидактикаи умумӣ ва фанҳои илмии тахассусӣ ба даст овардааст. Klafki Wolfgang (1985, саҳ.37) талаб мекунад, ки «дидактикаи тахассусӣ ба сифати фанни илмӣ дар соҳаҳои ҳамҳудуд ё беҳтараш дар майдони муносибати дутарафаи байни равияҳои илмӣ дар бораи тарбия ва фанҳои тахассусӣ, ё худ байни дидактикаи умумӣ ва фанҳои тахассусии илмӣ» инкишоф ёбад. Ҳамзамон, ба дидактикаҳои хусусӣ ҳуқуқҳои санҷидану ғалат карданро нигоҳ медорад, зеро «ҷавобро ба саволҳои умумидидактикӣ гузошта, танҳо бо ёрии донишҳои махсуси ҳудудию ҳамгироӣ ёфтан мумкин аст» (Klafki Wolfgang 1985, саҳ 209).

Дидактикаи тахассусӣ ҳамон фанҳои илмиро дар бар мегирад, ки предмети онҳо дар илм, таълимот ва коркардҳо домени хусусӣ ё махсуси сохтори равандҳои таълим мебошанд. Мавзӯи асосии омӯзиши дидактикаи тахассусӣ таҳлили заминаҳо ва муносиб кардани алоқамандӣ бо фанҳои тахассусии равандҳои омӯзишу таълим мебошад.Дидактикаи хусусӣ, одатан мувофиқи фанҳои таълимии мактабӣ тартиб дода мешавад (масалан, дидактикаи (методикаи таълими) физика, дидактикаи математика). Вале дидактикаҳое ҳам мавҷуданд, ки фанҳои зиёдро дар бар мегиранд («дидактикаи соҳавӣ» ба мисли дидактикаи фанҳои табиатшиносӣ, дидактикаи забонҳои хориҷӣ, дидактикаи синфҳои ибтидоӣ). Боз дидактикаи хусусӣ вуҷуд дорад, ки танҳо ба ҷанбаҳои муайяни як фан машғул аст.Дидактика ҳамчун назарияи таҳсилот ва таълим мақсади кушодани қонуниятҳои умумӣ ва пойдор намудани қонунҳои раванди таълимро дорад. Ин қонунҳо, ки дар таълим амал мекунанд ва аз тарафи хонандагон

омӯзиши дониш, ки дар онҳо табиат инъикос меёбад, ҷамъият ва тафаккури инсонро талаб мекунад.

Бозиҳои дидактикӣ хеле гуногунанд. То ба имрӯз мактабҳо асосан танҳо аз намудҳои "анъанавӣ"-и бозиҳо истифода мекунанд, ки дер боз дар таҷрибаи мактаб маълуманд - техникаи бозӣ ва бозиҳои сюжетӣ ва дар аксари ҳолатҳо, ҳамчун мустаҳкамкунӣ ва такрори маводи омӯхташуда мебошад. Аксар вақт, бозиҳои дидактикӣ, аз сабаби надонистан ҳамчун як машғулияти сабук фаҳмондан ҳисобида шуда, онҳо ҳамчун лаҳзаи фароғатӣ дар назар дошта мешавад, ки, хастагиро сабук мекунанд, хусусияти фаъолияти хонандагонро тағйир медиҳанд. Ба андешаи мо, сабаби асосии надонистани навъҳои гуногун ва гурӯҳбандии низомҳои бозиҳои дидактикӣ барои шомил шудан ба раванди таълим қулай мебошанд.

Бозии дидактикӣ ҳамчун яке аз воситаҳои қадимии педагогии таълим ва тарбия аз марҳилаҳои муайяни рушд гузашта, дар ҳама шаклҳои мактаб, пас аз таҳсил дар мактаб истифода мешавад. Аз нигоҳи мо, бозии кӯдаконро дар марҳилаҳои аввали рушди ҷомеа бо мақсади аз худ намудани таҷрибаи иҷтимоӣ ба таври қонунӣ бозии тарбиявӣ номидан мумкин аст.

Тавре ки аз гуфтаҳои боло бармеояд, муаммои ташаккули принсипҳои дидактикии таълим ҳамеша зеҳни муаллимони барҷастаи дунёро ба худ ҷалб кардааст. Аммо, то имрӯз дар ин мавридақидаи ягона вуҷуд надорад. Ин дар он ифода меёбад, ки заминаҳои ибтидоии таҳияи принсипҳои таълим ҳанӯз муайян карда нашудаанд; асосҳои илмии низоми принсипҳои таълим, тобеияти онҳо, иерархия таҳия нашудаанд.

**Муқарриз: *Шарипов Ф.Ф.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Бабанский Ю.К. Избранные педагогические труды. Учебное пособие / М.Ю. Бабанский. -М.: Педагогика, 1989.- 558 с.
2. Данилов М.А. Малинин В.М. Структурно-системные исследования педагогических явлений и процессов. Учебное пособие/ М.А. Данилов, В.М. Малинин -М.: Педагогика, 1971.-130с.
3. Данилов М.А. Дидактика средней школы. Учебное пособие для студентов пед. ин-тов / М. А. Данилова и М. Н. Скаткина. - М.: Просвещение, 1975. – 301с.
4. Загвязинский В.И. Дидактика высшей школы. Текст лекций / В.И. Загвязинский. -Челябинск: ЧГПИ, 1990. -150 с.
5. Загвязинский В.И. Об усилении целостности процесса обучения в вузе / В.И. Загвязинский // Вестник высш.школы-1985.-№9-С.30-34.
6. Исаев И.Ф. Профессионально-педагогическая культура преподавателя высшей школы. Воспитательный аспект / И.Ф. Исаев.– М.: Белгород, 1992.-187с.
7. Коган М.С. Человеческая деятельность: Опыт системного анализа. Учебное пособие / М.С. Коган. - М.: Изд-во полит .лит-ры , 1974. -328 с.
8. Коменский Я.М. Великая дидактика. Педагогические сочинения / Я.М. Коменский. -М.: 1955. - 651 с.
9. Макарова Н.С. Трансформация дидактики высшей школы. Учебное пособие / Н.С. Макарова. М.: Флинта, 2012.-150с.
10. Пидкасистый П. И. Педагогика. Учебное пособие / П.И. Пидкасистого. -М.: Высшее образование, 2008. – 200с.
11. Скаткин М.Н. Общая педагогика. Учебное пособие / В.А. Сластенина. -М.: ВЛАДОС, 2003. -300с.
12. Скаткин М.Н. Проблемы современной дидактики. Учебное пособие/ М.Н. Скаткин. -М. : Педагогика, 1984. -76с.
13. Скаткин М.Н. Методология и методика педагогических исследований. Учебное пособие для учителей / М.Н. Скаткин. -М.: Педагогика, 1986. -280 с.
14. Сластенин В. А. Исаев И. Ф., Шиянов Е. Н. Общая педагогика. Учебное пособие для учителей / В. А. Сластенина. - М.: ВЛАДОС, 2003. – 220с.
15. Шиянов Е.Н., Котова И.Б. Развитие личности в обучении. Учебное пособие для студентов высших педагогических учебных заведений / Е.Н. Шиянов, И.Б. Котова. - М.: Академия, 1999.-288с.

**ПРИНСИПҲО ВА УСУЛҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ САНЪАТ ВА МЕҲНАТ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ МИЁНАИ УМУМӢ**

Барномаҳои муосири таълими бадеӣ ба ташаккули фарҳанги бадеии хонандагон, ҳамчун як ҷузъи фарҳанги умумии шахс, дар асоси принсипҳои таърихан муқарраршуда ва замонҳои озмудашудаи умумии дидактикии таълим равона карда шудаанд. Аммо, тақрибан ҳар як принсип аз нуқтаи назари санъате, ки барои таҳияи он барнома сохта шудааст, рад карда мешавад. Ҳамин тариқ, ҳар яке аз принсипҳои умумии дидактикӣ бо унсурҳои принсипи дигари таълим бой мешаванд, масалан, принсипи омӯзиши санъат ва меҳнат тибқи қонунҳои санъат ба принсипи эмотсионалӣ дар якҷоягӣ бо принсипи шуур ва фаъолият ва бо принсипи робитаи назария ва амалия асос ёфтааст. Имрӯзҳо сифати тайёр кардани мутахассисон дар ин соҳа аз он вобаста аст, ки парадигмаи гуманистӣ дар соҳаи маориф то кадом андоза пайваста, амиқ, пурмазмун ва чӣ гуна «таълим бо тарбия ва рушди фарҳанги башардӯстона, ташаккули шахсияти аз ҷиҳати маънавӣ бой, зеҳнӣ рушдкарда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъул» татбиқ карда мешавад. Дар асоси гуфтаҳои боло, метавон қайд кард, ки дар барномаҳои таълимии мавҷудаи таълимии «Санъат ва меҳнат» муносибати ягонаи интихоби усули таълим мавҷуд аст, аз ин рӯ, ҳамин усулҳои таълим бо гузашти замон санҷида шудаанд. Дар айни замон, вақте ки шумораи зиёди барномаҳои нави таълимӣ дар фанҳои давраи бадеӣ пайдо мешаванд, ба таҷрибаи фаровони назариявӣ, методологӣ ва амалии дар соҳаи назария ва методологияи таълим ва тарбияи бадеӣ ҷамъоваришуда мурочиат кардан лозим аст, то ки хатогиҳо пешгирӣ карда шуда, раванди ташаккули ҷаҳонбинӣ, сифатҳои ахлоқӣ ва эстетикии шахс тавассути василаи бадеӣ мақсаднок ба роҳ монда шавад.

**Калидвожаҳо:** дидактика, санъат ва меҳнат, фарҳанг, коллектив, инкишофи интенсивӣ, ҳамгироӣ, таҷрибаи педагогӣ, асар, таҷрибаи иҷтимоӣ, раванди таълим, қолабҳои иҷтимоӣ, принсип.

**ПРИНЦИПЫ И ДИДАКТИЧЕСКИЕ МЕТОДЫ ОБУЧЕНИЯ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНОМУ ИСКУССТВУ И ТРУДУ В ОБЩЕМ СРЕДНЕМ ОБРАЗОВАНИИ**

Современные программы художественного образования нацелены на формирование художественной культуры учащихся, как части общей культуры личности, опираются на исторически сложившиеся и проверенные временем общедидактические принципы обучения. Однако почти каждый принцип в данных программах преломлен с позиций того вида искусства, для освоения которого создана программа. Таким образом, каждый из общедидактических принципов обогащается элементами другого принципа обучения, так, например, принцип изучения изобразительного искусства и труда по законам искусства основан на принципе эмоциональности в сочетании с принципом сознательности и активности и с принципом связи теории с практикой. Сегодня качество подготовки специалистов в любой отрасли зависит от того, насколько последовательно, глубоко и осмысленно в образовании реализуется гуманистическая парадигма, насколько «образование сопрягается с воспитанием и развитием гуманитарной культуры, формированием духовно-богатой, интеллектуально развитой, социально ответственной личности». Исходя из вышеизложенного, можно отметить, что в действующих учебных программах образовательной области «Изобразительное искусство и труд» наблюдается единый подход к выбору методов обучения, поэтому часто в разных программах можно встретить одни и те же методы обучения, те, которые апробированы временем. В настоящее время, когда появляется достаточно большое количество новых образовательных программ по дисциплинам художественного цикла, необходимо обращение к огромному теоретико-методическому и практическому опыту, накопленному в области теории и методики художественного образования и воспитания, позволяющему избегать допущенных ошибок и более обоснованно строить процесс формирования мировоззрения и нравственно-эстетических качеств личности средствами искусства.

**Ключевые слова:** дидактика, изобразительное искусство и труд, культура, коллектив, интенсивное развитие, интеграция, педагогический опыт, работа, социальный опыт, процесс обучения, социальные паттерны, принципы.

**PRINCIPLES AND DIDACTIC METHODS OF TEACHING FINE ARTS AND WORK IN GENERAL SECONDARY EDUCATION**

Modern art education programs are aimed at the formation of the artistic culture of students, as part of the general culture of the individual, based on historically established and time-tested general didactic principles of teaching. However, almost every principle in these programs is refracted from the standpoint of the art form for the development of which the program was created. Thus, each of the general didactic principles is enriched with elements of another teaching principle, for example, the principle of studying fine art and work according to the laws of art is based on the principle of emotionality in combination with the principle of consciousness and activity and with the principle of connection between theory and practice. Today, the quality of training specialists in any industry depends on how consistently, deeply and meaningfully the humanistic paradigm is implemented in education, how “education is coupled with the upbringing and development of humanitarian culture, the formation of a spiritually rich, intellectually developed, socially responsible personality.” Based on the above, it can be noted that in the existing curricula of the educational field "Fine Arts and Labor" there is a unified approach to the choice of teaching methods, therefore, in

different programs you can often find the same teaching methods, those that have been tested by time. At present, when a sufficiently large number of new educational programs in the disciplines of the art cycle appear, it is necessary to turn to the huge theoretical, methodological and practical experience accumulated in the field of theory and methodology of art education and upbringing, which allows avoiding mistakes and more reasonably building the process of forming a worldview and moral and aesthetic qualities of a person by means of art.

**Key words:** didactics, fine arts and labor, culture, team, intensive development, integration, pedagogical experience, work, social experience, learning process, social patterns, principles.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** **–** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
***Деҳқонова Мавзуна Умарбоевна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, унвонҷӯй. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.
***Таирова Мавлуда Муллоҷоновна*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, муаллимаи кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

**Сведения об авторах:** ***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.
***Дехконова Мавзуна Умарбоевна***- Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, соискатель. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.
***Таирова Мавлуда Муллоджоновна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, преподаватель кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the authors:** ***Azizov Abdulatif Abduhalimovich*** - Khujand State University by the name acamedician B.Gafurov, Dr.of Pedagogy, Professor of the department of technology and methods of its teaching attached to the faculty of fine arts and technology under**. Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.
***Dehqonova Mavzuna Umarboevna*** – Khujand State University by the name acamedician B.Gafurov, applicant. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1
**Tairova Mavluda Mullodzhonovna -** Khujand State University named after academician B.G. Gafurov, lecturer at the Department of Technology and Methods of its Teaching. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

**УДК:372.86**

# ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКИИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

***Маҳмудов И.М, Хоҷаева М.Ҷ., Азизов А.А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров,**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд**

Дар ҷаҳони муосир тамоми кишварҳои муттамаддин баҳри пешрафти ҷомеа ва баландбардории некуаҳволии мардум талош варзида, рушди мактабу маорифро, ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа, яке аз самтҳои афзалиятнок қарор додаанд.

Дар Тоҷикистон низ, ки имрӯз дар арсаи ҷаҳонӣ мақоми сазоворро ишғол менамояд, мутобиқ ба талаботҳои замони муосир ва бозори меҳнат барои беҳбудии сифати таҳсилоти миёнаи умумӣ ва таҳсилоти олӣ, мутобиқ гардонидани он ба меъёрҳои байналмилалии эътирофшуда тадбирҳои ҷиддӣ андешида истодаанд, ки амалӣ шудани бархе аз онҳо дар соҳаи маориф далели гуфтаҳои болост.

Маълум аст, ки дар баробари инкишофи илму техника ба раванди таълим воситаҳои техникии нав ба нав ворид шуда истодаанд, ки барои ҳалли масъалаҳои педагогӣ басо заруру муҳим арзёбӣ меёбанду онҳо (воситаҳои техникаи таълим)

имрӯзҳо дар фаъолияти педагогии омӯзгор мавқеи муҳим пайдо карда, ба таври васеъ истифода шуда истодаанд. Метавон бо боварии комил изҳор кард, ки равияи мазкур асоси илмӣ дошта, ба омӯзгори босалоҳият дар раванди таълим имкониятҳои васеи истифодаи воситаҳои дидактикиро фароҳам меоварад.

Аз ин нуқтаи назар, меҳвари консепсияи имрӯзаи соҳаи маорифи Тоҷикистонро масъалаи тарбияи шахсияти мутахассиси оянда ташкил медиҳад. Дар ин ҷода натиҷаи худомӯзӣ ва такмили пайвастаи донишу малакаи касбӣ метавонад омӯзгорро ба шароитҳои тағйирпазири иҷтимоӣ мутобиқ гардонад.

Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии таҳсилот ба омӯзгорони оянда омӯзонидани роҳу усулҳои таълим ва бедор кардани шавқу ҳавас ба донишандӯзӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии онҳо мебошад, ки ин ҳама бевосита ба инкишофи салоҳияти касбии омӯзгорони оянда иртибот хоҳад дошт.

Ҷорикунии технологияҳои иттилоотӣ тавассути воситаҳои иттилоотию коммуникатсионӣ амалӣ мешавад, ки барои бедор кардани салоҳияти касбии омӯзгорониояндаи синфҳои ибтидоӣ таъсир хоҳад расонд.

Агар таъмини воситаҳои техникии таълим дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ масъалаҳои ба таври кифоя ҳалшуда ба ҳисоб равад, таъмини барномавии раванди таълим масъалаи ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Инчунин, воситаҳои техникии нави таълимӣ, аз қабили таҷҳизотҳои мобилӣ низ раванди таълимро шавқовар ва завқи хонандагонро ба он баланд бардошта метавонанд.

Сабаби асосии аҳамияти дидактикии худро гум кардани ин намуди воситаҳои техникии таълим дар он аст, ки тавассути онҳо диапозив, яъне расмҳои деворӣ танҳо, барои намоиши ягон тасвир истифода бурда мешуду бас. Фарқи онҳо аз расмҳои муқаррарӣ танҳо дар намоиш додани расмҳои ҳаҷман калон буд, ки барои ба хонандагон ба таври возеҳ нишон додани тамоми ҷузъиёти расм имкон медод. Инчунин, диапозивҳоро омӯзгор метавонист дар экран муддати дилхоҳ намоиш диҳад.

Бояд қайд кард, ки диапозивҳоро метавон танҳо дар синфхонаи торик намоиш дод, ки ин ҳолат, бешубҳа, ба рафти дарс халал ворид менамуд ва ба хонандагон барои сабт намудани маълумоти зарурӣ имкон намедод. Вале имрӯз яке аз воситаҳои нисбатан қулайи диапроексия графопроектор маҳсуб меёбад, ки барои акс кунонидани лавҳаҳо истифода мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди таълим ба воридкунии технологияҳои иловагии интерактивӣ мусоидат мекунад. Афзалияти технологияҳои интерактивии таълим аз баланд намудани сифати омӯзиши маводҳои таълимӣ, бедоркунии шавқ ба таълим, ташкили муносибати боваринок иборат аст. Алалхусус, ҷорикунии технологияҳои интерактивӣ дар раванди таълим ба ташаккулёбии эҷодкорӣ, қобилияти пешниҳоди нуқтаи назар ва ба ташкили фаъолияти фикрии хонандагони синфҳои ибтидоӣ мусоидат менамояд.

Инчунин, онро низ бояд донист, ки дар раванди таълими синфҳои ибтидоӣ чунин методҳоеро бояд истифода бурд, ки онҳо ба азхудкунии мавзӯъ, роҳҳои дурусту мустақилона иҷро намудани вазифаҳо ва баланд бардоштани қобилияти эҷодиву тафаккури хонандагони синфҳои ибтидоӣ кумак расонанд. Аз ҷумла, чунин методҳои таълимро дар раванди такя намудан ба технологияи информатсионӣ истифода бурдан мумкин аст.

Масалан, Л.С. Зазнобина [3, с.15] имкониятҳои дидактикии воситаҳои техникии дорои хусусияти аудиовизуалиро дар саҳеҳият, амиқияти дарки мавзӯъ, мукаммалии иттилоот, санаднокӣ арзёбӣ менамояд. Чунки, ба ақидаи ӯ, воситаҳои номбаршуда барои ба хонандагон додани донишҳои муҳимми илмӣ оид ба махсусиятҳои инкишофи табиат ва ҷамъият, муайян намудани муносибати хеш ба муҳити атроф, ташаккули асосҳои илмии фаъолият ва ғ. имкон медиҳанд.

Дар таҳқиқоти Д.В. Лаптев зикр шудааст, ки компютер миёни воситаҳои техникии таълим ҷойгоҳи махсусеро ишғол менамояд. Ба ақидаи олими мазкур, дар ҷараёни тадрис компютер бар замми он вазифаҳое, ки воситаҳои дигари техникӣ иҷро мекунанд, ҳамчунин, чандин вазифаҳои дигари дидактикиро иҷро менамояд, ки он ҳама ҳатман барои боз ҳам баланд бардоштани сифати таълим мусоидат менамояд [5, с.53].

Масъалаҳои ворид кардани технологияҳои иттилоотӣ ба ҷараёни таълим яке аз масъалаҳои муҳимми педагогӣ буда, дар ин самт як қатор таҳқиқотҳои муҳим анҷом дода шудаанд, ки дар ин ҷода метавон аз асарҳои илмии олимон И.В. Роберт ва И.В. Апатова ёдовар шуд, ки ба таҳқиқи аҳамияти педагогии татбиқи технологияҳои иттилоотӣ бахшида шудаанд. Масъалаҳои асосии таҳқиқоти илмии И.В. Роберт омӯзиши асосҳои назарии бавуҷудорӣ ва истифодаи воситаҳои иттилоотонии таҳсилот, имкониятҳои дидактикӣ ва аҳамияти педагогии истифодаи онҳо дар раванди таълим, самтҳои афзалиятноки коркард ва истифодаи он мебошад [11, с. 128].

Дар рисолаи доктории Н.В. Апатова таъсири технологияҳои иттилоотӣ ба муҳтаво ва усулҳои таълим дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мавқеи технологияҳои таълимии иттилоотӣ ҳамчун низоми нави методӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, принсипҳои умумии таҳияи барномаи интерактивии таълимӣ коркард шудаанд.

Масъалаи таълими фанни математика бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботӣ дар таҳқиқоти В.В. Майер [9, с. 100] мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, ки дар заминаи он муаллиф самтҳои афзалиятноки такмили раванди иттилоотонии фанни геометрияро муайян намудааст.

Қисми зиёди таҳқиқотҳои илмӣ оид ба ворид кардани технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммунакитсионӣ ба масъалаҳои методикаи таълими математика дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олӣ марбут аст.

Асосҳои методии татбиқи системаҳои компютерии математикӣ дар таълими фанни математика дар таҳқиқотҳои Р.А. Дяченко, Г.В. Капустина, Т.Л. Ниренбург, Ю.В. Поздияк таҳия гардидаанд.

Дар кори диссертатсионии Р.А. Дяченко асосҳои назарияви истифодаи технологияҳои компютерӣ дар ҷараёни таълими фанни математика таҳия гардидаанд. Татбиқи амалии он таҳияи комплекси таълимӣ – методӣ дар асоси низоми кори лабораторӣ бо истифода аз системаи рамзии интегратсионии Mulhematica гардид.

Дарвоқеъ, имрӯзҳо мактабҳо барои дастрас кардани маҷмӯи маводи дидактикии тайёр вобаста ба фанҳои мухталиф имконияти васеъ доранд. Зиёда аз ин, таҳияи мустақилонаи мавод барои намоиш додан тавассути воситаҳои мазкур аз омӯзгор меҳнати зиёд ва донишҳои махсусро тақозо намекунад. Ва маҳз ба ҳамин васила васоити экрании таълимӣ ҳоло воситаҳои васеъ истифодашаванда маҳсуб меёбанд.

Бояд қайд кард, ки маълумоте, ки тавассути воситаҳои тахникии номбурда дар экран акс меёбад, танҳо ба узви биноӣ таъсир расонида метавонад.

Омӯзгорон дар шароити нави таълим бояд ба истифодаи васеи технологияҳои иттилоотии муосир барои таълими хонандагон тайёр бошанд. Албатта, чунин тайёрӣ бояд дар вақти таҳсил дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ оғоз шуда, дар раванди таълим дар донишгоҳ давом дода шавад. Амаликунии он дар курсҳои такмили ихтисос низ мувофиқи мақсад аст.

Барномаҳои таълимии нав воридкунии методологияҳои нави таълимиро ба раванди таълим талаб мекунанд, ки истифодаи васеи технологияҳои мултимедиро дар бар мегирад.

Афзалияти истифодаи мултимеда чунин муайян карда мешавад, ки технологияи иттилоотии компютерӣ имконияти фаъолкунии ҳамаи каналҳои интиқоли маълумотро фароҳам меоварад, зеро он дар системаи компютерӣ матн, овоз, видео, расмҳои графикӣ ва аниматсияро муттаҳид мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар адабиёти илмӣ тавсифи мафҳуми технологияи иттилоотӣ бо вуҷуди умумият, баъзе нуктаҳои фарқкунанда дорад. Баъзеи онҳоро мисол меорем:

1. Технологияҳои иттилоотӣ – маҷмӯи донишҳои илмӣ ва муҳандисӣ, инчунин усулҳо ва воситаҳоеро дар бар мегиранд, ки барои омода кардан, гирдоварӣ, таҳвил, ҳифз ва коркарди иттилооти марбут ба соҳаи мушаххас истифода мешаванд [2,8 с. 18,63].

2.Технологияи иттилоотӣ – истилоҳоте, ки тамоми намудҳои технологияҳои омодакунӣ, ҳифз, мубодила ва истифодаи иттилоотро дар шаклҳои гуногун (маълумотҳо, паёмҳои овозӣ, тасвирҳо, аниматсия, мултимедиа ва ғайра) ифода мекунад. Истилоҳи мазкур ҳам технологияҳои телефонӣ ва ҳам компютериро фаро мегирад.

3.Технологияи иттилоотӣ – ҷараёне, ки маҷмӯи воситаҳо ва усулҳои гирдоварӣ, коркард ва таҳвили маълумотҳоро (маълумоти аввала) бо мақсади ба даст овардани маълумоти сифатан нав оид ба вазъи объект, ҷараён ва ё зуҳурот (маҳсулоти иттилоотӣ) истифода менамояд.

4.Технологияи иттилоотӣ – маҷмӯи усулҳои муназзам ва оммавии коркарди иттилоот дар тамоми шаклҳои фаъолияти инсонӣ бо истифода аз воситаҳои муосири алоқа, полиграфия, техникаи ҳисоббарор ва таъминоти барномавӣ мебошад, ки информатикаи амалӣ ба вуҷуд меорад [4,12, с. 77, 69].

Мақсади технологияи иттилоотӣ баровардани хулосаҳо ва қабули қарорҳо дар заминаи таҳлили маълумоти бадастомада мебошад. Дар таърифҳои болоӣ ифодаҳои ҷараён, маҷмӯи усулҳо ва воситаҳо, гирдоварӣ, ҳифз, таҳвили иттилоот ҳамчун вожаҳои калидӣ баромад мекунанд, аммо дар асарҳои олимони хориҷӣ бошад, моҳияти мафҳуми “технологияи иттилоотӣ”-ро истилоҳи “технология” муайян мекунад.

Омӯзиши асарҳои олимони педагогика собит менамояд, ки истилоҳи “технологияҳои иттилоотии таълим” аз тарафи олимон ба таври мухталиф арзёбӣ гардидааст:

– технологияи педагогие, ки усулҳои махсус, воситаҳои техникӣ ва барномаҳо бо мақсади кор кардан бо маълумотро дар бар мегирад [7, с. 22];

– маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои техникии ҷамъоварӣ, ташкил, ҳифз, коркард, таҳвил ва пешниҳоди маълумот бо мақсади такмили дониш ва васеъ гардонидани имкониятҳои онҳо дар самти идоракунии равандҳои техникӣ ва иҷтимоӣ;

– қисмати амалии соҳаи информатика, ки маҷмӯи усулҳо ва воситаҳои ҷамъоварии автоматикӣ, коркард, ҳифз, таҳвил ва истифодаи маълумот бо мақсади ба даст овардани натиҷаҳои муайянро дар назар дорад [15, с. 25 ];

- маҷмӯи барномаҳои таълимии гуногун – аз одитарин барномаҳои назорати донишҳо то ба барномаҳои таълимии ба зеҳни сунъӣ асосёфта [ 13, с. 157];

- соҳаи дидактика, ки бо омӯзиши муназзам ва бошууронаи махсусиятҳои ташкили раванди таълими ва азхудкунии мавзӯъҳо бо истифода аз воситаҳои иттилоотрасонӣ.

Дар баробари самтҳои дигари истифодабарии технологияи иттилоотӣ дар равади таълими мактабӣ истифодабарии захираҳои интернетиро қайд кардан зарур аст. Имконияти баромадан ба шабакаи глобалии Интернет ташкили захираи маълумотии ҷустуҷӯиро фароҳам меорад. Воситаҳои телекоммуникатсионии шабакаи Интернет на танҳо васеъ намудани доираи имкониятҳо, балки маънои анаъанавии раванди таълим ҳамчун интиқолдиҳии донишро иваз мекунад. Истифодаи захираҳои интернетӣ бидуни ташаккулёбии чунин хусусиятҳои шахсӣ, ба монанди масъулиятнокӣ, ташкилотчигӣ, саъю кӯшиш ба худинкишофдиҳӣ, мустақилият ва баланд бардоштани маҳорати касбӣ ғайриимкон аст.

Технологияи иттилоотиро ҳамчун комплекси воситаҳои таълим дида баромадан мумкин аст, ки аз ҷиҳати технологӣ дар компютер инъикос мешавад. Имкониятҳои ин технология ҳамаи дигар воситаҳои таълимиро ҷамъ намуда, дар заминаи онҳо таҳияи технологияҳои навро фароҳам меорад.

Ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ дар раванди таълим ҳамчун мақсади асосӣ дида баромада нашуда, балки яке аз воситаҳои дарккунии табиат; ҳамчун сарчашмаи иловагии маълумот аз рӯйи фанҳои алоҳида; воситаи худомӯзии хонандагонро таъмин менамояд.

Мақсади асосии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълимро баланд намудани ҳавасмандии омӯзгорони оянддаи синфҳои ибтидоӣ дар фаъолияти таълимӣ-маърифатии онҳо, тайёрии бомақсади онҳо дар ташкили корҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ташкил медиҳад.

Имрӯзҳо компютер на танҳо, ҳамчун воситаи техникӣ, балки, ҳамчун воситаи муҳимми татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, симои ҷомеаи муосирро низ муаррифӣ менамояд. Истифодаи компютер дар раванди таълими фанҳои гуногун имкон медиҳад, ки алоқаи мутақобила дар ҷараёни дарс байни омӯзгор ва шогирдон таъмин гардад ва фардикунонии раванди таълим ба роҳ монда шавад; дараҷаи аёнии таълим баланд бардошта шавад; дарёфт, ҳифз, пешниҳод ва таҷдиди иттилоот амалӣ гардад; модели ҳодисаҳо ва зуҳуроти мавриди омӯзиш қарордодашуда созмон дода шавад; кори якҷояи гурӯҳ ба таври самаранок ташкил карда шавад. Ба ҳамин тартиб, воситаи техникии таълим метавонад, ҳамчун аёният, манбаи мустақили иттилоот ва созмондиҳандаи раванди таълиму тарбия нақши созгорро доро бошад.

Албатта, набояд фаромӯш кард, ки омӯзиши имкониятҳои дидактикии воситаҳои техникии таълим дар илми педагогика дар робита бо таърихи пайдоиш ва инкишофи он сурат мегирад, ки зимни чунин амал ба муҳаққиқон муайян намудани тамоюлҳои инкишофи васоити техникии таълим имконпазир хоҳад гашт.

Инъикоси масъалаҳои таълими математика бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ дар адабиёти таълимӣ-методӣ ва педагогӣ. Имрӯз ҷаҳони муттамаддин ба даврае ворид шудааст, ки иттилоот аҳамияти беш аз пеш касб намуда, дар тамоми соҳоти ҷомеа, аз ҷумла соҳаи маориф мақоми хоссаеро соҳиб шудааст. Дар ин давра, ки

ба рушди технологияҳои навтарини иттилоот иртибот дорад, таъминот бо дониши саҳеҳ, боэътимод ва мукаммал дар тамоми соҳаҳои ҷамъиятӣ, ба мадди аввал гузошта мешавад. Мусаллам аст, ки ҷомеаи иттилоотиро сатҳи баланди технологияи иттилоотӣ, инфрасохтори замонавӣ, автоматикунонии тамоми соҳаҳои саноат ва идоракунӣ, тағйиротҳои ҷиддӣ дар сохторҳои иҷтимоӣ, ки боиси васеъ шудани соҳаҳои фаъолияти иттилоотрасонӣ мегардад, муайян мекунанд.

Технологияи иттилоотӣ ҷузъи муҳимми раванди истифодаи захираҳои иттилоотии ҷомеа маҳсуб ёфта, давраҳои инкишофи он аз махсусиятҳои рушди илму техника ва пайдоиши воситаҳои нави коркарди иттилоот вобаста аст. Дар ҷомеаи муосир яке аз воситаҳои техникии коркарди иттилоот компютери фардӣ маҳсуб меёбад, ки дар баробари пайдоиш ба консепсияи созмон ва истифодаи ҷараёнҳои технологӣ ва инчунин сифати иттилооти ниҳоӣ таъсири ҷиддӣ расонидааст. Воридшавии компютери фардӣ ба фазои иттилоотӣ ва истифодаи васеи воситаҳои телеиртиботӣ давраи нави инкишофи технологияи иттилоотиро муайян менамояд. Давраи мазкурро бо мафҳумҳои “нав”, “компютерӣ” ва ё “муосир” шарҳу тавзеҳ додаанд, ки дар ин маврид мафҳуми “нав” маънои навоварӣ, навгониро дар соҳаи технологияи иттилоотӣ ифода мекунад, зеро маҳз тавассути ворид шудани технологияҳои иттилоотӣ мазмун ва мундариҷаи фаъолияти гуногуни инсонӣ сифатан ва миқдоран тағйир пазируфтааст.

Зери мафҳуми технологияи нави иттилоотӣ технологияҳои иртиботие, ки таҳвили иттилоотро таъмин менамоянд, аз қабили телефон, телеграф, факс ва ғайра фаҳмида мешавад.

Маҳоратҳое, ки маъмулан иҷрои ягон касбро таъйин мекунанд, аллакай нокифоя мебошанд. Ба ғайр ин, тавонистан, қабул намудани қарорҳо бо пешбинии мушкилот, ҳамкорӣ ва ҳамоҳанг кардани фаъолияти худ зарур аст. Маҳорати дар вазъияти муайян сафарбар намудани донишу таҷрибаи андухта маънои салоҳиятнок буданро ифода мекунад. Ҳангоми баррасии салоҳиятҳо ба вазъияти мушаххасе таваҷҷуҳ зоҳир мегардад, ки онҳо зоҳир мешаванд. Дар бораи салоҳиятҳо танҳо ҳамон вақт сухан рондан мумкин аст, ки онҳо дар ягон вазъият зоҳир шаванд. Салоҳияти зоҳирнашудае, ки дар ҳолати потенсиалӣ боқӣ мемонад, салоҳият ба шумор намеравад, балки имконияти нуҳуфта мебошад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки тамоюли умумии истифодаи технологияи иттилоотӣ дар соҳаи маориф дар таълими математика низ рӯз то рӯз инъикос ёфта истодааст. Яъне, дар муаррифии маводи математика ҳамчун илм бояд ҳатман маводи аёнӣ истифода гардад. Ин нукта махсусан, дар ҷараёни таълими фанни математика дар синфҳои ибтидоӣ зарурат дорад. Зеро математика фаннест, ки ба хонанда имконияти пурра истифода кардани тахтаи электрониро ёд медиҳад.

Ҳамин тавр, имрӯзҳо компютер на танҳо, ҳамчун воситаи техникӣ, балки, ҳамчун воситаҳои муҳимми татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, симои ҷомеаи муосирро низ муаррифӣ менамояд. Истифодаи компютер дар раванди таълими фанҳои гуногун имкон медиҳад, ки алоқаи мутақобила дар ҷараёни дарс байни омӯзгор ва шогирдон таъмин гардад ва фардикунонии раванди таълим ба роҳ монда шавад; дараҷаи аёнии таълим баланд бардошта шавад.

**Муқарриз: *Шарипов Ф.Ф.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**

1. Апатова Н.В. Информационные технологии в школьном образовании / учебное пособие. Н.В. Апатова.- М.: РАО, 1994.-228с.
2. Давыдов В.В. О понятии развивающего обучения/ Учебное пособие для учителей. В.В. Давыдов. –М.:, Педагогика. 1995. -233с.

3. Зазнобина Л.С. О требованиях к экранно-звуковым средствам. Совершенствование экранно-звуковых средств и методика их применения в обучении и воспитании учащихся общеобразовательных школ / Учебное пособие. Л.С. Зазнобина.– М.:, 1982. -114с.
4. Лабунская Н.А. Экранные средства в системе проблемного обучения / Дис.канд.пед.наук. 13 00 01: Н.А. Лабунская. – Ленинград, 1982. – 179 с.
5. Лаптев Д.В. Анализ погрешностей при измерении частоты методом совпадения / Учебное пособие. Д.В. Лаптев, Г.И. Козлов. – Новосибирск: Изд-во НГТУ, 2019. -100с.
6. Лаптев В.В. Современная Электронная техника в обучении физике в школе / Учебное пособие. В.В. Лаптев. – Ленинград, 1988. - 84с.
7. Лапчик М.П. Вычеслительная техника и программирование / Учебное пособие. М.П. Лапчик.–М.: Просвешение, 1987. – 239с.
8. Лапчик М.П. Информатика и информационные технологии в системе общего и педагогического образования/ Учебное пособие. М.П. Лапчик.– Омск: Изд-во Омского гос. пед. ун-та, 1999. – 295 с.
9. Майер Р.В. Исследование математических моделей дидактических систем на компьютере / Монография. Р.В. Майер. Глазов. гос. пед. ин-т, 2018.-162 с.
10. Полторак Д.И. Использование экранных пособий на уроках истории и обществедения / Учебное пособие. Д.И. Полторак– М.: Высщая школа, 1983. – 48с.
11. *Роберт И.В.* Современные информационные технологии *в* образовании: дидактические проблемы, перспективы использования / Учебник. *И.В. Роберт.* – М.: Школа-Пресс, 1994.-300с.
12. Рыжкова, В.Г. Формирования интереса к профессии у учашихся ПТУ на занятиях спецдисциплин техническими средствами обучения и проблемными ситуациями/ Дис.канд.пед.наук. 13 00 01: В.Г. Рыжкова.–Челябинск, 1991.–203с.
13. Талызина Н.Ф. Управление процессом усвоения знаний / Учебное пособие для учителей. Н.Ф. Талызина. – М.: Изд-во МГУ, 1984. – 344с.
14. Уманский В.С. Методические рекомендации по применению учебного кино и телевидения в средних профтехучилищах / Учебное пособие. В.С. Уманский.– М.: РУМК Успрофобра РСФСР, 1981. – 244с.
15. Шадриков, Д.В. Способности человека/ Учебник. В.Д. Шадриков. – М.: Институт практической психологии. – Воронеж: МОДЭК, 1997.–288с.

## ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКИИ ТАЪЛИМ ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ УМУМӢ

Истифодаи воситаҳои техникии таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба он нигаронида шудааст, ки ҳар як хонанда тавонад субъекти ташаккул ва инкишофи шахсияти худ бошад. Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои асосии таҳсилот дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ба хонанда омӯзонидани роҳу усулҳои таълим ва бедор кардани шавқу ҳавас ба донишандӯзӣ ва баланд бардоштани фаъолнокии онҳо мебошад, ки ин ҳама бевосита ба инкишофи салоҳияти хонанда иртибот хоҳад дошт. Аммо бояд эътироф намуд, ки омӯзиш ва баррасии сарчашмаҳои илмӣ низ собит намуд, ки масъалаи роҳҳои инкишофи салоҳияти хонанда, чи дар раванди таълим ва чи дар педагогикаи ватанӣ, ба таври васеъ ва махсус таҳқиқ нашудаанд. Дар робита ба ин, маҷмӯи донишҳои барномавие, ки имрӯз дар мактабҳо ҷорианд, ба талаботи нави ҷомеаи муосир ҷавобгӯ нестанд. Дарсро чӣ гуна метавон шавқовар ва кафолатнок ба роҳ монд, то ки хонандагон маводи онро бо шавқ омӯзанд? Ин нуқта муаммоест барои муаллимони синфҳои ибтидоӣ зимни ҳама гуна омодагӣ ба гузарондани дарсҳо, ки мунтазам ба он мувоҷеҳ мегарданд. Дарвоқеъ, дарсҳои ҳозиразамонро бидуни истифодаи технологияҳои муосир тасаввур намудан мушкил аст. Маълум аст, ки солҳои пеш омодасозии аёният вақт ва меҳнати зиёди муаллимро талаб мекард. Акнун технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ ба кумаки муаллим омада меҳнати ӯро андаке сабук намудаанд.

**Калидвожаҳо:** ҷомеа, салоҳият, шавқу ҳавас, салоҳияти касбӣ, воситаҳои техникӣ, таълим, эҷодкор, қобилият, аудиовизуализатсия, компютер, иттилоот, телекоммунакитсия, мултимеда.

## ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ТЕХНИЧЕСКИХ СРЕДСТВ ОБУЧЕНИЯ В СРЕДНИХ ОБЩЕОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УЧРЕЖДЕНИЯХ

С учетом использования учебно-технических средств образовательный процесс обучения в средней школе направлен на то, чтобы каждый ученик был субъектом становления и развития своей личности. Поэтому одна из основных задач обучения в общем среднем образовании - научить учащихся методам обучения, а также вызвать у них интерес к обучению и повысить их активность, что будет напрямую связано с развитием компетенций учащихся. Однако следует признать, что данное исследование и обзор научных источников также показали, что вопрос о способах развития компетенций студентов как в учебном процессе, так и в отечественной педагогике не изучался широко и конкретно. В связи с этим набор программных знаний, имеющихся сегодня в школах, не отвечает новым требованиям современного общества. Как сделать урок интересным и гарантированным, чтобы учащиеся могли изучать материал с интересом? Этот момент является проблемой для учителей начальной школы при любой подготовке к урокам, с которыми они сталкиваются на

регулярной основе. На самом деле, современные уроки сложно представить без использования современных технологических инструментов. Известно, что в предыдущие годы подготовка наглядных пособий требовала от учителя много времени и усилий. Теперь на помощь учителю пришли информационные и коммуникационные технологии, которые немного облегчили его работу.

**Ключевые слова:** общество, компетентность, увлечения, профессиональная компетентность, технические средства, образование, творчество, способность, аудиовизуализация, компьютер, информация, телекоммуникации, мультимедиа.

## TEACHING AND TECHNICAL AIDS OF STUDENTS IN SECONDARY GENERAL EDUCATION INSTITUTIONS

Taking into account the use of educational and technical means of this factor, the educational process of teaching in secondary school is aimed at ensuring that each student is the subject of the formation and development of his personality. Therefore, one of the main tasks of teaching in general secondary education is to teach students the methods of teaching, as well as arouse their interest in learning and increase their activity, which will be directly related to the development of students' competencies.However, it should be admitted that this study and a review of scientific sources also showed that the issue of ways of developing students' competencies both in the educational process and in domestic pedagogy has not been widely and specifically studied.In this regard, the set of program knowledge available today in schools does not meet the new requirements of modern society. How can you make the lesson interesting and guaranteed so that students can study the material with interest? This point is a challenge for elementary school teachers in any lesson preparation they encounter on a regular basis.In fact, modern lessons are hard to imagine without the use of modern technological tools. It is known that in previous years the preparation of visual aids required a lot of time and effort from the teacher. Now information and communication technologies have come to the aid of the teacher, which made his work a little easier.

**Key words:** society, competence, hobbies, professional competence, technical means, education, creativity, ability, audiovisualization, computer, information, telecommunications, multimedia.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Маҳмудов Исмоил Маҳмудович*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, сармуаллими кафедраи методикаи таълими технология. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

***Азизов Абдулатиф Абдухалимович –*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, доктори илмҳои педагогӣ профессори кафедраи технология ва методикаи таълими он. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1.

***Хоҷаева Мубина Ҷалоловна -*** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд, доктори илмҳои педагогӣ, профессор. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, Микрарайони 17, бинои 1.

**Сведения об авторах:** ***Маҳмудов Исмоил Маҳмудович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова,**,** старший предподаватель кафедры технологии и методики её преподавания . **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

***Азизов Абдулатиф Абдухалимович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Г.Гафурова, доктор педагогических наук, профессор кафедры технологии и методики её обучения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

***Ходжаева Мубина Джалоловна*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, доктор педагогических наук, профессор. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.

**Information about the authors:** ***Mahmudov Ismoil Mahmudovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, senior teacher of the Department of Technology and Methods of its Teaching. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

***Azizov Abdulatif Abdukhalimovich*** - Khujand State University named after academician B.G. Gafurov, Doctor of Pedagogy, Professor of the Department of Technology and Methods of its Teaching. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

***Khodzhaeva Mubina Jalolovna*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Doctor of Pedagogy, Professor. Address: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, 17 Microdistrict, house 1.

УДК:372.8.14

# ЗАМИНАҲОИ ФАЛСАФӢ-ПЕДАГОГИИ ИДЕАЛИ МУОСИРИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ТАҲСИЛОТ

*Сафаров Ш.Қ.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ин мавзӯъ масъалаи таълими донишҷӯёни муосир - категорияи иҷтимоие мебошад, ки барои омӯзиши фанни пешбинишуда масъулияти шаҳрвандӣ ва касбӣ дорад. Дар ин замина таҳқиқотҳо гузаронида шудаанд, ки натиҷаҳои онҳо интишор шудаанд.

Чуноне муҳаққиқи тоҷик Ф.Ш.Партовов зикр мекунад, ҳолати муосири ҷомеа, иқтисод, экология ба тандурустӣ ба тариқи мусбат таъсир мерасонад ва вобаста ба ин шумораи муҳассилине меафзояд, ки ба онҳо кумаки махсуси тиббӣ зарур аст, ҳамчунин раванди таълимие, ки тандурустиро ба эътибор мегирад» [9, с.3].

Дар «Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» вобаста тарзи ҳаёти солим чунин гуфта шудааст: «Ташаккули тарзи ҳаёти солим - масоили маҷмӯӣ, ки муносибатҳои маҷмӯиро ба таҳқиқи тарзи ҳаёт, ва саломатии аҳолӣ, инчунин таваҷҷуҳи кормандони тиб, омӯзгорон, равоншиносон (психологҳо) ва педагогҳоро талаб намуда, аз хусусиятҳои муҳити макроиҷтимоии ннсон, фаъолнокии меҳнатӣ, иҷтимоӣ ва профилактикии ӯ вобастагӣ дорад» [2, с.1].

Муҳаққиқон Н.П.Абаскалов, И.Г.Бердников, В.В.Буторин, Д.В.Викторов, Э.В.Волин, Н.В. Гончаров, С.Н.Горбушин, Ю.В.Науменко ва муаллифони дигар, омодагии тандурустии донишҷӯён ва мутахссисони ояндаро баррасӣ кардаанд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба ҷанбаи тандурустии донишҷӯён ҳадди ақал ду ҳолатро ташкил медиҳад. Аввалан, дар шароити муосир манбаи муҳимми рушд қобилияти инсонӣ мебошад, ки амалигардонии он дар амалияи иҷтимоӣ тандурустии равонӣ, рӯҳӣ ва маънавии шахсро таъмин мекунад. Ва дувум, аҳамияти ин ҷанба аз он иборат аст, ки омӯзиши тандурустии инсон ба ӯ имкон медиҳад, ки имконоти муосиргардониро барои манфиати рушди худ истифода барад [6,с.27]. Ба ибораи дигар, мо боварӣ дорем, ки омодагӣ ба пешбурди тандурустӣ шахсро водор месозад, ки вақти холии худро (ҳудуди муваққатии он меафзоянд) ба шаклҳои зиндагие, ки бо рафтори номувофиқ аст, ба сатҳи мавҷудияти биологӣ (бадмастӣ, нашъамандӣ ва ғайра) коҳиш диҳад [8, с.22.].

Идеяи эҷоди тандурустӣ танҳо натиҷаи шуури педагогии муосир нест. Таърихи он ба марҳилаҳои аввали рушди тамаддунҳо - ба даврае меояд, ки мо онро анъанавӣ мегӯем. Ҳатто дар тамаддунҳои Шарқи Наздик - ҳазорсолаҳои II-I пеш аз милод, қоидаҳои гигиена ва ҳифзи тандурустӣ таҳия карда шуда буданд, ки онҳо аз насл ба насл тавассути фарҳанги педагогӣ гузаштаанд. Бо итминони комил метавон гуфт, ки аҳамияти тандурустӣ ва зарурати нигоҳ доштани он дар ҷомеаҳои тамаддуни қадимаи Шарқи Наздик вуҷуд дошт. Сарчашмаҳои хаттӣ нишон медиҳанд, ки гӯё дар Месопотамияи қадим (Бобулистон, Ошур) ва Мисри қадим ғояҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва педагогӣ муҳим таҳия шудаанд, ки онро олимони муосир одатан «тибби пешгирикунанда» меноманд. Ба ибораи дигар, насли наврасро таълим медоданд, ки меъёрҳои ибтидоӣ риоя карда, ба инсон имкон медиҳанд, ки ҳаёти солимро таъмин кунанд: тозагии бадан, либос, манзил, хӯрокхӯрии муайян ва ғайра.

Маълумоти бештар дар бораи фаъолиятҳои солимгардонӣ ва дастгирии педагогии онҳо дар манбаъҳои хаттии қадимаи Ҳиндустон ва Чин оварда шудаанд. Мавҷудияти ғояи тандурустӣ дар фарҳанги педагогии халқҳои Ҳиндустон мустақиман аз пояҳои

динӣ ва фалсафии тамаддуни қадимаи Ҳиндустон бармеояд, ки дорандагони онро ба равишҳои мувофиқи рӯҳонӣ ва ҷисмонӣ равона кардаанд. Ҳамин тариқ, дар йогаи анъанавӣ, яке аз марҳилаҳои муҳимми худтанзимкунии шахсӣ машқҳои ҷисмонӣ, интизоми нафас ва ғайра мебошанд. Вобаста ба фарҳанги педагогии Чин, он ба шарофати яке аз «се таълимот» - даизм, ғояи ноил шуданро ба даст овардааст, бефаноии ҷисмонӣ тавассути машқҳои махсуси нафаскашӣ ва макробиотика.

Қадами ҷиддӣ дар фаҳмидани ғояи тандурустӣ дар Юнони қадим ва Рим гузошта шуд. Ғояи қадимии тайёрии солимгардонии шахс ба татбиқи зарурати расидан ба таносуби табиати ҷисмонӣ ва рӯҳии шахс асос ёфтааст, ки дар субъекти фаъолият ягонагии ҳамбастаро дидааст. Тавре муҳаққиқ Ю.В.Андреев таъкид кардааст, муаллифони қадим, аслан табиати ҷисмонии инсон, бадан ва «моҳияти ботинии рӯҳии ӯро» ҷудо кардаанд [1,с.268]. Ва гарчанде ки дар аввал эллиниҳои қадим одатан ба ҷузъҳои ҷисмонии ин тамомият ибтидо мегузоштанд, дар бадан шаклеро медиданд, ки «мундариҷаи дохилии шахсиятро пурра муайян мекунад». Аммо тадриҷан мо тағйиротро аз рӯйи хислатҳои ҷисмонии инсон ба маънавӣ, рӯҳонӣ муайян кардем ва сифатҳои маънавии шахсро омӯхтем [6,с.10.]. Мувофиқи гуфтаҳои Демокритус, одамон «бояд нисбат ба ҷисм ҷонро бештар эҳтиёт кунанд, зеро камолоти рӯҳ камбудиҳои баданро ислоҳ мекунад, дар ҳоле ки қувваи ҷисмонӣ бесабаб рӯҳро беҳтар намекунад» [10, с.575]. Афлотун (Платон) чунин изҳор доштааст: «Ман фикр намекунам, ки вақте ҷисми инсон ба тартиб дарояд, он бо сифатҳои хуби худ ҳолати солимро ба вуҷуд меорад; ба андешаи ман, баръакс, ҳолати хуби зеҳн бо сифатҳои хуби он ҳолати беҳтарини баданро муайян мекунад» [10,с.170].

Аз ин рӯ, мафҳуми тандурустии эллинӣ, аз як тараф, тандурустии ҷисмонӣ ва зебоии ҷисмонӣ ва аз тарафи дигар, «сифат»-и маънавӣ буд. Дар Юнони қадим чунин меҳисобиданд, ки шахсе, ки ба тандурустии ҷисмонӣ расидааст, метавонад минбаъд ҳамин тавр боқӣ монад. Маҳз ӯ «калос кагатос» (аслан: «зебо ва меҳрубон») гашт. Мувофиқи суханони муҳаққиқ А.Ф.Лосев, дар «калокагатии қадимӣ» алоҳида «зебо» ва алоҳида «хуб» ҳеҷ чиз вуҷуд надорад. Ин як идеали инсонӣ аст, ки ба «дохилӣ» ё «берунӣ», на ба «ҷон» ё «бадан» ва на ба «зебо» ва «хуб» тақсим мешавад [45,с.289].

Муҳаққиқон Т.З.Тюмаева ва А.А.Тсиганков зикр кардаанд, ки истинодҳои қадимтарин дар якҷояигии «хосиятҳои ҷисмонӣ ва равонии инсон» бо омилҳои муҳити зист (ҳамчун шарти таърихии дури экологӣ ва валеологияи муосир) ба Гиппократ, ки дар асри V пеш аз милод зиндагӣ мекард, тааллуқ дорад [12,с.36.].

Нақши асосиро, ба назари мо, дар таҳияи ин мавқеъ Афлотун (Платон) бозидааст. Тибқи таълимоти ӯ, ҳам тандурустӣ ва ҳам зебоӣ аз рӯйи таносуб муайян карда шуда, «якдилии мухолифро пешниҳод мекунанд» ва дар ҳамоҳангии ақлӣ ва ҷисмонӣ зоҳир мешаванд. Афлотун (Платон) таълим дода буд, ки тандурустии бадан комилан ба таносуби бадан ва рӯҳ вобаста аст. Ва агар бигӯед, ки рӯҳи инсон аз заиф аст, пас «зебоӣ» кор нахоҳад кард [10]. Бо назардошти ин, «манзараи зебо»-ро ҳамоҳангсозии «сифатҳои аҷиби маънавӣ» бо намуди зоҳирии ҷисмонӣ ва ҳолати шахс номидааст [10,с.169]. Мутафаккир изҳор доштааст, ки шахсе, ки ба худпарастӣ машғул аст, бояд ҳатман варзиши сабук (гимнастика) кунад ва шахсе, ки ба ташаккули шакли бадани худ машғул аст, албатта, бояд бо илм, санъат ва фалсафа машғул шавад, «агар ӯ мехоҳад адолатро ҳамчун шахси зебо ва хуб иҷро кунад. Ин мустақиман ба талаботи мутобиқати қатъии унсурҳои сохтори маҷмӯӣ ба ҳадафи умумӣ, талабот барои нигоҳ

доштани ин тартибот ва якпорчагӣ оварда расонид. Ба ибораи дигар, ин рисолат ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар илми муосир муносибати маҷмӯӣ ба шахсият ва тарбияи он чӣ номида хоҳад шуд.

Ба андешаи мо калокагатия аз шахс зебоии ҷисмонии ҳатмӣ талаб намекунад, зеро дар ниҳоят талош ба сӯйи худ такмил аст [4.]. Афлотун дар бораи ташаккули шахсият чунин зикр кардааст: «ҳама чизи хуб, бешубҳа, бо зебоӣ наметавонад чен карда шавад» [10, с.494]. Ҳангоми таҳияи ин ғоя, файласуф иброз доштааст: «Вақте ки як рӯҳи пурқудрат ва аз ҳама ҷиҳат ба аробаи ҷасади хеле заиф нишастааст, ё вақте ки тавозун ба самти муқобил вайрон мешавад, махлуқ дар маҷмӯъ комил нест, зеро ӯ таносуб надорад» [10, с. 494, 495].

Дар заминаи идеали калокагатия маълум шуд, ки зебоии ҷисмонӣ ва тандурустӣ «таҷассуми олии ботинӣ» мебошанд, яъне онҳо на аз қувваи ҷисмонӣ (ҳамчун вижагии организмҳои биологӣ), балки аз таносуб («дуруст», ҳамоҳангсозии мутаносиби зернизомҳои шахсият) гирифта шудаанд.

Дар асоси ин, мо хулоса мебарорем, ки тандурустӣ барои омӯзгори қадим ҳамчун як хислати сифатҳои ботинии инсон, ки бо ҷаҳони беруна ва воқеияти дар он зиндагӣ карда каме алоқаманд аст, амал мекардааст. Оид ба нишондиҳандаҳои фаъолияти омӯзгорӣ, онҳо дар доираи ба нуктаҳои зерин ворид шуданд. Аввалан, тандурустӣ ҳамчун ҳамоҳангӣ, таносуби мувофиқу муносиби ҷузъҳои ҷисмонӣ ва рӯҳии табиати инсон фаҳмида мешуд. Дувум, талаб кардани тандурустии равонӣ аз омӯзгор ё табиб, педагогикаи қадим онро дар навбати аввал, оқилӣ ва худдорӣ маънидод мекунад, ки иборат аз он аст, ки талабот пеш аз душворӣ хам нашавад, дар лаҳзаҳои нокомӣ ва маҳрумият ҳузури рӯҳро нишон диҳад, ба ҳавасҳои худ тобеъ шавад. Тафаккур дошта бошад. Ва, сеюм, тандурустии қадимӣ аз он бармеояд, ки тандурустии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ ба таври худкор ба миён омада наметавонад, шумо бояд аз болои он кор карда, худро ба номи ба идеал наздик шудани калокагатия ташаккул диҳед [7, с.231].

Мо боварӣ дорем, ки ин идеали педагогӣ аз марги тамаддуни қадим наҷот наёфт ва дар Аврупои асрҳои миёна, ки дар харобаҳои он таваллуд шудааст, гум шуд. Он тақрибан ҳазор солро ҳамчун маҳсули фарҳанги бутпарастӣ фаромӯш кард. Дар натиҷа, идеали фарҳанги қадимӣ - қаҳрамон (шахсе, ки дорои сифатҳои хуби варзишгар ва мутафаккир аст) ба ҷойи идеали аскетикӣ - мутафаккири амиқ, ки танҳо бо олами гирду атрофаш зиндагӣ мекунад, иваз карда шуд. Равшан аст, ки дар низоми ташаккулёфтаи арзиш, ҳатто тандурустии ҷисмонии шахс (соматикӣ, равонӣ ва ғайра) наметавонад ба шумораи ангезаҳои воқеии бунёдии ҳаёт ворид шавад. Воқеан, дар доираи ҷаҳонбинии асримиёнагии Аврупои Ғарбӣ ва Шарқӣ, тандурустӣ ва ҳамчунин фаъолияти он (пешбурди тандурустӣ) ба ҳар ҳол ҳамчун як чизи муваққатӣ, дувумдараҷа, ҳамчун вижагиҳои мавҷудияти муваққатии заминӣ арзёбӣ мешуданд [8, с.104].

Дар Аврупо дар асрҳои миёна муносибат ба проблемаи тандурустӣ ва беҳбудӣ, ҳам сокинони кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дар вазъияти ба ном «дини дугона» ташаккул ёфтаанд. Истилоҳи охирин дар илм ҳамзистиро дар тафаккури одамон, дар шуури иҷтимоӣ ва инфиродӣ аз ғояҳои бутпарастӣ ва насронӣ ифода мекунад. Ҳамин тариқ, аҳолӣ ақидаи устувор доштанд, ки аз давраҳои пеш аз масеҳият сарчашма мегирад, ки мувофиқи он сабаби беморӣ ва марг «вайронӣ» аст. Он ҳамчун натиҷаи сеҳри зараровар, ҳамчун натиҷаи амали бошууронаи «одамони бад» ё ҳатто танҳо афсунгарон қабул карда шуд. Аз ин рӯ, «амалияи тандурустӣ» дар асрҳои IX-XIII-ум ва дар

деҳқонон то асрҳои XVIII-XIX, аксар вақт ба «муҳофизати сеҳрнок» ворид мешуданд. Дар усули дар боло зикршудаи «эҷоди тандурустӣ» дар тӯли садсолаҳо танҳо як фарқияти муҳим мавҷуд буд: «афсунгарӣ» бо аломатҳои гӯё ортодокс таҳрик карда шуд [3, с.27].

Аммо, дар баробари таҷдиди назари пайдоиши тандурустии бад (ки тасодуфан он ба қабатҳои амиқи фарҳанги маъмул ворид шуда, шакли хурофотро гирифт), нуқтаи назари масеҳиёни асрҳои миёна дар фарҳанги аврупои Ғарбӣ-Шарқӣ низ паҳн шуд. Ин бояд фаҳмидани бемориҳо ҳамчун нокомилии табиати инсонӣ буд. Ба ибораи дигар, осебҳои ахлоқӣ ва ҷисмонӣ аз ҷониби омӯзгорон ва табибон ҳамчун табиати гунаҳкори шахс баррасӣ мешуданд. Аз ин рӯ, чунин ҳисобида мешуд, ки шахс бояд бо васвасаҳо мубориза барад ва худро дар роҳи ҳаёти одилона нигоҳ дорад. Ҳамин тариқ, як ҷанбаи тарғибгари фаъолият баъд аз нигоҳ доштани шуури наслҳои ҷавон меъёрҳои ахлоқии насронӣ, низоми анъанавии арзиши масеҳиро ташкил дод.

Албатта, ҳарду омӯзгор, ки ба шогирдонашон як стратегияи солимгардонӣ пешниҳод кардаанд ва табибоне, ки ба ранҷу азоб даъват мекарданд, наметавонистанд кумак кунанд, аммо дарк карданд, ки воқеият фарзияи дилхоҳеро, ки гунаҳкорон танҳо ба бемориҳо гирифтор мешаванд, тасдиқ намекунад. Аз ин рӯ, омӯзгорон насли ҷавонро доданд, ки бемориҳо ҳамчунин имтиҳони одилона ҳастанд. Ин изҳорот одамонро бармеангезад, ки дар бемориҳои худ истодагарӣ кунанд, ки аксар вақт роҳи ягонаи кумак ба одамони бемор гаштааст.

**Муқарриз: *Иззатова М.Н.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДК ба номи А.Рӯдакӣ**

**АДАБИЁТ**


1. Акимова, Л.А. Здоровьеформирующее образование как приоритет российской государственной образовательной политики: сущность, содержание, перспективыЛ.А.Акимова/health forming education as the priority of russian state educational policy: essence, content, prospects http: //www. lifesciencesite. com.
2. Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020.Душанбе, 2011.
3. Дахин, А.Н. Педагогическое модел ирование: сущность, эффективность и. неопределенность/А.Н.Дахин//Педагогика.-2003.- №4. - С.21-26
4. Лосев, А.Ф. История античной эстетики/А.Ф.Лосев.-Т.2.-М.: Искусство, 1969.
5. Новиков, Д.С. Здравотворческая культура будущих учителей как основная стратегия интеграции России в мировое образовательное пространство/Д.С.Новиков//Философия образования.-2013.-№2(47).-С.220 -224
6. Новиков,Д.С.Идеал калокагатии в контексте современной здравотворческой педагогической стратегии/Д.С.Новиков//Известия Волгогр. гос. пед. ун-та. Сер: педагогические науки.-2014.-№ 1(86).-С.103-105
7. Новиков, Д.С. Теория и практика здравотворчества: историкопедагогическая ретроспекция/Д.С.Новиков//Историко-педагогический журнал. - 2013. - №4. - С.228 - 237
8. Новиков, Д.С. Формирование здравотворческой культуры студентов педвузов в контексте социокультурной модернизации России/Д.С. Новиков//Современный научный вестник: научн.-теорет. и практ. журнал.-2012.-№6(118).-С.26 -28
9. Партовов, Ф.Ш. Педагогические условия формирования основ здорового образа жизни у воспитанников интерната/Ф.Ш.Партовов. АКД.-Душанбе, 2010.
10. Платон. Собр. соч.: в 4 т./общ. ред. А.Ф.Лосева, В.Ф.Асмуса, А.А.Тахо-Годи - М: Мысль, 1994. -Т.3, 4.
11. Платон. Собр. соч.: в 4 т./общ.ред.А.Ф.Лосева, В.Ф.Асмуса, А.А.Тахоголи.-М.:Мысль,1994.-Т.3,4.
12. Тюмасева, З.И.К вопросу об актуальности конвергенции валеологии и экологии/З.И.Тюмасева,А.А.Цыганков//Валеология.-2012.-№1.-С.7-13.


## ЗАМИНАҲОИ ФАЛСАФӢ-ПЕДАГОГИИ ИДЕАЛИ МУОСИРИ ТАНДУРУСТӢ ДАР ТАҲСИЛОТ


Мақола ба масъалаҳои вобаста ба асосҳои фалсафӣ-педагогии идеали тандурустӣ дар таҳсилот бахшида шудааст. Ба ақидаи муаллиф, яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ин мавзӯъ масъалаи таълими донишҷӯёни муосир - категорияи иҷтимоие мебошад, ки барои омӯзиши фанни пешбинишуда масъулияти шаҳрвандӣ ва касбӣ дорад. Дар ин замина таҳқиқотҳо гузаронида шудаанд, ки натиҷаҳои онҳо интишор шудаанд.Муаллиф зикр мекунад, ки таваҷҷуҳи зиёд ба ҷанбаи тандурустии донишҷӯён

ҳадди ақал ду ҳолатро ташкил медиҳад. Аввалан, дар шароити муосир манбаи муҳимми рушд қобилияти инсонӣ мебошад, ки амалигардонии он дар амалияи иҷтимоӣ тандурустии равонӣ, рӯҳӣ ва маънавии шахсро таъмин мекунад. Ва дувум, аҳамияти ин ҷанба аз он иборат аст, ки омӯзиши тандурустии инсон ба ӯ имкон медиҳад, ки имконоти муосиргардониро барои манфиати рушди худ истифода барад. Аммо, дар баробари таҷдиди назари пайдоиши тандурустии бад (ки тасодуфан он ба қабатҳои амиқи фарҳанги маъмул ворид шуда, шакли хурофотро гирифт), нуқтаи назари одамони асрҳои миёна дар фарҳанги Аврупои Ғарбӣ-Шарқӣ низ паҳн шуд. Ин фаҳмидани бемориҳо ҳамчун нокомилии табиати инсонӣ буд. Ба ибораи дигар, осебҳои ахлоқӣ ва ҷисмонӣ аз ҷониби омӯзгорон ва табибон ҳамчун табиати гунаҳкори шахс баррасӣ мешуданд. Аз ин рӯ, чунин ҳисобида мешуд, ки шахс бояд бо васвасаҳо мубориза барад ва худро дар роҳи ҳаёти одилона нигоҳ дорад. Ҳамин тариқ, як ҷанбаи тарғибгари фаъолият баъд аз нигоҳ доштани шуури наслҳои ҷавон меъёрҳои ахлоқии насронӣ, низоми анъанавии арзиши масеҳиро ташкил дод. Дар ҷамъбаст муаллиф зикр мекунад, ки албатта, ҳарду омӯзгор, ки ба шогирдонашон як стратегияи солимгардонӣ пешниҳод кардаанд ва табибоне, ки ба ранҷу азоб даъват мекарданд, наметавонистанд кумак кунанд, аммо дарк карданд, ки воқеият фарзияи дилхоҳеро, ки гунаҳкорон танҳо ба бемориҳо гирифтор мешаванд, тасдиқ намекунад. Аз ин рӯ, омӯзгорон насли ҷавонро итминон доданд, ки бемориҳо ҳамчунин имтиҳони одилона ҳастанд. Ин изҳорот одамонро бармеангезад, ки ба бемориҳои худ истодагарӣ кунанд, ки аксар вақт роҳи ягонаи кумак ба одамони бемор гаштааст.

**Калидвожаҳо:** заминаҳо, идеали тандурустӣ, омӯзгор, стратегия, солимгардонӣ, шароити муосир, омӯзиши тандурустии инсон, категорияи иҷтимоӣ, табибон, тарғибот, бемориҳо, таълими донишҷӯён, табиати инсонӣ.

## ФИЛОСОФСКО-ПЕДАГОГИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ СОВРЕМЕННОГО ИДЕАЛА ЗДОРОВЬЯ В ОБРАЗОВАНИИ

Статья посвящена вопросам, связанным с философско-педагогическими основами идеала здоровья в образовании. По мнению автора, одним из важнейших аспектов данной темы является проблема воспитания современных студентов - социальной категории, несущей гражданскую и профессиональную ответственность за изучение предмета. На этой основе были проведены исследования, результаты которых в свою очередь опубликованы. Автор отмечает, что как минимум в двух случаях большое внимание уделяется здоровью студентов. Во-первых, в современных условиях важным источником развития являются способности человека, реализация которых в социальной практике обеспечивает психическое, духовное и нравственное здоровье личности. А во-вторых, важность этого аспекта заключается в том, что изучение здоровья человека позволяет ему использовать возможности модернизации с пользой для собственного развития. Однако, наряду с пересмотром происхождения плохого здоровья (которое случайно проникло в более глубокие слои массовой культуры и приняло форму суеверий), взгляды средневековых людей распространились и в западной и восточноевропейской культуре. Под болезнями нужно было понимать несовершенство человеческой природы. Иными словами, моральный и физический вред учителя врачи рассматривали как виноватую личность. Поэтому считалось, что человек должен приложить сознательные усилия, чтобы противостоять искушению и оставаться на пути справедливой жизни. Таким образом, пропагандистский аспект деятельности по сохранению сознания подрастающего поколения сформировал человеческие моральные нормы, традиционную систему человеческих ценностей. В заключение автор отмечает, что, конечно, и учителя, предлагавшие своим ученикам стратегию выздоровления, и врачи, призывающие к страданиям, не могли ничего поделать, но понимали, что реальность была желанной гипотезой о том, что только виновные болеют. Поэтому учителя уверяли подрастающее поколение, что болезни - тоже честное испытание. Это заявление мотивирует людей упорствовать в своих болезнях, которые часто становятся единственным способом помочь больным людям.

**Ключевые слова:** фон, идеал здоровья, учитель, стратегия, реабилитация, современные условия, исследование здоровья человека, социальная категория, врачи, пропаганда, болезни, воспитание студентов, природа человека.

## PHILOSOPHICAL AND PEDAGOGICAL FOUNDATIONS OF THE MODERN IDEAL OF HEALTH IN EDUCATION

The article is devoted to the issues related to the philosophical and pedagogical foundations of the ideal of health in education. According to the author, one of the most important aspects of this topic is the problem of educating modern students - a social category that bears civil and professional responsibility for the study of the subject. On this basis, studies were carried out, the results of which, in turn, were published. The author notes that in at least two cases, much attention is paid to the health of students. First, in modern conditions, an important source of development is a person's abilities, the implementation of which in social practice ensures the mental, spiritual and moral health of the individual. And secondly, the importance of this aspect lies in the fact that the study of human health allows him to use the possibilities of modernization for the benefit of his own development. However, along with a revision of the origins of ill health (which accidentally penetrated deeper layers of popular culture and took the form of superstition), the views of medieval people spread to Western and Eastern European cultures. Disease had to be understood as the imperfection of human nature. In other words, teachers and doctors considered moral and physical harm as a guilty person.

Therefore, it was believed that a person should make a conscious effort to resist temptation and stay on the path of a just life. Thus, the propaganda aspect of the activity to preserve the consciousness of the younger generation has formed human moral norms, the traditional system of human values. In conclusion, the author notes that, of course, both teachers who offered their students a strategy for recovery and doctors who called for suffering could not do anything, but they understood that reality was a welcome hypothesis that the guilty ones would only get sick. Therefore, teachers assured the younger generation that illness is also an honest test. This statement motivates people to persist in their illnesses, which are often the only way to help sick people.

**Key words:** background, ideal of health, teacher, strategy, rehabilitation, modern conditions, research of human health, social category, doctors, propaganda, diseases, education of students, human nature.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафаров Ширинҷон Қувваталиевич*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, унвонҷӯй. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров-16. Телефон:**985243069**

**Сведения об авторе**: - ***Сафаров Ширинджон Кувваталиевич*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, соискатель. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, город Куляб, улица С.Сафарова,16. Телефон:**985243069**

**Information about the author:** ***Safarov Shirinjon Kuvvatalievich*** - - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, applicant. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab city, S. Safarov street, 16. Phone: **985243069**

**УДК:379.51**

# ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР МАКТАББАЧАГОН ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ТААССУРОТИ МАНФӢ

***Абдураҳмонов Ғолибҷон***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Тарзу усули зиндагии хонанда вобаста ба вақту замон ва шароити имрӯзаи барномасозии мактаб ва муассисаҳои иловагии таълимӣ ва тарбиявӣ ба назорати волидайн ниёзи бештар дорад. Махсусан барои хонандагони синни то 10-13-сола омода намудани тарзу тартиби гузаронидани вақти фарзанд, тартиби таомхурӣ ва чорабиниҳои гигиенӣ аз ҷониби волидайн имконият мавҷуд буда, онро роҳандозӣ намудан айни матлаб хоҳад буд. Албатта, ҳар қадар фарзанд калонтар шавад, назорати ӯ, махсусан тобеи барномасозии падару модар амал кардани ӯ душвориҳо эҷод мекунад, ки ин заминаҳои воқеӣ инкишофи мӯътадили ҷисму рӯҳи фарзанд маҳсуб мешавад. Зеро дар ҷавҳари кӯдак омилҳои таҳдиду баҳодиҳӣ вусъат меёбанд ва сифатҳои муҳим, аз ҷумла худидоракунӣ ва мустақилият ривоҷ пайдо мекунад. Аз ин рӯ, дар ин даврон як марҳалаи гузаронидан ва тағйирёбӣ дар ҷаҳони ботинии бача оғоз мешавад, ки он метавонад боиси пайдо шудани ихтилофи назар, гоҳо зиддиятҳои амиқ байни волидайну фарзандон гардад. Дар натиҷа, хоҳишҳо, дархосту супоришҳои падару модар, ки то ин даврон аз ҷониби фарзанд ба осонӣ амалӣ мешуданд, на танҳо иҷро намешаванд, балки аз ҷониби фарзанд аксуламали он метавонад сурат гирад. Бо вуҷуди ин, синну соли фарзанд набояд боиси дигар намудани усули тарбия ва таълими фарзанд гардад. Тағйирот дар ин самт бояд зина ба зина, тадриҷан мувофиқи ҳолат сурат гирад ва мутобиқи ниёзи фарзанд амалӣ гардад ва тарбияи инфиродӣ вобаста ба шароит, ҷаҳонбинӣ ва хостаҳои ӯ рӯйи кор оянд. Суоле пайдо мешавад, ки мақсад аз тарбияи ҳаёти солим чист? Яке аз мазмун ва маънии тарбия ин ҳавасмандии самараноки хонанда ё бача ба рӯзгори мустаҳкам ва пурмазмун мебошад. Дар баробари ин, ҳадафи ниҳоии он дар хонанда бедор кардани маърифати ҳақиқати ҳастӣ, ҳадафи зиндагӣ ва дарки чанбаҳои маънавии ҳаёт аст. Дар партави ин донишҳо бошуурона рӯй овардан ба

ҳаётгузаронии тарзи солим ва дур аз зуҳуроти номатлуб меҳвари тарбияи ҳаёти солим ба ҳисоб меравад.

Бинобар ин, волидайни хирадманду доно, онҳое, ки баояндаи тарбияи фарзанд бетараф нестанд, барои худ қоидаҳои махсусеро барои иҷро қабул менамоянд [9, 134]. Аз ҷумла, тасмим мегиранд, ки баъзе аз хоҳишҳои фарзандро ҳарчанд аҳамияти бориз надоранд, иҷро намуда, ба амалиёти ӯ камтар муқобилият нишон медиҳанд ва бад-ин шева фарзандро аз коҳиши рӯҳӣ эмин нигоҳ медоранд. Зеро, баръакси ин амал метавонад ба ҳолати равонӣ ва саломатии фарзанд таъсири манфӣ расонад. Ба ибораи дигар, тановули таоми каммаза ва камкаллория беҳтар аз он аст, ки бинобар манъ кардани он дар охир фарзанд гирифтори бемории рӯҳӣ ё дигар касалиҳо гардад. Дар ин маврид фаҳмиш бояд он бошад, ки ҳар як инсон ҳатто хурдтарини он шахсияти озод аст ва барои амал ва интихоби худ мухтор аст. Озодии инсон ё шахсе, пеш аз ҳама, озодии ирода аст ва дар раванди тарбияи ҳаёти солим ба инобат гирифтани ин омил ниҳоят зарур аст ва ҳамаи барномасозиву усулҳову принсипҳо бо назардошти он бояд сурат пазирад.

Барои муқарар кардани муҳимтарин омил ё воситаи тарбияи ҳаёти солими хонанда мураттаб намудани нақшаи инфиродии ба роҳ мондани ҳаёти солим муҳим мебошад. Дар ин барнома бояд таносуби саломатии фарзанд ва хусусияту характери инфиродии ӯ ба инобат гирифта шаванд. Дар мавриди сарфи назар намудани ин талабот тарбия натиҷаи хуб нахоҳад дод ва он оқибатҳои бадро ба бор хоҳад овард. Чунончи, дар сурати амалӣ намудани кулли талаботи барномавӣ барои баланд бардоштани дониши хонанда метавон ба ривоҷи ихтилофоти даруни ӯ замина эҷод намуд. Махсусан пайдо шудани хусусияти инкоркунӣ дар ниҳоди фарзанд ниҳоят хавфовар буда, дар натиҷа эҳсоси тамизи хубу некро ӯ аз даст медиҳад. Дар ин синну сол фарзанд бо эҳсоси имконияти тобеъ нашудан ба волидайн даст ба корҳои ношоиста мезанад ё ба ин ё он амали бефоида ё зарарнок одат мекунад. Аз ҷумла, майл ба кашидани тамоку, шароб, соатҳои тӯлонӣ тамошо намудани телевизор ё сайр дар олами компютер ва телефони дастӣ, ки ӯро аз одитарин машғулиятҳои фоиданок дур месозад. Барои дур намудани фарзанд аз ин ҳолат барномаи инфиродии тарбияи ҳаёти солим зарур мебошад.

Аз бузургворе пурсидаанд, ки барои чӣ фарзандони ту хуштарбия ҳастанд? Ту чӣ кореро ба анҷом расонидӣ, ки онҳо соҳиби чунин ахлоқи хуби инсонӣ гаштанд. Бузургвор гуфт: Ман дар тарбияи онҳо коре накардаам. Ман ҳамеша дар тарбияи худ кӯшидам ва ҳамеша дар сари он кор кардам, ки ахлоқам неку инсони хубе дар ҷомеа бошам. Шояд ҳамин хубии ман ибрати онҳо гашт ва фарзандонам низ афроди неке гаштанд.

Воқеан, ҳаёт, рӯзгор, муносибату муоширот, пиндору афкор ва амали волидайн ибрати фарзандон хоҳад буд! Эътимоду эҳтиром ба волидайн ва шубҳа накардани фарзанд ба дурустии амали онҳо сарчашмаи пурфайзи тарбия хоҳад буд. Ин гуна муносибат ва фаҳмишро ҳамешагӣ нигоҳ доштан аз падару модар ҷоннисориҳо ва эҳтиёткориҳоро тақозо мекунад. Зеро баробари ба воя расидан дар фарзанд ҳисси кунҷкобӣ, нақл ва баҳодиҳӣ ривоҷ мёбад ва ҳар сухан ва амали падару модар, махсусан мувофиқ омадани он ду аз назари фарзанд дур нахоҳад монд. Дар сурати ҳукмронии муҳаббат, самимият дар оила ва зимнан дар ҳалли мушкилоти ба сари оила омада ҷалб кардани фарзанд ва ба инобат гирифтаини фикру андешаи бача дар тарбияи минбаъдаи ӯ таъсири нек хоҳад расонд [3, 18-20].

Дар тарбияи наврас дар баробари обрӯву нуфуз ба мақому манзалати падар ва модар, нақши чеҳраҳои маъруф, ки берун аз оила ҳастанд калон аст. Аз ҷумла ба зиндагӣ, характер ва ҷаҳонбинии наврас санъаткорон, ки гоҳо мақбули наврас мегарданд актёрҳо, журналистон, сиёсатмадорон таъсир мерасонанд. Дар ин маврид падар ва модар бояд кӯшиш кунанд, ки оид ба зиндагиномаи он нафарони маъруфе, ки барои наврас қобили қабул мебошанд, ба фарзанди худ маълумот диҳад. Ин маълумотдиҳӣ бояд ҷанбаи тарбиявӣ дошта, бо факту рақамҳои ҷолиб ва шавқовар аз зиндагиномаи онҳо мустанад гардад. Дар ин маврид месазад, ки оид ба шахсиятҳое, ки бинобар рӯй овардан ба одатҳои ношоиста, аз ҷумла, майпарастӣ, нашъамандӣ мақому нуфузи худро дар ҷомеа аз даст додаанд маълумот дод. Аз ин рӯ, дар ниҳоди наврас тарбия кардани баъзе аз хусусиятҳо, ки тавонанд ӯро ба тарзи солим ҳаёт раҳнамоӣ кунанд, эътибор додан ба мақсад мувофиқ аст [4, 87]. Рӯй ба варзиш овардани наврасон бе тарбияи ин хусусиятҳо дар ниҳоди онҳо арзиш нахоҳад дошт.

**1.Ҳавасмандкунӣ барои худҳифзкунӣ.** Дар ин маврид ба наврас омӯзондани он ки барои саломатии ӯ чӣ фоида дорад ва чӣ зиён дорад. Масалан, агар аз хурдӣ наврас донад, ки қанди "шоколад" ба дандони ӯ зиён мекунад, аз ин сабаб вай аз истеъмолаш худдорӣ менамояд. Пас ин гуна наврас метавонад дар сурати фаҳмонда додани зарари нашъа ба саломатии ӯ, албатта, ба истеъмоли он даст намезанад. Дар ин маврид волидайн бо мисолҳои мушаххас пешниҳод ва дархости худро собит менамоянд [7, 46]. Масалан, дар сурате ки ба фарзанд дар бораи зарари сигор суҳбат мекунӣ, вале наврас мебинад, ки мардуми сигоркаш зиндагии осуда доранд ва дар кори худ муваффақ ҳастанд, бетаъсирии сухани волидайн собит мегардад. Бояд дар назар дошт, ки ҳавасмандкунӣ худҳифзкунӣ дар бачагон дар сатҳи баланд қарор надорад. Онҳо бовар доранд, ки саломатие, ки онҳо доранд, ҳаргиз халал намеёбад ва дар зиндагии онҳо дар мавриди саломатӣ ягон воқеаи мудҳиш рӯй нахоҳад дод.

**2. Ҳавасмандкунӣ ба риояи қонунҳои ҷомеа.** Ин масъала низ дар тарбияи фарзанд нақши бориз дорад. Фарзанд монанди афроди калонсол оид ба кабули атрофиён дар мавриди афкор, андеша ва назари худ фикр мекунад. Маҳз хусусияти эҳтиром доштан ба худ ва истеъдодаш имкон медиҳад, ки дар тарбияи фарзанд нақш гузорем. Аз ин рӯ, дӯстӣ варзидани ӯ бо ҳамсолоне, ки бо варзиш машғул ҳастанд ва дар ташаккулёбии ҳаёти солим кӯшиш мекунанд, айни матлаб хоҳад буд. Дар мавриди ҳавасмандкунӣ ба риояи қонунҳои ҷомеа метавон баъзе масъалаҳоро баррасӣ кард [5, 212].

**3. Ҳавасмандкунӣ барои аз худ қаноатманд будан.** Қаноатманд будан аз саломатии ҷисми худ яке аз ангезаҳои пурқувват дар мавриди итоат кардан ба қонунҳои тарзи ҳаёти солим маҳсуб мешавад [6].

**4. Ҳавасмандгардонии иҷтимоӣ.** Хоҳиши ба даст овардани сатҳи баланд дар ҷомеа метавонад маънои духӯра пайдо кунад. Масалан, агар фарзанд бо гурӯҳе қаробат пайдо кунад, ки дар он 40 сигор кашидан ва шароб нӯшидан "Ман" ӯро муқаррар кунад, пас дар ҳолати муоширати мусбат бо гурӯҳи наврасони андешаҳояшон солим ӯ мекӯшад ба беҳтарин шароити ҷисмонӣ ва худидоракунӣ ноил гардад [9, 196].

**5.Шавқангезӣ ба ҷисми худ аз назари ҷинсият.** Хонандагони синни калони мактабӣ кӯшиш мекунанд, ки таваҷҷуҳи атрофиён, аз ҷумла ҷинси муқобилро бештар ба назокат, зебогии бадани худ ҷалб намоянд. Дар ин маврид низ дар сурати дуруст ба роҳ мондани ин хоҳишу дархости наврас, метавонад омили муҳимми ташаккули тарзи ҳаёти солим гардад [1, 55]. Ҳамин тариқ, барои омода намудани фарзанд ба тарзи ҳаёти

солим ба назар гирифтани матлабҳои дар боло зикршуда муҳим мебошад. Агар матлаби мо тарбия кардани ҷавонон дар рӯҳияи варзишдӯстӣ тавассути дарсҳои варзишӣ машкҳои варзишӣ ва китобҳои варзишӣ бошад, пас ба инобат гирифтани матлабҳои боло ҳамчун амали муқаддимотӣ ниҳоят зарур мебошад.

Саломатӣ дастоварди бузурги натанҳо як шахс, балки тамоми ҷомеа мебошад. Маҳз саломатӣ кафолати зиндагии пурмуҳаббат ва хушбахт мебошад. Саломатӣ ба мо кумак мекунад, ки вазифаҳои худро иҷро кунем. Барои муваффақ гардидан ва иҷро кардани вазифаҳои асосии ҳаёт, бартараф намудани мушкилот маҳз саломатӣ метавонад заминаи мустаҳкам бошад. Инсон ҳамеша хоҳиши онро дорад, ки қавӣ ва солим бошад, ҳаракат ва қуввати хешро ҳифз кунад. Бе муҳобот ин арзиши асосии ҳаёт аст. Онро ба ягон пул харидорӣ карда намешавад. Тарзи ҳаёти солим асоси некуаҳволӣ ва омӯзиши бомуваффақияти хар як кӯдак ва наврас мебошад. Волидон мехоҳанд, ки фарзандони онҳо хушрӯзу хушбахт бошанд, ки ин хоҳиши онҳо дар сурате имконпазир мегардад, ки аз оғози зиндагии кӯдак ба вазъи тарбияи ӯ назорат намоянд [2, 22-26]. Мутаассифона, наврасони муосир бинобар мубтало шудан ба васвасаҳо ба тарғиботи нодурусти атрофиён дар мавриди таъмини тандурустии худ ва дараҷаи таълим эътибор намедиҳанд. Таваҷҷуҳи зиёд барои бозиҳои компютерӣ, интернет, намоиши телевизионӣ ва афзалият додан ба таоми кӯчагӣ аз хӯроки хона ҳамагӣ ҷанбаи манфии ин масъаларо таъмин мекунад. Тарғиби тарзи ҳаёти солим ба наврасон вазифаи асосии волидон мебошад. Мактаб низ дар ташаккулёбии он иштирок мекунад, вале нақши ҳалкунанда ба оила вогузор шудааст. Тарбияи тарзи ҳаёти солим дар худ инҳоро таҷассум мекунад:

1.Ғизои дуруст.

2.Машқ.

3.Обутобёбӣ.

4.Риояи реҷаи рӯз.

5.Риояи стандартҳои гигиенӣ.

6.Рад кардани одатҳои бад.

**Ғизои дурусти хонанда бояд чунин бошад:** Мутобиқ ба синну соли хонанда беҳтараш чор бор бояд дар як рӯз қабули ғизо ба роҳ монда шавад. Мутаносибан дар таркиби моддаҳои ғизоӣ - сафедаҳо, равғанҳо, карбогидратҳо, витаминҳо ва минералҳо бояд бошад, то пурра хароҷоти энергетикии баданро таъмин намояд. Тарзи ҳаёти солими хонанда шарти на танҳо саломатӣ, балки инчунин муваффақ будан дар кор ва зиндагии оилавӣ низ мебошад.

Сабаби асосии суст будан дар дарсҳо ва сари вақт иҷро карда натавонистани вазифаҳои хонагӣ, аз бад будани саломатии онҳо сарчашма мегирад. Ин мушкилотро танҳо бо кӯшиши якҷояи волидон, духтурон ва мактаб бартараф кардан имконпазир аст. Саломатии инсон на танҳо аз омилҳои меросӣ, шароити муҳити зист, сифати зиндагӣ (дараҷаи қонеъгардонии эҳтиёҷот), балки аз тарзи ҳаёт ва муносибати худи ӯ ба саломатиаш низ вобаста аст.

Таносуби ба саломатӣ таъсири тарзи ҳаёти солим 50%-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, ҳоло нақши таълиму тарбияи гигиенаи хонандагон, ки пеш аз ҳама, бояд ба фарҳанги умумии кӯдакон таъсир расонад, афзуда истодааст. Эҷоди фарҳанги солим дар кӯдак, нишон додани зебоии комил ва аҷдонии инсон хеле муҳим аст. Ҳоло вазифаи нав ва муҳиме, ки дар пеш истодааст, ташаккули ҳисси боварӣ дар байни хонандагон ба

тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла истифодаи вақти ройгон барои беҳдошти саломатӣ, риояи реҷаи рӯз, ташаккули муносибати манфӣ ба одатҳои бад, монанди тамокукашӣ, шаробнӯшӣ, нашъамандӣ ва ғайра мебошад. Ба ибораи дигар, саломатӣ бояд таълим дода шавад. Имрӯз ибораҳои обшуста, монанди саломатиро ҳифз намо, ба саломатӣ зарар нарасон мавриди истифода қарор гирифтаанд. Аммо барои он ки онҳо ҳамчун мурочиатҳо ва хоҳиш, боқӣ монанд, матлаб бояд ба шуури ҳар як хонанда расонда шаванд. Яъне, ин бояд таълим дода шавад. Чаро таълими гигиена на ҳама вақт муассир аст? Далел ин аст, ки на ҳама метавонанд тарзи ҳаёти солимро пеш гиранд, то бемор нашаванд. Танҳо донистани манфиати тарзи ҳаёти солим кифоя нест: ангезаҳои мувофиқ муҳиманд. Аммо дар калонсолон ташаккул додани чунин ангезаҳо хеле мушкил аст. Зеро дар инсонҳои калонсол баъзе хусусиятҳои хусусиятҳои носолими рафтори инсонӣ шакл гирифта, онро тағйир додан душвор аст. Аз ҷумла, одати аз ҳад зиёд хӯрдан, кам ҳаракат кардан, танбалӣ ва серхобӣ садди роҳи ташаккул мебошад. Ҳамин тариқ, рад кардани одатҳои бад бо лағви лаҳзаи лаззатҳои маъмулӣ алоқаманд аст ва манфиатҳои ин радкунӣ танҳо дарояндаи дур пешбинӣ карда мешаванд [8]. Дар мавриди рушди кӯдак бошад, имкониятҳо бештаранд ва он як қатор вазифаҳоро дар назди масъулин ва мутахассисин мегузорад. Яке аз муҳимтарин талабот ҳамроҳӣ кардан бо хонанда дар раванди маърифати ҳифзи саломатӣ тарзи ҳаёти солим мебошад на раҳнамоӣ. Мушкилотро ба нафъи кӯдакон ҳал кардан, роҳи ҳалли масъала набуда, балки ба онҳо бояд таълим диҳем, ки худи хонандагон мустақилона қарорҳои дуруст қабул кунанд. Хонанда бояд донад, ки реҷаи рӯз реҷаи оптималии меҳнат, истироҳат, хоб, ғизо, машқҳои ҷисмонӣ ва хастагӣ ва дигар фаъолиятҳо дар давоми рӯз бояд ба таври қатъӣ риоя карда шаванд. Асоси биологии режими рузмарра табиати даврии тамоми вазифаҳои физиологии бадан аст. Барои тарзи ҳаёти солим реҷаи ҳаррӯза хеле муҳим аст. Низоми рӯзона воқеан режими рӯз аст ва дар муддати 24 соат бояд ба тариқи муайян ҳама корҳо бояд ба нақша гирифта шаванд ва ин нақша, мисли дигар нақшаҳо, танҳо дар сурати риояи катъии он маъно пайдо хоҳад кард. Ба ибораи дигар, реҷаи корӣ роҳи ивазкунии оқилонаи кор ва истироҳат мебошад. Низоми рӯзи хонандагони мактаб ҷузъҳои зеринро дар бар мегирад: кори мактаб; дарсҳои хонагӣ (кори хонагӣ); хоб хӯрок; машқҳои ҷисмонӣ; истироҳат; машғулият дар вақти соатҳои фароғатӣ. Машғулиятҳои омӯзишӣ, ки дар ҳаёти кӯдакон ҷойгоҳи муҳимро ишғол мекунанд, кори “унсурҳои реактивӣ”-ро талаб мекунанд. Ташкил кардани мувофиқати дурусти кори рӯҳӣ ва истироҳати фарзандҳо муҳим аст. Баъзе волидайн ба мафҳуми «реҷа» эътибор намедиҳанд ва онро чизи ҷиддӣ ҳисоб намекунанд. Фаҳмидани реҷаи фаъолияти фарзанд ҳамчун як намуди догма аз дарк накардани ҳақиқати ҳол аз ҷониби волидайн дарак медиҳад. Иҷрои реҷаи рӯзона ба кӯдак имкон медиҳад, ки тавозуни ҷисмониро нигоҳ дорад, ки ин имконияти тавозуни эҳсосиро таъмин мекунад. Воқеан ин синну сол давраи ноустувории эмотсионалӣ тавсиф мешавад, ки ба хастагии рӯҳу ҷисм оварда мерасонад. Ин нишонаҳои доимӣ ба паст шудани қобилияти кӯдак оварда мерасонанд. Қобилияти пасти меҳнатро метавон чунин тавсиф кард: кам шудани шумораи ҷавоби дуруст дар дарс ва дар хона пас аз он ки кӯдак маводро омӯхт; зиёд шудани шумораи хатоҳо; бепарвоӣ ва бепарвоии кӯдак, хастагии тез; тағйирёбии дастнависи кӯдак бо сабаби бадтар шудани танзими вазифаҳои физиологӣ. Барои пешгирии ҳамаи ин оқибатҳои манфӣ бояд реҷаи дурусти рӯзонаи хонандаро тартиб диҳем. Инчунин, волидайн бояд имкониятҳои синнусолиро ба назар гиранд.

Истироҳати хуби ҳамаҷониба бояд таъмин карда шавад ва дар ин маврид сайругашт дар ҳавои тоза нақши хосса дорад. Бе мақсади муайян ва бе истироҳати дуруст нишастан барои дарс азхудкунӣ дуруст нест. Беҳтараш дарсро баъди хӯроки нисфирӯзӣ ва саёҳати 1,5-2-соата дар ҳавои тоза оғоз намояд. Хонандагон метавонад стрессро, ки бо кори пуршиддат дар қисмати якуми рӯз иртибот доранд коҳиш диҳанд. Аз ҷониби дигар ҳар қадаре ки кӯдак ҳаракат кунад, вай рушд мекунад. Вақти оғози кори хонагӣ бояд қатъиян муайян карда шавад. Гузаронидани дарсҳо ҳамеша дар як соати муайян ба фарзанд имкон медиҳад, ки зуд ба ҳолати корӣ ворид шавад ва ба иҷрои вазифаи хонагӣ гузорад. Хонанда бояд ҷойи корӣ ва мизи шахсии худро дошта бошад. Барои дарсе, ки ба майлҳои кӯдак мувофиқанд, тақрибан 1,5 соат вақт лозим аст. Хониш, кори маҳфилҳо, тамошои филм дар телевизион, мусиқӣ ва варзиш, монанди инҳо машғулиятҳои хонандагон хеле зиёданд.

Дигар аз масъалаҳои муҳим дар ин самт хоб мебошад.Талаботи хоб: дар 10-12-солагӣ- 9-10 соат; дар 13-14-солагӣ - 9-9,5 соат; дар 15-16- солагӣ – 8,5-9 соат. Олимони невролог муайян кардаанд, ки набудани хоби шабона ҳатто 1 соат ба ҳолати равонӣ ва эмотсионалии кӯдакон таъсири бад мерасонад [12].

Ғизо низ дар ин самт нақши бориз дорад. Саломатии инсон мавзӯи мубрами ҳама давру замонҳост ва дар асри XXI он аҳамияти аввалиндараҷа пайдо кардааст. Бидуни муболиға, мардум дарк мекунанд, ки тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, аз ҷумла тарбия ва обутоби бадан, машқҳои мураттаб, ҳаракат кардани бештар, барвақт аз хоб хестан муҳим мебошад.

Мувофиқи маълумоти мутахассисони соҳаи тиб, 75% тамоми бемориҳои одам дар даврони кӯдакӣ зуҳур мекунанд. Яке аз сабабҳо ин аст, ки калонсолон, аз ҷумла волидайн, барои кӯдак муҳимтарин чизро дар таҳсили хуб мебинанд. Суоли мантиқӣ пайдо мешавад, ки оё мумкин аст фарзанди бемор дар риштаи таҳсил муваффақ шавад. Аз ин рӯ, тағйир додани одат ва стереотипи дерина яке аз вазифаҳои асосии мактаб тавассути суҳбат бо волидайн ва хонанда аст. Дар байни одатҳои бади хонандагон бемасъулиятӣ, набудани малакаҳо барои кори самарабахш, надоштани хусусияти ташкилотчигӣ ва ғайраҳоро метавон номбар кард. Дар байни инҳо аз масъалаҳои муҳим набудани одати солимии рӯҳонӣ ва ҷисмонии хонанда мебошад. Имрӯз дигар кардани стереотип ва одатҳо осон нест, вале маҳз мактаб, тарғибу суҳбатҳо метавонад ба он таъсир расонанд. Дигар кардани ҳолат аз ҷузъиёт оғоз мешавад. Чунончи, бисёр вақт волидон ба фарзанд мегӯянд: «Агар ту бад хӯрок хӯрӣ бемор мешавӣ!»; “Агар ту либоси гарм напӯшӣ хунук хоҳӣ хурд" ва ғайра. Аммо камтарин волидон ба фарзандони худ мегӯянд: “Агар шумо машқ накунед, шумо бақувват намешавед! Бо варзиш машғул нашавед, муваффақ шудан дар таълим душвор хоҳад буд! Аз ин рӯ, хонандагони муосир дар байни авлавиятҳои ҳаёт ҳар чиро дар ҷойи аввал қарор медиҳанд, ба ҷуз саломатӣ ва ҳифзу барқарор кардани он. Дар натиҷаи тадқиқоти дар синфҳои 8-11 гузаронидашуда (ҳамагӣ 100 нафар хонанда пурсида шуд), саломатӣ ҳамчун арзиши зиндагӣ танҳо дар ҷойи нуҳум гузошта мешавад. Пешрафти илмӣ ва техникӣ ба он оварда расонд, ки шахс дар бораи меҳнати ҷисмонӣ камтар фикр мекунад. Дар асри гузашта, ба гуфтаи олимон, вазни кори мушакҳои мустақими инсон аз 94 то 1 дарсад коҳиш ёфтааст. Ба гуфтаи коршиносон, ҳатто агар кӯдакон ба таври кофӣ ҳаракат кунанд, ҳаракатҳои онҳо якранг ҳастанд, на ҳама гурӯҳҳои мушакҳо дар ҳаракат иштирок мекунанд ва натиҷа аз чунин фаъолият чандон фоида надорад. Аз ин

рӯ бори дигар собит мешавад, ки дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар бартараф кардани норасоии фаъолияти ҷисмонӣ нақши бориз доранд [13]. Гузашта аз ин ду-се дарс дар ҷадвали мактабӣ ин мушкилотро ҳал намекунад. Ин маънои онро дорад, ки мактаб ва оила бояд дар якҷоягӣ кореро иҷро кунанд, ки хонанда худро дӯст дорад, нисбати ҷисми худ, саломатии худ, бо дарк кардани мушкилоти саломатии худ, корбарӣ кунад. Ин тағйирот бояд аз ташаккули маърифатии омӯзгорон, хонанда ва волидони онҳо аз фарҳанги нигоҳ доштани саломатии худ ва дарки аҳамияти ин масъала барои ҳаёт оғоз шавад. Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти равоншиносони рус, як талабаи мактаби ибтидоӣ, ки хубу аъло мехонад, илова ба соати дарсҳое, ки дар мактаб мехонад, ҳадди ақал 2,5-3 соат; хонандаи синфи шашум - 3-4 соат, хонандаи синфҳои болоӣ - 6 ва зиёда соат дар мизи кории худ дар хона машғул мешавад. Тибқи натиҷаҳои тадқиқоти олимони рус 51% кӯдакон ҳангоми бозгашт аз мактаб ҳатто ба кӯча намебароянд, 73% хонандагони мактабҳо танаффуси байни дарсҳоро дӯст намедоранд, 30-40% кӯдакон вазни зиёдатӣ доранд. Тибқи гуфтаҳои коршиносони соҳаи тиб, синну сол аз як сол то 15 сол барои нигоҳ доштани саломатии оянда назар ба аз 15 то 60 сол муҳимтар аст. Дар одамоне, ки ба варзиш машғул нестанд, суръати нафас 20% зиёд аст.

Имрӯз, компютерҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти мо амиқ ворид шудаанд, ки ҳаётро бе онҳо тасаввур кардан душвор аст. Аммо проблемаи таъсири манфии компютерҳо ба саломатии инсон ва алалхусус ба кӯдакон имрӯзҳо мавриди баҳси олимону мутахассисон қарор дорад. Компютер ба мо маълумоти зиёдеро барои тартиб додани ҳуҷҷатҳои мухталиф медиҳад. Агар дар оғоз компютер дар иншои изҳорот, реферат, ҳисобот, муроҷиати хаттӣ ва ғайра кумак мерасонд, пас имрӯз ба мо дар омӯхтани технологияҳои навтарин дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти мо: дар соҳаи илм, фарҳанг, маориф мусоидат мекунад. Гузашта аз ин, ба ҷаҳони интернет, ки имкониятҳои фаровонро дорост, маҳз тавассути компютер дохил мешавем. Дар синфҳои компютерӣ хотира, фикррониӣ инкишоф меёбанд.

Компютер метавонад мададгор, воситаи таълим барои хонанда гардад. Компютер қобилиятҳои эҷодии хонандаро ташаккул медиҳад, дар назди ӯ чаҳони аҷоиб ва ҷолиброро мекушояд [10]. Дар ин ҳолат, таъсири мусбати компютер аз хусусиятҳои инфиродӣ вобаста аст: масалан, баъзе кӯдакон забонҳоро зудтар ёд мегиранд, дигарон бошанд, хуб меомӯзанд. Ғайр аз ин, бозиҳои хуби таълимии компютерӣ барои кӯдакон мавҷуданд ва ин як роҳи олии омӯхтан аст ва қобилияти истифодаи Интернет метавонад ба мактаби хуби муошират табдил ёбад ва бар замми ин, шумо тарзи ҷустуҷӯ ва интихоби маълумоти лозимаро меомӯзед. Барои калонсолон дар хотир доштан муҳим аст, ки ҳатто кӯдакони лаёқатманд хатари интернетро намебинанд ва хатари истифодаи онро намедонанд. Масъала дар он аст, ки хусусият ё истеъдоди фарқ кардани меъёр дар хонандашон ҳоло ташаккул наёфтаанд. Ӯ бо назардошти хусусиятҳои рушди равонӣ ба ҳама чиз таваҷҷуҳ дорад. Хонандаро танҳо бо як компютер дар интернет гузоштан, ба он монанд аст, ки ӯ ӯро дар кучаҳои як шаҳри калон ва ношинос мегузоранд. Аз ин рӯ, худи волидон ва омӯзгорон бояд аввал асосҳои амнияти компютериро омӯзанд ва баъд ба фарзандони худ ин чизҳоро омӯзонанд. Барои ин методологияи хуб таҳияшудаи таълими асосҳои амнияти иттилоотӣ лозим аст. Дар мавриди муносибат бо компютер гуфтан мумкин аст, ки шояд хонанда компютерро комилан аз худ карда, метавонад компютерро худаш дуруст кунанд ва ҳатто дур нест, ки баъдтар мутахассиси таъмири компютер гардад! Ё шояд хонандаи дигар ба барномаҳои компютерӣ ё ҳучраҳои суҳбатӣ, форумҳо чунон майл дорад, ки

мехоҳад барномасозиро ёд гирад ва худаш барнома нависад ва як барномасози баландпоя гардад! Ин хел мисолҳо дар таҷриба фаровонанд. Дар ин маврид донистани фарҳанги истифодабарии компютер ҳам зарур аст. Чунончи барои муфид будани компютер, ҷойи кории худро ба таври лозимӣ муҷаҳҳаз кардан лозим аст. Аввалан, он бояд хуб равшан карда шавад, аммо на бо сатҳе, ки равшанӣ аз лампа ё нури офтоб ба монитор занад. Курсие, ки хонанда менишинад бояд ба ӯ мувофиқат кунад. Пойҳои хонанда набояд "овезон" шаванд, беҳтар аст, ки зери пойҳо такягоҳ гузошта шавад. Монитор дар масофаи 45 см ҷойгир аст, ки ин масофаи бозуи дастон аст. Духтурон ҳар рӯз маслиҳат медиҳанд, ки дар як ҳуҷра бо компютер тоза кардани ҳаво ва вентилятсия гузаранд ва дар хона нигоҳ доштани аквариум хуб аст, ки назар ба кактус дар монитор, эҳтимолан радиатсияи зарароварро бартараф мекунад. Ҳангоми кор дар як вақт бо китоб ва монитор, онҳо бояд дар як сатҳ қарор дошта бошанд; барои ин, истифодаи китобмонак хуб аст. Дар ҳар 10-15 дақиқа истироҳат додани чашм айни матлаб аст. Ғайр аз ин, ба роҳ мондани машқҳои одӣ барои чашм муфид мебошад. Агар хонанда муддати дароз дар сари компютер бошад, эҳтимолияти бозмонии рушди сутунмуҳра ба миён ояд. Бояд қайд кард, ки каҷ, шудани сутунмуҳра метавонад ба вайроншавии узвҳои дохилӣ оварда расонад, ки баъдан ба саломатии вай таъсир мерасонад. Бемориҳои роҳи нафас, ки дар натиҷаи кори дарозмуддат бо компютер пайдо мешаванд, хавфнок аст. Компютер дар ҳаёти хонанда метавонад ёвари хуб бошад ё баракс. Дар китоби Заряна ва Нина Некрасоваҳо бо номи "Чӣ гуна кӯдакро аз компютер дур кардан ва чӣ кор кардан лозим аст", чунин омадааст: "Вақте, ки ба наврасон ҷаҳони воқеӣ чизи ҷолиброн пешкаш карда наметавонад, онҳо худро ба ҷаҳони компютер мезананд. Мубориза бо компютер, оилаҳоро мустаҳкам ва онҳоро ба ҷаҳонӣ воқеӣ барнамегардонад" [10]. Дар ин самт маҳз дарсҳои тарбияи ҷисмонӣ дар баробари корҳои дигар метавонад нақши муассир бозад. Ҳадаф ин аст, ки хонанда набояд асири олами визуалӣ ва аз олами воқеӣ дур афтад. Ба иборати дигар лозим аст, ки ниёзҳои ҳақиқии хонандаро фаҳмида, қувват ва вақташро барои муошират, бозӣ, гӯш кардан раҳнамоӣ намоем. Ва он гоҳ ҷаҳони маҷозӣ як ёвари расидан ба ҳадаф мегардад, ки барои расидан ба қадри ҷаҳони воқеӣ кумак мерасонад.

Тавре омор нишон медиҳад, шумораи зиёди мусибатҳо ва ҷиноятҳо алоқаманд бо маводи мухаддир мебошанд [14]. Мусаллам аст, ки нашъамандӣ бемории воқеист ва мисли ҳар гуна беморӣ, бояд ҳарчи зудтар табобат карда шавад. Ин беморӣ маҳз дар даврони наврасӣ сироят мекунад ва устоди мактаб дар ҳамдастӣ бо волидайн набояд аз он бехабар монанд. Дар ин маврид комилан оромтарин хонанда низ аз мадди назар набояд дур бошад. Албатта, баъди гирифтор шудани хонанда ба ин мариз барои бартараф кардани он вақти тӯлонӣ, корбариҳои муттасил зарур аст. Дар ағлаб маврид кор аз кор мегузараду наҷот додани ҷавонон ғайриимкон мегардад. Пас, пеши роҳи ин бадбахтиро гирифтан яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи масъулин аст. Масъалаи чӣ гуна наҷот додани кӯдакон аз маводи мухаддир бояд на танҳо волидон, балки мактабро низ ба ташвиш орад. Дар ин самт дар мактаб барои мубориза бо маводи мухаддир суҳбатҳо, лексияҳо ва дигар чорабиниҳоро бояд ба роҳ монанд.

Барои аксарияти наврасоне, ки дар таҳсил аз ҳамдарсони худ дер мемонанд, сабаби асосӣ беморӣ маҳсуб мешавад. Дар ин маврид фаъолияти якҷояи волидайн ва устодони мактаб ҳамчунин духтурон зарур аст. Тандурустии инсон на танҳо ба омилҳои ирсӣ шароитҳои экологӣ, сифати зиндагӣ, балки ба он низ вобаста аст, ки инсон то кадом андоза ба саломатии худ эътибор медиҳад ва онро ҳифз мекунад. Мутахассисон

бар он назаранд, ки таъсири саломатӣ дар ин раванд панҷоҳ фоизро ташкил мекунад. Аз ин рӯ, соатҳои таълимӣ-гигиенӣ ва тарбияи хонандагон зиёд мешавад, ки он дар заминаи фарҳанг ва ҷаҳонбинии умумии кӯдакон сурат мегирад [14]. Беҳтар кардани вазъи тандурустӣ дар кӯдакон хеле муҳим буда, он ба зебоии ҷисмонӣ ва саломатии равониашон таъсир мерасонад. Ҳоло ҳаёт вазифаи навро гузоштааст: Дар хонандагон ташаккул додани боварӣ ва эътимод ба муҳиммияти тарзи ҳаёти солим, аз ҷумла дар вақтҳои холӣ машғул шудан бо варзиш риояи низоми ҳаррӯза ташаккули муносибатҳои манфӣ ба одатҳои бад, аз ҷумла тамокукашӣ, шаробнӯшӣ, истифодаи моводи мухаддир ва ғайра мебошад. Ба ибораи дигар, масъалаи саломатӣ ҳамаҷониба бояд омӯхта шавад. Ҷомеа асосан ба ин масъала аз рӯйи анъанаҳои дерина ва чашмандози куҳна нигоҳ мекунад. Масъалаи ҳифзи саломатӣ ва ба саломатӣ зарар нарасонидан меҳвари ин усул аст. Суоле пайдо мешавад, ки барои чӣ таълими санитарӣ-гигиенӣ на ҳамеша самаранок аст. Далели он ин аст, ки на ҳама кас қодир аст тарзи ҳаёти солимро пеш барад, то ки бемор нашавад.

Дар ин маврид танҳо донистани манфиатҳои тарзи ҳаёти солим қонеъкунанда нест, балки қарорҳои муфиди илмӣ муҳиманд. Мавриди зикр аст, ки муҳиммияти мавзӯи тарзи ҳаёти солим бо омори расмӣ тасдиқ мегардад:.

1. Аз назари физиологӣ солим ва баркамол на бештар аз 14 фоиз кӯдакон таваллуд мешаванд.

2. 25-35 фоизи кӯдаконе, ки ба синфи 1 меоянд, дорои маълулияти ҷисмонӣ ё бемориҳои музмин мебошанд.

3. 90 фоизи хатмкунандагони мактаби миёна намедонанд, ки бемор ҳастанд.

4.Танҳо 10-15 фоизи хатмкунандагони мактаб метавонанд дар ҳақиқат солим бошанд.

Муҳим ин аст, дар ҳамкорӣ бо волидайн реҷаи оптималии кор, истироҳат, хоб, хӯрокхӯрӣ, машқҳои ҷисмонӣ дар давоми рӯз коркард шавад. Зеро, иҷрои муташакили реҷаи рӯз ба беҳтар шудани саломатӣ мусоидат мекунад.

**Муқарриз: *Юнусова Н.М.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Азитова Г.Ш. Воспитание культуры здоровья у школьников в сельской школе. Дисс. канд. пед. наук. – Казань, 2006. – С. 212.
2. Бальсевич В.К. Физическая подготовка в системе воспитания культуры здорового образа жизни человека (методологический, экологический, организационный аспекты) // Теория и практика физ. культуры. -1990. -№1. -С. 22 - 26.
3. Виленский М.Я. Общая, педагогическая и физическая культура в структуре личности учителя / М.Я.Виленский // Теория и практика физической культуры. 1987. – №В. – С. 18-20.
4. Волович Л.А. Воспитательная работа в регионе (ассоциация "Профессиональное образование") / Л.А.Волович. – М., 1992. – 212 с.
5. Воспитать человека. Сборник нормативно-правовых, научно- методических, организационно-практических материалов по проблемам воспитания /Под ред. В.А.Березиной, О.И.Волжиной, И.А.Зимней. М.: Вента-Графф, 2002. – 384 с.
6. Демакова И.Д. Воспитание в условиях гуманизации образования / И.Д.Демакова. – Ижевск: НМЦ практической психологии образования, 1998. – 44 с.
7. Караковский В.А. Воспитание? Воспитание. Воспитание! Теория и практика школьных воспитательных систем / В.А.Караковский, Л.И.Новикова, Н.Л.Селиванова. – М.: Новая школа, 1996. – 155 с.
8. Книга учителя физической культуры. – М.: Просвещение, 1973. – 304 с.
9. Козлова О.Н. Введение в теорию воспитания: Пособие для преподавателей / О.Н.Козлова. – М.: Интерпракс, 1994. – 208 с.
10. Некрасовы Заряна и Нина: Как оттащить ребенка от компьютера и что с ним потом делать. Пособие для родителей.– М.: Издательство: Академический проект, 2017 г. Серия: «Мы и наши дети». Жанр: Детская психология. – 254 с.

11. Некрасовы Заряна и Нина. Перестаньте детей воспитывать - помогите им расти. – М.: Издательство: Академический проект, 2019 г. Серия: Мы и наши дети. – 363 с.
12. Теория и методика физического воспитания / Под ред. Б.А.Ашмарина. –М.: Просвещение, 1990. – 287 с.
13. Физическая культура студента: Учеб. для СПО / Н. В. Решетников, Ю. Л. Кислицын. - 8-е изд., стер. – М.: Академия, 2008. – 176 с.
14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи саломатии аҳолӣ". – Душанбе. 1997.

## ТАШАККУЛИ ТАРЗИ ҲАЁТИ СОЛИМ ДАР МАКТАББАЧАГОН ВА РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ АЗ ТААССУРОТИ МАНФӢ

Дар мақола муаллиф масоили ташаккули тарзи ҳаёти солимро дар мактаббачагон ва роҳҳои пешгирии таъсири манфиро ба ҳаёту солимии онҳо баррасӣ намудааст. Имрӯз бурдани тарзи солими ҳаёт тақозои замон аст. Муаллиф ишорат менамояд, ки машғулиятҳои фаъоли варзишӣ ва ғизои дуруст кафолати солимӣ, ҳисси хуби саломатӣ ва болидарӯҳӣ мебошад. Саломатиро бояд ҳифз намуд ва онро аз синни хурди даврони кӯдакӣ ба фрзандон талқин намуд, кии ин омили асосии рушди ҷисмонӣ ва маънавии кӯдак, мавҷудияти мутаносиби ӯ дар ҷомеа мебошад, ки таркиботи асосии онро: реҷаи рӯз, ҳавои тоза, фаъолияти ҳаракатӣ, ғизои солим, вазъи хуби рӯҳӣ ва равонӣ ташкил медиҳад.Муаллиф инчунин қайд менамояд, ки барои ҳар як кӯдак намуна ва ангезандаи ҳаёт падару модар мебошанд, ки ӯ кӯшиш менамояд дар ҳама кор ба онҳо монанд бошад ва бурдани тарзи ҳаёти солим маҳз аз оила оғоз меёбад. Иқтидори тарбиявӣ низ аҳамияти калон дорад. Реҷаи рӯзи дуруст ба роҳ мондашуда бояд талаботи асосии физиологии организми кӯдакро қонеъ карда тавонад, ки иҷрои ин шартҳо ба он меорад то кӯдак тамоми донишҳо ва малакаҳои зарурро дар ҷодаи фарҳанги саломатӣ ба даст орад. Тарзи имрӯзаи ҳаёт ва ғизои носолим ба организми кӯдак таъсири манфӣ мерасонад. Аксарияти кӯдакон дорои вазни зиёдатӣ мебошанд, к ибо ғизои носолим вобастагӣ дорад ва ҳатто барои калонсолон аз он халос шудан хеле мушки аст.

**Калидвожаҳо:** тарзи ҳаёти солим, ташаккули тарзи ҳаёти солими мактаббачагон, иқтидори тарбиявӣ, талаботи асосии физиологии организми кӯдакон, тарзи ҳаёти имрӯзаи кӯдакон.

## ФОРМИРОВАНИЕ ЗДОРОВОГО ОБРАЗА ЖИЗНИ У ШКОЛЬНИКОВ И ПУТИ ПРЕДОТВРАЩЕНИЯ ОТРИЦАТЕЛЬНОГО ВЛИЯНИЯ НА ИХ ЖИЗНЬ И ЗДОРОВЬЕ

В статье автор рассматривает проблемы формирования здорового образа жизни у школьников и пути предотвращения отрицательного влияния на их жизнь и здоровье. Сегодня ведение здорового образа жизни является велением времени. Автор указывает, что активное занятие спортом и правильное питание являются залогом здоровья, хорошего самочувствия и отличного настроения. Здоровье необходимо беречь и сохранять с раннего детства и здоровый образ жизни для детей – основополагающий фактор физического и нравственного развития ребенка, его гармоничного существования в обществе, главными составляющими которого являются:распорядок дня; свежий воздух; двигательная активность;здоровое питание;психическое и эмоциональное состояние. Автор также отмечает, что для каждого ребенка самым главным примером и мотиватором в жизни являются родители, на которых они стремятся во всем быть похожими, поэтому здоровый образ жизни должен начинаться именно с них. Немаловажное значение имеет и воспитательный потенциал. Правильно организованный распорядок дня должен удовлетворять ключевые физиологические потребности организма, а выполнение этих условий приведет к тому, что ребенок получит все необходимые знания и навыки в сфере культуры здоровья. Современный образ жизни и неправильное питание не очень благотворно влияют на организм детей. Многие дети имеют избыточный вес, связанный именно с неправильным питанием, от которого избавиться также сложно, как и взрослым.

**Ключевые слова:** здоровый образ жизни, формирование здорового образа жизни у школьников, воспитательный потенциал, ключевые физиологические потребности организма, современный образ жизни детей.

## FORMATION OF A HEALTHY LIFESTYLE IN PUPILS AND WAYS TO PREVENT THE NEGATIVE IMPACT ON THEIR LIFE AND HEALTH

In the article, the author examines the problems of forming a healthy lifestyle among schoolchildren and ways to prevent a negative impact on their life and health. Today, leading a healthy lifestyle is the imperative of the times. The author points out that active sports and proper nutrition are the key to health, well-being and good mood. Health must be protected and preserved from early childhood and a healthy lifestyle for children is a fundamental factor in the physical and moral development of a child, his harmonious existence in society, the main components of which are: daily routine; Fresh air; physical activity; healthy eating; mental and emotional state. The author also writes that for every child, the most important example and motivator in life are the parents, whom they strive to be like in everything, so a healthy lifestyle should start with them. Educational potential is also important. A properly organized daily routine should satisfy the key physiological needs of the body, and the fulfillment of these conditions will lead to the fact that the child will receive all the necessary knowledge and skills in the field of health culture. The modern lifestyle and unhealthy diet do not have a very beneficial effect on the body of children. Many children are overweight due to poor nutrition, which is as difficult to get rid of as it is for adults.

**Key words:** healthy lifestyle, the formation of a healthy lifestyle in schoolchildren, educational potential, key physiological needs of the body, the modern lifestyle of children.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Абдураҳмонов Ғолибҷон Зафарович*** **-** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, мудири кафедраи варзиш ва методикаи таълими тарбияи ҷисмонии факултети тарбияи ҷисмонӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1

**Сведения об авторе:** ***Абдурахмонов Голибджон Зафарович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, заведующий кафедрой спорта и методики преподавания физической культуры факультета физического воспитания. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проезд Мавлонбекова, 1.

**Information about the author:** ***Abdurakhmonov Golibjon Zafarovich*** - Khujand State University named after academician B. Gafurov, Head of the Department of Sports and Methods of Teaching Physical Culture of the Faculty of Physical Education**. Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage, 1.

**УДК-371.02**

## ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ МАҲСУЛИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ШАХСИЯТ

***Ахмедова М.Ф., Усмонов А. А.***
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров**

Худшиносии миллӣ худ аз худ ба вуҷуд наомада, балки таҳти таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташаккул меёбад. Ин чунин шарҳ дода мешавад, ки ҳар як шахс, ҳам калонсол ва ҳам кӯдак бо паҳлуҳои гуногуни воқеияти миллӣ алоқаманд аст [3, с.33].

Дар зери таъсири волидон, муҳити олами атроф, инчунин системаи иҷтимоии таълиму тарбия дар мактаб ва дигар муассисаҳои таълимиву тарбиявӣ насли наврас тамоми арзишҳои миллӣ ва умумибашариро аз худ менамояд.

Дар байни омилҳое, ки ташаккули худшиносии миллии хонандагонро муайян менамоянд, шароитҳои объективӣ ва инъикоси он дар шуур ва воситаҳои таъсироти субъективиро фарқ кардан мумкин аст.

Алоқаи омилҳои объективӣ ва субъективиро метавон шартан ба таври зерин нишон дод: омилҳои объективӣ мавҷудияти чунин унсурҳои худшиносии миллиро муайян мекунанд, ҳамчун тасаввурот дар бораи таърихи гузаштаи миллат ва хусусан манфиатҳои шахсӣ, ки он тамоми ҳаёти иҷтимоии одамонро дар бар мегирад [5, с.43]. Тағйирот дар шуур ва худшиносӣ, аз он ҷумла миллӣ, мустақиман аз шароити тағйирёбанда, инчунин аз фаъолияти шахсии иҷтимоии шахсият вобаста аст.

Ба омилҳои объективӣ бисёр муҳаққиқон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо муаммои худшиносии миллии шахсият машғул мебошанд, ба монанди М.С. Юнусов, [14, с.45], А.Ф.Дашдамиров [11, с.201], В.И.Козлов, [12, с.34], А.М.Грачева, [10, с.66], Т.А. Тулаева, В.К. Шабенников ва дигарон.

Аз ҷумла, В.И.Козлов қайд менамояд, ки худшиносии миллӣ модарзодӣ намебошад, он зери таъсири як қатор омилҳо ташаккул дода мешавад. Дар байни ин омилҳо, пеш аз ҳама, муҳити мушаххаси қавмӣ, ки дар он шахс ба воя мерасад, инчунин анъанаҳои мавҷудаи этно – фарҳангӣ ва вазъияти воқеии этно – иҷтимоӣ дохил мешаванд [12, с.67]. Ба назари М.С. Юнусов, миллат бо тамоми хусусиятҳо –қаламрави қавмӣ, забон, фарҳанг ва анъанаҳо, ҳамчун яке аз ҷузъҳои муҳимми муҳити ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он шахсият инкишоф меёбад” [14, с.80].

Англис, франсуз, рус, тоҷик зери таъсироти муҳити иҳотакардашудаи забонӣ, маишӣ, фарҳангӣ ва равонӣ инсон мегардад. Ин нуқтаи назарро А.Ф. Дашдамиров [11,

с.43] дастгирӣ менамояд. “Барои миллат - менависад ӯ, ин бо таърих, фарҳанг, забон ва ҳаёти маишии бо кадом халқият инсон робита дошта бошад, дар фазои маънавии мардуме, ки худшиносии он ташаккул ёфтааст, чизи асосӣ ба шумор меравад”.

Ба андешаи мо, аҳамияти иҷтимоии ҳудуд, барои хонандагон ҳамчун “Кишвари азиз”, “Ватан”, заминаи моддии ташаккули худшиносии миллӣ ба шумор меравад.

Истиқомати дурударози одамон дар ҷойи муайян, на танҳо дар намудҳо ва соҳаҳо нишони намоён мегузорад, балки дар тамоми маданият, дар психологияи мардум, дар навбати худ ба тарбияи худшиносии мактаббачагон таъсир мерасонад. Дар ҷараёни ҳаёт ранги этникӣ дода мешавад, фаҳмиши умумияти он ба шуури одамон ва сокинони он таъсир мерасонад.

Дар ҳақиқат, одамон намехоҳанд, ки Ватани худро тарк намоянд, онҳо ба кишвари азизи худ ва табиати он одат менамоянд. Ва гап дар сари танҳо манзараҳо намеравад. Ҳудуде, ки нишонаи миллат аст, Ватан мебошад. Ватан муҳите мебошад, ки дар он инсон зиндагонӣ мекунад.

Муҳаббати инсон ба модар, замин, хонаи худ – яке аз роҳҳои тасдиқи маънавиёт мебошад. Ватан ҳамчун як арзиши ташаккулдиҳандаи худшиносии миллӣ як фазои маънавӣ ва фарҳангӣ дар ҳама зуҳуроти таърихист, аз ҷумла дар адабиёт, мусиқӣ, меъморӣ, ҳаёти ҳамарӯза, маросимҳо, ки намуди зоҳирии миллии фарҳангии шахси муайянро ташаккул медиҳад.

Бе Ватан, ҳамчун арзиши бунёдии шахсият, олами маънавии ботинӣ ба тасвири арзишҳои нобаробар табдил меёбад. Қайд намудан ҷолиб аст, ки “аз даст додани ҳисси Ватан ҳамчун арзиши маънавӣ дар фирор аз муҳити мадании худ ифода мегардад”.

Дар раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагон татбиқи ягонаи забонӣ ва арзишҳои фарҳангии халқ нақши бузург дорад [9, с.23].

Мо забонро ҳамчун аломати анъанавӣ, ки тавассути он одамон бо ҳам муошират мекунанд, ба мероси маънавии аҷдодони худ пайваст мешаванд, ҳамчун воситаи иттиҳоди наслҳо, ба қатори наслҳои бешумор, ки дар замони ҳозира ва оянда зиндагӣ мекунанд, мефаҳмем.

Нақши забон дар муошират дар байни гурӯҳи қавмӣ, дар мубодилаи иттилооти фарҳангӣ, дар омӯзиши таърихи миллӣ, завқ, фикр, ҳиссиёти халқ бузург аст.

Забони миллӣ, сарват ва сарнавишти он мавзӯи ифтихори миллии ҳар як халқ мебошад.

Ҳар як гурӯҳи этникӣ фарҳанги худро дорад. Дар байни муаллифони ин масъаларо таҳқиққунанда ихтилофҳо буданд. Баъзеҳо чунин мешумориданд, ки фарҳанги миллӣ тамоми арзишҳои моддӣ ва маънавиро дар бар мегирад, ки аз ҷониби одамони мушаххас дар пешрафти иҷтимоии худ, танҳо “ошёнаи поён” - и худ, фарҳанг дар дараҷаи этнографӣ сохта ва истифода бурда мешавад.

Ҳар фарҳанг як воқеияти таърихист, ки дар асоси анъанаҳои миллӣ рушд мекунад. Маълум аст, ки агар, бо ягон сабаб анъанаҳо зӯракӣ решакан карда шаванд, одамон метавонанд шахсияти худро аз даст диҳанд ва мавҷудияти як тамомияти қавмиро қатъ кунанд.

Дар байни омилҳое, ки ба ташаккули худшиносии миллӣ таъсир мерасонанд, анъанаҳои пешрафтаи педагогикаи халқи тоҷикро фарқ кардан мумкин аст, ба монанди меҳмоннавозӣ, ҳурмату эҳтироми калонсолон, ягонагии маънавӣ бо олами иҳотакардашуда ва ғайра.

Халқи тоҷик ҳанӯз ҳам бо меҳмоннавозии худ машҳур аст. Меҳмоннавозии анъанавии тоҷикон маҷмӯи тарзи ягонаи рафтор, одатҳоро дар бар мегирад.

Маълум аст, ки худшиносии миллӣ дар зери таъсири таърихи миллат ва донишҳо ташаккул дода мешавад. Он ба хусусиятҳои хотираи инсон такя менамояд. Одам агар гузаштаашро ба хотир наорад ва идомаи ангезаҳо ва фаъолиятҳояшро дарк накунад, ӯ наметавонад худро ҳамчун як воҳиди устувор ҳис кунад. Ҳисси решаҳои таърихии миллат - аввалин хусусияти худшиносии миллӣ мебошад.

Биёед дар бораи баъзе хусусиятҳои технологияи ташаккули худшиносии миллӣ муфассалтар сухан гӯем. Ворид намудани худшиносии миллӣ ба сохтори худшиносии шахсият бо ҷомеа ва аз тарафи дигар, тасдиқи "Ман" -ро дар ин робитаҳо ифода мекунад.

Аз ин рӯ, худшиносии миллии шахсият дар асоси худшиносии муқарраршудаи иҷтимоӣ ташаккул меёбад. Агар худогоҳии шахсӣ ин худшиносӣ дар робита бо воқеияти атроф аст, пас худшиносии миллӣ маънои худшиносӣ дар робита бо миллат аст.

Аз рӯйи табиат ва мундариҷаи худ, худшиносии миллӣ таҷассуми тамоми хусусиятҳои миллии барои як шахс хос мебошад. Ба ин маъно, худшиносии миллӣ аз шинохтан ва мустаҳкам кардани хусусиятҳои фардии шахсияти миллӣ иборат аст. Ин худшиносии миллӣ аст, ки лаҳзаҳои миллии психологияи инфиродӣ, маърифати миллиро намои инфиродӣ мебахшад ва мавҷудияти ин фардиятро дар лаҳзаҳои миллии шуури шахсият нишон медиҳад.

Ҳамзамон, худшиносии миллӣ ба тамоми мундариҷаи шуури инфиродӣ ранги миллӣ мебахшад. Худшиносии миллӣ ба худшиносии шахсият ворид мешавад, онҳо бо ҳам ҷудонашаванда мебошанд ва дар низоми дохилишахсӣ зоҳир мешаванд.

Ин муқаррароти умумӣ технологияи ташаккули шахсияти миллии хонандагони синфҳои ибтидоиро ифода мекунанд. Хусусиятҳои миллиро инъикос намуда, мактаббача пешбар, нигаҳдоранда ва давомдиҳандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, забон ва фарҳанг, ворисии миллати гузашта ва ҳозира мегардад. Қайд намудан лозим аст, ки фаҳмиши робитаи хонандагони мактаб бо муҳити миллӣ таҳти таъсироти омилҳои мақсаднок, беруна ва дохилӣ мегузарад.

Омилҳои объективӣ аз ҷониби мактаббачагони хурдсол дар шакли инъикоси муҳити иҷтимоиву иқтисодӣ қабул карда шуда, ба шуур ворид карда мешаванд. Мактаббачагони хурдсол гузашта ва имрӯзаи таърихии ҷумҳуриро тавассути мутолиаи китобҳо матбуоти даврӣ, радио, телевизион меомӯзад. Воситаи муошират оила, муҳити бевосита ва муносибатҳои забонӣ бо ҳамсолон ба шумор меравад. Тавассути забон хонандагон бо адабиёт ва санъати миллӣ ошно мешаванд. Анъанаҳо ва урфу одатҳои халқӣ фазои тамосро бо худшиносии миллии гурӯҳи этникии онҳо ба вуҷуд меоранд ва ба шуур ва рафтори ҳар кадоми онҳо ворид карда мешаванд. Ҳамин тариқ, шуури миллӣ ба худшиносии миллӣ мубаддал мегардад ва хонандагон на танҳо интиқолдиҳанда, балки эҷодкор мегарданд. Вобаста аз шиддатнокӣ ва ҳассосияти худшиносии миллии онҳо, шахс бо шиддатнокии мувофиқ далелҳои фарҳанги миллӣ, муносибатҳои миллӣ, таърихи миллиро меомӯзад. Шахсият худшиносии миллии худро бо ҳиссиёт, таҷрибаҳо ва рӯҳияи миллӣ такмил медиҳад. Шароити объективӣ, ҳам ба таври табиӣ ва ҳамчун омилҳои беруна, бомақсадона ба шуури миллӣ ва худшиносии миллӣ таъсир мерасонад.

Ба ғайр аз омилҳои берунӣ, ташаккули худшиносии миллӣ қувваҳои ҳавасмандкунандаи дохилӣ - манфиатҳо ва эҳтиёҷотро дар бар мегирад, ки қувваҳои ҳаракатдиҳандаи худшиносӣ мебошанд. Гузариши шуури миллӣ ба худшиносӣ танҳо дар зери таъсири қувваҳои ҳаракатдиҳандаи дохилӣ, ки дар шакли ниёзҳои бошуурона пайдо мешаванд, ба амал меояд. Асоси интерактивии таъсири беруна ба эҳтиёҷоти дохилӣ механизми физиологӣ мебошад [7, с.22]. Эҳтиёҷот барои ба даст овардани арзишҳои миллӣ ҳамчун вазифаи мутобиқшавии фард ба воқеияти миллӣ дар атрофи он амал мекунанд. Худшиносӣ раванди худҳаракатӣ барои фаҳмидани арзишҳои миллӣ мебошад. Таҳти таъсири омилҳои беруна (муҳити забонӣ, ҳаёт ва зиндагӣ, хона ва мактаб), баъзе сохторҳои муайяни асаб - мағзи сар фаъол мешаванд ва ҳисси қонеъгардонии эҳтиёҷоти мавҷуда пайдо мешавад. Маҷмӯи омилҳои беруна ва қувваҳои ҳавасмандкунандаи дохилӣ хусусиятҳои бедоркунанда дар хонандагони хурдсол - мансуб ба миллати муайянро ташаккул медиҳанд. Талаботи эҳтиёткорона ба амалҳои ҳавасмандкунандаи ба худшиносии миллӣ табдилёфта, ба ташаккули бошуурона ва фаъолонаи худшиносии миллӣ такон мебахшанд.

Самаранокии ташаккули худшиносии миллӣ аз таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ вобаста аст. Муболиғаи баъзеҳо, масалан, омилҳои субъективӣ, дохилӣ, боиси шуури миллатгароӣ ва таҳқири рафтор мегардад. Ва, баръакс, муболиға ё рад кардани омилҳои объективӣ ва иҷтимоӣ ба ташаккул ва рушди худшиносии миллӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои хонандагони синни хурд боз як омили муҳимми таъсири мақсаднок ва муназзам ба шуур ва худшиносии миллӣ расонанда - мактаб ва муассисаҳои беруназсинфӣ мавҷуд мебошанд. Дар натиҷаи корҳои тарбиявӣ дар мактаббачагони хурдсол ҷаҳонбинӣ ташаккул дода мешавад. Дунёи эҳсосоти миллӣ дар шуур, ба соҳаи муассир - ихтиёрӣ ташаккул меёбад, хислати шахсии хонанда мегардад. Бояд эътироф кард, ки мактаби муосир аз нарасидани маълумот дар бораи шахс, халқ, миллат ранҷ мебарад.

В.А. Сухомлинский чунин қайд намудааст, ки хонандагон бояд донишро дар бораи шахс, ҷаҳони аслӣ ва беназири ӯ, хусусиятҳои фарҳангӣ, минтақавӣ ва миллӣ аз ҷиҳати таърихӣ дарк кунанд [13, с.55]. Ин яке аз шартҳои муҳимтарини ташаккули хотираи таърихӣ дар байни хонандагони хурдсол аст - тасвири ҷудонопазири илмии ҷаҳон, ки бидуни он шахси комил наметавонад вуҷуд дошта бошад. Бо дарназардошти фаҳмиши оммавии мазмуни тарбия, педагоги бузург чунин мешуморид, ки мактаб бояд дар ҳар як насл халқи худро аз нав созад: фалсафаи он, ҷаҳонбинии васеъ ва аслии ӯ ба ҷаҳон, фарҳанги аслӣ, психологияи миллӣ ва хислатҳои онҳо, робитаи наздики маънавӣ бо дигар миллатҳо. Вай раванди таълимӣ – тарбиявиро тавре ба роҳ мондааст, ки "китобҳои дарсии ӯ, ки зиндагии мардумро дар гузашта ва ҳозира дар бар мегиранд, дар идомаи анъанаҳо ва расму оинҳои халқӣ, маданӣ – таърихӣ бевосита иштирок намуда, дар худ таҷрибаи фиоданоки ҷамъиятӣ, маънавӣ - миллиро ташаккул медиҳанд”. Асосан мактаб вазифадор аст, ки рушди миллатро дар асоси принсипҳо ва идеалҳои иҷтимоӣ роҳнамоӣ кунад, ба мактаббачагон фарқияти байни миллатгароӣ ва миллатчигиро омӯзонад, фарҳанги муоширати байни миллатҳоро густариш диҳад.

Маълум аст, ки инсон, ки дар раванди тарбияи оила, мактаб, иҷтимоъ, тадриҷан иҷтимоӣ шуда, ба барандаи идеологияи маъмул, ҷаҳонбинӣ, донишҳо ва ақидаҳои умуми назариявӣ табдил ёфта, шахсият мегардад. Омӯзиши донишҳои басистемадаровардашуда, аз ҷумла миллат, аз омадани хонандагон ба мактаб сар

мешавад (кӯдакон аллакай дар гурӯҳҳои калон ва тайёрии кӯдакистон донишҳои одитаринро дар бораи ҳаёти ҷумҳурӣ мегиранд). Хонандагон доираи дониши худро дар ҷараёни таълим, дар натиҷаи корҳои ҷамъиятӣ, иштирок дар маҳфилҳо ва дарсҳои иловагӣ васеъ мекунанд. Барномаи мактабӣ барои ғанӣ гардонидани дониши хонандагони синфҳои ибтидоӣ тавассути таълими фанҳои зерин пешбинӣ шудааст: табиатшиносӣ, хониш, забонҳои русӣ ва модарӣ.

Ташкили омӯзиши минтақавии мактабҳо, ки аз омӯзиши хусусиятҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таърихии сарзамини ватанӣ иборат аст ва манбаи ташаккули мафҳуми ватандӯстӣ дар байни хонандагони мактаб мебошад, дар тарбияи ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватани худ мусоидат менамояд. Таърихи маҳаллӣ метавонад хислати ҷустуҷӯӣ дошта бошад. Вазифаҳои муассисаҳои илмиро хонандагон иҷро намуда, анъанаҳои меҳнатӣ ва ҳарбии мардуми худро меомӯзанд ва тарғиб мекунанд. Мутаассифона, имрӯзҳо дар байни имкониятҳои потенсиалии мактаб ва татбиқи онҳо бо мақсади ташаккули худшиносии миллӣ ва рафтори хонандагони синфҳои ибтидоӣ номутобиқатӣ мавҷуд аст. Дар мундариҷаи маълумот, ба назари мо, ба таърих, фарҳанг, забон ва санъати миллӣ диққати махсус додан лозим аст. Курсҳои умедбахшу ояндадор этнография, фолклор, таърихи дин, театр ва ҳунарҳои мардумӣ мебошанд. Мо бояд дар бораи эҷодиёти даҳонакии халқ бештар маводҳоро омӯзем. Таърихи фарҳанги ҳар як миллат аз эҷодиёти халқӣ сар мешавад. Эҷодиёти даҳонакии халқ яке аз воситаҳои муҳимтарини нигоҳ доштани худшиносии миллӣ, фарҳанг, анъана ва расму оинҳо буд.

Ҳамин тавр, худшиносии миллӣ дар зери таъсири омилҳои объективӣ ва субъективӣ ташаккул меёбад. Омилҳои объективӣ мавҷудияти чунин унсурҳои худшиносии миллиро, ба мисли ғояи таърихи гузаштаи миллат, ҷомеаи ҳудудӣ, манфиатҳои миллӣ, муайян мекунанд, ки асоси онҳо ҳаёти иҷтимоии мардум мебошанд. Омилҳои субъективӣ дар ташаккули худогоҳии миллӣ - манфиатҳо ва эҳтиёҷот, ки қувваҳои ҳаракатдиҳандаи худогоҳии худ мебошанд, иштирок менамоянд. Гузариши шуури миллӣ ба худшиносӣ танҳо дар зери таъсири қувваҳои ҳаракатдиҳандаи дохилӣ, ки дар шакли талаботҳои бошуурона иҷро карда мешаванд, ба амал меояд. Мактаби ибтидоӣ яке аз омилҳои муҳимми таъсири мақсаднок ва муназзам ба худшиносии миллӣ мебошад.

**Муқарриз: *Юнусова М.Н.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдуллаев С. Развитие высшего образования в Таджикистане / С. Абдуллаев. –Худжанд, 1996. -238с.
2. Ананьев Б.Г. Познавательные потребности и интересы / Б.Г. Ананьев. Ученые записки ЛГУ. Психология. - 1959. -355с.
3. Ананьин С.А. Интерес к научению в современной психологии и педагогике / С.А. Ананьин. -Киев, 1975. -С.33.
4. Аристова Л.П. Активность учения школьников / Л.П. Аристова. М., Просвещение, 1968. -201с.
5. Архипов А.П. Создание условий для проявления успеха как формирования положительного отношения к деятельности / А.П. Архипов. Ученые записки Красноярского педагогического института, т. VIII, вып. 2. Красноярский рабочий, 1957.
6. Бабанский Ю.К и др. Педагогика. / Ю.К. Бабанский, Т.А. Ильина, Н.А. Сорокин. - М., 1983.-С.76.
7. Байсеркеев Л. Методические основы формирования активной позиции педагогически запущенных детей / Л. Байсеркеев. Поиск.- 1998.- №1.-С.22.
8. Беляев М.Ф. Основные положения психологии интереса / М.Ф Беляев. Учение записки Иркутского педагогического института, вып.V, 1940. -С.12.
9. Беляева Н.А. Пути повышения интереса к учению / Н.А. Беляева // Материалы научной конференции, т.II, кн.1 Новосибирск, 1958.
10. Грачева А.М. Журнал региональной истории. / А.М. Грачева.

11. Новосибирск 1998. -С.23.
12. Дашдамиров А.Ф. Нация и личность / А.Ф. Дашдамиров. –М., 1966. 201с.
13. Козлов В.И. Люди особого склада / В.И. Козлов. –М., 1969. – С.45
14. Сухомлинский В.А. Сердце отдаю детям / В.А. Сухомлинский. –М., 1985. -557 с.
15. Юнусов М.С. Побег из тьмы / М.С. Юнусов. –М.: Просвешение. 1973. -С 98.

## ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ МАҲСУЛИ РУШДИ ИҶТИМОИИ ҶАВОНОН

Мақола роҷеъ ба масоили мубраме, ки ба рушд ва ташаккули худшиносии миллӣ таъсир мерасонанд, бахшида шудааст. Ташаккули худшиносии миллӣ ва таҷрибаи зиндагӣ дар мактаббачагони хурдсол на танҳо аз омӯзгорон, балки ҳамчунин аз худи онҳо низ вобаста аст. Хонандагон дар ин самт бояд дар худ сифатҳои интизомнокӣ, ташаббускорӣ, шуурнокӣ, мақсаднокиро ташаккул диҳанд. Дар мақолаи мазкур раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагон, хусусияти худшиносии миллӣ, таъсироти омилҳои беруна ва дохилӣ, дарки арзишҳои миллӣ, ташаккули бошуурона ва фаъолонаи худшиносии миллӣ, анъанаҳо ва расму оинҳои халқӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои тадқиқот чунин сифатҳои мактаббачагони хурдсол муайян карда шуданд: пешбар, нигаҳдоранда, давомдиҳандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ, забон ва фарҳанг, ворниси гузаштагон, омӯзандаи хусусиятҳои табиӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таърихии.

**Калидвожаҳо:** худшиносии миллӣ, омилҳои объективӣ ва субъективӣ, забони миллӣ, фарҳанги миллӣ, арзишҳои миллӣ, анъанаҳо ва урфу одатҳои халқӣ, ватандӯстӣ.

## НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОСОЗНАНИЕ - ПРОДУКТ СОЦИАЛЬНОГО РАЗВИТИЯ ЛИЧНОСТИ

Статья посвящена актуальным проблемам, влияющим на развитие и формирование национального самосознания. Формирование самосознания и жизненного опыта у младших школьников зависит не только от учителей, но и от них самих. Учащиеся должны развивать дисциплинарные качества, целостность, инициативность, бдительность. В статье проводится теоретический анализ процесса формирования национального самосознания ученика, характера национального самосознания, влияния целевых, внешних и внутренних факторов, понимания национальных ценностей, сознательного и активного формирования национального самосознания, национальных традиций и обычаев. В древности с малых лет люди были вежливы со взрослыми, не оскорбляли их, не отворачивались от них. Всегда здоровались со взрослыми поклоном, положа руки себе на грудь. Дети обычно не становились перед взрослыми и не делали того что считалось постыдным. Кроме того, детям не рекомендуется сидеть на кровати перед взрослыми, скрещивать руки или опираться на спину. На основании результатов исследования были определены следующие характеристики младших школьников: ведущие, сохраняющие, продолжающие факторы социально-экономической жизни, язык и культура, наследование прошлого и настоящего нации, изучение природных, социально-экономических и исторических особенностей родины.

**Ключевые слова:** национальное самосознание, объективные и субъективные факторы, национальный язык, национальная культура, национальные ценности, национальные традиции и обычаи, патриотизм.

## NATIONAL SELF- AWARENESS IS A PRODUCT OF THE SOCIAL DEVELOPMENT OF THE INDIVIDUAL

The article is devoted to current issues affecting the development and formation of national identity. The formation of self-awareness and life experience among younger students depends not only on teachers, but also on themselves. Students in this field should develop disciplinary qualities, integrity, initiative, and vigilance. The article provides a theoretical analysis of the process of forming a student’s national identity, the nature of national identity, the influence of target, external and internal factors, understanding of national values, conscious and active formation of national identity, national traditions and customs. In ancient times, from an early age, people were polite with adults, did not insult them, did not allow them, did not turn away from them. They always greeted adults with a bow, putting their hands on their chest. Children usually did not put their feet on the ground in front of adults and did not rely on anything or anyone, which was considered shameful. In addition, children are advised not to sit on the bed in front of adults, cross their arms, or lean on their backs. Based on the results of the study, the following characteristics of primary schoolchildren were determined: leading, preserving, continuing socio-economic life, language and culture, inheritance of the past and present nation, study of the natural, socio-economic and historical features of the homeland.

**Key words:** national self-awareness, objective and subjective factors, national language, national culture, national values, national traditions and customs, patriotism.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ахмедова Манижахон Фаррухҷоновна*** Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, омӯзгори кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:**. 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи. Мавлонбеков, 1. Телефон: **937750800;** E-mail: **Manija94farrukhi@mail.ru,**

***Усмонов Аҳадҷон Аҳмадҷонович*** -Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров, омӯзгори кафедраи педагогикаи умумӣ. **Суроға:**. 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, гузаргоҳи. Мавлонбеков, 1. Телефон: **938858484**; E-mail: **Samson1193@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Ахмедова Манижахон Фаррухджоновна*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, преподаватель кафедры общей педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. Телефон: **937750800;** E-mail: **Manija94farrukhi@mail.ru**
***Усманов Ахаджон Ахмаджонович*** - Худжандский государственный университет имени академика Б.Гафурова, преподаватель кафедры общей педагогики. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, пр. Мавлонбекова, 1. Телефон: **938858484**; E-mail: **Samson1193@mail.ru**

**Information about the author: Akhmedova Manizhakhon Farrukhdzhonovna -** Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the Department of General Pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. Phone: **937750800;** E-mail: **Manija94farrukhi@mail.ru**
***Usmanov Akhadzhon Akhmadzhonovich*** **-** Khujand State University named after academician B. Gafurov, lecturer at the Department of General Pedagogy. **Address:** 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov Ave., 1. Phone: **938858484;** E-mail: **Samson1193@mail.ru**

**УДК:372.8.4**

# ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ МУСТАҚИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ИХТИСОСҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ

***Садуллоева М.Б.***
**Донишгоҳи давлатии педагогии Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Ташаккули ҳама гуна консепсияҳои методологии муосир, дар навбати аввал, аз рӯйи нишондодҳои арзишӣ, ҷаҳонбинӣ ва ҳамчунин заковатмандӣ ва гуногуншаклии талаботҳои маънавию фарҳангии ҷомеа муайян карда мешавад. Вале сохтори омилҳои зикршуда на ҳамеша якхела мебошад, ки он ба мушкилоти интихоб ва муайян сохтани аввлавиятҳо, чи дар методологияи умумӣ ва чи дар ҳалли масоили методии характери хусусӣ дошта оварда мерасонад.

Дар робита бо ин, рушди низоми таълими бисёрзабонӣ барои донишҷӯёни донишгоҳ ба як мушкилоти бунёдӣ ва мураккаби илмӣ табдил ёфтааст, ки ҳалли он, пеш аз ҳама, аз ҷомеа талаб менамояд, ки ба таҷрибаи андухтаи фарҳангӣ такя намояд. Зеро таҷрибаи андухтаи фарҳангӣ имконият медиҳад, ки моҳияти тамаддуни муосир дарк карда шавад ва дар чорчӯбаи муҳиммияти он фаъолият мақсаднок ба роҳ монда шавад.

Дар чаҳоряки аввали ҳазорсолаи сеюм нақши забон ҳамчун воситаи муошират тағйир ёфта истодааст. Он барои дастрасӣ пайдо намудан ба «захира»-ҳои ҷаҳонии дониш шароит фароҳам меорад. Дар ин росто дар назди инсон имконияти аз муайянкунандаҳои миллию этникӣ дур шудан ва аз худ намудани низомҳои фарҳангӣ ва забонҳои нав ва ё ин ки интихоби бошууронаи забон ва фарҳанге, ки мавҷудияти ӯро ҳамчун узви ҷомеа муайян мекунанд, пайдо мешавад.

Озодии худмуайянкунии забонию фарҳангӣ, аз як тараф, бо сарҳадҳои кушод ва имкониятҳои муошироти байнифарҳангӣ вобаста аст. Аз тарафи дигар, он ба воситаҳои бешумори электронии муошират, ки минбаъд низ ҷараёнҳои иттилооти рақамии бисёрзабониро муттаҳид менамоянд ва барои ташаккули шуури умумисайёравӣ мусоидат хоҳанд кард, иртибот дорад. Онҳо истифодабарандагонро маҷбур месозанд, ки байни ҳамдигар дар доираи забон ва фарҳангҳои мухталиф робита барқарор намоянд.

Талабот барои дастрасӣ пайдо кардан ба манбаъҳои иттилоот ва омӯзиши забонҳои дигар ҷиҳати фаҳмидани моҳияти арзишҳои тамаддуну фарҳанги ҷаҳонӣ торафт меафзояд. Ана дар ҳамин хусусият мушкилоти асосии бисёрзабонӣ инъикос ёфтааст, ки он ҳамеша бо ҷомеаи ҳуқуқии миллию этникӣ ҷиҳати маҳфуз доштани арзишҳои забонию фарҳангӣ ва ҳуқуқи фард ба озодии интихоби забон ва фарҳанг дар ҳолати моҷаро қарор дорад.

Дар чунин шароит дар назди низоми таҳсилот вазифаҳои нави боз ҳам мушкилтар қарор мегиранд, ки бо тавсеаи мавҷудияти контекстуалии фардият ва гуногунрангии

забону фарҳанги омӯхташаванда алоқаманд мебошанд. Суханҳои Л. Витгенштейн - «сарҳадҳои забони ман – сарҳадҳои ҷаҳони ман мебошанд», дар робита ба масъалаи зикршуда оҳанги нав пайдо карда, як навъ даъвате барои васеъ шудани сарҳадҳои шуури лингвистӣ ва бардошта шудани монеаҳои байнифарҳангӣ ба шумор меравинд.

Хатмкунандаи замони муосир барои аз худ кардани забони хориҷӣ ҳамчун воситаи иртибот ва барқарор намудани «гуфтугӯи тамаддунҳо», аз ҷониби намояндагони муҳити иҷтимоии дигар даъват мешаванд. Бинобар ин, раванди таълими низомҳои гуногуни лингвистӣ бояд стратегия, гунанокии зиёд ва тағйиротро ҳам дар назар дошта бошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ғояи ташаккули салоҳияти бисёрзабонӣ дар таҳсилот ҳанӯз 50 сол қабл, вобаста ба ҷомеаҳои миллию этникии дар кишварҳои аврупоӣ ва ИМА нисбатан зиёд гашта ба миён омада буд.

Дар замони муосир Иттиҳоди Аврупо таълимгирандагонро ба забономӯзӣ даъват менамояд. Таҷдид ёфтани низоми умумиаврупоии салоҳиятҳо, ки онро ғояҳои плюралингвизм ва гуногунфарҳангӣ таҳким мебахшанд, дар ин бобат гувоҳӣ медиҳад. Маълум аст, ки дар робита ба тағйирёбиҳои ҷиддию назарраси шароитҳое, ки дар он инсони муосир умр ба сар мебарад, мақсад, мазмуну мундариҷаи таҳсилоти муосир низ дигаргун мешаванд, зарурат ба таҷдиди назар ва мукаммалгардонии салоҳиятҳои қаблан коркардашуда ба миён меояд. Вобаста ба ин, дар Аврупо мафҳуми нав - «modes of communication» ба вуҷуд омадааст, ки дар худ навъҳои фаъолияти коммуникативии амсоли ретсепсия, продуксия, интераксия ва медитатсияро фаро мегирад. Зуҳуроти охир гувоҳи он аст, ки бештар ба омода кардани хонандагоне, ки дар ҷомеа нақши «оҷонсии байнифарҳангӣ»–ро иҷро карда метавонанд, таваҷҷуҳ зоҳир карда мешавад. Дар натиҷа хусусияти байналмилалӣ пайдо кардани бисёрзабонӣ ба талаботи рӯзмарра табдил ёфта, чун яке аз омилҳои муҳимми зинда мондани шахсият дар дунёи муосир эътироф карда мешавад.

Робитаҳои забонӣ дар соҳаи таҳсилот ва маориф, иқтисодиёт ва сиёсат, фарҳанг ва санъат ва ҳамчунин ҷаҳонишавии илм ва технология, ба болоравии нуфузи мутахассисони забондон мусоидат карда, афзалияти бечуну чарои онҳоро таъмин менамояд. Инчунин, дар шароити ҳамкориҳои мутақобилаи низомҳои таҳсилоти Тоҷикистон, Россия ва дигар кишварҳои Аврупо, истилоҳи «бисёрзабонӣ» бештар бо мафҳуми «мултилингвизм» иваз карда мешавад, ки он аз як тараф, роҳҳои дастрасӣ ба дастовардҳои бешумори фарҳангу илм ва техникаи ҷаҳониро таъмин намояд, аз тарафи дигар, истифодаи забони англисӣ ва ё забони хориҷии дигари алтернативии барои ҳалли низоъҳои байниқавмӣ ва байнифарҳангӣ, ба вуҷуд омадани шароитҳо барои ташкили гуфтугӯ ва ё сохтани ба истилоҳ «пулҳои иртиботӣ» дар муҳити «ғайридиалогии фарҳангҳо» хизмат карда метавонанд.

Табиати инсонгароӣ доштани он дар раванди фаъолияти якҷояи намояндагони лингвосотсиумҳои гуногун бо нигоҳ доштани асолати фарҳангӣ, хусусиятҳои этникӣ ва аломатҳои миллӣ бармало мушоҳида карда мешавад ва аҳамияти амалӣ пайдо мекунад.

Дар таълими забони хориҷӣ баррасии мазмуни мафҳуми забони хориҷӣ, нақши он, махсусият ва вазифаҳои он ба мақсад мувофиқ мебошад. Ба назари мо, забони хориҷӣ монанди дигар низомҳои забонӣ маҳсули ҷамъиятию таърихӣ ба шумор меравад, ки дар он таърихи халқ, фарҳанги он, низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, анъанаву урфу одат ва ғайраҳо инъикос меёбанд.

Махсусияти забони хориҷӣ ва тафовути онро аз дигар фанҳои дар донишгоҳ тадрисшаванда ишора намуда, Я.А. Пискунова ду хусусияти асосии онро қайд мекунад. Ба хусусияти аввалин таркиби онро нисбат додан мумкин аст, зеро забони хориҷӣ асоси ягон фанни дигарро (масалан, физика, таърих ва ғайраҳо), ки вазифаи онҳо мусаллаҳ намудани донишҷӯён бо донишҳо дар бораи робита ва қонуниятҳои ашё ва ҳодисаҳои олами объективӣ ба шумор меравад, ташкил намедиҳад.

Бино ба андешаи Я.А.Пискунова, хусусияти дуюми забони хориҷӣ аз он иборат мебошад, ки аз худ намудани забони хориҷӣ воситаи комёб шудан барои донистани мақсаду моҳияти ашё, мақсадҳои фаъолият дар маҷмӯъ, ҷиҳати ба даст овардани иттилооти нав аз манобеи дигари аз забонҳои хориҷӣ гирифта шуда, муошират бо

хориҷиён, табодули иттилоот, баланд бардоштани дараҷаи фарҳангӣ низ ба шумор меравад [5].

Пӯшида нест, ки омӯзиши забони хориҷӣ дар ташаккули шахсият нақши муассир дорад. Пеш аз ҳама, омӯзиши забони хориҷӣ ба донишҷӯён имконияти шиносоӣ пайдо кардан бо фарҳанги хориҷӣ, рӯ ба рӯ шудан бо маданияти барояшон номаълум ва ё қисман маълум, дарки анъанаҳо ва сарфаҳм рафтан ба хусусиятҳои фарҳанги навро фароҳам меорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар ҷараёни омӯзиши забони хориҷӣ дар донишҷӯён чунин сифатҳои нав – дарк намудан ва қабул доштани фарҳанги бегонагон, таҳаммулпазирӣ, васеъ гардидани ҷаҳонбинӣ ташаккул ва тарбия меёбанд. Зиёда аз ин, моҳияти фарҳанги дигарро дарк намуда, онро ба маданияти халқи худ муқоиса карда, аломатҳои фарҳанг ва байнифарҳангиро омӯхта, донишҷӯён ҳарчи бештар қимати фарҳангу маданияти миллати худро дарк менамоянд.

С. Алптекин ба масъалаи омӯзиши забони хориҷӣ муроҷиат намуда, менависад, ки аз худ намудани забони хориҷӣ ба як навъи бефарҳангшавӣ оварда мерасонад, ки дар он низоми нави ақидаҳо ва ҷаҳонбинии нав, ки дар зиндагӣ ва фарҳанги соҳибони забони хориҷӣ инъикос меёбад, мушоҳида карда мешавад.

А. С. Ишенбаев, дар навбати худ, роҷеъ ба масъалаи мазкур менависад, ки ҳангоми омӯхтани забони хориҷӣ таълимгирандагон бо фарҳанги воқеии барояшон нав рӯ ба рӯ шуда, барои донистани ҷаҳони тағйирёбандаву номаълум дастрасӣ пайдо менамоянд. Ба ибораи дигар, бино ба гуфтаи муаллифи мазкур, шахсият барои худ олами наверо тавассути забон кашф мекунад. Ба фарҳанги миллии бегона ворид гардида, шахсият ба маънавиёти халқи дигар ошноӣ пайдо мекунад ва барои дар амалия татбиқ намудани муносибати интерфарҳангӣ барояш имконият фароҳам мегардад.Чун қоида, таълими забони хориҷӣ кори хеле заҳматталаб мебошад, ки сарфи қуввату ғайрати пайвастаро аз ҷониби донишҷӯён тақозо менамояд, чунки барои ба омӯзиши забон пурра муваффақ шудан, дар амал татбиқ намудани донишҳои ҳосилкарда ва такмил додани малакаҳои забонӣ муҳим мебошад [2].

Чунин меҳисобем, ки бо назардошти манфиатҳо, шавқу завқ ва қобилияти таълимгирандагон истифодаи методҳои гуногуни таълим имконпазир мегардад. Таҷрибаи дар таълими забони хориҷӣ ҳосилнамудаи мо нишон медиҳад, ки донишҷӯён забони хориҷиро тавассути бозиҳои интерактивӣ бо шавқи зиёд меомӯзанд; инчунин ба гурӯҳи дигари донишҷӯён омӯзиши забони хориҷӣ аз тариқи истифодаи воситаҳои аудиоӣ ва видеоӣ осонтару сабуктар даст медиҳад; донишҷӯёни дигар бошанд, тамоми қобилиятҳои худро ҳангоми муошırати шифоҳии бевосита нишон дода метавонанд.

Тадқиқоти муҳаққиқи хориҷӣ Алтмен Х.Б. низ қобили таваҷҷуҳ мебошад. Мушкилоти инфиродӣ кунонидани таълими забони хориҷиро тавзеҳ дода, муаллиф принсипҳои асосии онро ин тавр муайян кардааст:

-силлабус бояд ба талабот, қобилиятҳо ва майлу рағбати ҳар як донишҷӯ ҷавобгӯ бошад;

-мақсадҳои инфиродикунонидашуда, аҳамият ва натиҷаҳои чашмдори донишҷӯён ба даст оварда шаванд;

- методҳои таълим ба талаботи донишҷӯён мувофиқ бошанд [8].

Аз таҷрибаи корӣ маълум аст, ки донишҷӯён бо майли тамом дар муошират ширкат варзида, ҳангоми пурра мувофиқ омадани мавзӯи таълимӣ бо нуқтаи назари шахсию инфиродияшон фикри худро бевосита баён месозанд.

Принсипи инфиродикунониро дар раванди таълими забони хориҷӣ татбиқ карда истода, муносибати мазкурро дар машқҳои таълимӣ истифода бурда, дар муқаддима ва мустаҳкам намудани мавзӯи нав донишҷӯёнро ба фаъолияти бошууронаи таълимӣ ҷалб намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

Мавзӯи таълимӣ бояд бо назардошти таҷрибаи шахсӣ, майлу рағбати донишҷӯ пешниҳод карда шавад.

Нақши таҳсилоти олӣ дар замони муосир дар тамоми дунё дигаргун шуда истодааст.Таҳсилоти олӣ ба соҳаи калидии фаъолияти одамон табдил ёфта, аз самаранокии он дурнамои рушди на танҳо як инсони ҷудогона, балки шаҳрвандони як

кишвар дар маҷмӯъ вобастагӣ дорад. Барои пешрафти илмӣ-техникӣ дар ҳама гуна давлат мавҷуд будани теъдоди зиёди мутахассисони соҳибкасбу баландтахассус муҳим мебошад.

Дар замони муосир, бо тавсеа ёфтани ҳамкориҳои мутақобила бо кишвари Россия, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил ва кишварҳои хориҷи дур, дар соҳаҳои гуногун бо дарназадошти афзун гардидани аҳамияти омузиши забонҳои хориҷӣ дар ҳаёти инсони муосир, дар донишгоҳҳо ба дурнамои омода намудани мутахассисони забондон, босалоҳият, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ ва хусусан мутахассисоне, ки соҳиби донишҳои баланди лингвистӣ, касбӣ ва салоҳиятҳои мувофиқи касбӣ мебошанд, афзалият дода мешавад. Дар робита бо ин, масъалаи таълими самараноки забони хориҷӣ дар оянда низ чун масъалаи мубрам боқӣ хоҳад монд ва он бо гуногунҷанбагии худ фарқ карда, омӯзиши амиқи омилҳо, инчунин муносибати инноватсионию эҷодии омӯзгорони забони хориҷиро тақозо дорад, ки баъзе ҷанбаҳои он дар корҳои илмӣ-тадқиқотии муҳаққиқони хориҷӣ ва рус (И.А.Зимняя, Ҷ.Хармер, Х. Гарднер, С.Алптекин, Я.А. Пискунова, Е.И.Пассов ва дигарон) инъикос ёфтаанд.

Мо ҷонибдори мавқеи муҳаққиқ И.А. Зимняя ҳастем, ки изҳор доштааст, ки дар таълими забони хориҷӣ баррасии маъно ва мафҳуми забони хориҷӣ монанди ҳама гуна низомҳои забонии дигар маҳсули иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошад, ки дар он таърихи халқ, фарҳанги он, низоми муносибатҳои иҷтимоӣ, урфу одатҳо инъикос меёбанд [1, с.25].

Муваффақияти таълимро як қатор омилҳо муайян мекунанд. Мо танҳо ба ҳамон омилҳои муҳимме, ки ба таълими забони хориҷӣ дар доираи таҳсилоти донишгоҳҳои ғайризабонӣ марбут мебошанд, таваққуф хоҳем кард. Таълими забони хориҷӣ раванди мақсаднокест, ки ҳадафи он, қабл аз ҳама, дар донишҷӯён ташаккул додани салоҳиятҳои иртиботӣ ба шумор меравад. Дар робита ба ин, чунин меҳисобем, ки барои омӯзиши забони хориҷӣ аз ибтидо бояд шароитҳои комили дидактикӣ ва барои рушди малакаҳои коммуникативии донишҷӯён муҳити мувофиқе, ки барои бомуваффақият амалӣ намудани донишҳо дар вазъиятҳои мухталифи коммуникативӣ мусоидат карда тавонад, ташкил кардан лозим аст.

Дар таҳқиқоти И.А. Зимняя оид ба баррасии механизми гуфтор (говорения) сухан меравад. Муаллиф, барои баррасии механизми гуфтор бо ҳавасмандии бевосита, ҳамчун намуна вазъиятеро аз лаҳзаи дарс, ҳангоми ба назди тахта даъват намудани хонанда ҷиҳати суҳбат оростан, нақл кардани мазмуни матн, андешаҳои худро дар мавзӯи муайян баён кардан мисол овардааст. Муаллиф қайд мекунад, ки барои муоширaт меъёр муҳим аст, ки ба он талабот вуҷуд дошта бошад. Гарчанде ки маҳз дар чунин ҳолатҳо нарасидани омили муҳимми таълим, монанди шавқу ҳавас, бедор кардани ҳавасмандӣ, таваҷҷуҳ барои иҷрои ҳамин амал дар мавриди гуфтор мушоҳида карда мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки мо дар бораи самаранокии таълим чизе гуфта наметавонем, агар ҳавасмандӣ мавҷуд набошад. Чи тавре ки И.А. Зимняя қайд мекунад: «Забони хориҷӣ ҳамчун забони модарӣ воситаи ифодаи фикр аст, аммо фикр ҳамон вақт шавқу ҳавасҳоро ба таҳрик медарорад, ки ба он талабот вуҷуд дошта бошад. Фикри асоснок воситаи ифодашавиро ёфта метавонад» [3].

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар таълими забони хориҷӣ ҳавасмандии фаъолияти фикрии донишҷӯён яке аз вазифаҳои муҳимми омӯзгорон ба ҳисоб меравад ва он аз маҳорат ва татбиқи моҳиронаи воситаҳои педагогӣ вобаста мебошад. Бино ба мушоҳидаҳои мо, барои ҳавасманд гардонидан ба нутқи гуфтугӯии донишҷӯён, шароитҳои зарурино муҳайё кардан муҳим мебошад, омӯзиши мавзӯъҳои таълимиро шавқовару ҷолиб ташкил кардан, онро бо таҷрибаи шахсии донишҷӯён марбут сохтан, дар онҳо бедор намудани ҳисси шавқмандӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

Фароҳам овардани шароити мусоид барои ноил шудан ба комёбиҳо ва ташкили муҳити таълимӣ ва ҳолатҳое, ки дар донишҷӯён талаботи кор кардан аз болои супоришҳои таълимиро ба вуҷуд меорад, онҳоро барои иҷрои супориш ҳавасманд месозад, дарки муҳиммияти воситаҳои забониро таъмин мекунад ва омӯзишро бо лаҳзаҳои мусбату ҳиссиёти хуб ғановат мебахшад, ки дар натиҷаи он худи раванди таълим ҷолибтар мегардад. Омӯзиши чизи нав ба таълим моҳияти шахсӣ (инфиродӣ)

мебахшад, барои таълими босамар ва муваффақ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Чун қоида, барои он ки донишҷӯ барои иҷрои супориши таълимӣ омода шавад, қаблан барои иҷро таваҷҷуҳи худро мутамарказ месозад, тамоми саъю кӯшиши худро барои омӯхтан ва ҳавасманд будан равона менамояд.

Ҷон Дюи қайд мекунад, ки шавқу ҳавас чун асоси нақшаи хуби таълимӣ ва омӯзиш хизмат менамояд. Дар робита ба ин масъала муаллиф пешниҳод менамояд, ки таваҷҷуҳи донишҷӯёнро маҳз ба ҳамон ашё ва аспектҳое, ки ба таври бунёдӣ ба донишҷӯён мутобиқат доранд, ҷалб намудан лозим аст, дар акси ҳол шавқу ҳаваси пайдошуда хусусияти лаҳзавӣ мегирад.

Дар навбати худ Т.Г. Туова менависад, ки барои он ки диққати толибилмон ба самти зарурӣ равона карда шавад, шавқу ҳаваси онҳоро нисбат ба фанни омӯхташаванда бедор ва дастгирӣ кардан зарур мебошад. Бо ин мақсад, номбурда ба омӯзгорон тавсия медиҳад, ки дар тадриси фанни таълимии худ паҳлуҳои наверо барои омӯзиш ҷудо намоянд, то ки дар дарсҳо вазъияти проблемавӣ ба вуҷуд оранд, бо навгониҳои маводи таълимӣ донишҷӯёнро ҳавасманд созанд. Дар ҳавасмандӣ нақши дастгирии шавқу завқи донишҷӯён ба омӯзиши забони хориҷӣ ва ҳамчунин вариантнокии воситаҳои педагогӣ, ки дар машғулиятҳои таълимӣ ба кор мераванд, хеле муҳим мебошад [6].

Ба ҳисоб гирифтани он ки бо вуҷуди самарабахш будани методҳои ҷудогона, дер ё зуд онҳо таъсири худро гум мекунанд, низ муҳим мебошад. Дар ин ҷода омӯзгорон, хусусан омӯзгорони забони хориҷиро бояд пайваста дар ҷустуҷӯи фикри тозаву ғояи нав, методҳои нав бошанд, ки бо мазмун ва шакли дарсҳои забони хориҷӣ мутобиқ ҳастанд.

Зимнан қайд кардан ҷоиз аст, ки мафҳуми «автономия ё худмухторӣ» ҳаммаъно мебошад. Аз ибтидо Х. Холек автономияи таълимро ҳамчун «қобилиятнокӣ барои фаъолияти таълимӣ нисбат ба ҳамаи ҷанбаҳои ҳамин фаъолияти таълимӣ» баррасӣ намуда буд ва бисёр муҳаққиқони соҳа (Д. Литтл, Ҷ. Трим, Л. Мариани, Ф. Бенсон, А. Пенникук ва дигарон) ин нуқтаи назарро дастгирӣ карда, ба он тавсифоти ҳамчун қобилиятнокии ба фаъолияти мустақилона нигаронидашуда, қабули қарор, худидоракунӣ ва назорати фаъолияти худро илова кардаанд. Д. Литтл низ муҳим будани раванди таълимро дар ташаккули худмухторӣ (соҳибихтиёрӣ) қайд карда, мегӯяд, ки агар соҳибихтиёрии инфиродии донишҷӯён дар матнҳои дигар (ғайритаълимӣ) тағйир ёфта тавонад, он гоҳ вай минбаъд ба муҳити таълимӣ вобаста намебошад ва моҳияти мусбат ё манфӣ пайдо карда метавонад. Дере нагузашта ақидаҳои дигар нисбат ба табиат ва моҳияти соҳибихтиёрии донишҷӯён пайдо мешаванд. Ҳамин тавр, Д. Дикинсон ва як идда муҳаққиқони дигар ин мафҳумро ҳамчун «масъулиятнокӣ барои қабул ва амалӣ намудани корҳое, ки ба фаъолияти минбаъдаи донишҷӯ» равона шудааст, баррасӣ мекунанд.

Чи тавре ки мушоҳида мекунем, оид ба мафҳуми «соҳибихтиёрии таълимӣ» нуқтаи назарҳо гуногун буда, гурӯҳе онро чун маҷмӯи қобилиятҳое, ки барои мустақил будан дар фаъолияти таълимӣ зарур мебошанд ва гурӯҳе ҳамчун омодагӣ ба соҳибихтиёрӣ дар таълим номидаанд. Истисно аз ин, таърифи соҳибихтиёрии таълимӣ ҳамчун шакли фаъолият, вазъият, вақте ки донишҷӯён тадқиқоти худро мустақилона мегузаронанд ва ҳамчунин онро чун ҳуқуқ барои интихоби самти таълимӣ баррасӣ мекунанд, низ вуҷуд дорад.

Барои тадқиқоти мо нуқтаи назари Рэтбоу оид ба нақши аввалиндараҷа доштани соҳибихтиёрии таълимии худи хонанда, ки субъекти фаъоли фаъолияти таълимӣ ба ҳисоб рафта, аз зуҳуроте мафҳум ва маънии зарурииро гирифта метавонад, муҳим мебошад. Яъне, яке аз ҷанбаҳои асосии ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ноил шудан ба таҷрибаи таълимӣ ба шумор меравад.

Муқоисаи теъдоди тадқиқоти дар миёнаҳои асри XX ва дар замони муосир гузаронидашуда, ки ба масоили соҳибихтиёрии хонандагону толибилмон бахшида шудаанд, нишон медиҳад, ки дар шароити имрӯза ҳаҷми корҳои илмӣ-тадқиқотӣ оид ба омӯзиши соҳибихтиёрии таълимӣ дар кишварҳои хориҷӣ рӯ ба афзоиш ниҳодааст. Ин ҷиҳат, ба ақидаи аксари муҳаққиқон, ба сифати мақсадҳои таҳсилот ворид шудани

рушди мустақилиятнокии хонандагон ба стандартҳои миллии таҳсилоти кишварҳои аврупоӣ алоқаманд мебошад. Аз ин ҷо стратегияҳо ва технологияҳои гуногуни ташаккули соҳибихтиёрии таълим ва таҳсилот ба миён омадаанд.

Бунёди муҳити таълимӣ ва амалӣ намудани шаклҳои фаъоли фаъолияти якҷояи омӯзгор ва донишҷӯ, тибқи мулоҳизоти аксари муҳаққиқони хориҷӣ, омилҳоии муҳимми рушди мустақилияти таълим ба шумор мераванд, ки дар оянда барои ташаккули соҳибихтиёрии таҳсилот мусоидат мекунанд.

Дар робита ба ин масъала Симмерман қайд мекунанд, ки дастгирии мувофиқ дар рушди қобилиятҳои донишҷӯён барои таълими мустақилона ва ҳамкорӣ дар бунёди стратегияҳо ва муносибатҳое, ки таҳсили онҳоро мувофиқ мегардонанд, мусоидат менамояд.

Дар натиҷаи таҳкими чунин тамоилҳо, равияи оммавишуда дар мактабҳои олии Ғарб шакли таълими мустақилонаи донишҷӯён бо унвони «peer teaching» мебошад, ки зимни он толибилмон дар омодагӣ ба машғулиятҳо ва супоридани имтиҳонот дар гурӯҳҳо муттаҳид мешаванд ва ё ба таври инфиродӣ ба якдигар ёрӣ мерасонанд.

Ҳамкории байни тютерҳо, лекторҳо, омӯзгорон ва донишҷӯён низ, дар раванди ҷустуҷӯ ва омодагиҳои мустақилона муҳим мебошад.

Ба ҳар ҳол, қайд мекунанд Шарли ва Сабо, қабл аз ба чунин корҳо оғоз кардан, сатҳи дониш ва ҳавасмандии донишҷӯёнро муайян кардан зарур мебошад. Ба қавли онҳо, раванди ташаккули соҳибихтиёрӣ се марҳаларо фаро мегирад:

- баланд бардоштани сатҳи маълумотгирии донишҷӯён;
- тағйир ёфтани муносибат ба худи раванд;
- табдили нақшҳо аз объекти пассив ба субъекти фаъол.

**Муқарриз: *Исмоилзода Э.* – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Астахова Л. Г., Буслаева Е. Н. Особенности развития личности современных подростков // Л. Г.Астахова, Е. Н. Буслаева. European research. 2015. – №10 (11). – С. 32– 38.
2. Витгенштейн Л. Лекция об этике // Л.Витгенштейн. Историко-философский ежегодник. –М., 1998. – С. 238-245.
3. Ишанбаева А.С. Странаведческий материал как содержательная основа коммуникативных игр. А.С. Ишанбаева //Сборник научных трудов магистрантов Института Лингвистики. – Бишкек, 2008.
4. Зимняя И. А. Психология обучения иностранным языкам. И. А. Зимняя. – М.: Просвещение, 1991. – 222 с.
5. Иванников В.А. Психология обучения иностранным языкам. В.А. Иванников М.: Наука, 1991. – С.156.
6. Махмутов М.И. Проблемное обучение: Основные вопросы теории. М.И. Махмутов. – М.: Педагогика, 1975. – 368 с.
7. Обухова Л.Ф. Детская возрастная психология. Л.Ф. Обухова. Учебник. – М.:Российское педагогическое агенство, 1996. – 374с.
8. Пассов Е.И. Коммуникативный метод обучения иноязычному говорению. Е.И. Пассов. –М., 1991.
9. Пискунова Я.А. Педагогическое рукаводства познавательным интересом учащихся (на материале иностранного языка). Я.А. Пискунова. дис. ... канд.пед. наук: 13.00.01. - Бишкек, 2006.
10. Туова Т.Г. Формирование положительной мотивации учения школьников в условиях двуязычного обучения (на примере географии). Т.Г. Туова. дис. … канд. пед. наук: 13.00.01. – Майкоп, 2004.
11. Хауген, Э. Языковой контакт / Э. Хауген // Новое в лингвистике: Языковые контакты. – Москва: Прогресс, 1972. –Вып. VI. – С. 61-80.
12. Хотинская, Г.А. Энтелехия и герменевтика мультилингвизма: пролегомены к истории проблемы [Электронный ресурс] / Г.А. Хотинская. – URL:http://waucongress.narod /ru/Entelechie2.htm (дата обращения: 16.08.2014).
13. Alptekin, C. 2002. Towards intercultural communicative competence in ELT. ELT Journal 56 (1): 57-64.
14. Altman H.B. Foreign language teaching: Focus on the learner. In Language Teaching: Meeting individual needs, ed. H.B. Altman and C.V. James. New York, Pergamon, 1982.
15. Harmer Jeremy. The Practice of English Language Teaching 3rd edition. – Longman, 2001.


## ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ ДАР РУШДИ МУСТАҚИЛИЯТИ ЭҶОДИИ ДОНИШҶӮЁН ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ ДАР ИХТИСОСҲОИ ҒАЙРИЗАБОНӢ


Дар мақолаи мазкур масъалаи рушди мустақилияти эҷодии донишҷӯён зимни таълими забони хориҷӣ, аз он ҷумла забони англисӣ дар ихтисосҳои ғайризабонӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифтааст. Муаллиф иброз медорад, ки тавассути воситаҳои мултимедии таълим мустақилияти эҷодӣ самаранокии бештар дорад ва тавассути шабакаи ҷаҳонии интернет таҷрибаи муҳаққиқони пешқадами хориҷиро омӯхтан мумкин аст. Ҳамчунин, дар мақола қайд карда мешавад, ки рушди мустақилияти эҷодӣ, дар

навбати аввал, бо ташаккули салоҳиятнокии байнифарҳангии донишҷӯён вобаста мебошад. Бояд гуфт, ки муоширати байнифарҳангӣ ва омӯзиши таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ дар ин ҷода зарурати бештар касб кардааст. Бо назардошти талаботи ҷомеаи муосир аҳамияти омӯзиши забони англисӣ низ меафзояд, зеро қисмати зиёди маводҳои таълимӣ дар фазои интернетӣ ба забони англисӣ таҳия шудаанд. Ин вазъият донишҷӯёни ихтисосҳои ғайризабониро ба омӯзиши мустақилонаи забони англисӣ водор месозад. Муаллифи мақола ҳамчунин оид ба торафт рушд ёфтани салоҳиятҳои мултилингвистӣ маълумот дода, онро ба пешрафти технологияҳои муосир, воситаҳои мултимедӣ ва шабакаҳои ҷаҳонии интернет вобаста медонад. Дар баробари ин муаллиф қайд менамояд, ки бедор намудани ҳисси шавқмандӣ ва ҷалб карда тавонистани донишҷӯён ба омӯзиши мустақилонаи маводи таълимӣ низ омили муҳим ба шумор меравад. Роҳҳои муваффақ шудан ва натиҷаҳои дилхоҳ ба воситаи шарҳи мисолҳо аз ҳаёти воқеӣ вобаста ба хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён дар мақола нишон дода шудаанд. Омилҳои дар боло зикршуда барои рушди мустақилияти донишҷӯён зимни омӯзиши забони англисӣ (дар ихтисосҳои ғайризабонӣ) шароити мусоид фароҳам меоранд.

**Калидвожаҳо:** мустақилияти эҷодӣ, мултилингвизм, технологияҳои муосир, шабакаҳои интернетӣ, салоҳиятҳои иҷтимоию фарҳангӣ, малакаҳои сухангӯӣ, таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ, шавқу ҳавасмандӣ.

## ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ РАЗВИТИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОСТИ СТУДЕНТОВ ПРИ ИЗУЧЕНИИ АНГЛИЙСКОГО ЯЗЫКА В НЕЯЗЫКОВЫХ СПЕЦИАЛЬНОСТЯХ

Данная статья рассматривает вопрос развития творческой самостоятельности студентов при изучении иностранных языков, в частности английского языка в неязыковых специальностях. В нем говорится, что в сфере мультимедийного пространства обучения – творческая самостоятельность развивается эффективнее, ведь по средствам всемирной паутины можно изучить передовой опыт зарубежных стран. Также в статье отмечается, что творческая самостоятельность первую очередь зависит от формирования межкультурной компетенции студентов. И именно межкультурная коммуникация и изучения передового зарубежного опыта по этим направлениям. В связи с потребностями современного общества в базы данных или банка информаций, растет и потребность в изучении английского языка, так как часть материалов являются на английском языке. Статья также напоминает о развитии мультилингвальной компетенции из-за современных технологий, мультимедийных средства и мировой паутины Интернета. Также не стоит забывать о стимуляции интереса и влечения студентов и самостоятельному изучению материалов, приводя примеры из реальной жизни в зависимости от возрастных особенностях студентов. Вышеперечисленные факторы являются источником развития творческой самостоятельности студентов при изучении английского языка.

**Ключевые слова:** творческая самостоятельность, полиглот, современные технологии, интернет, социокультурная компетенция, речевые навыки, зарубежный опыт, интерес, мотивация.

## FOREIGN EXPERIENCE OF DEVELOPMENT OF INDEPENDENCE OF STUDENTS WHEN LEARNING ENGLISH IN NON-LANGUAGE SPECIALTIES

This article deals with the development of creative independence of students in the study of foreign languages, in particular English in non-linguistic specialties. It says that in the field of multimedia learning space – creative independence develops more effectively, because by means of the World Wide Web, you can study the best practices of foreign countries. The article also notes that creative independence primarily depends on the formation of student's intercultural competence, namely, intercultural communication and the study of advanced foreign experience in these areas. Due to the needs of modern society in a database or information bank, the need for learning English is also growing, since some of the materials are in English here, and there is an independent study of the English language by students of non-linguistic specialties. The article also recalls the development of multilingual competence due to modern technologies, multimedia tools and the world wide. Also do not forget about stimulating the interest and involvement of students and independent study of materials, giving examples from real life, depending on the age characteristic of students, web of the internet. The above factors are the source of the development of creative independence of students when learning English.

**Keywords:** creative independence, polyglot, modern technologies, internet, sociocultural competence, speech skills, foreign experience, interest, motivation.

**Маълумот дар бораи муаллиф**: ***Садуллоева Маҳина Баҳридиновна*** –Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктаранти доктор Ph.D. Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 93-715-16-03**; E-mail: **mahinjul31@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Садуллоева Махина Бахридиновна*** –Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант иPh.D**. Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки,17. Телефон**: (+992) 93-715-16-03**; E-mail: **mahinjul31@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sadulloeva Makhina Bakhridinovna*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, doctoral student and Ph.D. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 93-715-16-03;** E-mail: **mahinjul31@mail.ru**

УДК:372.8.4

# ТЕХНОЛОГИЯИ БАЙНИФАРҲАНГИИ РЕФЛЕКСИВӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

*Раҷабова Ф.С.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи СадриддинАйнӣ**

Татбиқи технологияи пешқадами таълим дар шароити ислоҳоти системаи маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол ба рушду такомули мундариҷа ва сохти маълумот равона карда шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [8, с.28], Консепсияи миллии маълумот ва Стандартҳои давлатии таҳсилот хуҷҷатҳое мебошанд, ки системаи маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардошта, рушду инкишофи минбаъдаи соҳаи маорифро муайян мекунанд. Ба ҳамин муносибат истифодаи технологияҳои муосири таълим дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ хеле судманд аст. Дар Консепсияи миллии маълумоти кишвар зарурати омӯзиши забони хориҷӣ барои инкишофи ҷомеа чунин таъкид шудааст: «Зарурати омӯзиши забони хориҷиро ҳамчун сарчашмаи дониш барои омӯхтани илму фарҳанги дунё, прогресси илмию техникӣ ва воситаи муоширати байни миллатҳо бояд ба эътибор гирифт» [6, с.74].

Проблемаи технологияҳои педагогӣ яке аз баҳсноктарин масъалаҳо дар методикаи муосири таълими забони хориҷӣ маҳсуб меёбад. Саҳми бузурги Г.К.Селевко дар коркарди назария ва амалияи технологияи педагогӣ, асарҳои ӯро роҷеъ ба назарияи низомҳои педагогӣ ва маҳз технологияи педагогӣ таъкид кардан мебояд [16].

Ба ақидаи мо, яке аз аломатҳои вижаи технологияи педагогӣ, ки онро аз методҳои анъанавӣ ва дигар методҳо фарқ мекунад, мақсадҳои ташхисӣ ва натиҷаҳои раванди таълиму тарбия мебошанд. Ғайр аз ин, боз чунин аломатҳо, мисли пешгӯии натиҷаҳои кор, пайдарҳамии дақиқи амалиёт низ ба он маҳсуб мебошад. Таҳлили проблемаи истифодаи технологияҳои педагогӣ нишон медиҳад, ки онҳо бо мақсадгузорӣ, ташхисдиҳӣ, моделсозӣ, лоиҳакашӣ, яъне бо ҳама чизе, ки мундариҷаи фаъолияти идоракунии омӯзгорро ташкил медиҳад, мутаносибанд [17 , с.174].

Яке аз намудҳои технологияҳои инноватсионӣ, технологияи интерактивӣ аст. Калимаи «интерактив» аз вожаи англисии «interact» ба мо гузаштааст. «inter» - «байн; дутарафа», «act» - амал, кор кардан мебошад. Фаъолияти интерактивӣ – қобилияти якҷоя амал кардан ё дар ҳолати суҳбат қарор доштан (бо касе ва ё чизе), ҳамфаъол будан (масалан, компютер), гуфтугӯ карданро дорад. Пас, таълими интерактивӣ, пеш аз ҳама, таълими мусоҳибавӣ (ҳамфаъол) мебошад, ки дар ҷараёни он омӯзгор ва шогирдон якҷоя фаъолият мекунанд.

Моҳияти таълими интерактивӣ аз он иборат аст, ки тарзи ташкили раванди таълим амалан ҳамаи хонандагонро ба ҷараёни дарк намудан ҷалб месозад, онҳо имконият доранд, ки бохабар шаванд ва дар бораи он чизе, ки медонанд ё мулоҳизае доранд, фикри худро баён кунанд. Фаъолияти якҷояи таълимгирандагон дар раванди дарк кардан, аз худ намудани маводи таълимӣ чунин маъно дорад, ки ҳар кас дар он саҳми худро мегузорад, мубодилаи дониш ва андеша бо усулҳои фаъол ҷараён мегирад. Илова бар ин, чунин ҳолат дар муҳити хайрхоҳона ва кумаки байниҳамдигарӣ амалӣ гашта, имконият фароҳам меояд, ки шахс на танҳо дониши нав ҳосил кунад, балки худи фаъолияти дарккунандагиро инкишоф дода, онро ба шакли нисбатан болотари ҳамкорӣ гузаронад [2, с. 64].

Ҳангоми истифодаи усулҳои интерактивӣ шогирдон иштирокчии баробарҳуқуқи раванди маърифатӣ мегарданд, таҷрибаи устод ҳамчун манбаи асосии маҷмӯи маълумотҳои таълимӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзгор маълумотҳои тайёрро пешниҳод наменамояд ва хонандагонро ба мустақилона ҷустуҷӯ намудан водор мекунад. Дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии таълим, дар таълими интерактивӣ фаъолияти муштараки муаллим ва хонанда тағйир меёбад: ба ҷойи муаллим шогирдон фаъол мешаванд ва вазифаи устод, дар ин раванд аз ташкил намудани шароити мусоид барои ташаббускории онҳо иборат мегардад [4, с.32]. Омӯзгор дар ин кор ҳамчун мушовир ё ёрдамчӣ хизмат мекунад. Таълими интерактивӣ дар омӯзиши интенсивӣ ба

таври васеъ ба кор бурда мешавад. Барои он ки усулҳои мазкур омӯхта ва татбиқ карда шаванд, ба омӯзгор донистани усулҳои мухталифи фаъолияти дуҷонибаи гурӯҳӣ зарур мебошад. Таълими интерактивӣ ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, фаъолнокӣ ва ғановати дуҷонибаро таъмин менамояд.

Интерактивият ҳамкории дар таъмини барномавӣ бунёдниҳода мебошад, ки ба пешниҳоди иттилоот, навигатсия оид ба мундариҷа ва ҷойгиркунии ягон маълумот, бо фарогирии истифодаи гипериқтибосҳо, пуркунии шаклҳо, ҷустуҷӯи маълумотҳо аз рӯйи вожаҳои калидӣ ва дигар шаклҳои гуфтугӯ бо истифодабаранда нигаронида шудааст. Методи асосии истифодабарии технологияи интерактивӣ гуфтугӯи интерактивиест, ки аз ҳамкории истифодабаранда бо низоми барномавӣ иборат мебошад [5, с.5].

Ҳангоми чунин усули таълим сифатҳое, чун мустақилияти донишҷӯён, масъулият барои қарори қабулкарда ташаккул ва инкишоф меёбанд. Дар шароити инкишоф ёфтани таълим, зарур аст, ки фаъолнокии худи хонандагон дар раванди ташаккул ёфтани салоҳиятҳои асосӣ таъмин карда шавад, зеро салоҳиятҳои асосӣ танҳо дар асоси таҷрибаи фаъолияти шахсӣ ташаккул ёфта метавонанд. Вобаста ба ин, аксари муҳаққиқон инноватсияро дар таълим бо усулҳои интерактивии омӯзиш алоқаманд медонанд, ки таҳти он чунин маъно ниҳон аст: «… тамоми раванди таълим аз фаъолият иборат мебошад, ки муносибатҳои эҷодиро ба маводи таълимӣ тақозо ва ошкор намудани қобилияти ҳар хонандаро таъмин менамояд» [15, с.14].

Дар маҷмӯъ, усулҳои интерактивии таълимро ҳамчун шакли муосиртарини усулҳои фаъол баррасӣ кардан мумкин аст. Усулҳои интерактивии нисбатан муҳимро аз нуқтаи назари ташаккул ёфтани салоҳиятҳои асосӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои тахассусӣ ва педагогӣ баррасӣ кардан мумкин аст.

Дар гурӯҳҳои бисёрэтникии донишгоҳҳои омӯзгорӣ се намуди технологияи инноватсионии педагогӣ маъмул аст:

- тренингӣ;
- байнифарҳангӣ (ё кроссфарҳангӣ);
- тамоюли касбӣ.

Технологияҳои коркардшуда бояд давра ба давра ба озмоиш ворид карда шаванд. Барои ҳар давра технологияи махсус пешбинӣ карда мешавад.

Технологияи тренингӣ дар давраи иттилоотӣ-мутобиқатӣ истифода мегардад, технологияи байнифарҳангӣ дар давраи пешравӣ, технологияи тамоюли касбӣ дар давраи ҳамкории интерактивӣ (ҷамъбастӣ) мавриди истифода қарор мегирад.

*Технологияи тренингӣ*, ки барои дигаргунсозии ҷанбаи инфиродӣ коркард карда мешавад, ба фаҳмиши шахсиятии мундариҷаи муошират ва густариши феҳрасти рафтории донишҷӯёни муассисаи таҳсилотии олӣ асос ёфтааст. Он чунин қисмҳоро фаро мегирад [12, с.43]:

- қисми 1: иттилоъдиҳӣ ба донишҷӯён дар бораи сохтор, қонунмандиҳо ва хусусиятҳои раванди муошират;
- қисми 2: машқҳо оид ба тренинги ҳамкории босамара (машқҳо барои фароҳамоварии рӯҳияи эмотсионалӣ ҷиҳати кор дар гурӯҳ);
- машқҳо оид ба барқарорсозии робита, идрок ва фаҳмиши ҳолати эмотсионалӣ;
- машқҳое, ки маҳоратҳои қабули муваффақонаи иттилоот ва таҳвили онро ташаккул медиҳанд;
- машқҳо оид ба ошкорсозии услубҳои гуногуни ҳамкорӣ ва инкишофи маҳоратҳои персептивӣ;
- қисми 3: бозрасии эҷодкоронаи донишҳо ва маҳоратҳои бадастовардашуда.

Татбиқи технологияи мазкур дар машғулиятҳо оид ба забонҳои англисӣ ва олмонӣ дар муассисаи таҳсилоти олии педагогӣ анҷом дода шуд. Иттилоъдиҳии донишҷӯён аз хусуси раванди муошират пеш аз гузаронидани ҳар навъи машқҳо сурат гирифт. Ҳамин тавр донишҷӯён тасаввуроти асосиро оид ба мафҳуми муошират, оид ба муошират

ҳамчун мубодилаи ахбор, хусусиятҳои коммуникатсияи ғайрилафзӣ, ҳамкории нақшӣ ва шахсиятӣ, тарзҳои бартарафсозии муноқиша ва низоъ ҳосил намуданд.

Қисми дуюм вазифаҳоеро дар бар мегирифт, ки бо такя ба чунин принсипҳо таҳия гардидаанд:

1. Истифодаи тамоюли шахсиятии забон, ки дар донишҷӯён малакаҳои ифодаи муносибати шахсии худ ба мавзӯи суҳбатро инкишоф медиҳад.

2. Робитаи мутақобила дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ, то ки имконияти донистани ақидаҳо ва таассурот зимни рафти машғулиятҳо пайдогаштаи донишҷӯён ба даст оварда шавад.

3. Проблемавӣ будани машқҳое, ки малакаҳои коммуникативиро бо роҳи ҳалли якҷояи мушкилот, қобилияти фикри ҳамсуҳбатро шунидан ва ба хулосаи умумӣ омадан рушд мебахшанд.

Ғайр аз ин, барои он ки принсипҳои банақшагирии мавзӯӣ халал наёбанд, мавзӯъҳое, ки барои азхудкунӣ дар курси якум таъйин гашта буданд, нигоҳ дошта, аз нав ба гурӯҳҳо тақсим шуданд. Бад-ин минвол, маводи забонии давраи якум барои дахл кардан ба чунин соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ, ки онҳо ин гуна ё он гуна паҳлуҳои гуногуни муоширатро ҳамчун зуҳурот инъикос мекунанду ҳамзамон паҳлуҳои мундариҷавӣ (намунаҳои нутқӣ, лексика, матнҳо барои хониш ва истимоъ) тағйирнопазир боқӣ мемонанд, имконият дод.

Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбӣ иҷрои хусусиятҳои касбӣ-педагогиро дар таълими забони хориҷӣ, амалисозии вазифаҳои педагогии хатмкунандагони ояндаро талаб менамояд. Дар ин робита, фанни «Амалияи нутқи шифоҳӣ ва хаттӣ оид ба забони англисӣ (ё олмонӣ) (АНШХ)» дар муассисаҳои педагогӣ равиши коммуникативӣ ва касбӣ дорад. Ҳадафи асосии АНШХ таълими муошират, ҳам дар ҳаёти рӯзмарра ва ҳам дар соҳаи касбӣ-фарҳангӣ, мебошад. Дар назди муаллим «вазифаи дар донишҷӯ ташаккул додани лаёқат ва омодагӣ ба коммуникатсияи байнифарҳангӣ ва инкишоф бахшидани қобилияти муошírати хаттӣ (хониш, хат) ва шифоҳӣ (гуфтор, истимоъ) тавассути забони хориҷӣ» меистад [1, с.43].

Ҷанбаи муҳимми кори таълимӣ-педагогии омӯзгорон барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ, аз ҷумла, факултаи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ташаккул додани салоҳияти байнифарҳангӣ мебошад. Раванди педагогӣ ба омӯзиши хусусиятҳои фарҳанги кишвар нигаронида шудааст. Дар ин ҷода таърих, анъанаҳо, тарзи зиндагӣ ва оинҳои аҳолие, ки дар ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунад, аҳамияти хосса доранд. Марбут ба ин, тамоми фаъолияти омӯзгорон ба эҳё, муҳофиза ва рушди анъанаву арзишҳои миллӣ равона карда шудааст, ки ин ба пайванди силсилавии имрӯз бо гузашта мусоидат менамояд, тарзи зист ва анъанаҳои халқро дар ҳама риштаҳои фарҳанг бой мегардонад.

Технологияи байнифарҳангӣ, ки ба тағйирдиҳии кулли ҷанбаи мавзӯӣ нигаронида шудааст, пазириши асосҳои коммуникатсияи байнифарҳангӣ ва тарбияи салоҳиятнокии фарҳангиро пешбинӣ мекунад [10, с.79].

*Технологияи байнифарҳангӣ* ҷуз қисмҳои иттилоотӣ ва фаъолиятмандӣ, инчунин қисми рефлексивиро пешбинӣ мекунад, ки барои ташаккули салоҳияти коммуникативӣ-байнифарҳангии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ хеле муфид аст.

*Рефлексия* намуди махсуси тафаккур мебошад, ки санҷиш, баҳодиҳӣ (арзёбӣ) ва интихоби дақиқро ифода менамояд. Он аз маҳорат ва хоҳиши фикр кардан оид ба фаъолияти худ, аз ҷумла фаъолияти касбӣ низ, бо раванди дарк кардани ақидаи худ, такмили ҳамешагии андешаҳои худ, яъне донишомӯзии мунтазам иборат аст [4, с.63].

Технологияи байнифарҳангии рефлексивӣ аз чунин қисмҳо иборат аст [14, с.89]:

- қисми 1: ба барномаи забони англисӣ ворид сохтани иттилоот дар бораи асосҳои коммуникатсияи байнифарҳангӣ. Яъне, донишҷӯён дар бораи мафҳумҳое, амсоли этносентризм, ҳаммонандӣ, қолабҳо дар муошират, одоби нутқ иттилоъ мегиранд;
- қисми 2: машқҳо дар асоси методҳое, ки дар машғулиятҳо

оид ба коммуникатсияи байнифарҳангӣ: рефлексияи тарҷумаиҳолӣ, моделсозии интерактивӣ, бозиҳои нақшофарӣ, вонамудсозӣ (сохтакорӣ) истифода бурда мешаванд;

- қисми 3: мо як қатор шароитҳоеро муайян намудем , ки ба

азхудкунии босамари стратегияҳои коммуникатсияи байнифарҳангӣ мусоидат мекунанд: аз ҷумла, истифодаи матнҳои саҳеҳ ва маводи рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо барои хониш ва идроки нутқ аз тариқи шунавоӣ; дар машғулиятҳо истифода бурдани ашёи воқеие, ки хусусиятҳои мамлакати забони мавриди омӯзишро (ИМА, Британияи Кабир, Олмон, Австрия) инъикос мекунад; дар нақшҳо бозӣ кардани диалог ва полилогҳое, ки хусусиятҳои рафтори нутқӣ ва ғайринутқии соҳибзабононро тасвир меамоянд; гузаронидани бозиҳои нақшофарӣ, саҳнаҳои драмавӣ, вонамудсозиҳо; омӯзиши адабиёт, мусиқӣ ва санъати тасвирии мамлакати забони мавриди омӯзиш; муошират бо соҳибони забони мавриди омӯзиш дар машғулиятҳои аудиторӣ ва берун аз аудитория дар донишгоҳ; муошират бо ҳамсолони хориҷӣ тавассути шабакаи Интернет.

*Технологияи тамоюли касбӣ*, ки ба ташаккули ҷанбаи касбӣ равона карда шудааст, инкишофи донишҷӯёнро дар рафтори коммуникативӣ дар раванди таълим ва муошрати байнифарҳангӣ пешбинӣ менамояд.

Барномае, ки мундариҷаи технологияи тамоюли касбиро инъикос мекунад, дорои чунин хусусиятҳо мебошад [1, с.57]:

1. Ҳолатнокии мавзӯӣ, яъне он мавзӯъҳое, ки касби омӯзгориро фаро мегиранд ва зимнан ба муносибати ҳолатнокӣ асос меёбанд. Дар чорчӯбаи мавзӯъ зермавзӯъҳо ва ҳолатҳое, ки ҳангоми таълим ба миён меоянд, ҷудо карда мешаванд. Ташкил ва истифодаи ҳолатҳо ба ташаккулёбии донишу маҳоратҳо мусоидат мекунанд.

2. Функсионалӣ будан, яъне номгӯйи он функсияҳои коммуникативиеро, ки нияти сухангӯяндаро инъикос менамоянд, инчунин сохторҳои забониеро, ки тавассути онҳо ин функсияҳо дар ҷараёни муошират татбиқ шуда метавонанд, фаро мегирад.

3. Маҷмӯӣ будан, яъне мавод дар асоси супоришҳои коммуникативие таҳия мегардад, ки донишҷӯён онҳоро иҷро карда, салоҳиятнокии коммуникативиро дар навъҳои гуногуни фаъолият ҳосил мекунанд.

Технологияи мазкур се қисмро дар бар мегирад:

- қисми 1: мавзӯъҳо ва ҳолатҳое, ки бо касби омӯзгорӣ

вобастаанд;

- қисми 2: маҷмӯи машқҳо оид ба муаррифии касбҳо ва

мутахассиси оянда, тамрини маводи лексикӣ оид ба рушди малакаҳои гуфтории дорои тамоюли касбӣ. Таҳияи машқҳо ба ду гурӯҳи усулҳо, ки инкишофи малакаҳои ҳал кардани вазифаҳои коммуникативиро дар раванди таълим ва иҷро кардани функсияҳои нутқии ғайрзабонӣ таъмин месозанд, такя менамояд;

- қисми 3: рефлексияи мундариҷаи маводи таълимӣ ва

фаъолиятнокӣ.

Ҳангоми истифодаи технологияи рефлексивӣ худтаҳлилкунӣ ва

худбаҳодиҳии иштирокчиёни раванди таълим ба фаъолият ва ҳамкории худ возеҳ рух медиҳад [13, с.5]. Ба он методҳои муосир дохил мешаванд, ки ба консепсияи психологияи иҷтимоӣ таҳти унвони интераксионизм асос ёфтааст. Мувофиқи ин таълимот, таъсири мутақобилаи иҷтимоии байни одамон ҳамчун коммуникатсия - муошират, яъне муошрати байни шахсиятҳои гуногун фаҳмида мешавад. Хусусияти асосии муошират аз нигоҳи психологӣ, пеш аз ҳама, аз қобилияти одам дар офаридани нақши дигарон аст, ки дар ин асно ӯ чӣ тавр дарк ёфтани худро аз ҷониби ҳамсуҳбати худ тасаввур менамояд (рефлексия) ва мувофиқан вазъиятро шарҳ дода истода, чорчӯбаи амалҳои худро муайян мекунад [11, с.15 ].Дар оғози мубоҳиса бояд ба таври мухтасар мақсади натиҷагирӣ иброз карда шавад. Дар раванди рефлексия донишҷӯён доир ба маълумоти ҳосилкардаашон фикру ақида ва муҳокима ронда, маводи навро мустаҳкам мекунанд.

Дар зинаи сеюми рефлексия кор карда баромадани ақидаи ягона (ё созишкорона), нуқтаи назарҳо ва ҷавобҳо пешниҳод карда мешавад. Дар ин зинаи машғулият гузаронидани таҳлили санҷишӣ дар назар аст. Аз ин рӯ, вазифаҳоеро, ки омӯзгор бояд ҳал намояд, ба таври зайл пешниҳод кардан мумкин аст [4, с.68]:

- таҳлил ва баҳогузорӣ намудан ба мубоҳисаи гузаронидашуда, аз он хулоса баровардан ва натиҷагирӣ кардан. Дар анҷоми машғулият хулосаҳо, қарорҳо бароварда шуда, баҳогузорӣ ва натиҷагирӣ ба амал оварда мешавад; паҳлуҳои мусбӣ ва манфии мубоҳиса ошкор ва муқоиса карда мешаванд;

- ҷустуҷӯи ғояи умумӣ барои ҳалли масъала. Ба иштирокчиён кумак расонидан лозим аст, то ки онҳо шарҳу эзоҳҳои мухталифро бодиққат гӯш карда, андеша карда тавонанд, бо кадом роҳ ба ақидаи ягона расиданро муяйян кунад;

- қабули қарори гурӯҳӣ дар якҷоягӣ бо иштирокчиён. Барои ин қайд намудани фикрҳои гуногун доир ба нуқтаи назарҳои мухталиф лозим аст.

Ҳамин тариқ, дар суханони ҷамъбастӣ ҷалб намудани гурӯҳ ва баровардани хулосаҳои асосии аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта хеле муҳим аст. Зеро, таҷассум ёфтани ҳисси қаноатмандӣ дар аксарияти иштирокчиён, машғулиятро арзишманд мегардонад. Бахусус изҳори миннатдорӣ намудан ба муҳассилин барои иштироки фаъолонаашон, номбар кардани донишҷӯёне, ки ҳангоми ҳалли мушкилот ва проблемаҳо кумак расонидаанд, рӯҳи онҳоро болида намуда, дар ташаккули салоҳияти байнифарҳангии рефлексивии омӯзгорони ояндаи забони хориҷӣ мусоидат мекунад.

Барои ҳаматарафа таъмин намудани пешравии муҳассилин бояд иштироки онҳоро дар намудҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои доимо таҳкимёбанда, аз муносибат дар синф то шомил шудан ба ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ ташкил намуд.

Барои ташаккули салоҳияти байнифарҳангии рефлексивии донишҷӯён муносибати фаъолмандона хеле муҳим аст. Дар муносибати пурфаъолият чунин тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишомӯз дар назар дошта мешавад, ки дар он шогирд на ҳамчун шунавандаи одӣ, балки чун иштирокчии фаъол дар раванди таълим ба ҳисоб меравад [9, с.361]. Тибқи чунин таълимот, донишҷӯ барои омодагӣ ба таҳсил дар баробари майлу хоҳиш, инчунин бояд саъю кӯшиши фаъол дошта бошад. Дар чунин ҳолат вазифаи омӯзгор, вобаста ба мақсади таълим, аз интихоби технологияи мувофиқ иборат мегардад. Фаъолиятмандии омӯзгор низ тағйир меёбад: ӯ аз таълимдиҳандае, ки донишҷӯён бо ёрии ӯ танҳо малакаҳои педагогӣ ҳосил мекарданд, нақши мушовиреро мебозад, ки дар ҳамкорӣ бо шогирдон фаъолияти касбии ояндаи онҳоро тарҳрезӣ мекунад. Ба ҳамин муносибат ҳамгироии технологияи таълим мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар донишҷӯён хоҳиши маърифатнокшавӣ ба вуҷуд омада, онҳо дарк мекунанд, ки омӯзиши забони хориҷӣ на танҳо мақсади амалии ёд гирифтани забонро дорад, балки он барои инкишофи фикрронии шогирдон, омӯзиши фанҳои ҳамгиро ва ба гирифтани маълумот мусоидат мекунад. Ҳамин тариқ, дар пайравӣ ба ташаккули салоҳияти байнифарҳангӣ ва муносибати пурфаъолият ваҷҳҳои омӯзиши забон асоси педагогии таълими забони хориҷиро ташкил мекунанд.

**Муқарриз: *Хоҷиматова Г.М.* – доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алиев С.Н. Научно–педагогические основы формирования профессиональной компетенции будущих учителей иностранных языков в педвузах РеспубликиТаджикистан (на материале английского языка): дис. ...д-ра пед. наук / С.Н.Алиев [Текст]. - Душанбе, 2009. – 370 с.
2. Алексеев Н. А. Личностно – ориентированное обучение: вопросы теории и практики / Н.А.Алексеев [Текст]. -Тюмень, 2006. -332 с.
3. Алексеева, Г.И. Профильное обучение в современном образовании: национально-региональный аспект / Г.И.Алексеева [Текст]. -М.: Образование и информатика, 2007. - 96 с.
4. Бизяева А.А. Рефлексивные процессы в сознании и деятельности учителя: дисс. … канд.псих.наук / А.А.Бизяева [Текст]. -Санкт-Петербург, 1993. - 190 с.
5. Коротаева, Е.В. Интерактивное обучение: организация учебных диалогов / Е.В. Коротаева [Текст] // Русский язык в школе, 1999. -№5. - С.3-8.
6. Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.05.2002. - № 200 [Матн]. - 29 с.
7. Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.11.2006, №484 [Матн]. -54 с.
8. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» = Закон Республики Таджикистан «Об образовании» = Тожикистон Жумхуриятининг қонуни «Таълим туғрисида».- Душанбе, 1994.- 95 с.
9. Кучугурова Н.Д. Формирование профессиональной

компетентности будущего специалиста / Н.Д.Кучугуроа [Текст] // Проблемы и перспективы педагогического образования в XXI веке. – М., 2000. – С. 360-362.
10. Негматов, С.Э. Актуальные проблемы поликультурного и полилингвального образования: монография / С.Э.Негматов [Текст]. - Душанбе: Сифат, 2016. -189 с
11. Пеняева, С.А. Рефлексивные составляющие компетентности и особенности их формирования у студентов в процессе обучения / С.А. Пеняева [Текст] // Стандарты и мониторинг в образовании. — 2008. -№ 1. -С. 11-14.
12. Петровская JI.А. Теоретические и методические проблемы социально-психологического тренинга / Л.А.Петровская [Текст]. -М., 1982.-270 с.
13. Полат, Е.С. Обучение в сотрудничестве / Е.С.Полат [Текст] // ИЯШ. -2000. - № 1. - С. 5-6.
14. Сайфуллаев Х.Г. Теория и практика формирования межкультурной компетенции студентов в педагогическом вузе: монография / Х.Г.Сайфуллаев [Текст]. –Душанбе: Ирфон, 2012. -209 с.
15. Сайфуллоев Х.Г. Тавсияҳои методӣ ба омӯзгорон дар татбиқи усулҳои интерактивӣ дар таълим / Х.Г.Сайфуллоев [Текст]. –Душанбе: ДДОТ, 2014. -19 с.
16. Селевко, Г.К. Современные образовательные технологии: учебное пособие / Г.К.Селевко [Текст]. -М: Народное образование. -1998. –256 с.
17. Ступина, В. С. Педагогическая технология интерактивного обучения проектированию образовательного продукта средствами информационно-коммуникационных технологий / В. С. Ступина [Текст] // Вестник Башкирского университета. — 2008.— Т. 13. - N 1.— С.173-176.
18. Худойдодова Ф.С. Технология реализации современных педагогических технологий обучения на занятиях английского языка / Ф.С.Худойдодова [Текст] // Вестник Таджикского национального университета (Научный журнал) / ISSN 2074-1848 / Педагогические науки. -№ 3/2. -2017. –С.285-289.

## ТЕХНОЛОГИЯИ БАЙНИФАРҲАНГИИ РЕФЛЕКСИВӢ ДАР РАВАНДИ ОМӮЗИШИ ЗАБОНИ ХОРИҶӢ

Дар мақолаи мазкур технологияи байнифарҳангии рефлексивӣ дар раванди омӯзиши забони хориҷӣ баррасӣ шудааст. Ҳамчун яке аз намудҳои технологияҳои инноватсионӣ усули интерактивӣ-рефлексивӣ маъмул аст. Қайд гардидааст, ки фаъолияти рефлексивӣ, бахусус ҳангоми дар машғулиятҳо истифода бурдани ашёи воқеие, ки хусусиятҳои мамлакати забони мавриди омӯзишро инъикос мекунад, дар истифодаи диалог ва полилогҳое, ки хусусиятҳои рафтори нутқӣ ва ғайринутқии соҳибзабононро тасвир меамоянд, дар гузаронидани бозиҳои нақшофарӣ, саҳнаҳои драмавӣ, муошират бо соҳибони забони мавриди омӯзиш, дар машғулиятҳои аудиторӣ ва берун аз аудиторӣ дар донишгоҳ, инчунин ҳангоми муошират бо ҳамсолони хориҷӣ тавассути шабакаи Интернет мавриди истифода қарор гирифта метавонад. Таълими интерактивӣ ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамкорӣ, фаъолнокӣ ва ғановати дучонибаро таъмин менамояд.Ҷанбаи муҳимми кори таълимӣ-педагогии омӯзгорон барои донишҷӯёни донишгоҳҳои омӯзгорӣ, аз ҷумла, факултаи забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ ташаккул додани салоҳияти байнифарҳангӣ мебошад. Раванди педагогӣ ба омӯзиши хусусиятҳои фарҳанги кишвар нигаронида шудааст. Дар ин ҷода таърих, анъанаҳо, тарзи зиндагӣ ва оинҳои аҳолие, ки дар ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунад, аҳамияти хосса доранд. Марбут ба ин, тамоми фаъолияти омӯзгорон ба эҳё, муҳофиза ва рушди анъанаву арзишҳои миллӣ равона карда шудааст, ки ин ба пайванди силсилавии имрӯз бо гузашта мусоидат менамояд, тарзи зист ва анъанаҳои халқро дар ҳама риштаҳои фарҳанг бой мегардонад.Барои рушди салоҳияти байнифарҳангии рефлексивии донишҷӯён муносибати фаъолмандона хеле муҳим аст. Дар муносибати серфаъолият чунин тарзи ташкили фаъолияти таълимӣ-маърифатии донишомӯз дар назар дошта мешавад, ки дар он шогирд на ҳамчун шунавандаи одӣ, балки чун иштирокчии фаъол дар раванди таълим нақш мебозад. Мутобиқи таълимоти мазкур, донишҷӯ барои омодагӣ ба таҳсил дар баробари майлу хоҳиш, инчунин бояд саъю кӯшиши фаъол дошта бошад. Дар чунин ҳолат вазифаи омӯзгор вобаста ба мақсади таълим аз интихоби технологияи мувофиқ иборат мегардад. Фаъолият омӯзгор низ тағйир меёбад: ӯ аз таълимдиҳандае, ки донишҷӯён бо ёрии ӯ танҳо малакаҳои педагогӣ ҳосил мекарданд, нақши мушовиреро мебозад, ки дар ҳамкорӣ бо шогирдон фаъолияти касбии ояндаи онҳоро тарҳрезӣ мекунад. Ба ҳамин муносибат ҳамгироии технологияи таълим мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Дар донишҷӯён хоҳиши маърифатнокшавӣ ба вуҷуд омада, онҳо дарк мекунанд, ки омӯзиши забони хориҷӣ на танҳо мақсади амалии ёд гирифтани забонро дорад, балки он барои инкишофи фикрронии шогирдон, омӯзиши фанҳои ҳамгиро ва ба гирифтани маълумот мусоидат мекунад.

**Калидвожаҳо:** технологияи байнифарҳангӣ, технологияи рефлексивӣ, методи интерактивӣ, фаъолияти рефлексивӣ, муколама, полилог, рафтори ғайрилафзӣ, муошират, иртибот.

## МЕЖКУЛЬТУРНО-РЕФЛЕКСИВНАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ПРИ ОБУЧЕНИИ ИНОСТРАННОМУ ЯЗЫКУ

В статье рассматриваются межкультурные рефлексивные технологии в процессе изучения иностранного языка. Интерактивно-рефлексивный метод - один из самых популярных видов инновационных технологий. Отмечается, что рефлексивная деятельность применяется, когда на занятиях используются реальные предметы, отражающие особенности страны изучаемого языка, при применении диалогов и полилогов, описывающих речь и невербальное поведение носителей языка, во время аудиторных и внеаудиторных занятий в университете, а также при общении с иностранными сверстниками через Интернет. Интерактивное обучение способствует взаимопониманию, сотрудничеству, активности и взаимной

выгоде.Важным аспектом учебно- педагогической работы преподавателей со студентами педагогических вузов, в том числе факультета романо-германских языков Таджикского государственного педагогического университета имени С. Айни, является формирование межкультурной компетенции. Педагогический процесс направлен на изучение специфики культуры страны. В этой связи особое значение имеют история, традиции, образ жизни и обычаи населения, проживающего в стране. В связи с этим вся деятельность педагогов направлена на возрождение, сохранение и развитие национальных традиций и ценностей, что способствует последовательной связи сегодняшнего дня с прошлым, обогащает образ жизни и традиции народа во всех сферах культуры.Деятельностный подход важен для развития межкультурных рефлексивных компетенций студентов. Деятельностный подход предполагает организацию учебной деятельности учащегося, в которой учащийся играет роль не обычного слушателя, а активного участника учебного процесса. Согласно этому учению, у ученика должна быть мотивация в учебе, т.е. он должен иметь желание учиться и желание активного усердия. В этом случае задача учителя - выбрать подходящую технологию в зависимости от цели обучения. Меняется и работа учителя: он из учителя, с помощью которого студенты могли формировать педагогические навыки, играет роль наставника, который в сотрудничестве с учениками планирует их дальнейшую профессиональную деятельность. В этом отношении важную роль играет интеграция образовательных технологий. У студентов появляется желание к мыслительной деятельности, и они понимают, что изучение иностранного языка имеет не только практическую цель изучения языка, но также способствует развитию мышления студентов, изучению интегрированных дисциплин и приобретению знаний.

**Ключевые слова:** межкультурные технологии, рефлексивные технологии, интерактивный метод, рефлексивная деятельность, диалог, полилог, невербальное поведение, общение, коммуникация.

## INTERCULTURAL-REFLECTIVE TECHNOLOGY IN TEACHING A FOREIGN LANGUAGE

The article deals with intercultural reflexive technologies in the process of learning a foreign language. The interactive-reflexive method is one of the most popular types of innovative technologies. It is noted that reflexive activity is used especially when in the classroom real subjects are used that reflect the characteristics of the country of the target language, when using dialogues and polylogues describing the speech and non-verbal behavior of native speakers, during classroom and extracurricular activities of the university, as well as when communicating with foreign peers through The Internet. Interactive learning promotes mutual understanding, collaboration, activity and mutual benefit.An important aspect of educational and pedagogical work of teachers for students of pedagogical universities, including the Faculty of Romance-Germanic Languages of the Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, is the formation of intercultural competence. The pedagogical process is aimed at studying the specifics of the culture of the country. In this regard, the history, traditions, way of life and customs of the population living in the country are of particular importance. In this regard, all the activities of teachers are aimed at reviving, preserving and developing national traditions and values, which contributes to a consistent connection between today and the past, enriches the way of life and traditions of the people in all spheres of culture.The activity approach is important for the development of students' intercultural reflexive competencies. The activity-based approach assumes the organization of the student's learning activity, in which the student plays the role of not an ordinary listener, but an active participant in the educational process. According to this teaching, the student should be motivated to study, i.e. have a desire to learn and a desire for active diligence. In this case, the teacher's task is to choose the appropriate technology depending on the purpose of the teaching. The work of a teacher is also changing: he plays the role of a mentor who, in cooperation with students, plans their future professional activities from a teacher, with the help of whom students could form pedagogical skills. In this regard, the integration of educational technologies plays an important role. Students have a desire for mental activity, and they understand that learning a foreign language has not only the practical purpose of learning a language, but also contributes to the development of students' thinking, the study of integrated disciplines and the acquisition of knowledge.

**Keywords**: Intercultural technologies, reflexive technologies, interactive method, reflective activity, dialogue, polylogue, non-verbal behavior, communication, communication.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҷабова Фирӯза Садриддиновна*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, омӯзгори калони кафедраи методикаи таълими забонҳои хориҷӣ (олмонӣ, франсавӣ). **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **firuza.rajabova.90@mail.ru** Телефон: **(+992) 985 245 225**

**Сведения об авторе:** ***Раджабова Фируза Садриддиновна*** –Таджикский государственный педагогический университет имени С.Айни, старщий преподаватель кафедры методики преподавания иностранных языков (немецкий и французский языки). **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121. E-mail: **firuza.rajabova.90@mail.ru** Телефон: **(+992) 985 245 225**

**Information about the author:** ***Rajabova Firuza Sadriddinovya*** **-** Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, senior lecturer at the Department of Methods of Teaching Foreign Languages (German and French). **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 121. E-mail: **firuza.rajabova.90@mail.ru**
Tel.: **(+992) 985 245 225**

УДК:372.8.491.5

# ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЛАБАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲО АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ


***Бозоров Хушвахт***

**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**


Корҳои мустақилона дар ҳамаи давру замон ба сифати усулҳои таълим истифода шудаанд. Адибон, шоирон, олимон ва мутафаккирони бузург тавассути мутолиаи осори ниёгону муосир ва сарчашмаю маъхазҳои илмӣ, адабӣ ва фалсафӣ соҳибмаърифат гардидаанд. Ҳаёт собит намудааст донише, тавассути фаъолияти мутақилона ба даст оварда мешавад, пояндаву пурдошт аст.

Кори мустақилона яке аз воситаҳои асосии ташаккули нутқи навишторию гуфторӣ, баландбардории фаъолияти зеҳнию ақлонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад.

«Аҳамияти кори мустақилона дар баланд бардоштани дараҷаи саводнокӣ, инкишофи нутқи хаттӣ, корҳои эҷодӣ, фаъол гардонидани диққати талабагон ба дарс, пурра аз худ кардани маводи омӯхташуда, дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ тарбия кардани хонандагон, аз худ кардани қоидаҳои имлоии омӯхтаашон бузург аст» [3, с.3].

Барои фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ, бахусус дар дарсҳои грамматика ва имло машқҳои гуногун ба кор бурда мешаванд. Масалан, рӯбардоркунӣ, имлоҳои гуногун, таҳлили грамматикӣ, ба саволҳо ҷавоб навиштан, нақли хаттӣ, хелҳои гуногуни иншо ва ғайра. Муаллим ҳангоми мустаҳкамкунӣ аз як-ду намуди машқҳо истифода мебарад, ки аз хонанда иҷрои мустақилонаро талаб мекунад.

Масалан, нақши кори мустақилонаро дар синфҳои камкомплект пеши назар меорем. Дар ин гуна синфҳо, ки муаллим дар як вақт бо якчанд синф сарукор дорад, талабагон донишҳоро, асосан, бо роҳи хуб ташкил намудани корҳои мустақилона аз бар мекунанд.

Ҳақиқатан ҳам кори мустақилона барои аз худ намудани асосҳои дониш ба талабагон ёрӣ расонда, қобилияти фикрии онҳоро метезонад.Н. К. Крупская яке аз вазифаҳои мактабро дар он медид, ки бачаҳоро ба кори мустақилона одат кунонад. «Одаме, ки худаш хонда наметавонад ва танҳо чизҳои муаллим гуфтаро аз худ мекунад, ноуҳдабарост. Ба мо лозим аст, насли наврасро тарзе таълим диҳем, ки худаш мустақилона ба донишҳо мусаллаҳ гардад. Ин яке аз вазифаҳоест, ки бояд мактаб ҳал кунад» [7,с.274].

Ин аст, ки дар мавриди гузаронидани дарсҳо муаллим, пеш аз ҳама, ба фаъолиятнокӣ ва кори мустақилонаи талабагон такя карда, ба иштибоҳи ҳар як кори мустақилонаи хонанда ва тарзи иҷрои он диққати ҷиддӣ медиҳад, назорат мекунад, бо роҳи муҳокимаи умумӣ месанҷад.

Корҳои мустақилона хелҳои зиёдеро дорост ва интихоби онҳо ба тарҳи маводи таълим ва мавзӯъ, инчунин, дараҷаи тайёрӣ ва қобилияти бачаҳо вобаста аст. Ба ин хотир, ба эътибор гирифтани имконияти ақлию зеҳнии талабагон барои самаранок гузаронидани корҳои мустақилона аз аҳамият холӣ нест.

Корҳои мустақилона баробари аз як синф ба синфи дигар гузаштан такрор ёфта, мураккабтар мешаванд. Ин имконият медиҳад, ки бачаҳо донишҳои нав ба нав ҳосил намоянд.

Кори мустақилона ҳамчун қисми ҷудонашавандаи дарс дар баёни мавзӯи нав, мустаҳкам намудани донишҳои ҳосилкарда, такрори ҷамъбастӣ ва санҷиши вазифаи хонагӣ истифода бурда мешавад.

Масалан, муаллим пеш аз он ки талабагонро ба тартиби ҳарфҳои «Алифбо» (алфавит) шинос кунад, аввал ба онҳо якчанд калима тавсия менамояд ва таъкид мекунад, ки ба алфавит нигариста калимаҳои додашударо ба тартиб рӯбардор намоянд. Масалан, «Алифбои тоҷикӣ» [6,с-146] **бачаҳо, китоб, гулҳо, забон, дӯстдоштаатон, алифбо, модар ва ғайра.**Талабагон ба алфавит нигариста калимаҳоро бо тартиби он пайиҳам менависанд. Масалан, Алифбо, бачаҳо, гулҳо, дӯстдоштаатон, забон, китоб,

модар ва ғайра Дар ин мавриди кори мустақилона барои аз худ намудани қоидаи нав ёрӣ мерасонад.

Дар вақти гузаштани мавзӯи нав талабагон дониши тоза мегиранд, ки мустаҳкам намудани он, асосан, бо роҳи ташкили кори мустақилона сурат мегирад. Муаллим ҳангоми мустаҳкамкунӣ аз як-ду намуди машқҳо истифода мебарад. Доираи кори мустақилонае, ки ҳангоми мустаҳкамкунии дониши талабагон ташкил карда мешавад, аз доираи кори мустақилонаи дар аввали дарс ташкилкардашуда бояд васеътар ва мураккабтар бошад.

Баъзан бо роҳи ташкили кори мустақилона муаллим вазифаи хонагиро месанҷад. Ба ин восита ӯ фаҳмиданӣ мешавад, ки талаба супориши додашударо ҳақиқатан худаш иҷро кардааст ё не.

Ба ин мақсад муаллим монанди вазифаи хонагӣ ба талабагон кори мустақилона месупорад. Забони модарӣ синфи 2. [13 с- 208]. Мисол, амалҳои зеринро хонед ва гӯед, ки ин амалҳоро ба шумо кӣ омӯхтааст. Онҳоро ба сутуни мувофиқ нависед. Як амалро дар якчанд сутун навишта метавонед. Амалҳо: роҳ рафтан, хондан, навиштан, давидан, бозӣ кардан, сухан гуфтан,расм кашидан,суруд хондан, либос пӯшидан,дандон шустан, хона рӯфтан,ҷамъу тарҳ кардан, нақл кардан,побел кардан, роҳро гузаштан,салом додан.

| Модар | Падар | Омӯзгор | Дигарон |
|---|---|---|---|
| Хона рӯфтан.<br>Сухан гуфтан.<br>Нақл кардан.<br>Дандон шустан.<br>Роҳ рафтан.<br>Салом додан.<br>Либос пӯшидан<br>Роҳро гузаштан | Сухан гуфтан.<br>Нақл кардан.<br>Дандон шустан.<br>Роҳ рафтан.<br>Побел кардан.<br>Роҳро гузаштан.<br>Салом додан<br>Либос пӯшидан | Навиштан.<br>Хондан.<br>Сухан гуфтан.<br>Дандон шустан.<br>Ҷамъу тарҳ кардан.<br>Салом додан<br>Либос пӯшидан<br>Расм кашидан | Давидан.<br>Суруд хондан.<br>Либос пӯшидан.<br>Бозӣ кардан.<br>Сухан гуфтан.<br>Побел кардан.<br>Салом додан |

Супориш: мустақилона вобаста ба амалҳои пешниҳодшуда ҷумла татиб диҳед ва ба дафтаратон нависед

Намуна: **Сухан гуфтанро** аз модарам омӯхтам. Аз падарам **побел карданро** ёд гирифтам. **Бозӣ карданро** аз дигарон **омӯхтам.** Муаллим ба мо **хонданро** ёд дод.

Азбаски супориши кори мустақилона ба супориши вазифаи хонагӣ монанд аст, талабагон аз уҳдаи иҷрои он мебароянд.

Чи тавре ки дидем, дарс ягон лаҳзае надорад, ки бе ташкил ва гузаронидани кори мустақилонаи талабагон гузарад. Дар ҳақиқат, истифодаи корҳои мустақилона дар рафти умумии дарсҳо боиси фаъол гардидани тафаккури талабагон мегардад, муносибати шууронаи онҳоро нисбат ба маводи таълим инкишоф медиҳад. Ба таври дигар гӯем, самаранокии таълим ба он вобаста аст, ки муаллим дар ин ё он лаҳзаи дарс аз кадом хели корҳои мустакилона истифода мебарад ва чӣ тавр диққати аҳли синфро ба иҷрои он сафарбар менамояд.

Дуруст аст, ки ҳангоми истифодаи усули таълими кор бо китоб ҷабҳаи шифоҳии он зиёдтар ҳис карда мешавад, яъне ҳам муаллим ва ҳам талабаҳо баъди хондан натиҷаи онро шифоҳӣ баён менамоянд. Вале ин ба мо ҳуқуқ намедиҳад, ки тарафҳои дигари масъаларо ба назар нагирифта, онро ба гурӯҳи усулҳои шифоҳӣ шомил бисозем: талаба метавонад натиҷаи фаъолияташро аз рӯйи китоб ба тарзи таҳририӣ (хаттӣ) ҳам пешниҳод намояд. Мисол, «Ҳикояти най» (Забони модарӣ синфи 4) [4,с.177-178].

Саволҳо:

-Най аввал дар куҷо мезист?

-Бо най чӣ ҳодиса рӯй дод?

-Ҷалолиддини Румӣ бо навиштани ин ҳикоя чиро меҳоҳад таъкид кунад?

Супориш: Ҷумлаҳои зеринро хонед ва нависед. Гӯед, ки сухан дар бораи чӣ меравад.

*1.Рустаниест, ки танаи борику дарози дарунхолии ҷо-ҷо ҳалқабанд дорад ва дар заминҳои сернам мерӯяд.2.Асбоби мусиқии нафасӣ, ки аз чӯби дарунсӯрох сохта мешавад.*

*Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад.В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад.*

Чи тавре ки дар боло зикр кардем, талаба метавонад натиҷаи фаъолияташро аз рӯйи китоб ба тарзи таҳририӣ (хаттӣ) ҳам пешниҳод намояд

Усули кор бо китоб яке аз усулҳои кори мустақлонаи талабгон мебошад. Беҳуда нест, ки Абдураҳмони Ҷомӣ дар як ҷо китобро «Аниси кунҷи танҳоӣ» шумурда, дар ҷойи дигар «Фурӯғи субҳи доноӣ» номидааст.

А.М.Горкий гуфтааст. «Китобро дӯст доред: он манбаи дониш аст» [14, с.85]. Талабагонро аз соли аввали ба мактаб омаданашон ба китобхонӣ одат кунонидан лозим аст, то ки тадриҷан китобхонӣ кори муқаррарии онҳо шавад. Кӯдак, ки ҳанӯз ба ҳодисаҳои ҳаёт ва адабиёт сарфаҳм намеравад, ба воситаи китобхонӣ фикр карданро ёд мегирад, аз китоб таҷрибаи ҳаётӣ ҷамъ мекунад. Китоб яке аз воситаҳоест, ки фикри бачаро мекушояд, тафаккури ӯро инкишоф медиҳад. Талабагон дар натиҷаи китоб хондан маҷбур мешаванд, ки фикр кунанд. Кор бо китобҳои дарсӣ ва дигар китобҳо тамоми давраи мактабхонӣ маҳорати махсусро талаб мекунад. Хусусан, дар синфҳои ибтидоӣ талабагон бе муаллим ин гуна маҳоратро ҳосил карда наметавонанд. Дар ихтиёри мактаббачагон ғайр аз китобҳои дарсӣ маводи зиёди иловагӣ мавҷуд аст: маълумотномаҳо, воситаҳои таълим, луғатҳо, албому ҷадвалҳо, хрестоматияҳо, асарҳои гуногуни бадеӣ, илмии оммафаҳм, маҷаллаҳо, рӯзномаҳои гуногун ва ғайра.

Китоб на танҳо воситаи муҳимми донишҳосилкунӣ, инчунин дастурест, ки аз рӯйи он такрору ҷамъбаст гузаронида шуда, дониши талабагон ба низом оварда мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки китобҳои насли нав (бароriши соли 2012) ба омӯзгор имкон намедиҳад, ки вақтро беҳуда сарф намояд. Раванди дарс пурра ҳамгиро буда, дар он хондан ва навиштан баробар дар ҷараён аст. Иҷрои супоришҳо дар китоб пурра қадам ба қадам навишта шудааст. Аз муаллим кордонӣ ва самараноку мақсаднок истифода бурдани вақту иҷрои супоришҳоро талаб мекунад.

Масалан, матни «Оби Шифо» (Забони модарӣ барои синфи 3) [1,с. 43-44]. Муаллим оид ба обҳои шифобахши кишварамон ангезиши зеҳн гузаронда, доир ба донишҳои заминавии хонандагон маълумот пайдо карда, ба хонандагон супориш медиҳад, ки матни «Оби шифо»-ро аз китоб мустақилона хонда, аз матн сархати дуюмро нависанд ва муайян кунанд, ки он ҳамагӣ аз чанд ҷумла иборат аст.

Савол. Оби гармчашма ба кадом дардҳо дармон мебахшад?

Супориш: Ба расмҳои китоб нигоҳ карда, дар бораи манзараи гармчашма мушоҳидаатонро гӯед.

Супориш: Аз матн исмҳоро нависед ва савол гузоред.

Супориш: Ба калимаҳои **об, дарё, соф, шифобахш** ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

Агар муаллимон аз тартиби дар китоб пешниҳодшуда истифода баранд, дарс пурра ба кори амалии талабагон, яъне ба кори мустақилона бахшида мешавад. Дар ин сурат ҳамкории муаллиму хонанда зич гардида, донишҳосилкунии талабагон дучанд меафзояд.

Баъзан вохӯрдан мумкин аст, ки баъзе муаллимон байни тарзу восита фарқе намебинанд, ҳол он ки ин мафҳумҳо дар таълим тафовути ҷиддӣ доранд. Воситаи таълим гуфта маводеро меноманд, ки ҳам муаллим ва ҳам талабагон барои ба даст овардани ин ё он мақсади муайяни таълимӣ истифода мебаранд. Масалан, ба воситаҳои таълим **китоби дарсӣ, матнҳо, ҷумлаҳо, ибораю калимаҳо, мисолу масъалаҳо, инчунин воситаҳои аёнию маводи дидактикӣ, воситаҳои техникӣ, компютерӣ** дохил мешаванд. Кори мустақилонаи талабагонро бидуни истифодаи ин воситаҳои таълим тасаввур кардан номумкин аст.

Метод ва тарзҳои таълим доимо инкишофу такмил меёбанд. Хусусан, дар замони муосир, ки рушди илм ва техника, афзудани доираи маълумот, комилан такмил додани усулҳо хеле муҳим аст, ҷараёни такмили методҳо бояд ба фаъолонидани шавқу ҳаваси маърифатҷӯии талабагон, инкишофи минбаъдаи онҳо нигаронида шавад.

Усулҳои таълимро методист Сорокин Н.А. ба се гурӯҳ ҷудо кардааст, ки онҳо чи аз ҷиҳати амалӣ ва чи аз ҷиҳати осонии тарзи ифода ва мавқеи имрӯзаашон мувофиқ мебошанд:**1) методҳои шифоҳӣ;2) методҳои аёнӣ;3) методҳои амалӣ.**

Айни замон ба гурӯҳи методҳои омӯзиши мустақилона таълими проблемавӣ, тадқиқотӣ-ҷустуҷӯиро илова кардан мумкин аст. Ҳарчанд ки амалиёти мустақилонаи хонандагонро дар дигар усулҳои тадрис мушоҳида карда метавонем, вале ҳангоми истифодаи ин гурӯҳи методҳо талабагон бештар фаъол гашта, кори онҳо ба эҷодкорӣ мепайвандад.

Ба гурӯҳи методҳои таълими шифоҳӣ ҳикоя, суҳбат, лексияи мактабӣ ва мубоҳиса дохил мешаванд. Дар солҳои аввали ташкили мактабҳои шӯравӣ методҳои таълими шифоҳиро ҳамчун боқимондаи тарзи таълими гузашта маънидод карда, ба он чандон эътибор намедоданд.

Баъдтар, яъне солҳои 30-юм ба ин гурӯҳи методҳо аз будаш зиёдтар диққати ҷиддӣ дода, дар айни замон самаранок ва дар алоқаи методҳои дигар истифода бурдани онҳоро таъкид мекунанд.

**«Каломи зиндаи муаллим, агар ба дархостҳои педагогӣ ҷавоб дода тавонад, на танҳо манбаи ҳақиқии чароғи маърифат,балки талабагонро ба ваҷд оварда, дар рӯҳияи хулқу атвори нек тарбия менамояд.Дар ин сурат фаъолияти маърифатҷӯии талабагонро дучанд мегардонад»** [5, с.512].

Доир ба сифатҳои неку ҳамида ва ташаккули ҷаҳонбинии илмии талабагон нисбат ба баёни шифоҳии муаллимон дархостҳои зеринро пешниҳод намудаанд:

1) «Аз ҷиҳати илмӣ ва мақсаднокӣ пухта бошад. Ин ҷо интихоби илмии мавод, оҳанги ифода нақши асосӣ дорад.

2) Баён ва ифодаи мантиқӣ, ки мусалсалии муайяни донишҳоро таъмин менамояд.

3) Равшан, фаҳмо ва дастрас будани баёни шифоҳӣ, ки барои ҷамъбасту хулосабарорӣ ва мустаҳкам намудани мавзӯъ кумак мерасонад.

4) Аз ҷиҳати бадеият (образнокӣ) ғанӣ ва пурэҳсос будани нақли муаллим ба тезтар омӯхтани дониш ёрӣ расонда, ба ақлу фаросати бачаҳо ва торҳои нозуки эҳсоси онҳо нохун мезанад.

5) Ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои синнусолии талабагон, ки тадриҷан омӯхтани дониш (зина ба зина) ва инкишофи тафаккурро таъмин менамояд» [ 5,с. 512].

Баёни шифоҳии муаллим ҳамон вақт ахамиятнок мегардад, ки агар омӯзгор барои нақл кардан нақша, харита, машқу масъала ва дигар аёнияту маводи дидактикиро дар дарс истифода барад ва дар раванди нақл кардан фаъолиятнокӣ ва шавқу рағбати бачаҳоро нисбат ба мавзӯи дарс бедор карда тавонад, талабагонро ба фикр кардан водор созад.

Мисол:Мавзӯи «Ҳифзи табиат» (Забони модарӣ синфи 1) [2, с.72-73].

Муаллим доир ба мавзӯи «Ҳифзи табиат» ба саволи «Табиат чист?» ангезиши зеҳн гузаронида, барои фикр кардан ду дақиқа вақт медиҳад. Талабагон баъди ду дақиқа фикрҳояшонро баён мекунанд ва муаллим андешаҳои талабагонро дар тахтаи синф менависад.

**Табиат чист**?

- дарё, ҷангал;
- кӯҳ, саҳро;
- дарахтон, ҳайвонот;
- одамон, гиёҳҳо, буттаҳо ва ғайра.

Муаллим андешаҳои талабагонро тақвият дода, илова мекунад. Он чи ки дар гирду атрофамон мебинем, табиат аст. Табиат хонаи мост онро бояд тоза, озода, сабзу хуррам нигоҳ дорем.(Мисол, кӯҳ пур аз гиёҳҳои шифобахш; дарё оби мусаффо, ҳаётбахш; дашту саҳро майдони кишту кор, дарахтони мевадиҳанда ва сояафкан; хайвонот барои зиёд шудани насл, фаровон шудани гӯшт, шир, пашм ва ғайра боз чандин мисол овардан мумкин аст, ки онҳо маҳсули табиати маҳалли мо мебошанд.

Муаллим суҳбатро идома дода, аз аҳли синф мепурсад «Табиатро чӣ гуна муҳофизат мекунем?». «Ҳифзи табиат чист?» Барои фикр кардан ба талабагон вақт дода мешавад. Баъди ду дақиқа андешаҳои талабагон шунида мешаванд:

- ➢ тозаю озода нигоҳ доштани ҳавлию хонаҳо;
- ➢ тоза нигоҳ доштани оби чашма ва ҷӯйчаҳо;
- ➢ парвариш намудани гулу гиёҳҳо ва буттаҳо;
- ➢ ниҳол шинонидан.

Муаллим ба талабагон супориш медиҳад, ки саҳифаи 72-73-и китоби забони модариро кушода матни, «Ҳифзи табиат чист?»-ро мустақилона хонда бароянд.

- ✓ нашикастани шохи дарахтон;
- ✓ ниҳол шинонидан;
- ✓ парвариши гулу гиёҳҳо, дарахтон ва буттаҳо;
- ✓ дӯст доштани парандагон, ғамхорӣ ба онҳо;
- ✓ дӯст доштани ҳайвонот, ғамхорӣ ба онҳо;
- ✓ тоза нигоҳ доштани об ва сарфа кардани он;
- ✓ тозаю озода нигоҳ доштани ҳавлию майдонҳо;
- ✓ дӯст доштани ҳама мавҷудоти табиат.

«Суръат ва оҳанги нақли муаллим ҳам аз аҳамият холӣ нест. Суръати тези сухани муаллим рафти фаҳмиши мавзӯъро душвор мегардонад. Баръакс, агар суръат аз ҳад зиёд суст бошад, шавқу ҳавас ба он кам шуда, диққатнокӣ барҳам мехӯрад. Оҳанги хеле паст ва баланди сухан ҳам таъсир дорад. Ҳазлу шӯхӣ, суханҳои нишонрас низ муҳиманд. Яъне, дар дарс шӯхӣ кардан мумкин, вале онро ба масхара табдил гардондан лозим нест» [5,с.512].

Нақли муаллим дар синфҳои ибтидоӣ 5- 10 дақиқа давом мекунад. Муаллим дар давоми нақл асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии таълимро истифода барад ҳам, дар раванди дарс оҳанги ифода, имою ишора, далелҳои аниқ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Суҳбат саволу ҷавоб буда, дар байни муаллиму хонандагон сурат мегирад. Дар суҳбат муаллим ба дониш ва таҷрибаи амалии бачаҳо такя менамояд. Ҳам саволҳо ва ҳам ҷавобҳо ба ҳалли масъалаи муайян нигаронида шуда, аз ҷиҳати илмӣ ва тарзи ифода дурусту равшан баён карда мешаванд. Суҳбатро дар ҳамаи лаҳзаи дарс метавон истифода кард. Суҳбате, ки дар аввали дарс ба мақсади фаҳмонидани мавзӯи нав истифода мебарем, суҳбати эвристикӣ меномем (аз калимаи юнонии эврика гирифта шуда, маънояш ёфтам мебошад).

Суҳбат ҳамчун методи таълим фаъолияти мустақилонаи бачаҳоро таъмин менамояд. Вале тайёрӣ ва гузаронидани он аз муаллим меҳнати зиёдро талаб менамояд. Муваффақияти суҳбатро интихоби дурусти мавзӯъ, фаҳмидани мақсади таълимии мавзӯъ, мантиқан дуруст тартиб додани саволҳо, ҷавобҳои гуногун ва иштироки фаъолонаи бачаҳо таъмин менамояд.

Масалан, муаллим ҳангоми таълими матни «Мурча ва кубутар»- («Забони модарӣ» синфи 2) [13с.141-142]. Тавассути саволҳои ёридиҳанда аз хонандагон баъзе маълумотҳоро оид ба мурча ва кабутар фаҳмида гирифтан, ба хонандагон супориш медиҳад, ки матни «Мурча ва кабутар»-ро мустақилона, вале хомӯшона хонанд. Барои хондан вақт дода мешавад. Баъди хондан мазмуни афсона аз хонандагон тариқи саволҳо пурсида мешавад.Мисол:

1.Ҳодиса дар кадом фасли сол рӯй дод?

2.Мурчаяк чӣ меҷуст?

3.Бо ӯ чӣ ҳодиса рӯй дод?

4.Кӣ ба вай ёрӣ расонд?

5.Чӣ тавр мурча ба некии кабутар ҷавоб гардонд?

Азбаски мазмуни афсона ва тарзи баёни он хеле сода ва фаҳмо аст, хонандагон зуд оид ба мазмуни он маълумот пайдо намуда, ба саволҳои муаллим ҷавобҳои пурра мегардонанд.

Кори мустақилона:Афсонаро бори дигар хонед. Амалҳои симоҳои матнро дар ҷадвал нависед [13, с.142].

| Симоҳои афсона | Чи кор кард? |
|---|---|
| Мурча | |
| Кабутар | |
| Шикорчӣ | |

Дар вақти савол додан меъёрҳои зерин бояд ба назар гирифта шаванд:

1.Саволҳо бояд мантиқан фаҳмо, равшан ва дар шакли кӯтоҳ баён карда шаванд.

2.Вақте ки саволҳоро пешниҳод менамоем, ҷавоби онро низ пешакӣ омода месозем, то ки аз ҳад зиёд кашол наёбад.

3.Пайдарҳамӣ ва тадриҷан душвор шудани саволҳо.

Дар ин маврид қобилияти маърифатҷӯӣ ва фикрии бачаҳоро инкишоф медиҳем.

4. Савол набояд дар доираи як шакл маҳдуд монад.

Дар баъзе синфҳо саволи хонандагон ба хонандагон, яъне ба ҳамдигар таҷриба карда мешавад. Беҳтараш дар ин маврид савол ба муаллим дода шавад. Муаллим онро ислоҳ карда, ба хонандаи дигар медиҳад. Яъне саволҳо бояд характери педагогӣ гиранд. Ин чӣ маъно дорад?

Вақте ки як хонанда ба дигараш савол медиҳад, вай чанд чизро ба ҳисоб намегирад. Аз ҷумла: а) гаштаю баргашта такрор ёфтани савол; б) дараҷаи дониши талаба; в) сахт расидан ба иззати нафси онҳо.

Баъзан хонандгон бо мақсади қасд гирифтан чизҳоеро мепурсанд, ки ба мавзӯъ тамоман алоқаманд нест, вақт беҳуда сарф мешавад.

Агар муаллим ҳамаи он чизҳоеро, ки хонандагон ҳангоми савол додан ба ҳисоб намегиранд, ба назар гирад, савол рӯҳи педагогӣ мегирад. Нақш ва назорати муаллим ҳам ҳангоми саволборон кардан ҳамин аст.

Айни замон баъзе муаллимон дар дарсҳояшон аз методи мубоҳиса (баҳс) истифода мебаранд. Вале қолаби шахшуда имконият намедиҳад, ки муаллимони мо дар равнди истифодаи методи мубоҳиса боҷуръат бошанд. Ҳақиқат дар баҳс ошкор мегардад. Барои он ки шогирдонро бо дониши ҳақиқӣ, пойдор, илмӣ ва амалкунанда мусаллаҳ созем, дар раванди дарсҳо аз методи мубоҳиса самаранок истифода кардан лозим аст. Ба хотир биёрем панди Саъдии бузургворро: «Се чиз пойдор намонад: мол бе тиҷорату илм бе баҳс ва мулк бе сиёсат» [5,с.515]. Мубоҳиса дар гузашта мавқеи муҳим дошт. Дар натиҷаи чунин фаъолият, яъне баҳси беғаразона ва холисона на танҳо дониши шогирдон пухта мегардад, балки девори байни устоду шогирд аз байн бардошта шуда, муносибати инсондӯстӣ, эҳтироми ҳамдигар барқарор мегардад.

**«Бояд иқрор шуд, ки мо дар мактабҳои худ ин тарзи таълиму ин тарзи муомиларо аксаран аз даст додаем ва акнун эҳё карданием»** [5,с.516].

Дар вазъияти ҳозираи таълимӣ, ки аз гуфтану шунидан иборат аст, дар раванди дарс ташкили мубоҳисаи таълимиро ба вуҷуд овардан мушкил аст, зеро мо талабаҳои имрӯзаро бо додани донишҳои тайёр ба шунавандаи камфаъолу танбал табдил додаем. Омилҳои дигаре, ба мисли дар раванди дарс вуҷуд доштани бенизомӣ, бенақшагӣ (гоҳо бе тайёрӣ ба дарс омадан), набудани тадбирҳои ташаккули малакаҳои фаъолияти мустақилонаи таълимӣ, дар фаъолияти амалии талабагон, набудани малака ва маҳорати ҷустуҷӯӣ, эҷодкорона ва мустақилона фикр карда аз бар намудани донишҳо, ҳамаи инҳо сабаби ба шунавандаи пассив табдил додани талабагон мегардонад.

Ташкили бенизоми фаъолияти мустақилонаи таълимии хонандагон имкон намедиҳад, ки дар онҳо малакаи мустақилона амал кардан рушд ёбад. Муаллимони мо бештари вақтро ба нақл кардан, фаҳмондан ва баъзе масъалаҳои дигар мебахшанд, аз ин лиҳоз, барои кори мустақилонаи хонандагон, рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо вақт кифоя намекунад.

Акнун вақти он расидааст, ки бо бачаҳо ҳамкорӣ карда, муҳити эҷодкорӣ ва ҷустуҷӯиро дар раванди дарс эҳё намоем. Бо мисолҳои зинда рағбати маърифатҷӯии талабаҳоро бедор намуда, муҳити баҳсу мубоҳисаи таълимро ба амал орем.

Муаллим вазифадор аст, ки ба шогирдонаш роҳи мустақилона донишҳосилкуниро омӯзонда, тафакури эҷодии онҳоро инкишоф диҳад. Инкишоф

додани тафакури эҷодии хонандагонро бе ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ва ташкили мубоҳисаи таълимӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Дар раванди дарс ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ё истифода бурдан аз усулҳои ҳамфаъол (интерактивӣ) гуногунфикриро дар фаъолияти мустақилонаи талабагон ба вуҷуд оварда, онҳоро ба ҳалли масъала омода сохта, ба дарс рӯҳи тоза мебахшад. Истифодаи самараноки усулҳои ҳамфаъол ба муаллим имконият медиҳад, ки дар симои шогирдонаш на мушоҳидакорони пассив, балки ҳамкорони ҳақиқиеро бинад, ки онҳо нисбат ба омӯхтани мавзӯъ бетараф нестанд. Дар навбати худ, хонандагон низ дар симои устодашон шарикдарси худро мебинанд, ки масъаларо ба миён гузошта, шогирдонро ба кунҷкобӣ, эҷодкорӣ, баҳс кардан ва мустақилона фаъолият намудан ҳидоят мекунад.

Масалан, матни «Бародар ва хоҳар»-ро бо истифодаи усули «Хониши ботаваққуф» дида мебароем (Забони модарӣ синфи 2) [13, с. 255]:

Бародар ва хоҳар

-Ба фикри шумо, дар матн сухан дар бораи киҳо меравад?

Киро бародар ва киро хоҳар мегӯянд?

**Исти 1.** Ба фикри Шумо онҳо кадом амалҳои хубу некро иҷро карда метавонанд? Андешаи хонандагон: накукорӣ, саховатмандӣ, дилсӯзӣ, ростгӯӣ, меҳрубонӣ, хушгуфторӣ, ҳалолкорӣ, ғамхорӣ ва ғайра.

Муаллим: Меҳоҳед фаҳмед, ки бародару хоҳар чӣ кор мекарданд? Пас гӯш кунед.

Падаре як писар ва як духтар дошт. Писараш хеле зебо буд. Аммо духтараш назарногир ва безеб буд. Рӯзе писару духтар бозӣ мекарданд ва аз як хона ба хонаи дигар даву тоз мекарданд. Ногоҳ дар болои мизи модарашон оинаеро диданд.

**Исти 2.**Ба фикри Шумо, бародару хоҳар оинаро чӣ кор карданд?

Хонадагон ақидаҳои гуногунро пешниҳод мекунанд (Муаллим ақидаҳои хонандагонро дар тахта менависад).

-Меҳоҳед фаҳмед, ки давоми ҳикоя чӣ мешавад? Пас давомашро гӯш кунед.

Писар худро дар оина дида, хеле фахр кард ва зебоии худро таъриф кард. Духтар ғамгин шуда, ба назди падараш рафт ва шикоят кард, ки бародараш аз ҳусну ҷамолаш фахр мекунад.

**Исти 3**.Ба фикри шумо падар ба фарзандонаш чӣ гуфт?

Хонандагон ақидаҳои гуногунро пешниҳод мекунанд.

-Меҳоҳед фаҳмед, ки давоми ҳикоя чӣ мешавад? Пас давомашро гӯш кунед.

Падараш ҳарду фарзандашро бо меҳрубонӣ ба оғӯш гирифта, насиҳат кард. «Аз шумо хоҳиш дорам, ки ҳар рӯз ба оина нигоҳ кунед. Писарам, ту кӯшиш кун, ки бо кирдорҳои хубу нек зебоии чеҳраатро зеботар гардонӣ. Ту, духтарам, кӯшиш кун, ки безебии чеҳраатро бо кору амали хуб зеботар ва мақбули дигарон гардонӣ».

Аз «Ҳикматҳои Луқмони Ҳаким»

- Супориш:Ба писар ва духтар гӯед, ки кадом амалҳои хубу некро иҷро карда метавонанд? Намуна: ростқавлӣ, ростгуйӣ, меҳрубонӣ ва ғайра.
- Ба писараку духтарак якчанд маслиҳат нависед, то панди падарро фаромӯш накунанд. Намуна: Шумо бояд ростгӯй, меҳрубон, ҳалолкор, хушгуфтор, ғамхор, меҳнатдӯст, саховатманд бошед.
- Даҳ хислати хуби одамонро нависед. Намуна: накукорӣ, саховатмандӣ, дилсӯзӣ, нотарсӣ, ростгӯйӣ, меҳрубонӣ, поквиҷдонӣ, хушгуфторӣ, ҳалолкорӣ, ғамхорӣ.

Хулоса, агар муаллим тавассути иҷрои фаъолияти мустақилона дар ҳамкорӣ бо шогирдон қарор дошта бошад, он гоҳ муаллим ба ҷойи калимаи «Ман» калимаи «Мо»-ро истифода мебарад ва, эътибор ва обрйи ӯ назди шогирдон дучанд меафзояд, шогирдон дар шахсияти муаллим шахси ёридиҳанда, кумаккунанда, шахси аз ҳама наздикашонро мебинанд.

Ба вуҷуд овардани вазъияти проблемавӣ ё истифода бурдан аз усулҳои ҳамфаъол (интерактивӣ) ҷараёни таълимро аз қоидаи маъмули шахшудамондаи «ман мефаҳмонам, шумо дар хотир нигаҳ доред ва баъд такрор мекунем», озод карда, нуфуз ва мавқеи хонандагонро дар мустақилона омӯхтани мавзӯъ баланд мебардорад.

**Муқарриз:** ***Абдуллоева Т.М.*** **– номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДМТ**

## АДАБИЁТ

1. Абдуллоев И., АбдуллоевЗ. Забони модарӣ барои синфи 3. –Душанбе, 2012. -375 с.
2. Байзоев А. Машокирова Г. Забони модарӣ барои синфи 1. –Душанбе, 2010.-167 с.
3. Довлатова Р., Мирзоев Р. Материалҳои дидактикӣ оид ба грамматика ва имло ва инкишофи нутқ. -Душанбе, 1990. -104с.
4. Зиёев М. Забони модарӣ синфи 4./М.Зиёев, У.Эрматова. -Душанбе, 2012.-243с.
5. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик. -Душанбе, 2015. -703.с.
6. Лутфуллоев М., Шарифзода Ф., Абдуллоев И. «Алифбо». - 2013. -151с.
7. Лутфуллоев М. Асосҳои таълими ибтидоии забони модарӣ. –Душанбе, 2007. -463 с.
8. Лутфуллоев М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфҳои ибтидоӣ. – Душанбе, 1985. -247с.
9. Лутфуллоев М.Л.ва дигарон. Усулхои таълими муштарак дар синфхои ибтидои. Душанбе, "Маориф", 1995, -с.48.
10. Лутфуллоев М.Л. Чабхаи методи-амалии тадриси муштарак., ж. "Маърифат" 1992, №3, -с.53-57.
11. Лутфуллоев М.Л., Абдуллоев И., Шарифов Ф. Забони модари. Китоби дарси барои синфи IV. Душанбе, "Маориф", 1996, -с.224.
12. Шарифзода Ф., Лутфуллоев М. Забони модарӣ бароисинфи 2. –Душанбе, 2017. -327с.
13. Шарифзода Ф., Лутфуллоев.М. Методикаи таълими забони модарӣ дар синфи 2. –Душанбе, 2014. -355с.
14. Эшонҷонов А., Шукуров М., Раҳмонов М. Методикаи таълими забони тоҷикӣ дар мактаби ибтидоӣ. – Душанбе, 1964. -263 с.
15. Юнусова Н.М. Хусусиятхои дарс дар синфҳои ибтидоӣ. Душанбе ДДОТ, 1998 с.


## ТАШКИЛИ ФАЪОЛИЯТИ МУСТАҚИЛОНАИ ТАЛАБАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ ДАР МАШҒУЛИЯТҲО АЗ ФАННИ ЗАБОНИ МОДАРӢ


Мақола ба баррасии масоили ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ дар машғулиятҳои забони модарӣ бахшида шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки корҳои мустақилона дар ҳамаи давру замон ба сифати усулҳои таълим истифода шудаанд. Адибон, шоирон, олимон ва мутафаккирони бузург тавассути мутолиаи осори ниёгону муосир ва сарчашмаю маъхазҳои илмӣ, адабӣ ва фалсафӣ соҳибмаърифат гардидаанд. Ҳаёт собит намудааст донише, тавассути фаъолияти мутақилона ба даст оварда мешавад, пояндаву пурдошт аст. Муаллиф ба он ишорат менамояд, ки кори мустақилона яке аз воситаҳои асосии ташаккули нутқи навишторию гуфторӣ, баландбардории фаъолияти зеҳнию ақлонии хонандагони синфҳои ибтидоӣ маҳсуб меёбад.Барои фаъолияти мустақилонаи таълимии талабагони синфҳои ибтидоӣ, бахусус дар дарсҳои грамматика ва имло машқҳои гуногун ба кор бурда мешаванд. Масалан, рӯбардоркунӣ, имлоҳои гуногун, таҳлили грамматикӣ, ба саволҳо ҷавоб навиштан, нақли хаттӣ, хелҳои гуногуни иншо ва ғайра. Муаллим ҳангоми мустаҳкамкунӣ аз як-ду намуди машқҳо истифода мебарад, ки аз хонанда иҷрои мустақилонаро талаб мекунад. Ин аст, ки дар мавриди гузаронидани дарсҳо муаллим, пеш аз ҳама, ба фаъолиятнокӣ ва кори мустақилонаи талабагон такя карда, ба иштибоҳи ҳар як кори мустақилонаи хонанда ва тарзи иҷрои он диққати ҷиддӣ медиҳад, назорат мекунад, бо роҳи муҳокимаи умумӣ месанҷад.



**Калидвожаҳо:** ташкили фаъолияти мустақилонаи талабагони синфҳои ибтидоӣ, машғулиятҳо аз фанни забони модарӣ, таҳлили грамматикӣ, нақли хаттӣ, хелҳои гуногуни иншо.


## ОРГАНИЗАЦИЯ САМОСТОЯТЕЛЬНОЙ РАБОТЫ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ НА ЗАНЯТИЯХ ПО РОДНОМУ ЯЗЫКУ


В статье автором рассматриваются проблемы организации самостоятельной работы учащихся начальных классов на занятиях по родному языку. Автор отмечает, что самостоятельная работа во все времена были использованы в качестве методов обучения. Литераторы, поэты, ученые и великие просветители приобрели знания и познали мир посредством изучения научных, литературных и философских книг и источников. Жизнь доказала, что знания приобретенные посредством самостоятельных занятий, становится прочной и ведет человека вперед всю его сознательную жизнь. Автор указывает на то, что самостоятельная работа является одним из основных средств формирования речи и письма, повышения умственной и познавательной деятельности учащихся начальных классов. Для самостоятельной работы учащихся начальных классов, особенно на уроках правописания используются различные задания. Например, списывание, различное правописание, грамматический анализ, ответы на вопросы в письменном виде, написание изложения и сочинений. Учитель при укреплении урока использует один или два вида заданий, которые требуют от учащихся их самостоятельного решения. Поэтому, во время проведения уроков учитель прежде всего опирается на активность исамостоятельную работу учащихся и обращает особое внимание на каждую сделанную ошибку при самостятельной работе учащихся, ведет контроль и проверяет их путем общего обсуждения.



**Ключевые слова:** организация самостоятельной работы учащихся начальных классов, занятия по родному языку, грамматический анализ, написание изложения, различные виды сочинений.


## ORGANIZATION OF INDEPENDENT WORK OF STUDENTS IN THE ELEMENTARY CLASSES IN CLASSES IN THE NATIVE LANGUAGE


In the article, the author examines the problems of organizing the independent work of primary school students in the classroom in their native language. The author notes that independent work has at all times been used as teaching

methods. Writers, poets, scientists and great educators acquired knowledge and got to know the world through the study of scientific, literary and philosophical books and sources. Life has proven that knowledge acquired through self-study becomes solid and leads a person forward throughout his entire conscious life. The author points out that independent work is one of the main means of forming speech and writing, increasing the mental and cognitive activity of primary school students. For independent work of primary school students, especially in spelling lessons, various tasks are used. For example, cheating, different spelling, grammatical analysis, answering questions in writing, writing a presentation and essays. When reinforcing the lesson, the teacher uses one or two types of assignments that require students to solve them independently. Therefore, during the lessons, the teacher primarily relies on the activity and independent work of students and pays special attention to every mistake made during the independent work of students, monitors and checks them through general discussion.

**Key words:** organization of independent work of primary school students, classes in their native language, grammatical analysis, writing a presentation, various types of essays.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Бозоров Хушвахт*** – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори иҷтимоӣ. . **Суроға:** 735360,Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров-16. **Телефон: 985-56-41-21**

**Сведения об авторе:** ***Бозоров Хушвахт*** **-** Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, кандидат педагогических наук, доцент кафедры дошкольного образования и социальной работы. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г.Куляб, улица С.Сафарова-16. Телефон: **985-56-41-21**

**Information about the author:** ***Bozorov Khushvakht*** - Kulob State University named after Abuabdulloh Rudaki, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Preschool Education and Social Work. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street-16. Phone: **985-56-41-21**

**УДК:372.4:005**

# МОДЕЛИ ОМОДАСОЗИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКОЛОГӢ-ҲИФЗИТАБИАТӢ

***Кузиева Р.М.***
**Донишгоҳи давлатии молиявию иқтисодии Тоҷикистон**

Дар марҳалаи муосири рушди ҷомеа масъалаи таълиму тарбияи экологӣ хеле тезутунд шудааст. Далели асосии ин сабаб асосан эҳсос накардани масъулият нисбат ба мушкилоти экологӣ мебошад. Вобаста ба ҳамин масъала лозим аст, ки аз соли аввали таҳсил дар муассисаи таълимии муосир таваҷҷуҳи бештар ба масъалаи таълиму тарбияи экологӣ дода шавад.

Муҳимтарин вазифаҳои чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ дар заминаи таълиму тарбияи экологӣ ташаккулдиҳии нигариши масъулона ба табиат буда, як шарти ҳадафманд барои фаро гирифтани донишҳои илмҳои табиӣ ва инкишоф додани ҷиҳати идрокӣ ва эстетикии талабагон аст. Ҳалли ин мушкилот дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба назари мо, бояд бо ғанисозиии мазмун, шакл ва равишҳои чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ, фаъолиятҳои беруназсинфӣ сурат гирад, ки ин амр ба оғози тарбияи ахлоқӣ дар иҷрои фаъолияти экологӣ ва табиатдӯстдории талабагони хурдсол кумак мекунад.

Мавриди зикр аст, ки аҳамияти бисёр зиёди тарбияи ахлоқӣ дар рушд ва ташаккули шахсият аз даврони бостон дар маҷрои таълим ва тарбият шинохта шудааст.

Бисёре аз педагогҳои барҷастаи гузашта хотирнишон кардаанд, ки омода намудани як шахсияти қобили таваҷҷуҳ фақат ба таълим ва тарбияти зеҳни вай наметавонад маҳдуд шавад ва ташаккули ахлоқи вай дар маҷрои таълим ва тарбият мавқеи асосиро ишғол мекунад.

Педагог – демократи барҷастаи швейтсарӣ Иоганн Песталотси (Pestalozzi) нақши бузурги тарбияи ахлоқиро қайд кардааст. Вай тарбияти ахлоқиро вазифаи асосии

муассисаи таълими кӯдакон донистааст. Ба ақидаи ӯ фақат тарбияти ахлоқӣ фазилати накукорӣ, тавоноии муқовимат дар баробари мушкилоти зиндагӣ ва як нигариши дилсӯзонаи шахсиятро нисбат ба мардум ва табиат ташаккул медиҳад [2].

Вобаста ба ин, аз педагогҳои классики гузашта К.Д. Ушинский ба таври комил ва ошкор нақши таҳаввуломези тарбияти ахлоқиро дар рушди шахсият тавсиф мекунад ва навиштааст: "...танҳо зеҳн ва дониш ба танҳоӣ барои решакан кардани он эҳсосоти ахлоқӣ кофӣ нестанд, ки баъзан бо ақида мувофиқ мебошанд, вале ғолибан онҳо мардумонро ба як ҷомеаи содиқ ва муттаҳид алоқаманд мекунанд" [7].

Нақши азими тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълим ва ташаккули шахсият тавассути В.Г.Белинский нишон дода шудааст. Вай хотирнишон кардааст, ки маълумоту дониш ва маҳоратҳои тавассути фард дарёфтшуда ба таври кам ва ё беш манфиат хоҳанд дошт, вобаста ба ин, ки фард чӣ гуна ахлоқро меомӯзад. Бинобар ин, ӯ муътақид буд, ки ҷанбаи ахлоқии ташаккули шахсият вазифаи асосии тарбият аст [1].

Аҳамияти тарбияи ахлоқӣ бо ин воқеият марбут аст, ки ба даст овардан ва пайгирии амалии меъёрҳо ва қоидаҳои ахлоқӣ фардро ба болотарин арзишҳои ахлоқии ҷомеа муаррифӣ мекунад ва ҳама аъмолу кирдори вайро беҳтар мекунад. Бинобар ин, рушди зеҳнии шахс, рӯҳияи ӯ ва ҳар омодагии касбии инсон моҳияти воқеии худро барои афроди атрофи худ ҳамон вақт ошкор мекунанд, ки дар як навъ шикаст тавассути чеҳраи ахлоқи шахс фақат бо хусусиятҳои ахлоқӣ зоҳир шаванд.

Инсон ягона махлуқи биологии рӯйи Замин аст, ки дар раванди инкишоф ёфтан қонунҳои экологиро суиистифода мекунад. Башарият дар асри бунёд, раванди рушд, замоне, ки зеҳни инсон ба болотарин фанновариҳо дар илм, технология, тибб, кайҳон расидааст, ноқисиҳои зиёдеро дар маърифати экологии худ ҷамъ мекунад. Аксар мардумони замони тамаддун комилан орӣ аз маърифат ва маҳоратҳои экологӣ ҳастанд. Аз ин назар, мардумони бостон омодагии бештаре доштанд ва бо рафтор ва фаъолияти худ беҳтар метавонистанд бо табиат "ҳамкорӣ" кунанд. Бо аз байн бурдани муҳити зисти худ, мардум аз ин тариқ худро водор мекунанд, ки дар бораи таъмини ғизо, либос, гармо ва ғайра фикр кунанд ва дар айни ҳол дар мавриди масъалаи, ки чӣ гуна табиатро наҷот диҳем, низ бояд фикр кунанд. Барои посух додан ба ин масъалаҳо мо ба маърифати экологии ҳамагон ниёз дорем.

Бинобар ин, асоси фаъолиятҳои экологӣ ва табиатдӯстдорӣ дар синфҳои ибтидоӣ гузошта мешавад.

Ҷойгоҳи махсус дар масири рушди шахсият ба марҳалаи ибтидоии муассисаи таълимӣ тааллуқ дорад. Ин давраест, ки метавон диққати кӯдаконро ба мушкилоти экологии ҷомеа ҷалб намуд. Дар ин синну сол кӯдак таъсирпазир мебошад, наздик ба табиат буда, кунҷковии ӯ афзунтар аз ҳама вақт аст. Дар тӯли давраи таҳсил, дар синфҳои ибтидоӣ кӯдак зуд ёд мегирад ва дар ин давра ба дониш ва маҳоратҳои экологиро ба ӯ талқин кунем, ба мақсад мувофиқ аст. Бояд ба ӯ ёд диҳем, ки ба табиат муҳаббат дошта бошад, аз он муҳофизат кунад. Бинобар ин, муаллимони синфҳои ибтидоӣ дар ин давра нақши махсус ва муҳимме дар таълиму тарбияи экологӣ доранд.

Пеш аз ҳама, дар мавриди дунёи одамон ва олами табиат ҳамчун муҳити наздиктарини худи талаба ба онҳо маълумот дода мешавад ва ин хеле муҳим аст, зеро ин донишҳои бунёдӣ бояд талаботи табиӣ, иҷтимоӣ ва шинохтиро дар ихтиёри талаба қарор диҳанд. Кӯдак тавассути муҳити атроф аз гуногунии шаклҳо, рангҳо, падидаҳои мухталиф, ҳолати табиат, дунёи ҳайвонот ва наботот, тағйирёбии фаслҳои сол ҳар як чизи муҳим ва қобили таваҷҷуҳро бояд омӯзад.

Моҳияти асосӣ ва ҷудонопазири таълиму тарбияи экологӣ дар раванди ташкили корҳои таҷрибавӣ – озмоишӣ коркарди системаи хосси машғулиятҳо ва чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ мебошад ва ин чунин имкониятҳоро фароҳам меоварад:

- байни фаҳмиши табиат ва дарки ҳаёти иҷтимоӣ алоқа барқарор карда мешавад;

- пайдарпайӣ ва афзалияти воқеии омӯзиши табиати моро иҳотанамуда таъмин карда мешавад;

- барои ташкили бомақсади рафторҳои ахлоқӣ ва эстетикӣ шароит фароҳам оварда мешавад.

Дар шароити муосир таълиму тарбияи экологӣ ба унвони бахши ҷудоинопазири таълимоти ахлоқии афрод дар ҳамаи синну сол ва касбу кор дорои аҳамияти махсус мебошад. Ташаккули маърифати ахлоқӣ ногузир бо тарбияти экологии фард вобастагӣ дорад. Нишон додани таъсири мутақобилаи ду тарҳи таъсироти тарбиявӣ лозим ба зикр аст :

-якум, ин як таъсири печида дар ташаккули нигариши талабагони муассисаи таълимӣ ба табиат дар муттаҳидии компонентҳои экологӣ, ахлоқӣ ва эстетикӣ мебошад;

- дуюм, тарбияи ахлоқӣ ба маънои васеъ бо мақсади ташаккули эстетикӣ, нигариши экологӣ ба воқеиятҳо ба таври куллӣ ва ба табиат ба унвони бахше аз он бунёд ёфтааст.

Дар маҷмӯъ, ҳарду тарҳ бо истифода аз воситаҳои “муҳтавои табиӣ”- и тафаккури таълимӣ, таъсири бевоситаи муҳити табиӣ, падидаҳои табиии хос, объектҳо, василаҳои моддии фаъолияти эҷодӣ, ки ба объектҳои табиӣ равона шудаанд, иҷро мешаванд. Дарк, арзёбӣ, таассурот аз объектҳои зебои зинда ва ғайризиндаи табиат маълум мешавад, ки на танҳо як ангезаи муҳим барои барқарории робитаи як фарди муосир бо табиат аст, балки як омили фаъол дар тарбияи ахлоқӣ, ташаккули мавқеияти амалӣ - инсондӯстона ва фарҳанги рафтор аст. Бинобар ин, тарбияи ахлоқӣ ва экологӣ ташаккули мавқеъгирии талабагони муассисаҳои таълимиро барои баргузор намудани чорабиниҳои экологии беруназдарсӣ ва беруназмактабии онҳо таҳрик мекунад.

Бидуни рушди тафаккури ахлоқӣ ғайриимкон аст, ки як дидгоҳи маҷмӯъ ва дарки моҳияти объекти табииро чун падидаи эстетикӣ, мушаххас ва ба равиши хосси худ комил бишиносем. Бидуни ин ба таври саҳеҳ баҳогузорӣ намудани мақсад ва вазифаҳои меҳнатию эҷодии дар назди инсон гузошташуда ғайримумкин аст.

Дар энсиклопедияҳои педагогӣ таҳти мафҳуми тарбияи ахлоқӣ ташаккулдиҳии ҳадафманди тафаккури ахлоқӣ, рушди эҳсосоти ахлоқӣ ва рушди маҳоратҳою одатҳои рафтори ахлоқӣ фаҳмида мешавад. Педагоги машҳури рус Харламов И.Ф. муътақид буд, ки тарбияи ахлоқӣ равандест, ки бо мақсади ташаккули комил ва рушди шахсияти кӯдак анҷом меёбад. Ин шомили ташаккули робитаи кӯдак бо зодгоҳ, меҳнат, уҳдадориҳои худ, ҷомеа, муҳити зист, бо шахсияти худ аст. Бинобар ин, тарбияи ахлоқӣ тарбияти ватанпарастӣ, меҳнатӣ, эстетикӣ ва экологиро муттаҳид мекунад ва ҳамчунин талаботи зарурии иҷтимоии ҷомеаро ба ангезаҳои ботинӣ барои шахсияти ҳар кӯдак, ба монанди вазифа, ифтихор, виҷдон, иззат табдил мекунад [8].

Ҳамин тариқ, ахлоқ нақши “қутбнамо”-и рафторро бозӣ мекунад, ки имкон медиҳад дар зиндагӣ ҳаракат намоем ва он аз тариқи як системаи мавқеъгирӣ, меъёрҳо, арзёбиҳо, идеалҳо рафтори мардумро танзим мекунад.

Дар таҳқиқоти мо кӯшиш карда шуд, то аз шарҳу тафсири арзишҳои ахлоқии инкишофёфта дар фарҳанги умумиинсонӣ ва усулҳои рафтор, ки аз онҳо ба системаи

талаботи дарунӣ барои худ дар маҳкумиятҳои шахс итминон ҳосил мешавад ва инҳо ангезаҳои худи танзим ҳастанд. Ин равиш фурсати зеринро ба мо дод, то корҳои зерро дар мавриди тарбияи ахлоқии талабагони синфҳои ибтидоӣ нишон диҳем:

- ташаккули таҷрибаи муроқибат аз дигарон ва хонандагони синф;
- эҷоди маҳорат дар таҳлили робита бо хонандагони синф;
- фарогирии фарҳанги рафтор дар робита бо волидайн, писарон, духтарон, коркунони муассисаи таълимӣ;
- талқини нигариши ахлоқӣ ба табиат;
- ташаккули муносибати оқилона ба меҳнат, ба фарҳанги мардумӣ.

Бинобар ин, кори ҳадафмандеро анҷом додан лозим аст, то хонандагони синфҳои ибтидоӣ бо меъёрҳо ва қонунҳои умумиинсонии рафтор дар хона, муассисаҳои таълимӣ, маконҳои ҷамъиятӣ, дар робита бо ҳамсолон, дар робита бо табиати зодгоҳ шинос шаванд. Албатта, тарбияи арзишҳои умумиинсонии ахлоқӣ бояд бо дар назар гирифтани одатҳо, одоб ва расму русуми мардумӣ, хусусиятҳои миллӣ дар асоси фарҳанги миллӣ ба роҳ монда шавад.

Раванди воқеӣ, амиқ ва таъсирбахши тарбияи ахлоқӣ аз ҳаллу фасли хусусиятҳои кӯдак, худтасдиқкунӣ ва зиндагии ӯ вобаста аст.

Таълиму тарбияи экологӣ иттиҳоди тафаккур ва рафтори экологӣ, ҳамоҳангӣ бо табиат аст. Ба ташаккули тафаккури экологӣ донишҳо ва ақидаҳои экологӣ таъсир мегузоранд. Ҳадафи таълиму тарбияи экологӣ ташаккули нигариш ва мугосибати бомаъсулият ба муҳити зист аст, ки бар асоси тафаккури экологӣ сохта мешавад. Ин ба маънои риояи усули ахлоқӣ ва талаботи экологии истифода аз табиат ва ривоҷ додани идеяҳо барои беҳсозии онҳо ва омӯзиши фаъоли моҳияти табиати минтақаи худ аст. Муаллим метавонад бо истифода аз равишҳои мухталифи таълиму тарбияи шахсияти босалоҳияти муҳофизи муҳити зист ва дорои ахлоқи дурустро тарбият диҳад.

Агар ташаккулёбии тафаккури экологӣ дар марҳалаи таълиму тарбияи экологӣ сурат гирад, дар ин ҳолат меъёрҳои рафтори экологӣ дар фаъолиятҳое, ки дар машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабӣ бунёд шудаанд, собит мешаванд.

Нигариши бомасъулмят ба табиат хусусияти хосси шахсият аст. Ин ба маънои дарки қонунҳои табиат аст, ки зиндагии инсонро муайян мекунад ва бо риояи усули ахлоқӣ ва ҳуқуқи истифода аз табиат дар фаъолиятҳои эҷодкоронаи фаъол барои омӯзиш ва муҳофизати муҳити зист, ривоҷ додани идеяҳои истифодаи саҳеҳ аз табиат дар мубориза бо ҳама чиз, ки барои муҳити зист зараровар мебошад, анҷом мепазирад. Шарти чунин таълим ва тарбият ба таври мутақобила ташкил намудани фаъолиятҳои ахлоқӣ ва экологии талабагон аст, ки ҳадафи он ба омӯзиш ва беҳбуд бахшидани робитаҳои табиат ва инсон аст.

Муҳтавои таълиму тарбияи экологӣ дорои як низоми меъёрҳо аст, ки аз мавқеъгириҳои арзишманди ахлоқӣ иборат аст. Системаи арзишҳо аз фаҳмиши нодир будан ва арзиши табиат бармеояд. Илова бар ин, инсон бахше аз табиат маҳсуб мешавад ва ҳангоми тавсифи табиат бар арзиши он барои инсон таъкид мешавад.

Муҳтавои таълиму тарбияи экологӣ тавассути талабагон дар фаъолиятҳои гуногуни онҳо ҷазб мешавад. Ҳар яке аз шаклҳои ташкилёбии раванди омӯзиши навъҳои мухталиф фаъолиятҳои шинохтии хонандагонро таҳрик мекунад: дар раванди чорабиниҳои беруназсинфӣ ва корҳои мустақилона манбаъҳои мухталифи иттилоот ба мо имкон медиҳанд, то маводи воқеиро ҷамъ кунем ва моҳияти масъаларо ошкор кунем; бозиҳо таҷрибаи тасмимгириҳои муносиб, тавоноиҳои эҷодкориро ташаккул

дода, имкон медиҳанд, то дар омӯзиш ва ҳифзи экосистемаҳои маҳаллӣ, ривоҷ додани идеяҳои арзишманд саҳми воқеӣ гузошта шавад.

Ҳамин тариқ, вобаста ба он ки таълиму тарбияи экологӣ барҳадар ва беасос набошад, бояд тафаккури экологӣ ташаккул ёбад. Дар ин ҳолат фарди аз нигоҳи экологӣ босавод, бо донистани ин ки ин ё он амалу иқдом чӣ осебҳое ба табиат ворид мекунад, нигариши худро нисбат ба ин амали содиркардааш тағйир медиҳад ва барои худ роҳи дурусти ҳалли масъаларо меҷӯяд.

Омӯзиши муҳити зист нишон медиҳад, ки одам чун як ҷузъи таркибии олами органикӣ на фақат бояд онро ҳаматарафа истифода барад, балки вазифадор аст, ки қонуниятхои табиатро омӯзад ва онро оқилона идора намояд. Дар баробари ин, тарбияи экологӣ аз несту нобуд кардани наботот, ҳайвоноту парандагон, ифлос кардани обу замин худдорӣ намуданро ба хонандагон ёд медиҳад.

Зикр кардан бамаврид аст, методҳои анъанавии дар ҷумҳурии мо роиҷ ва мавриди истифодабуда, ки ба сохтор ва муҳтавои таълиму тарбияи экологӣ такя мекунанд, натиҷаи қонеъкунанда намедиҳанд. Шаҳодати ин гуфтаҳо дар ҷомеа равнақ ёфтани ангезаҳои масрафкунанда дар робита бо табиат, истифодаи ғайриоқилонаи аз манобеи он, поин будани сатҳи маърифати экологӣ барои қишрҳои мухталифи мардум, аз ҷумла хонандагони синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ мебошад. Лозим ба ёдоварист, ки маърифати экологӣ бахши ҷудонопазир аз маърифати умумии фард маҳсуб ёфта, дар робита бо муҳити табиӣ ташаккул меёбад.

Дар эҷод намудани шароити мукаммал барои ташаккул ёфтани маърифати экологии хонандагони муассисаҳои таълимӣ роҳу усулҳои педагогии мутобиқ, ки имрӯз дар аксар минтақаҳои кишвар ба таври фаъол мавриди истифода қарор доранд, нақши созандаро иҷро мекунанд. Ҳамзамон, вазифаҳои муассисаҳои умумии таълимии ҷумҳуриро бояд дар мизони тавоноии онҳо барои ҳалли мушкилоти диалектикии таълиму тарбияи кӯдак дар тамоми низомҳои робита, аз ҷумла экология дар назар гирифтан шарти зарурӣ мебошад.

Зарурияти расидан ба ҳадафҳои омӯзиши масъалаҳои экологӣ дар синфҳои ибтидоии муассисаҳои таълимӣ бо хусусиятҳои рушди зеҳнии кӯдакони хурдсол вобаста аст.

**Муқарриз: *Мирализода Абдусалом* – доктори илмҳои педагогӣ, профессор**

**АДАБИЁТ**


1. Белинский В.Г. Избранные педагогические сочинения. М.: изд. АПН РСРСР, 1945. -562 с.
2. Пестолоцци И.Г. Избранные педагогические произведения в 3т. Т.2. М.: АПН РСФСР, 1963. -212 с.
3. Тройтак Д.Н. О преемственности формирования природоохранительных понятий в курсах природоведения и ботаники //В кн. Межпредметные связи в школьном природоохранном просвещении. Петрозаводск, 1976. -С. 50-56.
4. Трусова Т.М. Воспитание любви к природе //Начальная школа. -М., 1986. -№ 8. -С. 63-64.
5. Турдикулов Э.А. Экологическое образование учащихся в процессе изучения предметов естественного цикла (физический аспект экологического образования). Автореф. дисс. доктор. пед. наук. -М., 1982. -38 с.
6. Урсул А.Д. Перспективы экоразвития //Философские науки. -М., 1991. - № 11. -С. 183-190.
7. Ушинский К.Д. Избранные педагогические сочинения в 2-х томах. -М., 1974.
8. Харламов И.Ф.Теория нравственного воспитания. –Минск, 1972.
9. Холбек Н.О. Формирование экологических понятий у учащихся V-VI классов в процессе изучения предметов математического цикла. Автореф дис. канд. мед. наук. –Душанбе, 2007.
10. Холомкина А.И. Осенняя экскурсия в парк //Начальная школа. -М., 1984. -№ 9. -С. 63-65.
11. Цветкова И.В. Экологическое воспитание младших школьников: Теория и методика внеурочной работы. -М.: Педагогическое общество, 2009.

12. Шарипова Д.Я. Формирование личности учащихся общеобразовательных школ в процессе экологического воспитания и образования на современном этапе. Дис. канд. пед. наук. –Душанбе, 2004.
13. Экологическое образование школьников /Под ред. Зверева И.Д., Суравегиной И.Т. -М.: Педагогика, 1983.
14. Экологические образование и воспитание: Тез. докл. всесоюз. конф. Талин, 1987. -100 с.
15. Эмомалӣ Раҳмон. Ватандӯстӣ ва тафаккури миллӣ. -Душанбе, 1999.

## МОДЕЛИ ОМОДАСОЗИИ ХОНАНДАГОНИ СИНФҲОИ ИБТИДОӢ БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ЭКОЛОГӢ-ҲИФЗИТАБИАТӢ

Мақолаи мазкур ба баррасии модели омодасозии талабагони синфҳои ибтидоӣ барои фаъолияти экологӣ-ҳифзитабиатӣ бахшида шудааст. Таҳқиқоти мазкур нишон дод, ки шакл ва равишҳои таълиму тарбияи беруназсинфии экологии хонандагони синфҳои ибтидоӣ бояд тавре ба роҳ монда шаванд, ки кӯдакон битавонанд корҳоеро, ба мисли коштани гул, шинондани дарахт, тоза кардани муҳити атроф ва ғайра анҷом диҳанд. Муаллиф қайд менамояд, ки дар синфҳои ибтидоӣ, аз тариқи чорабиниҳои беруназсинфӣ ва беруназмактабии марбут ба фаъолияти экологӣ-ҳифзитабиатӣ саъй кардем мафҳумҳоеро, ба монанди ҳаво, об, хок, маводи маъданӣ (ҳифзи чунин мавод), ҳифзи олами наботот ва ҳайвонот шарҳ диҳем. Дар натиҷа хонандагони синфҳои ибтидоӣ ба омӯзиши мавридҳои мушкилоти воқеии экологӣ, ки дар назди инсоният қарор доранд, шурӯъ карданд. Ҳамин тариқ, дар таълиму тарбияи экологӣ бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ нисбати таърихи маҳал ва иштироки фаъол дар супоришҳои амалӣ барои муҳофизат аз манбаъҳои табиии маҳал ва ҳимоят аз осори табиат дар ҷараёни ошноӣ бо мавқеи зодгоҳ ва монанди инҳо истифода намудан ба мақсад мувофиқ мебошад.

**Калидвожаҳо:** тарбияи экологӣ, тарбияи ахлоқӣ, тафаккури экологӣ, маърифати экологӣ, мушкилоти экологӣ, тарбияи зеҳнӣ, муҳофизати табиат, тарбияи эстетикӣ.

## МОДЕЛЬ ПОДГОТОВКИ УЧАЩИХСЯ НАЧАЛЬНЫХ КЛАССОВ К ЭКОЛОГО-ПРИРОДООХРАННОЙ ДЕЯТЛЬНОСТИ

В статье автором рассматривается модель подготовки учащихся начальных классов к эколого-природоохранной деятльности. Формирование у учащихся бережного отношения к природе может быть весьма важным элементом, так как деятельность по охране экологии в сфере психологических и педагогических исследований является приоритетной сферой. Автор отмечает, что необходимо внедрить непрерывное и последовательное обучение и воспитание экологических аспектов, особенно в образовательных учреждениях общего среднего образования, в ходе изучения предметов биологии и экологии у учащихся будут сформированы основы экологической культуры и природоохранной деятельности. Автор на основе научных фактов также уделяет особое внимание методам, структуре, содержанию, видам и методике экологического обучения и воспитания учащихся. Также автором проявлен интерес к потенциалу воспитания, который недостаточен для использования в процессе экологического обучения и воспитания учащихся младших классов образовательных учреждений начального образования. Также автором подвергнута анализу необходимость расширения инновационной деятельности образовательных учреждений в повышении уровня экологической культуры учащихся младших классов и отсутствие механизма его исполнения в основной деятельности.

**Ключевые слова:** экологическое воспитание, нравственное воспитание, экологическое мышление, экообразование, экопроблемы, интеллектуальное воспитание, защита природы, эстетическое воспитание.

## MODEL OF PREPARATION OF STUDENTS IN ELEMENTARY CLASSES FOR ECOLOGICAL AND CONSERVATION ACTIVITIES

